*Ба 20-солагии истиқлолияти давлатии*
*Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида мешавад*

# СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН
## дар масири истиқлолият

# TAJIKISTAN'S FOREIGN POLICY
## during independence

Душанбе
„Ирфон"
2011

**ББК 66.49 (2 тоҷ) +66.5 (2 тоҷ) + 66.69 (2 тоҷ) + 66.77**
***Д* – 44**

*Ба 20-умин солгарди истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида мешавад*

**Сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар масири истиқлолият.**
Зери назари Ҳамрохон Зарифӣ
Силсила: Сиёсати хориҷии Тоҷикистон. Душанбе: «Ирфон», 2011, 340 с. мусаввар.

Китоби мазкур ба 20-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар он раванд ва дастовардҳои сиёсати хориҷии Тоҷикистон, муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи кишвар бо давлатҳои мухталифи ҷаҳон, ҳамкории пурмаҳсули он бо созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, аз қабили СММ, САҲА, СКИ, СҲИ, СААД, ИДМ, СҲШ ва дигарон инъикос ёфтаанд.

Ҳамзамон, бахшҳои алоҳидаи китоб чунин бобҳоеро ба монанди ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон, ҳамкориҳои иқтисодии он бо мамлакатҳои гуногуни олам ва созмонҳои байналмилалӣ, музокироти сулҳи тоҷиконро дар бар мегирад.

Китоб аз сарсухани Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва мақолаи Вазири корҳои хориҷӣ Ҳамрохон Зарифӣ таҳти унвони «Сиёсати хориҷии давлати тозаистиқлол» оғоз меёбад.

Ҳамчунин, китоб аз солномаи рӯйдодҳои муҳим дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон, рӯйхати кишварҳое, ки истиқлолияти давлатии Тоҷикистонро эътироф кардаанд ва кишварҳое, ки бо он муносибатҳои дипломатӣ барқарор намудаанд, созмонҳои байналмилалие, ки давлати мо узви онҳост ва рӯйхати намояндагиҳои дипломатии хориҷӣ дар Тоҷикистон ва намояндагиҳои дипломатии кишвар дар хориҷа иборат аст, ки онҳо дорои аҳамияти хос ва маълумоти мавриди таваҷҷӯҳи доираи васеи хонандагон мебошанд.

Матнҳои маводи дар китоб истифодашударо раёсатҳои зерини Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон омода кардаанд. Раёсати иттилоот, матбуот, таҳлил ва тарҳрезии сиёсати хориҷӣ, Раёсати ташрифоти давлатӣ, Раёсати кадрҳо ва иттилооти махсус, Раёсати кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Раёсати кишварҳои Осиё ва Африка, Раёсати кишварҳои Аврупо ва Америка, Раёсати созмонҳои байналмилалӣ, Раёсати шартномавӣ-ҳуқуқӣ ва Шӯъбаи ҳамкориҳои иқтисодӣ.

Дар китоб ҳамчунин расмҳо аз бойгонии Хадамоти матбуотии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, АМИТ «Ховар», идораҳои рӯзномаҳои «Ҷумҳурият» ва «Народная газета», Раёсати иттилоот, матбуот, таҳлил ва тарҳрезии сиёсати хориҷии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шудаанд.

*Д* - 44
BBN978-99947-65-34-8
0508010000 — 094
M501(12) — 2009

**© Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон азорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**ББК 66.49 (2 тоҷ) +66.5 (2 тоҷ) + 66.69 (2 тоҷ) + 66.77**
***Д* – 44**

*Dedicated to the 20 anniversary of Independence of the Republic of Tajikistan*

**Tajikistan's Foreign Policy during Independence.**
(Edited by Hamrokhon Zarifi)
Series: Tajikistan's foreign policy. Dushanbe: «Irfon», 2011, 352 pages, illustrated.

The book is devoted to the 20th anniversary of the State independence of the Republic of Tajikistan. It covers the process and achievements of the foreign policy of Tajikistan, bilateral and multilateral relations of the country with various states of the world, its fruitful cooperation with international and regional organizations, such as the UN, OSCE, OIC, ECO, CSTO, CIS, SCO and others.

Moreover, separate parts of the book consist of such chapters as international initiatives of Tajikistan, its economic cooperation with different nations of the world and international organizations, as well as Tajik peace negotiation process.

The book begins with the introduction of the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon and the article of the Minister of Foreign Affairs Hamrokhon Zarifi titled "The foreign policy of newly independent state".

The book also comprises a chronicle of the most important events in international activity of Tajikistan, list of countries that recognized the state independence of Tajikistan and countries that established diplomatic relations with it, our country's membership in international organizations and list of foreign diplomatic missions in Tajikistan and diplomatic missions of the country abroad, which are of particular importance and attract the interest of a wide circle of readers.

Texts used in the book were prepared by the following departments of the Ministry of Foreign Affairs of the Republic of Tajikistan. Department of Information, Press, Analysis and Foreign Policy planning, State Protocol Department, Department of Personnel and Special Information, Department of the Commonwealth of Independent States, Department of Asian and African countries, Department of European and American countries, Department of International Organizations, Legal department and Division of Economic Cooperation.

The book also contains photographs from archives of the press cutting service of the President of the Republic of Tajikistan, NIAT "Khovar", the editorials of "Jumhuriyat" and "Narodnaya gazeta" newspapers, and Information Department of the MFA of the Republic of Tajikistan.

*Д* - 44
BBN978-99947-65-34-8
0508010000 — 094
M501(12) — 2009

**© The Ministry of Foreign Affairs of the Republic of Tajikistan**



## ЭМОМАЛӢ РАҲМОН,

## *ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН*

## EMOMALI RAHMON

## *THE PRESIDENT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN*

Сиёсати хориҷӣ яке аз самтҳои авлавиятноки сиёсати давлат ва фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Ба таърихи бистсолаи соҳибистиқлолии ҷумҳурӣ назар афканда, мебинем ки дар ин самти муҳим корҳои арзанда ба анҷом расида, дар баланд бардоштани иқтидори кишвар ва шинохти он дар арсаи байналмилалӣ иқдомҳои зиёд рӯи кор омадаанд.

Дипломатияи тоҷик дар даврони истиқлолият дар ҳаллу фасли муҳимтарин масъалаҳои ҳаёти ҷумҳурӣ - бартараф кардани низои дохилӣ таассу-

The foreign policy is one of the primary directions of state policy and the activity of the Government of the Republic of Tajikistan. Taking look at 20 years history of independence of the country, we see what valuable works done in this important direction and how large number of initiatives are implemented on the international arena for the enhancement of the country's potential.

Tajik diplomacy played a pivotal role in the period of independence in resolving the most vital challenges of the nation – ending internal conflict through the establishment

ти ҷараён додани гуфтушунид бо мухолифин, бартараф сохтани оқибатҳои ҷанги шаҳрвандӣ бо иштироки ҷомеаи ҷаҳонӣ, рушду тавсеа бахшидан ба ҳамкориҳои иқтисодӣ бо ҳамёрони хориҷӣ, ҷалби сармояи хориҷӣ ба лоиҳаҳои гуногуни кишвар нақши муассир дошт.

Тайи даҳсолаи охир бо шарофати сиёсати «дарҳои боз» ва ҷалби кишварҳои гуногун ба ҳамкории судманд дар кишвар лоиҳаҳои зиёде дар соҳаҳои саноат, энергетика, коммуникатсия амалӣ шуданд, ки барои рушди устувори давлати мо заминаҳои мустаҳкам гузоштаанд.

Дигар самти муҳим - иштироки фаъолонаи Тоҷикистон дар ҳаллу фасли масоили байналмилалӣ ва минтақавӣ мебошад, ки дар ин маврид низ дастовардҳои мо чашмрасанд. Аз ҷумла, чандин ташаббуси кишвари мо, бахусус дар ҳаллу фасли масъалаҳои обу энергетика, мубориза алайҳи терроризм, тундгароӣ ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, аз байн бурдани мушкилоти Афғонистон аз ҷониби соири кишварҳои ҷаҳон дастгирӣ ёфта, тадриҷан амалӣ мешаванд.

Дар баробари ин, дар назди Вазорати корҳои хориҷӣ ҳамчун идораи асосии татбиқкунандаи сиёсати хориҷии давлат, намояндагиҳои дипломатии ҷумҳурӣ дар хориҷи кишвар, дигар сохторҳои давлатие, ки ба роҳандозии ҳамкориҳо бо ҳамёрони хориҷӣ сарукор доранд, вазифаҳои зиёде истодаанд. Дар марҳилаи ҳозира истифодаи ҳамаҷонибаи имкониятҳои ҳамшарикони хориҷӣ дар амалӣ намудани се вазифаи стратегии давлат - таъмин намудани амнияти озуқаворӣ, истиқлолияти энергетикӣ, баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ аз вазифаҳои муҳимтарин ба ҳисоб меравад. Ҳангоми комёб шудан ба ин ҳадафҳои тақдирсоз кишвари мо сатҳи тамоман нави рушду пешрафтро соҳиб хоҳад шуд.

Вазифаи дигаре, ки аз ҷумлаи авлавиятҳост - ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои

of negotiations with opposition, elimination of consequences of the civil war with the help and support of the world community, development and expansion of economic cooperation with foreign partners and attraction of foreign investments to diverse projects in the country.

Over the last decade, owing to "open-door" policy and an involvement of a broad range of countries into fruitful collaboration, numerous projects are implemented in the country in the fields of industry, energy and communication which have laid down a solid and staunch ground for sustainable development of our state.

Another direction of an utmost significance is the active engagement of Tajikistan in addressing international and regional issues where we have made vivid achievements. Achievements include particularly our country's initiative in efficient water and energy resources management, fighting international terrorism, extremism and illicit drug trafficking, as well as overcoming Afghanistan's challenges which are widely supported by the global community and are being gradually implemented.

Along with this breakthrough, the Ministry of Foreign Affairs as the key implementing body of foreign policy of the country, diplomatic missions abroad and other public institutions which are responsible for cooperation with our overseas partners still have many tasks to do. Currently, the most important task is a comprehensive use of opportunities of foreign partners and allies in the realization of three strategic objectives of state, including food security, energy security and breaking the communication deadlock. The achievement of these noble and determining goals will promote our country's growth and secure a new level of progress.

Another primary task of this body is protection of rights and interests of Tajikistan citizens abroad. Relevant agencies

шаҳрвандони Тоҷикистон дар хориҷа мебошад. Сохторҳои мурбутаро зарур аст, ки барои амалӣ намудани ин вазифа тамоми имкониятҳоро истифода баранд, то буду боши шаҳрвандони мо дар кишварҳои хориҷӣ нигаронӣ ва мушкилот ба бор наорад.

Сиёсати «дарҳои боз» ба мо имкон дод, ки доираи робитаҳоро бо кишварҳои хориҷӣ васеъ намуда, сафи ҳамёрони анъанавӣ ва доимиамонро афзоиш диҳем. Дар ин росто корҳои зиёде дар пешанд ва дипломатияи иқтисодии мо бояд нақши фаъолтар дошта бошад.

Ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалӣ, минтақавӣ, институтҳои молиявии ҷаҳонӣ сарфи назар аз дастовардҳои қаблӣ, муносибати ҷиддитар ва назари фарохтарро тақозо дорад. Мо бояд иқтидори бузурги ин созмонҳоро ба эътибор гирифта, низоми самараноки ҳамкорию ҳамёриро ба роҳ монем. Дар ин маврид ба эътибор гирифтани вазъи тағйирпазири ҷаҳон ва бархӯрди манфиатҳо, тавозуни қувваҳо ва дигар зуҳуроте, ки ба равандҳои ҷаҳонӣ таъсиргузор мебошанд, дар ҳамоҳангӣ бо манфиатҳои миллии кишвари мо зарур аст.

Дар пешорӯи ҷашни 20-солагии Истиқлолияти давлатии кишварамон қарор дошта, метавон гуфт, ки дипломатияи мо дар ин муддат таҷрибаи бузурге ҳосил кард ва баъзе самтҳои он омӯзанда низ мебошанд. Аз ин рӯ бо боварӣ иброз доштан мумкин аст, ки сохторҳои марбута ва дипломатҳои тоҷик дар иҷрои вазифаҳои худ, ҳифзи манфиатҳои миллии ҷумҳурӣ минбаъд низ саҳми босазо хоҳанд гузошт.

and departments should apply all possible opportunities for the execution of this duty in order to secure safe stay of our nationals in foreign countries.

The "open-door" policy enabled us to expand a scope of relations with foreign nations and increase a number of our traditional and permanent partners. In this context, we still have a lot of tasks ahead and our economic diplomacy should play more decisive role.

Cooperation with international and regional organizations, as well as global financial institutions despite previous achievements needs more serious attention anda broad view. We have to take into account tremendous potential of these institutions and establish effective system of cooperation and partnership. At this juncture, in coordination with the national interests of our country we need to recognize the changing status of the world and conflict of interests, balance of powers and other phenomena which affect the global processes.

On the threshold of the celebration of the 20th anniversary of state independence of our country, one can say, that our diplomacy over this time has gained an invaluable experience and some of its directions are even exemplary. Thereby, we can confidently say, that corresponding authorities and Tajik diplomats will further make valuable contribution in performance of their duties and a protection of the national interests of the country.

# ҲАМКОРИИ ТОҶИКИСТОН БО КИШВАРҲОИ ИТТИҲОДИ ДАВЛАТҲОИ МУСТАҚИЛ



Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва
Президенти Федератсияи Россия Дмитрий Медведев. Бишкек, 10 октябри соли 2008

The President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon and
the President of the Russian Federation Dmitry Medvedev. Bishkek, October 10, 2008

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми тарҳандозӣ кардани сиёсати хориҷии худ рушду тавсеа бахшидани ҳамкориҳоро бо кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил чун меросбари собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ба ҳайси яке аз самтҳои муҳимтарин ва авлавиятнок муайян карда буд. Ба ин хотир, аз рӯзҳои нахустини истиқлолият бо ин кишварҳо муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷониба роҳандозӣ шуда, дар соҳаҳои гуногун ривоҷ дода мешаванд. Дар қисми зиёди ин кишварҳо Тоҷикистон намояндагиҳои дипломатии худро боз намудааст ва дар навбати худ сафоратҳои аксари ин давлатҳо дар Душанбе фаъолият доранд. Умумиятҳои зиёд ва арзишманде, ки аз замони ҳамзистӣ дар ҳайати ИҶШС боқӣ мондаанд, имрӯз ҳам имкон медиҳанд, ки муносибату ҳамкориҳо пешрав бошанд ва натиҷаҳои назаррас ҳам дошта бошанд.

Дар баробари инкишоф додани робитаҳои дуҷониба кишварҳои пасошӯравӣ ба мақсади коҳиш додани мушкилоте, ки дар баробари соҳибистиқлол шудан ба миён омаданд, ҳамчунин ба мақсади ривоҷу равнақи ҳамкориҳо чанд иттиҳодияи байнидавлатӣ таъсис доданд, ки Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё, Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ аз ҷумлаи онҳо мебошанд. Тоҷикистон ба ин созмонҳо низ шомил буда, барои амалӣ намудани ҳадафҳои оинномавии онҳо фаъолона кор мебарад.

# COOPERATION OF TAJIKISTAN WITH THE COMMONWEALTH OF INDEPENDENT STATES

One of the important and the priority directions of the foreign policy of the Republic of Tajikistan is the cooperation with the CIS, as a heritage of the Soviet Union. In this regard, since the first days of independence, Tajikistan has established bilateral and multilateral relations with these countries in different spheres of cooperation. In most part of these countries, Tajikistan has opened its diplomatic mission, in their turn the Embassies of majority of these countries act in Dushanbe. Many similarities and values that today provide an opportunity for innovative and cooperative relations, getting significant results were left from the Soviet Union.

In order to reduce the difficulties encountered with the acquisition of independence and to enhance cooperation, at the same time, with the establishment of bilateral relations, post-Soviet countries were a part of several interstate organizations such as CIS, Eurasian Economic Community EEC, and CSTO. Tajikistan is also part of these organizations and actively works to implement its tasks.

In accordance with accepted international principles, the priority of the development of Tajikistan's foreign policy is the establishment of friendly relations and mutually beneficial cooperation in trade and economic, scientific and cultural spheres in the bilateral cooperation with CIS partners, thus protecting its national and state interests and citizens beyond the outside states.

Among the main partners of the CIS countries, special place in the foreign policy of Tajikistan has cooperation with **the Russian Federation** which is also strategic partner of the Republic.

Russia was among the first countries which recognized the independence and sovereignty of Tajikistan.

Сӯҳбати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Федератсияи Россия Владимир Путин. Санкт - Петербург, 9 июни соли 2007.

Talk of the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon with the President of Russian Federation Vladimir Putin. St. Petersburg, June 9, 2007.





Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва собиқ Президенти Федератсияи Россия Борис Елтсин. Москва, 24 апрели соли 1997

The President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon and the Former President of the Russian Federation Boris Yeltsin. Moscow, April 24, 1997

Тоҷикистон дар самти ҳамкориҳои дуҷониба бо ҳамёрони худ аз Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил аз усулҳои эътирофшудаи байналмилалӣ кор гирифта, аҳамияти асосиро ба рушду таҳкими муносибатҳои дӯстона ва мутақобилан судманд дар равобити сиёсӣ ва соҳаҳои тиҷорию иқтисодӣ, илмию фановарӣ ва фарҳангӣ, инчунин ҳимояи манфиатҳои миллию давлатӣ ва ҳамватанони бурунмарзӣ равона кардааст.

Миёни ҳамёрони асосии кишвар дар миқёси ИДМ ҳамкорӣ бо **Федератсияи Россия** дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон ҷойгоҳи махсус дошта, ин давлат чун шарики асосии стратегии ҷумҳурӣ эътироф шудааст.

Федератсияи Россия яке аз аввалин давлатҳоест, ки истиқлол ва соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба расмият шинохтааст.

Ҷиҳати муайянсозии усулҳои нави ҳамкорӣ ва тавсеаи муносибатҳо дар шароити рушди мустақилона, 8 апрели соли 1992 дар шаҳри Душанбе байни Тоҷикистону Россия Протокол дар бораи барқарор намудани муносибатҳои дипломатӣ ба имзо расид ва Сафорати ин кишвар аз 4 майи соли 1992 дар пойтахти Тоҷикистон ба фаъолияти худ оғоз кард. Баъдтар дар Хуҷанд консулгарии генералии Россия ба кор шурӯъ намуд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлол гаштан, дар шаҳри Москва Намояндагии дипломатӣ дошт, аз 8 июни соли 1993 онро ба Намояндагии доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Россия табдил дода, сипас - 18 декабри ҳамон сол дар заминаи он Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Россия таъсис дода шуд. Бояд зикр кард, ки ин намояндагии калонтарини ҷумҳурӣ дар хориҷи кишвар буда, барои рушду тавсеаи муносибатҳо бо шарики стратегӣ ва таъмин намудани тамоси доимӣ корҳои зиёдеро ба анҷом мерасонад. Солҳои охир дар Екатеринбург ва Уфа консулгариҳои генералии Тоҷикистон ифтитоҳ ёфтанд, ки ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандони Тоҷикистон дар минтақаҳои Россия ва густариш бахшидан ба ҳамкориҳо воситаи муҳим мебошанд.

Санади муҳими байнидавлатӣ, ки 25 майи соли 1993 ба имзо расида, ба раванди ҳамкориҳои Тоҷикистону Россия ҳамчун ду кишвари соҳибистиқлол ҳусни оғоз бахшид, Аҳднома дар бораи дӯстӣ, ҳамкорӣ ва ёрии байниҳамдигарӣ мебошад. Феълан пойгоҳи шартномавӣ-ҳуқуқии муносибатҳои дуҷонибаи ду кишвари дӯст 216 санади дуҷонибаро дар бар мегирад, ки дар сатҳ ва марҳилаҳои гуногун ба имзо расида, ҳамкориҳоро дар соҳаҳои гуногун танзим мекунанд.

Қобили зикр аст, ки ҳамкориҳои дуҷонибаи Тоҷикистон бо Россия паҳлуҳои мухталифро дар бар гирифта, дар умум сатҳи муносибатҳо чавобгӯи ҳамшарикии стратегӣ мебошад, ки он пеш аз ҳама марбут ба соҳаҳои ҳарбию сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва гуманитарист.

Дар ин замина робитаҳои фаъоли сиёсии кишварҳо, махсусан дар сатҳи олӣ ривоҷ меёбад. Ҳамасола роҳбарони ҳарду давлат дар доираи сафарҳои расмӣ ва корӣ, инчунин зимни ҳамоишҳои гуногуни байналмилалӣ мулоқоту вохӯриҳои зиёди судманд анҷом медиҳанд, ки дар рафти онҳо муҳимтарин масъалаҳои ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи Тоҷикистону Россия ба таври мушаххас ва самаранок баррасӣ мегарданд.

In the conditions of independent development, Protocol on establishing of diplomatic relations between two countries that was signed on April 8, 1992 in Dushanbe served as the basis for the establishment of a new type of relationship between the Republic of Tajikistan and the Russian Federation.

The Embassy of the Russian Federation in Dushanbe was opened on May 4, 1992. In the first days of independence Republic of Tajikistan had Permanent Mission in Moscow which on June 8, 1993 was reorganized into Permanent Mission to the Republic of Tajikistan in Russia and on December 18 the Embassy of the Republic of Tajikistan in the Russian Federation was established on the base of Permanent Mission. Consulate General of Russia in Khujand started operation little later.

One should consider that the country's diplomatic representation abroad acts for further development of relations with a strategic partner and to establish permanent connections to conduct huge amount of work.

In the recent years, an important point in implementing effective policies to protect the interests and rights of our citizens was the opening of Consulates-General of the Republic of Tajikistan in Yekaterinburg and Ufa.

Conclusion of the Treaty on Friendship, Cooperation and Mutual Assistance on May 25, 1993 was a crucial point in bilateral relations. More than 216 interstate, intergovernmental and interdepartmental agreements regulating cooperation in various fields were signed between two friendly countries.

It should be noted that bilateral cooperation between Tajikistan and Russia has strategic character and ties in military, political, economic, humanitarian and cultural fields are maintained actively.

In this regard, active links in the political field including high-level contacts are supported by. Every year leaders of both countries during official and working visits carry out mutually beneficial international meetings and meetings of various kinds, where the major issues of bilateral and multilateral cooperation between Tajikistan and Russia are addressed specifically and successfully.

The evidence of sustained development and strengthening of partnership between Tajikistan and the Russian Federation was official visit of President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon to Moscow in April 1999, during which were signed the Treaty on cooperation between the Russian Federation and the Republic of Tajikistan oriented in the XXI century; Treaty on the status and conditions of the Russian military base in Tajikistan.

In November 1999, Vladimir Putin Chairman of the Government of the Russian Federation visited Tajikistan to participate in the inauguration ceremony of Emomali Rahmon who was re-elected as the President of the Republic of Tajikistan and also in July 2000, Russian President Vladimir Putin attended «Shanghai Five» summit that was held in Dushanbe.

In October 2004 during the first visit of Russian President Vladimir Putin to Tajikistan joint work in all areas of cooperation was finalized. The range of Agreements on bilateral large-scale economic projects in hydropower and non-ferrous metals fields was signed for implementation in Tajikistan.

President Emomali Rahmon during numerous meetings with Russian President Dmitry Medvedev has paid special attention to issues of economic cooperation and infrastructure in Tajikistan. Subject to further expansion of mutually beneficial regional cooperation is the basis for bilateral negotiations.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми ифтитоҳи филиали Донишгоҳи давлатии Москва дар шаҳри Душанбе. Душанбе, 1 августи соли 2010.

The President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon at the ceremony of opening of the branch of the Moscow State University in Dushanbe city. Dushanbe, August 1, 2010.





Вохӯрии чорганаи сарони давлатҳои Ҷумҳурии Исломии Афғонистон Ҳомид Карзай, Ҷумҳурии Исломии Покистон Асиф Алӣ Зардорӣ, Федератсия Россия Дмитрий Медведев ва Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон. Душанбе, 31 июли соли 2009

Quadrilateral meeting of the presidents of the Islamic Republic of Afghanistan Hamid Karzai, Islamic Republic of Pakistan Asif Ali Zardari, Russian Federation Dmitry Medvedev and Republic of Tajikistan Emomali Rahmon. Dushanbe, July 31, 2009

Боздиди расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз Россия (апрели с. 1999), далели рушди собитқадамона ва таҳкимбахши муносибатҳои шарикии байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия гардид, ки дар рафти он Аҳднома дар бораи ҳамкории ҳампаймонӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия, ки ба асри XXI нигаронида шудааст, Созишнома дар бораи мақом ва шартҳои ҳузури пойгоҳи ҳарбии Россия дар қаламрави Тоҷикистон ба имзо расиданд.

Аз ҷумлаи дигар боздидҳои роҳбарони давлатҳо, ки басо хотирмон арзёбӣ мегардад, метавон ташрифи Раиси Ҳукумати Россия Владимир Путинро ба маросими савгандёдкунии Эмомалӣ Раҳмон, ки аз нав Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардиданд (ноябри с. 1999), инчунин иштироки ӯро ба ҳайси Президенти Россия дар Мулоқоти (Саммити) «Панҷгонаи Шанхай» дар шаҳри Душанбе (июли с. 2000), ёдовар шуд.

Дар рафти нахустин сафари расмии Президенти Федератсияи Россия Владимир Путин ба Тоҷикистон (октябри с. 2004), оид ба ҳамкориҳо дар ҳамаи самтҳои муҳим натиҷагирӣ карда шуд ва масъалаҳои ҷойдошта бо назардошти манфиатҳои ҳарду ҷониб мавриди баррасии амиқ қарор гирифтанд. Ҳамчунин дар бораи амалӣ гардонидани лоиҳаҳои бузурги дуҷонибаи иқтисодӣ дар соҳаҳои гидроэнержӣ ва металлургияи ранга дар Тоҷикистон чанд созишнома ба имзо расонида шуд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон зимни мулоқоту вохӯриҳои чандинкаратаи худ бо Президенти Федератсияи Россия Дмитрий Медведев асосан масъалаҳои рушди ҳамкории иқтисодӣ, сохтмони иншооти инфрасохторӣ дар Тоҷикистон бо ҷалби сармояи муштаракро мавриди баррасӣ қарор додааст. Мавзӯи дурнамои рушди ҳамкориҳои манфиатовари минтақавӣ низ меҳвари асосии гуфтушунидҳои ҷонибҳо гардидааст. Дар рафти са-

During official visit of President Dmitry Medvedev to Tajikistan that was held on August 29, 2008 were signed bilateral agreements on further expansion of cooperation.

Inter-parliamentary cooperation between Russia and Tajikistan is characterized by dynamism and sustainable development. The meeting of Interchamber Cooperation Commission between the Duma of the Russian Federation and the Majlisi namoyandagon Majlisi Oli of Tajikistan was held in Dushanbe in Nivember 2005 which timed to the opening of the first Russian national exhibition in Tajik capital. Lawmakers of both countries discussed the problems of migrant workers from Tajikistan, the conditions of the legal framework between Russia and Tajikistan. In addition, official meetings of the Board Members and other representatives of the Parliaments of Tajikistan and Russia are often carried and become an important lever for the further solution of many problems of inter-parliamentary cooperation.

The relationship between the Tajik and Russian lawmakers are governed by agreements and other important documents, namely the Agreement between Majlisi namoyandagon (Parliament) of Tajikistan and Duma of Federal Assembly of the Russian Federation on Inter-parliamentary cooperation. Interparliament Cooperation Commission is efficient and highly productive mechanism of interaction of parliamentarians of both countries.

Conducting of Inter-Parliamentary Forum «Tajikistan and Russia: Potential for Regional Cooperation» (Dushanbe, August 2006) and regular Inter-parliamentary forum «Russia and Tajikistan: Energy of Regional Cooperation» (Moscow, St. Petersburg, May 2011) are among the most important events in the history of relations.

The process of cooperation with Russia is of particular importance with the prospect of development. At this stage many important agreements and other relevant mutually beneficial documents in the economic, financial, labor migration fields were signed between two countries.

The Intergovernmental Commission on Economic Cooperation between the Russian Federation and the Republic of Tajikistan gave certain impetus to the development of bilateral trade and economic relations between Russia and Tajikistan. Trade and economic relations between two countries have become priority in various areas of cooperation. As 11 meetings of the Intergovernmental Commission on Economic Cooperation were held so far.

Мулоқоти Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Талбак Назаров бо Вазири корҳои хориҷии Федератсияи Россия Игор Иванов. Душанбе, феврали соли 1999.

Meeting of the Minister of Foreign Affairs of the Republic of Tajikistan Talbak Nazarov with the Minister for Foreign Affairs of Russian Federation Igor Ivanov. Dushanbe, February, 1999.



фари расмии Президенти Россия Д.Медведев ба Тоҷикистон, ки 29 августи соли 2008 баргузор гардид, масъалаҳои марбут ба рушди минбаъдаи ҳамкориҳо бор дигар мавриди баррасӣ қарор гирифта, чанд санади дуҷониба ба имзо расид.

Дар ҳошияи равобити сиёсии ҳарду давлат, ҳамкориҳои байнипарлумонии Тоҷикистону Россия ба таври фаъол ба роҳ монда шудаанд. Аз ҷумла, моҳи ноябри соли 2005 дар шаҳри Душанбе ҷаласаи Комиссияи байнипалатавии парлумонӣ оид ба ҳамкорӣ байни Думаи давлатии Федератсияи Россия ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид, ки он ба ифтитоҳи аввалин намоишгоҳи миллии Россия дар пойтахти Тоҷикистон рост омад. Мақомоти қонунгузории ду кишвар масъалаҳои муҳоҷирони меҳнатии Тоҷикистон, ҳолати заминаи шартномавию ҳуқуқии муносибатҳои байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россияро муҳокима карданд. Ғайр аз ин, дар давоми марҳилаҳои ҳамкорӣ ташрифи расмии аъзои раёсат ва дигар намояндагони парлумонҳои Тоҷикистону Россия аз кишварҳои якдигар мунтазам ба вуқӯъ пайваст, ки ҷиҳати таҳкими минбаъдаи равобити байнипарлумонӣ нақши муҳим бозид.

Байни парлумонҳои ҳарду кишвар созишнома ва дигар санадҳои муҳим, аз ҷумла Созишномаи ҳамкорӣ байни Маҷлиси Миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шӯрои Федератсияи Маҷлиси Федералии Федератсияи Россия ба имзо расонида шуда, ҷиҳати татбиқи амалии он комиссияи доимоамалкунанда низ таъсис дода шудааст.

Баргузории ҷамъомади байнипарлумонии «Тоҷикистон - Россия: имконоти ҳамкории байниминтақавӣ» (Душанбе, августи с.2006) ва Форуми навбатии байнипарлумонии «Россия-Тоҷикистон: нерӯи ҳамкории байниминтақавӣ» (Москва, Санкт-Петербург, майи с. 2011)-ро метавон аз чорабиниҳои муҳим дар доираи ин муносибатҳо ҳисобид.

Раванди ҳамкориҳо бо Россия аз он ҷиҳат хусусияти фарққунанда дорад, ки пайваста дар ҳоли рушд аст. Дар марҳилаҳои гуногун байни ҳарду кишвар созишномаҳои муҳим оид ба ҳамкорӣ дар соҳаҳои иқтисод, молия, инчунин танзими муҳоҷирати меҳнатӣ ва дигар санадҳои мутобиқ ба манфиатҳои ҳарду ҷониб ба имзо расиданд.

Ҷанбаҳои ҳамкории иқтисодии байни Точикистону Россия пеш аз хама дар доираи фаъолияти Комиссияи байниҳукуматии Тоҷикистону Россия оид ба ҳамкориҳои иқтисодӣ, инчунин санадҳое, ки байни ду давлат оид ба самтҳои гуногуни ҳамкории иқтисодию тиҷорӣ қабул шудаанд, муайян мегардад. Бояд гуфт, ки то имрӯз ёздаҳ ҷаласаи Комиссияи байниҳукуматӣ гузаронида шудааст.

Масъалаҳои ҳамкориҳои тиҷорию иқтисодӣ, афзоиши табодули мол, суръат бахшидан ба ҳамкорӣ дар соҳаи гидроэнергетика ва коркарду истихроҷи газу нафт ва канданиҳои фоиданок, инчунин рушди ҳамкории ҳарбию техникӣ ва фарҳангӣ, ки асоси муносибатҳои Тоҷикистону Россияро ташкил медиҳад, зимни ҳар як мулоқоту вохӯрии президентҳо ва дигар аъзои ҳукуматҳои ҳарду ҷониб, мавриди таваҷҷӯҳ ва баррасии ҷиддӣ қарор мегирифт.

Россия шарики асосии Тоҷикистон дар бобати содироту воридоти мол маҳсуб меёбад. Гардиши мол байни Россия ва Тоҷикистон дар 7 соли охир 3 маротиба афзудааст ва аз ҳаҷми умумии сармояи хориҷии ба Тоҷикистон воридшуда, аз 3/1 ҳиссаи он ба Федератсияи Россия рост меояд, ки ин нишондод далели возеҳ оиди ҳамкориҳои густаришёбанда ва фарогири тарафайн аст.

Дар ҳамкориҳои тиҷорию иқтисодии Тоҷикистон бо Россия соҳаи энергетика мақоми авлавиятнок дорад. Сохтмони НБО-и Сангтӯда - 1 дар ҳудуди ИДМ калонтарин лоиҳаи энергетикӣ буда, анҷоми пурраи сохтмони нерӯгоҳ барои рушди иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон такони ҷиддие бахшид. Бар замми ин, Россия ҳамкориҳоро дар риштаи гирдоэнергетика тавсеа бахшиданист. Дар ин робита Россия ҷиҳати иштирок дар татбиқи лоиҳаи CASA-1000 ва бунёди нерӯгоҳҳои нави барқӣ дар Тоҷикистон, бо назардошти мавҷудияти бозори содироти нерӯи барқ омодагии худро изҳор намудааст.

Дар баробари ин, мутобиқи созишномаи имзошудаи байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶСК «Газпром» ҷонибҳо ба амалӣ сохтани лоиҳаҳо оид ба анҷом додани корҳои иктишофии геологӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон шурӯъ намуданд. Феълан корҳо дар мавзеҳои истеҳсолии нафту гази ҷумҳурӣ: Саргазон, Рангон ва Шоҳамбарии ғарбӣ бомуваффақият идома дорад. Дар Сариқамиш бошад пармакунии кони газ моҳи ноябри соли 2010 оғоз шуд.



Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Оқил Оқилов ва Директори Генералии ҶСШК РАО ЕЭС-и Федератсияи Россия Анатолий Чубайс дар НОБ-и Сангтуда-1, вилояти Хатлон, апрели соли 2006.

The Prime Minister of the Republic of Tajikistan Oqil Oqilov and the Director-General of JSC RAO UES of the Russian Federation Anatoly Chubais in HPP Sangtuda-1, Khatlon region, April 2006.

Issues of trade and economic cooperation, expansion of trade turnover, acceleration of cooperation in hydropower, production and processing of gas and oil and other minerals, as well as cooperation in military-technical and cultural fields are the basics of Tajik and Russian relations and during the sessions and meetings, Presidents and other members of the Governments of both countries draw special importance and careful consideration to them.

Russia is a major partner of Tajikistan in importing and exporting of the goods. Over the last seven years bilateral trade between Russia and Tajikistan increased up to 3 times and from the total volume of incoming foreign investments 3/1 of the volume refers to Russia, and this is a clear indication of the mutually perspective cooperation.

The energy sector remains a priority in trade and economic cooperation. Completion of construction of Sangtuda-1 is the largest energy project in the CIS and final station operation would mean serious boost to the social and economic development of Tajikistan. The Russian side has completely fulfilled its obligations under hydropower cooperation. In this connection, Russia has expressed its willingness to participate in the project approval CASA-1000 and in the construction of new hydropower plants in Tajikistan, taking into consideration existing market of export of electricity.

In accordance with signed Agreement between the Government and OJSC «Gazprom» the parties began to implement exploration projects in the Republic of Tajikistan. Currently, the works in the following oil and gas fields of the Country are successfully continued in Sargazon, Rangoni and western Shohambari. In November 2010 drilling works have begin in of Sarkamysh gas field.

The co-operation with other exploration companies of Russia in the exploration of other minerals such as gold and non ferrous metals is also promising.

As a part of strengthening of the intergovernmental contacts and expansion of inter-agency cooperation, the Minister of Foreign Affairs of the Republic of Tajikistan H. Zarifi visited the Russian

Ба ҳамин монанд, ҳамкориҳо бо дигар ширкатҳои соҳаи геологии Россия ҷиҳати омӯзишу коркарди конҳои зеризаминии Тоҷикистон, аз ҷумла тилло ва дигар намудҳои металҳои ранга, дар сатҳи хуб ба роҳ мононда шудааст.

Дар доираи таҳкими равобити байниҳукуматӣ ва тавсеаи ҳамкории байниидоравӣ, сафари кории Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳ.Зарифӣ ба Федератсияи Россия (марти с.2008) амалӣ гардид, ки зимни он як қатор масъалаҳои муҳими ҳамкориҳои дуҷонибаи соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва башардӯстӣ дар асоси усулҳои ҳампаймонӣ ва ҳамкории стратегӣ баррасӣ шуд. Оид ба масъалаи боз ҳам самарабахш гардонидани фаъолияти ИДМ, таҳкими минбаъдаи ҳамкории минтақавӣ мубодилаи афкор сурат гирифт. Ҳамчунин омодагии ҷонибҳо барои ҳамоҳангсозии кӯшишҳои минбаъдаи идораҳои сиёсати хориҷии Тоҷикистону Россия дар самтҳои ҳам дуҷониба ва ҳам созмонҳои байналмилалӣ таъкид гардид. Ҷонибҳо Барномаи ҳамкории байни вазоратҳои корҳои хориҷии ҳарду давлатро барои соли 2011 низ ба имзо расониданд.

Дар давраи истиқлолият таваҷҷӯҳи баланди ҷонибҳо ба рушди ҳамкориҳои байниминтақавӣ зоҳир карда шуд. Иқдоми Россия ҷиҳати ба имзо расонидани созишномаи байниҳукуматӣ оид ба ҳамкориҳои байниминтақавӣ аз тарафи Тоҷикистон мавриди дастгирӣ қарор гирифт, ки ин ба мукаммал гардидани заминаи меъёриву ҳуқуқии ҳарду ҷониб дар самти ҳамкориҳои байниминтақавӣ мусоидат хоҳад кард. Қобили зикр аст, ки дар ҳоли ҳозир Тоҷикистон бо 70 минтақаи (субъекти) Россия ҳамкориҳои тиҷориро дар сатҳи хуб ба роҳ монондааст.

Ҳамкориҳои сиёсию иқтисодии ҳарду кишвар ҳамчунин дар доираи ИДМ, СААД, Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё (ЕврАзЭС), СҲШ ва дигар созмонҳои байналмилалию минтақавӣ пайваста густариш меёбад. Самтҳои асосии ҳамкориҳои мазкур ҷиҳати таҳкими амният ва суботи минтақавӣ, инчунин мусоидат ба рушди равандҳои ҳамгироӣ равона гардида, мавқеҳои Тоҷикистону Россия зимни баррасии масъалаҳои мубрам ва алоқаманд ба ин созмонҳо дар аксари ҳолатҳо мувофиқат мекунад.

Тоҷикистону Россия, ки ба масъалаҳои таъмини амнияти минтақавӣ пайваста аҳамияти махсус медиҳанд, ҳамоҳангсозии иқдомҳои муштараки кишварҳо дар ин самт нақши муҳимро мебозад. Роҳбарияти Тоҷикистон ҳамеша бо ташаббусҳои пай дар пай ҷиҳати ба эътидол овардани вазъияти Афғонистон ва дар ин замина таҳкимм суботи минтақаи Осиёи Марказӣ, аз дигар кишварҳо даъват ба амал меовард. Самараи чунин кӯшишҳо буд, ки моҳи октябри соли 2001 дар Душанбе мулоқоти сеҷонибаи президентҳои Тоҷикистон, Афғонистон ва Россия баргузор шуд. Мавзӯи асосии ин мулоқот баррасии масъалаҳои муҳими вобаста ба эътидол овардани вазъият дар Афғонистон буд.

Саммити нахустини «Чоргонаи Душанбе» бо иштироки президентҳои Тоҷикистон, Россия, Афғонистон ва Покистон, ки охири моҳи июли соли 2009 дар Душанбе баргузор гардид, фармати нави ҳамкориҳои кишварҳои зикршударо дар масъалаҳои минтақавӣ рӯи кор овард. Ҳамоиши дуюми чоргона бо ташаббуси Президенти Россия моҳи августи соли 2010 дар Сочи баргузор гардид.

Ҳамкориҳои ду кишвар дар соҳаи илму маориф низ тадриҷан тавсеа меёбад. Таъсиси филиали Донишгоҳи давлатии Москва дар ш. Душанбе нишонаи ҳавасмандии ду кишвар ба нигоҳдории фазои ягонаи маорифу фарҳанг дар қаламрави Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил маънидод мегардад. Таъсис додани боз ду филиали донишгоҳҳои олии Россия - Донишгоҳи энергетикӣ (Университети техникӣ) ва Донишгоҳи миллии тадқиқотию технологии «МИСиС» дар ш. Душанбе ба нақша гирифта шудааст.

Тарғиби фарҳанг, забон ва дигар арзишҳои маънавии халқҳои Тоҷикистон ва Россия дар муносибатҳои дуҷониба ҷойгоҳи хоса дорад. Бахри таҳкими робитаҳо дар ин самт Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Россия дар бораи таъсис ва шартҳои фаъолияти марказҳои фарҳангию иттилоотӣ ба имзо расонида шудааст. Бояд зикр кард, ки таъсиси чунин марказҳо барои рушди ояндаи ҳамкориҳо дар соҳаи илму маориф, фарҳанг, технологияи инноватсионӣ аҳамияти муҳим хоҳад дошт.

Қобил ба ёдоварист, ки дар ду даҳаи даврони соҳибистиқлолӣ пайваста баргузор шудани рӯзҳои фарҳангии ҳарду кишвар ва дигар чорабиниҳои илмию адабӣ дар шаҳрҳои Москваю Санкт-Петербург ва Душанбе ба ҳукми анъана даромада, дар рушду таҳкими бештари робитаҳои таърихан дӯстонаи мардуми тоҷику рус нақши муҳимро мебозад.

Federation (March, 2008). During the meeting with the Minister of Foreign Affairs of the Russian Federation were addressed number of topical issues of bilateral cooperation in political, economic and humanitarian fields, based on the principles of alliance and strategic partnership. There was an exchange of views on issues for improvement of the CIS activity and further strengthening of regional cooperation. Foreign Ministries of Tajikistan and the Russian Federation both reaffirmed their readiness to coordinate the efforts on a bilateral basis and within international organizations. The Foreign Ministers of the Republic of Tajikistan and the Russian Federation signed a Cooperation Program between the Foreign Ministries of both countries for 2011.

During the years of independence special focus is given to Development of Interregional cooperation. Russia's initiative on signing of an intergovernmental agreement on inter-regional cooperation was supported by Tajikistan that provided solid legal base for interregional cooperation. Direct trade and economic cooperation with Tajikistan is carried out by over than 70 Russian regions.

The ties between the two countries are actively developed in the CIS, CSTO, EurAsEC, SCO and other international and regional organizations. The main areas of collaboration are security and territorial integrity, assistance to strengthening of integration process, positions of Russia and Tajikistan in addressing important issues relevant in most situations and related to these organizations.

Tajikistan and Russia have focused on issues of regional security, coordination of joint initiatives of the countries that play an important role. The leadership of Tajikistan, along with ongoing initiative to resolve the situation in Afghanistan carries out the task of the strengthening of the Central Asian region.

The result of these initiatives in October 2001 was the meeting of the tripartite format of the presidents of Tajikistan, Afghanistan and Russia. The subject of this meeting was to address the important issue of resolving the situation in Afghanistan.

The First Summit of «Dushanbe Four» with participation of the presidents of Tajikistan, Russia, Afghanistan and Pakistan took place in late July 2009 in Dushanbe and brought these countries to the new format of cooperation on regional issues. Second Conference of the Quartet with the participation of the President of Russia was held in August 2010 in Sochi.

Cooperation in the spheres of science and education is actively continued. In this direction, the establishment of a branch of Moscow State University in Dushanbe was a fruitful result and become an example of two states to preserve the unity of education and culture in the CIS. It is also planned to open branches in Moscow Power Engineering University and the National Scientific and Technological University «MISA» in Tajikistan.

Promotion of culture, language and values of the peoples of Tajikistan and Russia in the bilateral relations has a special importance. In order to strengthen the relations in this area an agreement was signed between the Government of Tajikistan and the Government of the Russian Federation on the opening and conditions of activity of information and cultural centers. It should be noted that the opening of such centers is important in the further expansion of cooperation in scientific, educational, and cultural spheres, and innovative technologies.

It is unforgettable that conduct of Cultural days of both states and other scientific events in Moscow, Saint Petersburg and Dushanbe became a tradition and has significance for prospective development of historical ties of friendly people of Tajikistan and Russia.

This way, bilateral and multilateral relations between Tajikistan and Russia are constantly developing and both of the countries during this short period of independence could reach significant results in different fields of cooperation.

The bilateral cooperation of **Belarus** and Tajikistan in the period of independence dates back to September 5, 1996 after the establishment of diplomatic relations. At the same period Embassy of the Republic of Tajikistan was established in the capital of Belarus. In 2001 Diplomatic Mission of the Republic of Belarus was opened in Dushanbe. An important document regulating the main directions of bilateral relations was the signing of the Agreement on Friendship and Cooperation during in April 2000 in the first visit of the President of the Republic of Belarus Alexander Lukashenko in the Republic of Tajikistan.

Ҳамин тавр, доираи муносибатҳои дуҷонибаю бисёрҷонибаи Тоҷикистону Россия фарогир ва дорои хусусияти доимо рушдкунанда буда, ҳарду кишвар дар таърихи ҳанӯз начандон тулонии соҳибистиқлолӣ дар соҳаҳои гуногуни ҳамкорӣ ба дастовардҳои чашмрас ноил гардиданд.

Ҳамкориҳои дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо **Ҷумҳурии Беларус** дар марҳилаи соҳибистиқлолӣ аз 5 сентябри соли 1996 бо барқарор намудани муносибатҳои дипломатӣ оғоз гардида, ҳамзамон Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар пойтахти ин кишвар ба фаъолияти худ шурӯъ намудааст. Намояндагии дипломатии Ҷумҳурии Беларус дар ш. Душанбе соли 2011 ифтитоҳ гардид.



Вохӯрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Беларус Александр Лукашенко. Минск, 23 июни соли 2006

Meeting of the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon and the President of the Republic of Belarus Alexander Lukashenko. Minsk, June 23, 2006

Санади муҳими танзимкунандаи самтҳои асосии муносибатҳои дуҷониба Аҳднома дар бораи дӯстӣ ва ҳамкорӣ мебошад, ки зимни сафари нахустини Президенти Ҷумҳурии Беларус Александр Лукашенко ба Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи апрели соли 2000 ба имзо расида буд. Ҳоло асоси шартномавию ҳуқуқии ҳамкориҳои ҳарду давлатро 53 санади муҳим ташкил медиҳад, ки марбут ба робитаҳои сиёсӣ ва фарогири соҳаҳои тиҷорию иқтисодӣ, фарҳанг ва илму маориф мебошад.

Дар идомаи чунин тамоюли мусбат дар муносибатҳои тарафайн, моҳи июни соли 2001 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз Ҷумҳурии Беларус боздид ба амал овард, ки самарабахш сурат гирифта, натиҷаҳои мушаххас дошт. Зимни сафари мазкур 6 санади марбут ба соҳаҳои иқтисод ва савдо ба имзо расонида шуд.

Робитаҳои ҳарду кишвар ҳамчунин дар доираи созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, хусусан ИДМ, СААД ва Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё (ЕврАзЭС) густариш меёбанд. Мавқеъгириҳои Тоҷикистону Беларус роҷеъ ба муҳимтарин масъалаҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ бо ҳам наздикӣ доранд.

Today, legal base of cooperation between two countries is comprised of 53 important agreements concerning the political, economic, cultural, scientific and educational spheres.

In the continuation of such positive developments in the relations between the parties, President Emomali Rahmon visited the Republic of Belarus in June 2001, which brought fruitful results. Six agreements of trade and economic sphere were signed during this meeting. Relations of both of the countries are also developed within the framework of international and regional organizations, namely the CIS, CSTO and EurAsEC. The positions of Tajikistan and Belarus coincide on many international and regional issues.

The parties have established Interparliamentary Working Group at the initial stage of independence (1997) for strengthening of bilateral cooperation and establishing inter-parliamentary cooperation.

One of the primary tasks of building relations between the two countries is the economic and trade cooperation to develop friendly relations and regular political ties. Thus, as of today were held 7 intergovernmental commissions of Tajikistan and Belarus on trade and economic cooperation. Holding such meetings phased withdrawal of economic cooperation to a qualitatively new level and creates favorable conditions for trade between companies and governmental agencies in this area between two countries.

Currently, the basis of economic and trade cooperation between two countries is the export and import of raw materials, heavy equipment, industrial goods and other consumer goods, as well as various kinds of vegetables and fruits.

It is encouraging to note that the links between industrial enterprises in Tajikistan and Belarus are actively under development and mutually beneficial for the two countries. Further expansion of trading and economic cooperation at the governmental level in the future is aimed to economic integration.

Visits of representatives of influential organizations of Belarus in Tajikistan have brought fruitful results. In accordance with agreement of the parties, Tajikistan has purchased heavy machine

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Беларус Александр Лукашенко. Данғара, Тоҷикистон, апрели соли 2000.

The President of the Republic of Tajikistan, Emomali Rahmon and the President of the Republic of Belarus, Alexander Lukashenko. Dangara, Tajikistan, April 2000.



Дар марҳилаи аввали соҳибистиқлолӣ (с. 1997) баҳри таҳкими боз ҳам бештари муносибатҳои тарафайн ва барои ба роҳ мондани ҳамкориҳои байнипарлумонию табодули таҷриба, ҷонибҳо ҷиҳати таъсиси Гурӯҳи корӣ байнипарлумонӣ мувофиқа ба даст овар-данд.

Дар партави густариши муносибатҳои дӯстона ва робитаҳои мунтазами сиёсӣ, вусъат дода-ни ҳамкориҳои тиҷорию иқтисодии мутақобилан судманд яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи сохторҳои марбутаи ҳарду кишвар гардид. Ҳамин аст, ки то имрӯз ҳафт ҷаласаи Комиссияи байниҳукуматии Тоҷикистону Беларус оид ба ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ доир кар-да шудааст. Гузаронидани ҷаласаҳои мазкур раванди ҳамкориҳои иқтисодиро марҳила ба марҳила ба сатҳи сифатан нав бароварда, ҷиҳати доду гирифти бештар ва дигар муомилоти соҳаи савдо байни корхона ва муассисаҳои давлатию хусусии ҳарду кишвар шароити мусоид таъмин намудааст.

Феълан асоси ҳамкориҳои тиҷорӣ ва дигар муомилоти доду гирифти байни кишварҳоро воридоту содироти ашёи хом, техникаи вазнин, маҳсулоти саноатӣ ва дигар намуди молҳои ниёзи мардум, инчунин намудҳои гуногуни сабзавоту меваҷот ташкил медиҳад.

Бо қаноатмандӣ метавон гуфт, ки равобити мустақими корхонаҳои саноатию истеҳсолии Тоҷикистону Беларус ба таври фаъол ба роҳ монда шудааст, ки барои ҳарду ҷониб судманд арзёбӣ мегардад. Масъалаҳои рушди минбаъдаи ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ, махсу-сан дар сатҳи ҳукуматӣ, мувофиқи мақсад ва бо назардошти дурнамои ҳамгироии иқтисодӣ роҳандозӣ мегардад. Ташрифи пайвастаи намояндагони корхонаҳои бонуфузи Беларус ба Тоҷикистон ва ҳосил гардидани мувофиқаҳои мутақобилан судманд дар натиҷаҳои он, худ да-лели возеҳи ин гуфтаҳост. Тибқи карордоди ҷонибҳо, намудҳои гуногуни мошину техникаҳои вазнини истеҳсоли Беларус, барои истифода дар сохтмони НБО-и Роғун аз тарафи Тоҷикистон харидорӣ мегардад ва ҳамчунин ҷиҳати таъмири техникаҳои истифодашуда дар корхонаҳои ин кишвар мувофиқа ба даст омадааст.

Сохторҳои дахлдори Тоҷикистону Беларус бо назардошти иқтидори фаровони мавҷудаи тарафайн, ҷиҳати вусъат додани ҳамкориҳо, масъалаҳои бунёди корхонаҳои муштарак оид ба истеҳсоли техникаҳои саноатӣ, трансформатор ва дигар таҷҳизоти барқию обкашро мунта-зам мавриди баррасӣ қарор медиҳанд.

Тамоюли вусъатнок ва пешравиҳои назаррас ҳамчунин дар самти ҳамкориҳои фарҳангӣ ва илму маориф мушоҳида мешавад. Таҳсили донишҷӯёни тоҷик дар муассисаҳои таъли-мии Ҷумҳурии Беларус аз рӯи тахассусҳои фанҳои дақиқ ва техникию муҳандисӣ, барои Тоҷикистон басо муҳим арзёбӣ мегардад.

**Украина** яке аз ҳамёрони муҳими Тоҷикистон дар қаламрави пасошӯравӣ ба ҳисоб ме-равад. Муносибатҳои дипломатии Тоҷикистон бо Украина 24 апрели 1992 барқарор гарди-да, густариши минбаъдаи онҳо дар рӯҳияи ҳамдигарфаҳмӣ ва эҳтирому эътимоди тарафайн идома ёфтааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷонибдори рушди муносибатҳои дуҷониба ва таҳкими ҳамкориҳои мутақобилан судманд бо Украина мебошад. Маҳз ба ҳамин мақсад моҳи декабри соли 2010 дар ш. Киев Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Украина фаъолияти худро оғоз намуд.

Санади муҳим, ки зербинои асоси ҳамкориҳои дуҷониба маҳсуб меёбад, ин Аҳднома дар бораи дӯстӣ ва ҳамкорӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Украина (аз 6 июли с. 2001) мебо-шад. Дар маҷмӯъ асоси шартномавию ҳуқуқӣ, ки фарогири самтҳои мухталифи ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Украина аст, 73 санадро ташкил медиҳад.

Бояд таъкид кард, ки боздидҳои расмию кории роҳбарони ҳарду давлат аз кишварҳои як-дигар ҷиҳати таҳкиму тавсеаи раванди муносибатҳо байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Украина нақши асосӣ бозиданд. Зимни ҳар як сафари онҳо санадҳои муҳим ба имзо расида, ба густари-ши минбаъдаи самтҳои алоҳидаи ҳамкориҳои мутақобилан судманд мусоидат кардаанд.

Яке аз воситаҳои муҳими ҳамоҳангсоз баҳри таҳким ва рушди ҳамкориҳои тарафайн Ко-миссияи байниҳукуматии Тоҷикистону Украина оид ба ҳамкории иқтисодӣ мебошад, ки соли 2002 таъсис дода шудааст. Зимни ду ҷаласаи комиссияи мазкур, ки дар солҳои 2003 (ш. Ду-шанбе) ва 2005 (ш. Киев) баргузор шуданд, ҷанбаҳои муҳими ҳамкориҳои иқтисодию тиҷорӣ баррасӣ гардида, ҷиҳати мутобиқсозии сатҳи ҳамкориҳо ба имконоту иқтидори мавҷудаи кишварҳо чораҳои зарурӣ пешбинӣ шуданд.




Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Украина Виктор Янукович. Остона, 1 декабри соли 2010.

The President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon and the President of Ukraine Victor Yanukovych. Astana, December 1, 2010.

equipment, manufactured in Belarus to use in construction of Rogun, as well as repair of the equipment used in enterprises of this country.

The structures of Tajikistan and Belarus have great potential to expand cooperation on construction of enterprises in industrial equipment, transformers and other hydro-electric equipment.

The development trends of cooperation in cultural, scientific and educational fields are also moving forward. In Belarus, students from Tajikistan receive education in technical and engineering specialties, which have an undeniable importance for Tajikistan.

**The Ukraine** is one of the important partners of Tajikistan. Diplomatic relations between Tajikistan and Ukraine were established on April 24, 1992, with further development of relations was based on the principles of mutual understanding, mutual respect and trust.

Tajikistan is a supporter of development of bilateral relations and mutually beneficial cooperation with the Ukraine. In this regard, in December 2010, Embassy of the Republic of Tajikistan started operating in the Ukraine.

The basis of the legal framework for bilateral cooperation is an important document the Agreement on Friendship and Cooperation between the Republic of Tajikistan and Ukraine. (July 6, 2001).

The basis of the legal framework in various areas of cooperation between Tajikistan and Ukraine is comprised of 73 agreements.

It should be noted that mutual regular official and working visits of the leaders of two countries play a major role in the development of Tajikistan and Ukrainian relations. Important agreements on the further development of mutually beneficial cooperation in various fields are signed at the end of each meeting.

One of the important linkages of integrating cooperation between the parties was founding in 2002 Intergovernmental Commission of Tajikistan and the Ukraine on Economic Cooperation.



Вохӯрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва собиқ Президенти Украина Виктор Юшенко. Душанбе, 7 марти соли 2008

Meeting of the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon and the former President of Ukraine Viktor Yushenko. Dushanbe, March 7, 2008

Барои таҳкими робитаҳои мутақобилан судманд байни Тоҷикистон ва Украина санадҳо ҷиҳати муайянсозии усул ва самтҳои асосии ҳамкориҳои дарозмуддати иқтисодӣ, савдои озод, ҷалб ва ҳимояи мутақобилаи сармоягузорӣ оид ба соҳаҳои энергетика, саноат, нақлиёт ва сохтмон ба имзо расидаанд.

Ҳарду кишвар дар тӯли ин солҳо ҳамчун давлатҳои соҳибистиқлол кӯшиш ба харҷ медиҳанд, то ҳамкориҳои ҳарбию техникиро дар сатҳи нав ва мутобиқи манфиатҳои хеш ба роҳ монанд. Дар ин замина байни вазоратҳои мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Украина ҳамкории муфид дар соҳаи ҳарбию техникӣ ва ҳарбию таълимӣ, аз ҷумла барои тайёр кардани кадрҳои ҳарбӣ ва таъмини техникаи ҳарбӣ ба роҳ монда шудааст. Ҳамкорҳо байни сохторҳои ҳифзи сарҳадии ҳарду кишвар низ дар сатҳи қаноатбахш идома меёбад. Бахри густариши ҳамкориҳои ҳарбии техникӣ заминаи ҳуқуқӣ гузошта шудааст. Бо назардошти таҷрибаи ғании Украина, роҳҳои амалӣ намудани корҳо оид ба амнияти истифодабарии маҳсулот ва партовҳои сӯзишвории реактивии сахт, мавриди таваҷҷӯҳи ҷонибҳо қарор дорад.

Самти дигар аз лиҳози муҳимият ҳамкории дуҷониба дар соҳаҳои гидроэнергетика ва мошинсозӣ мебошад, ки байни сохторҳои соҳавӣ ва субъектҳои хоҷагидори ду кишвар дар сатҳи хуб ба роҳ монда шудааст. Бо қаноатмандӣ метавон зикр кард, ки айни замон дар ҳамкорӣ бо ҶСШК «Турбоатом» таҷҳизоти вазнини НБО-и Норак такмил ва таъмир мегардад, ки баъд аз анҷоми он иқтидори ин нерӯгоҳ то 10 фоиз баланд хоҳад шуд.

Ҳамкории Тоҷикистону Украина дар сатҳи минтақаҳои алоҳидаи кишварҳо низ мунтазам густариш меёбад. Вилоятҳои Суғд ва Хатлони Ҷумҳури Тоҷикистон бо вилоятҳои Днепропетровск ва Харкови Украина оид ба ҳамкорӣ созишномаҳо ба имзо расонидаанд. Ғайр аз ин, ҳайатҳои расмии вилоятҳои мазкур аз кишварҳои якдигар пайваста боздид ба амал меоранд, ки дар муносибатҳои байнидавлатӣ ҳамчун анъанаи муфид ва боиси таҳкими ҳамкориҳо арзёбӣ мегардад.

During two meetings of this Committee held in 2003 (Dushanbe) and 2005 (Kiev) were considered important aspects of trade and economic cooperation, cooperation on putting out the potential level of development, providing the necessary measures.

For strengthening of mutually beneficial relations between Tajikistan and the Ukraine were signed main long-term agreements of cooperation on economy, free trade, for attraction and protection of foreign investments in the energy sector, industry, transport and construction.

The two states over the years of being independent states are trying to bring the military and technical cooperation between them to a qualitatively new level corresponding to their interests.

Therefore, between the Ministries of Defense of the Republic of Tajikistan and the Ukraine were established mutually beneficial cooperation in military and technical, military and educational spheres, including in training of military personnel, supply of military equipment.

Cooperation between Border Services of two countries meets both countries interests.

The development of military and technical cooperation has laid a legal base. Considering the experience of the Ukraine in safe use of raw materials and flammable solids reactive waste particular attention is paid to such related activities.

Another important area of bilateral cooperation is to develop areas of hydropower engineering structures between these fields and businesses of the two states, which reached a good level.

It is encouraging to note that the present cooperation with JSC «Turboatom» increased productivity of Nurek hydro power station up to 10%, in connection with the modernization and repair of heavy equipment for the hydropower plant.

Inter-regional cooperation of Tajikistan and the Ukraine is also developing. Agreements on cooperation are signed between Sughd and Khatlon regions of Tajikistan and Dnepropetrovsk, Kharkov of the Ukraine. In addition, mutual visits of official delegations of these structures which bring fruitful results in inter-state cooperation are carried out as well.

Cooperation of Tajikistan and the Ukraine in the cultural, scientific and humanitarian spheres is also actively developing. In this connection, agreements on cooperation were signed between the universities of both countries.

Currently, work on opening of a branch of Kharkov National Technical University in Dushanbe is continuing, the decision was taken at the meeting of two Presidents in December 2008.

On January 7th, 1993 Tajikistan has established diplomatic relations with the **Republic of Kazakhstan** and opened Diplomatic Mission in that country in June 1993.




Боздиди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз корхонаи азими «Турбоатом». Харков. Украина, 5 декабри соли 2008.

The visit of the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon to great enterprise "Turboatom". Kharkov. Ukraine, December 5, 2008.



Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Нурсултон Назарбоев. Остона, 5 июли соли 2008.

The President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon and the President of the Republic of Kazakhstan Nursultan Nazarbaev. Astana, July 5, 2008.

Ба пайвасти ҳамин силсилаи муносибатҳои афзоишёбанда, ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Украина дар соҳаи фарҳангу маориф ва гуманитарӣ низ тавсеа меёбад. Дар ин замина байни муассисаҳои таълимоти олии ҳарду кишвар якчанд созишномаҳо оид ба ҳамкорӣ ба имзо расидааст. Феълан ҷиҳати таъсиси филиали Донишгоҳи миллии техникии ш. Харкови Украина дар ш. Душанбе, ки оиди он президентҳои ду давлат зимни мулоқоти худ дар моҳи декабри соли 2008 ба мувофиқа расида буданд, корҳо идома доранд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибатҳои дипломатиро бо **Ҷумҳурии Қазоқистон** 7 январи соли 1993 барқарор намуда, моҳи июни ҳамон сол Намояндагии дипломатиаш дар ин кишвар ба фаъолият шурӯъ кардааст.

Аз оғоз ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷониба байни Тоҷикистону Қазоқистон дар фазои мутақобилан судманд ва ҳусни тафоҳум ҷараён гирифта, алъон дар ҳоли рушду инкишофи сатҳи баланд қарор доранд. Дар мавриди бисёр масъалаҳои муҳими дорои моҳияти байналмиллалӣ ва минтақавӣ манфиати ҷонибҳо ҳамоҳанг шуда, мавқеи наздик ё ин ки мушобеҳ ба вуҷуд меояд.

Дар ин замина боздидҳои сарони давлатҳо аз кишварҳои якдигар ба рушди муносибатҳо такони мусбат бахшида, таҳкимгари пойгоҳи шартномавию ҳуқуқии ҳамкориҳо гардиданд. Ҳамин тариқ, оид ба натиҷаҳои боздиди Роҳбари Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз Қазоқистон дар соли 1993 санади асосӣ – Аҳднома дар бораи заминаи муносибатҳо байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон ва зимни сафарҳои минбаъдаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин кишвар дар солҳои 1995, 2006 ва 2008 маҷмӯи санадҳои фарогири бахшҳои иқтисодию фарҳангӣ байни ҳарду давлат ба имзо расид.

Боздиди аввалини Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Нурсултон Назарбоев аз Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2000 яке аз рӯйдодҳои муҳим дар таърихи муносибатҳои ҳарду кишвар ба ҳисоб меравад, ки зимни он 8 санади байниҳукуматию байниидоравии алоқаманд ба соҳаҳои сиёсию иқтисодӣ, илмию фановарӣ ва гумрук ба имзо расид. Санадҳои дигари муҳим оид ба ҳамкории тарафайн дар бахшҳои фарҳангу санъат, маориф, савдою сармоя ва кишоварзӣ, ки дар ҷараёни сафари расмии Президенти Қазоқистон ба Тоҷикистон дар моҳи сентябри соли 2007 ба имзо расида, таҳкимбахши раванди муносибатҳои дуҷониба гардиданд.

Ҷаласаҳои Комиссияи байниҳукуматӣ оид ба ҳамкориҳои тиҷорию иқтисодӣ, ки дар солҳои 1998, 2001, 2004, 2006, 2007 ва 2008 доир шуданд, ҳолати муносибатҳо ва амалишавии санадҳои қаблан имзошударо баррасӣ намуда, самтҳои равобити дуҷонибаро боз ҳам васеътар гардониданд.

Алҳол асоси шартномавию ҳуқуқии муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Қазоқистонро беш аз 70 санад ташкил медиҳад. Санадҳои мазкур асосан фарогири самтҳои муҳими ҳамкориҳо, аз ҷумла сиёсию иқтисодӣ, сармоягузорию андозбандӣ, бонкӣ ва гумрукӣ, инчунин ҳарбӣ ва техникии ҳарбӣ буда, густариши фаъолонаи муносибатҳои минбаъдаро таъмин менамоянд.

Bilateral and multilateral relations between Tajikistan and Kazakhstan are based on principles of mutual understanding and mutually beneficial cooperation and are now at a high level of development. On many important issues of international and regional importance, the parties enjoy similar and close positions.

In this context, the mutual meeting of Heads of State were focused on expanding of mutually beneficial cooperation and laid solid legal base of cooperation. Thus, after meeting of the President of the Republic of Tajikistan and President of the Republic of Kazakhstan in 1993, main document which is Agreement on Basic Principles of Relations between the Republic of Tajikistan and Kazakhstan was signed, during subsequent visits of the President of the Republic of Tajikistan 1995, 2006 and 2008 were signed economic and cultural agreements between two countries.

The first official visit of the President of the Republic of Kazakhstan Nursultan Nazarbayev to Tajikistan took place in June 2000. This visit was a turning point in the history of bilateral Tajik-Kazakh relations. According to the results of the visit a package of documents consisting of 8 intergovernmental and interdepartmental agreements, which gave new impetus to cooperation between the two countries in economic, political, scientific, technical and customs areas was signed.

Positive impetus to bilateral cooperation has given official visit of Kazakhstan President Nursultan Nazarbayev to the Republic of Tajikistan that was held in September 2007, six very important for both of the Parties intergovernmental and interagency agreements in the field of culture and art, agriculture, technical and vocational education, investment and trade were signed.

Five meetings of the Intergovernmental Commission on Trade and Economic Cooperation, held in 1998, 2001, 2004, 2006, 2007 and 2008 were important from the perspective of an integrated approach to bilateral Tajik and Kazakh relations.

The legal base of bilateral Tajik-Kazakh relations consists of 70 documents signed during the period from 1993 to 2007. The adopted documents between the two countries are important in areas of cooperation and indeed, provide a solid legal basis for the further strengthening of bilateral cooperation between Tajikistan and Kazakhstan in the political, economic, investment, tax, banking and customs areas, as well as in the military and military-technical field.

Coordination of foreign policy efforts of the two countries on a multilateral basis within international and regional organizations such as UN, CIS, EurAsEC, CSTO and SCO is very close. In



Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Нурсултон Назарбоев. Остона, 5 июли соли 2010.

The President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon and the President of the Republic of Kazakhstan Nursultan Nazarbaev. Astana, July 5, 2010.

Ҳамдигарфаҳмию ҳамоҳангсозии мавқеҳои ҳарду давлат ҳамчунин дар доираи созмонҳои байналмилалию минтақавии, аз қабили СММ, ИДМ, Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё (ЕврАзЭС), СААД ва СҲШ дар шакли ҳамкории зич ифода мегардад. Дар ин замина роҳбарияти Ҷумҳурии Тоҷикистон иқдоми Ҷумҳурии Қазоқистонро оид ба даъвати Машварат оид ба ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё (СВМДА) ҷонибдорӣ намуд.

Тоҷикистон дигар иқдомҳои Қазоқистонро низ дар масъалаҳои сиёсати байналмилалӣ ва минтақавӣ дастгирӣ менамояд. Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз аввалинҳоест, ки номзадии Қазоқистонро барои раисӣ кардан дар САҲА ҷонибдорӣ кардааст.

Асоси ҳамкориҳои иқтисодии Тоҷикистону Қазоқистонро соҳаҳои саноати сабук, металургияи ранга, энергетика, нақлиёт, коммуникатсия ва бахши кишоварзӣ ташкил медиҳад. Тоҷикистон ба Қазоқистон электроэнергия, пахта, алюминий ва анвои мухталифи маҳсулоти кишоварзиро содир намуда, аз ин кишвар гандум, маҳсулоти ордӣ, нафтӣ, оҳан (металл) ва нуриҳои минералӣ ворид менамояд.

Ҷонибҳо ҷиҳати ташкили «Фонди инвеститсияҳои мустақими Тоҷикистону Қазоқистон» ба мувофиқа расиданд, ки мақсад аз он татбиқи амалии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар қаламрави ҳарду кишвар ва хориҷ аз онҳо мебошад.

Роҳбари Тоҷикистон ҳамчунин вобаста ба ҳаёту фаъолияти ҳамватанони муқими Қазоқистон таваҷҷӯҳи ҷиддӣ зоҳир намуда, зимни ҳар як сафари худ ба ин кишвар бо созмонҳои ҷамъиятии тоҷикон мулоқоту вохӯриҳои алоҳида мегузаронад ва ҷиҳати дастгирии ҳамаҷониба аз онҳо ба вазорату мақомоти марбутаи кишвари худ дастуру супоришҳои мушаххас медиҳад.

Густариши равобити дуҷониба байни ду кишвари соҳибистиқлол ҳамчунин бо доир гардидани ҷаласаҳои Комиссияи байниҳукуматӣ оид ба ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва машваратҳои байниидоравӣ таҳкиму тақвият ёфт. Махсусан, зимни вохӯриҳои кории вазирони корҳои хориҷии Тоҷикистону Қазоқистон масъалаҳои ҳамкориҳои судманд пайваста мавриди муҳокима қарор гирифта, ҷиҳати идомаи ин силсилаи ба мақсад муфид, нақшаи фаъолияти минбаъда ва гузаронидани дигар чорабиниҳо баррасӣ мегардид.

Аз ҷумла, дар ҷараёни сафари расмии Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳ.Зарифӣ ба Ҷумҳурии Қазоқистон, ки 23-24 августи соли 2010 баргузор шуд, ҷаласаи аввали Шӯрои вазирони корҳои хориҷии Тоҷикистону Қазоқистон бо иштироки ҳайати ҷонибҳо доир гардид. Ин чорабиниро қадами муҳиме ҷиҳати пешбурди минбаъдаи муносибатҳои тарафайн шумурдан мумкин аст.

Моҳи сентябри соли 2010 бошад, дар шаҳри Душанбе муаррифии намояндагии тиҷоратии Агентии миллии Қазоқистон оид ба содирот ва инвеститсияҳо «KAZNEX» ва Бизнес-форум баргузор шуд. Ҳамчунин дар арафаи сафари расмии Сарвазири Қазоқистон ба Тоҷикистон



Бори нахуст Сафири Тоҷикистони соҳибистиқлол ба роҳбари давлати хориҷӣ Эътимоднома супорид. Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Қазоқистон Саид Шарипов ҳангоми супоридани Эътимоднома ба Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Нурсултон Назарбоев. Алмаато, 18 январи соли 1994.

The first Ambassador of independent Tajikistan hands over Credentials to the head of a foreign state. The Ambassador of the Republic of Tajikistan to Kazakhstan Said Sharipov hands over Credentials to the President of the Republic of Kazakhstan Nursultan Nazarbaev. Alma Ata, January 18, 1994.

the context of political cooperation between the two countries Government of Tajikistan supported the initiatives of the Republic of Kazakhstan to convene the Conference on Interaction and Confidence-Building Measures in Asia (CICA). Tajikistan has consistently supported other positions of Kazakhstan on key international issues. Tajikistan politically supported Kazakhstan's candidacy for chairmanship in OSCE.

The priority areas of economic cooperation between Tajikistan and Kazakhstan are the mining industry, ferrous metallurgy, machine building sector, agriculture, energy, light industry, transport and communications. The main items of the delivery of goods from Tajikistan are electricity, cotton, aluminum and its products, vegetable products, and textiles, grain, and flour products, petroleum products, ferrous metals, products of inorganic chemistry are imported from Kazakhstan to Tajikistan.



Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳамрохон Зарифӣ бо Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Қазоқистон Канат Саудабаев. Остона, 10 марти соли 2010.

Minister of Foreign Affairs of the Republic of Tajikistan Hamrokhon Zarifi with the Minister of Foreign Affairs of the Republic of Kazakhstan Kanat Saudabayev. Astana, March 10, 2010.

The parties reached an agreement on the establishment of Kazakh and Tajik Direct Investments Fund. The purpose of Kazakh and Tajik Direct Investments Fund is implementation and repayment of efficient investment projects in Tajikistan and Kazakhstan, as well as other projects on mutual agreement.

Moreover during the visits of Head of Tajikistan to Kazakhstan he had separate meetings with compatriots living in that country and provides specific instructions to departmental structures of Tajikistan to support them fully.

Meeting of the Intergovernmental Commission on Trade and Economic Cooperation were important from the perspective of an integrated approach to bilateral Kazakh and Tajik relations.

During the official visit of the Minister of Foreign Affairs of Tajikistan to Astana (23-24 August), the first meeting of the Council of Ministers of Foreign Affairs of Tajikistan and Kazakhstan, with the participation of delegations of the parties was conducted out. This event can be considered as a milestone in the further development of bilateral relations.

Presentation of the trade representation office of Kazakhstan National Agency on Export and Investments and Business Forum were held in Dushanbe on September 2010. The meeting of Joint Tajik-Kazakhstan Intergovernmental Commission on trade and economic cooperation has been also conducted on the threshold of an official visit of the Prime-minister of Kazakhstan to Tajikistan (in November 2010) where in the course of that visit, Agreement between the Government of the Republic of Tajikistan and the Government of the Republic of Kazakhstan on cooperation in the field of tourism was signed.

Another most important event in Tajik-Kazakh relationship which is a reflection of staunch political ties of parties is the participation of the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon at the OSCE Summit in Astana (in December 2010).

It should be stressed, that the level of cultural and humanitarian cooperation between Tajikistan and Kazakhstan has been properly upgrading and widely supported by the people of the two friendly nations. Official delegations of the two countries regularly attended each other's various cultural and scientific-technical events.

Successful conduct of the Cultural Days of Tajikistan in Kazakhstan, Exhibition of agricultural products in Astana (August 2007) and assignment of 35 monuments of Kazakh soldiers as a token of tribute in "Nations Friendship" Park of Dushanbe died at Tajik-Afghan border are the clear evidence



Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ислом Каримов. Душанбе, октябри соли 2007.

The President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon and the President of the Republic of Uzbekistan Islam Karimov. Dushanbe, October, 2007.

(ноябри с. 2010) ҷаласаи навбатии Комиссияи байниҳукуматии Тоҷикистону Қазоқистон оид ба ҳамкориҳоии тиҷорию иқтисодӣ доир гардида, зимни боздид Созишномаи байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Қазоқистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ ба имзо расид.

Рӯйдоди дигари муҳим дар муносибатҳои Тоҷикистону Қазоқистон, ки ифодагари робитаҳои мустаҳками сиёсӣ байни ҷонибҳост, иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Саммити сарони давлатҳои Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (декабри с. 2010) дар ш. Остона мебошад.

Қобили зикр аст, ки самти ҳамкориҳои фарҳангию башардӯстонаи Тоҷикистону Қазоқистон дар сатҳи вусъатёбанда рушд намуда, он аз ҳар ҷиҳат мавриди дастгирии мардуми ба ҳам дӯсти ҳарду кишвар мебошад. Дар ин марҳила ҳайатҳои расмии ҳарду давлат дар чорабиниҳои фарҳангӣ ва илмию техникии якдигар пайваста ширкат варзиданд.

Муваффақона гузаронидани Рӯзҳои фарҳангии Тоҷикистон дар Қазоқистон, Намоишгоҳи маҳсулоти кишоварзӣ дар ш.Остона (августи с. 2007) ва ҳамчун рамзи эҳтиром дар боғи «Дӯстии халқҳо»-и ш. Душанбе гузоштани муҷассамаи 35 афсари қазоқистонии дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон қурбоншуда (декабри с. 2007) далели возеҳи ин гуфтаҳост. Дар ҳамин замина ташкили Рӯзҳои фарҳангии Қазоқистон дар Тоҷикистон (октябри с. 2008) низ анъанаи густариши робитаҳои фарҳангии ҳарду кишварро идома дод.

Муносибатҳои дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва **Ҷумҳурии Ӯзбекистон** 22 октябри соли 1992 барқарор гашта, дар ҳарду давлат сафоратҳои якдигар фаъолият мекунанд.

Дар ҳолати имрӯза асоси шартномавию ҳуқуқии муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистон ва Ӯзбекистонро 111 созишнома ва аҳднома ташкил медиҳанд, ки аз соли 1992 то соли 2009 дар сатҳҳои байнидавлатӣ, байниҳукуматӣ ва байнисоҳавӣ ба имзо расидаанд. Санадҳое, ки миёни ду кишвар қабул шудаанд, самтҳои муҳими ҳамкориҳоро дар бар гирифта, барои рушду тавсеаи минбаъдаи робитаҳои дуҷониба дар соҳаҳои сиёсӣ, тиҷорию иқтисодӣ ва ғайра заминаи мустаҳками ҳуқуқиро ба вуҷуд овардаанд.

of aforementioned. Cultural Days of Kazakhstan in Tajikistan (October 2008) have also continued a tradition of strengthening cultural ties of the two countries.

Diplomatic relations between the Republic of Tajikistan and **the Republic of Uzbekistan** were established on October 22, 1992 and the embassies of both countries function in each states.

Currently, the legal basis of bilateral relationship of Tajikistan and Uzbekistan consisted of 111 agreements and treaties which are signed since 1992 to 2009 at inter-state, intergovernmental and interagency levels. Documents which are adopted between two countries, cover most important directions of cooperation and created solid legal framework for the further intensification and expansion of bilateral ties in the field of policy, trade, economy and etc.

Principal documents which are signed by the heads of state between countries and embrace the most important dimensions of bilateral relations are Treaty on Friendship, Good-neighborliness and cooperation between the Republic of Tajikistan and the Republic of Uzbekistan dated from January 4, 1993 and Treaty on Eternal Friendship between the Republic of Tajikistan and the Republic of Uzbekistan from 15 June 2000.

Republic of Tajikistan taking into account a prospect of economic development, geographical location and as well as historically formed ties of the two nations, attaches an uninterrupted attention to further development and strengthening of mutually beneficial cooperation with the Republic of Uzbekistan.

On January 4, 1998 upon the invitation of the President of the Republic of Uzbekistan Islam Karimov, the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon paid an official visit to Uzbekistan. The visit gave a fresh impetus to the process of intensification of bilateral Tajik-Uzbek relationship. Four intergovernmental agreements were signed in the result of the visit. The visit of the Prime-minister of the Republic of Uzbekistan (February 4, 1998) in the margins of which 9 bilateral agreements, including Agreement on cooperation in the field of effective water and energy resources management were signed between the governments and ministries of both countries was a follow-up step in the process of expansion of collaboration.

In line with the positive trend of bilateral relations, official visit of the President of the Republic of Uzbekistan Islam Karimov to the Republic of Tajikistan (in June 2000) was of particular importance.

Meetings and negotiations held on the sidelines of the visit demonstrated that constructive stance of leaders of both countries could play a decisive role in strengthening indeed good neighborhood relations. The outcomes of this visit and important agreements which were signed during the visit, including Treaty on Eternal Friendship and the Memorandum on delimitation of the state border between the Republic of Tajikistan and the Republic of Uzbekistan have been named a new milestone and a factor of positive changes in boosting bilateral relations.

Working visit of the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon to the Republic of Uzbekistan (in December 2001) gave a new incentive to further development of relations between the two countries. The outcomes of negotiations between the two presidents have again testified that neighboring countries share a closeness of positions upon major bilateral, international and regional issues and they both are willing to bolster good neighborhood relations.

With the view to implementing objectives enshrined at the Joint Declaration of heads of the two states (December 2001), the Prime-minister of the Republic of Tajikistan paid a working visit to Tashkent on February 12 2002. A number of documents related to trade and economic sectors, including Agreement between the Government of the Republic of Tajikistan and the Government of the Republic of Uzbekistan on state border check-points were signed in the result of that visit.

Solution of issues of delimitation and demarcation of state border is one of the most crucial agenda of negotiations between the two countries. In the result of actions executed step-by-step, the parties have made a significant breakthrough in elaboration of legal framework of state border areas. Treaty between the Republic of Tajikistan and the Republic of Uzbekistan on the state border of Tajikistan and Uzbekistan was signed on October 2002. Currently, final coordination of almost 60 km. of remaining state border areas is under way.

In general, conduct of the meetings of Tajik – Uzbek Joint Intergovernmental Commission on trade, economic and border cooperation (August 2002 and February 2009) in the second decade of independence period is an evidence of a positive trend of development of relations between the two nations. The significance of those meetings was first of all reflected in stressing challenges existing in mutual relations and in identification of ways for their solution.

Санадҳои асосие, ки дар сатҳи роҳбарони ду кишвар ба имзо расидаанд, самтҳои муҳимтарини муносибатҳои тарафайнро муайян месозанд, Аҳднома дар бораи дӯстӣ, ҳусни ҳамҷаворӣ ва ҳамкорӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 4 январи соли 1993 ва Аҳднома дар бораи дӯстии абадӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 15 июни соли 2000 мебошанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дурнамои рушди иқтисодӣ, мавқеи ҷуғрофӣ ва инчунин муносибатҳои таърихан ташаккулёфтаи халқҳои ду кишварро ба инобат гирифта, ба рушду таҳкими минбаъдаи ҳамкориҳои мутақобилан судманд бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон таваҷҷӯҳи доимӣ зоҳир мекунад.

4 январи соли 1998 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо даъвати Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ислом Каримов аз ин кишвар боздиди расмӣ ба амал овард. Ин боздид ба раванди густариши муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистон ва Ӯзбекистон такони нав бахшид. Дар натиҷаи ин сафар, аз ҷумла 4 ҳуҷҷати байниҳукуматӣ ба имзо расид. Сафари Сарвазири Ҷумҳурии Ӯзбекистон У.С. Султонов ба Ҷумҳурии Тоҷикистон (4 феврали соли 1998), ки зимни он байни ҳукуматҳо ва вазоратҳои ду кишвар 9 санади дуҷониба, аз ҷумла, Созишнома дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи истифодаи оқилонаи захираҳои обию энергетикӣ ба имзо расид, ҳамчунин идомадиҳандаи ин раванд ҷиҳати тавсеаи ҳамкориҳо гардид.

Дар давоми чунин тамоюли мусбии муносибатҳои тарафайн боздиди расмии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ислом Каримов аз Ҷумҳурии Тоҷикистон (моҳи июни соли 2000) ҳамчунин аз аҳамияти хоса бархӯрдор буд. Музокирот ва вохӯриҳои дар рафти ин сафар баргузоршуда нишон доданд, ки мавқеи созгоронаи роҳбарияти ду кишвар метавонад дар таҳкими муносибатҳои воқеан неки ҳамсоягӣ нақши ҳалкунандаро бозад. Натиҷаҳои боздиди мазкур ва маҷмӯи ҳуҷҷатҳои муҳиме, ки дар рафти он ба имзо расид, аз ҷумла Аҳднома дар бораи дӯстии абадӣ ва Меморандум оид ба делимитатсияи сарҳади давлатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон, дар рушди муносибатҳои дуҷониба чун марҳалаи нав ва омили фаъолшавии дигаргуниҳои мусбӣ арзёбӣ гардид.

Боздиди кории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз Ҷумҳурии Ӯзбекистон (декабри с. 2001) ба рушди минбаъдаи муносибатҳои ҳарду кишвар такони тоза бахшид. Натиҷаи гуфтушунидҳои ду президент бори дигар собит намуд, ки мавқеи кишварҳои ҳамсоя нисбати бисёре аз мушкилоти дуҷониба, байналмилалӣ ва минтақавӣ наздик аст ва рағбату алоқамандии мутақобилаи ду давлат ҷиҳати рушди муносибатҳои неки ҳамсоягӣ вуҷуд дорад.

Бо мақсади татбиқи вазифаҳое, ки дар Баёнияи муштараки президентҳои ду кишвар (декабри с. 2001) таъкид гардида буданд, 12 феврали соли 2002 Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати анҷоми як сафари корӣ озими ш. Тошканд гардид. Дар натиҷаи ин боздид як қатор ҳуҷҷатҳои марбут ба соҳаҳои иқтисоду тиҷорат ва инчунин Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар бораи гузаргоҳҳои сарҳади давлатӣ ба имзо расиданд.

Ҳалли масъалаҳои делимитатсия ва демаркатсияи сарҳади давлатӣ яке аз муҳимтарин мавзӯҳои музокироти байни ду кишвар мебошад. Дар натиҷаи корҳое, ки давра ба давра анҷом дода шуданд, ҷонибҳо дар ҳалли масъалаҳои таҳияи ҳуқуқии қитъаҳои сарҳади давлатӣ ба таври назаррас пеш рафтанд. Дар ин марҳила Аҳднома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар бораи сарҳади давлатии Тоҷикистон ва Ӯзбекистон ба имзо расид (5 октябри с.2002). Феълан корҳо ҷиҳати мувофиқаи ниҳоии тақрибан 60 км қитъаҳои боқимондаи сарҳади давлатӣ идома доранд.

Умуман, дар даҳаи дуюми марҳилаи соҳибистиқлолӣ баргузор шудани ҷаласаҳои комиссияҳои байниҳукуматии Тоҷикистону Ӯзбекистон оид ба масъалаҳои ҳамкории тиҷорию иқтисодӣ ва масъалаҳои сарҳадӣ (августи с.2002 ва феврали с.2009) гувоҳи он аст, ки раванди муносибатҳои ҳарду кишвар тамоюли густаришёбандаро ба худ касб менамояд. Аҳамиятнокии ҷаласаҳои мазкур дар он ифода мегардад, ки мушкилиҳои дар муносибатҳои тарафайн ҷойдошта таъкид гардида, роҳҳои ҳалли он муайян карда шудаанд. Дар баробари ин, дар рафти кори ҷаласаҳо масъалаҳои мубрами ҳамкориҳои дуҷониба дар соҳаҳои электроэнергетика, хоҷагии об, саноат, кишоварзӣ, нақлиёту коммуникатсия ва инчунин ҷалби

Alongside with this, crucial topics of bilateral cooperation in the field of energy, water management, industry, agriculture, transport and communication as well as attraction of a wide range of business and industrial communities of the two countries to the process of expansion of trade and commercial relations have been discussed and relevant protocols were signed in the course of those meetings.

In this context, a conduct of bilateral meeting of the presidents of the Republic of Tajikistan and the Republic of Uzbekistan on the sidelines of the SCO head of states summit, as well as meeting of Ministers of Foreign Affairs of the Republic of Tajikistan and the Republic of Uzbekistan within the framework of the Council of Foreign Ministers of the SCO in Tashkent are factors which promote a strengthening of political and mutually beneficial economic cooperation in 2010. Since, a wide range of bilateral issues, including energy, interstate transport infrastructure, as well as regional security have been comprehensively discussed during those meetings and negotiations.

It is worth noting that Uzbekistan is one of the major partners of Tajikistan in trade, commerce, social, science, technology and other most important directions of bilateral cooperation. In this respect, these positive phenomena more strongly cements the expectations of the people of the two countries in shifting a process of mutual relationship into a qualitatively new level.

We can say, that development of cultural ties of both nations is in the spotlight of the leaders of countries. Based on agreement between the two presidents, Cultural Days of Tajikistan were organized in Uzbekistan from June 29 to July 5 1998 which were evaluated as important event in the history of bilateral cultural relationship. In this regard, cultural tours to and guest performances in each others' countries which are arranged regularly are the reflection of extension and intensification of cultural ties.

Diplomatic relations between the Republic of Tajikistan and **the Kyrgyz Republic** were established on January 14, 1993 and the embassies of both countries function in each states. At present, a process of relations between Tajikistan and Kyrgyzstan is carried out within the frames of bilateral and multilateral cooperation in high level and in the atmosphere of friendship and good neighborliness.

Legal-treaty basis of bilateral political and economic relationship of Tajikistan and Kyrgyzstan consisted of 75 documents which embrace a wide and diverse areas of cooperation of the two countries. These documents include major agreements and treaties, which determine important

Роҳбари давлат, Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ислом Каримов ҳангоми ба имзо расонидани ҳуҷҷатҳои дуҷониба дар бораи ҳамкорӣ. Тошканд, 8 октябри соли 1994.

Head of state/Chairman of Supreme Council of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon and the President of the Republic of Uzbekistan Islam Karimov during signing of bilateral documents.October 8, 1994.



васеи доираҳои соҳибкор ва саноати ду кишвар ба раванди тавсеаи муносибатҳои тиҷорию иқтисодӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, оид ба натиҷаҳои он протоколҳои марбута ба имзо расидаанд.

Дар ин замина баргузории вохӯрии дуҷонибаи президентҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар доираи ҷаласаи сарони кишварҳои аъзои СҲШ, инчунин мулоқоти вазирони корҳои хориҷии Тоҷикистону Ӯзбекистон дар ҳошияи ҷаласаи ШВКХ СҲШ дар ш. Тошканд омилҳои таҳкимбахши самтҳои сиёсию иқтисодии ҳамкориҳои мутақобилан судманд дар соли 2010 ба шумор меравад. Зеро дар ин вохӯриҳо маҷмӯи васеи масъалаҳои дуҷониба, аз ҷумла, оид ба энергетика, фаъолияти инфраструктураи нақлиётии байнидавлатӣ, инчунин амнияти минтақавӣ ба таври муфассал мавриди муҳокимаю баррасӣ қарор гирифт.

Қобили зикр аст, ки Ӯзбекистон дар самтҳои тиҷорию иқтисодӣ, иҷтимоӣ, илмию техникӣ ва дигар соҳаҳои муҳими ҳамкориҳои дуҷониба яке аз шарикони асосии Тоҷикистон мебошад ва пайрав ба ин, падидаҳои мусбии зикргардида умеди мардуми ҳарду кишварро ҷиҳати ба сатҳи сифатан нав баромадани раванди муносибатҳои тарафайн ва тавсеаи он беш аз ин қавӣ мегардонад.

Метавон гуфт, ки рушди робитаҳои фарҳангии ҳарду кишвар мавриди таваҷҷӯҳи доимии роҳбарияти давлатҳо қарор дорад. Ҳамин буд, ки дар асоси мувофиқаи президентҳои ду давлат, аз 29 июн то 5 июли соли 1998 Рӯзҳои фарҳангии Тоҷикистон дар Ӯзбекистон баргузор шуданд, ки ҳамчун рӯйдоди муҳим дар таърихи равобити фарҳангии тарафайн арзёбӣ мегарданд. Дар ин ҷода сафарҳои ҳунарии гурӯҳҳои санъаткорон ба кишварҳои якдигар низ, ки мунтазам доир мегарданд, таҷассумгари рушду инкишофи муносибатҳои фарҳангӣ мебошанд.

Муносибатҳои дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва **Ҷумҳурии Қирғизистон** 14 январи соли 1993 барқарор шуда, дар ҳарду давлат сафоратҳои якдигар фаъолият мекунанд. Дар марҳилаи ҳозира раванди муносибатҳои Тоҷикистону Қирғизистон ҳам дар доираи ҳамкориҳои дуҷониба ва ҳам бисёрҷониба дар сатҳи баланди рушдёбанда ва фазои дӯстию ҳусни ҳамҷаворӣ фаъолона идома дода мешавад.



Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Роза Отунбоева. Душанбе, 24 ноябри соли 2010

The President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon and the President of Kyrgyz Republic Roza Otunbayeva. Dushanbe, November 24, 2010.

principles and directions of relations between the Republic of Tajikistan and the Kyrgyz Republic, i.e. treaties on the principles of interstate relations between the Republic of Tajikistan and the Kyrgyz Republic (July 1996) and on good neighborhood relations and partnership between the Republic of Tajikistan and the Kyrgyz Republic (May 2004).

Official talks and negotiations and personal contacts of presidents of the Republic of Tajikistan and the Kyrgyz Republic gave serious and powerful impetus to the process of cooperation and promoted their further strengthening and expansion.

Parties in the course of the meetings have expressed their willingness and commitment to further strengthening and boosting bilateral cooperation and have established Interstate Coordination Council of the Republic of Tajikistan and the Kyrgyz Republic, as well as the Council of the Ministers of Foreign Affairs of the two countries with the view to efficiently solve the primary issues and improve bilateral relations.

The parties in the first session of the Council of Foreign Ministers of the Republic of Tajikistan and the Kyrgyz Republic (August 2009, Dushanbe) have intensively discussed and reviewed major directions of bilateral collaboration in improving the legal framework of interstate relations, coordination of joint efforts towards effective water resources management in Central Asia, reinforcement of interaction on border issues, including via undertaking additional measures for the prevention of negative challenges in the border area and facilitation of border cooperation.

Relevant authorities of Tajikistan and Kyrgyzstan on the regular basis always discuss and coordinate issues related to effective water and energy resources management in the region, intensification of trade and commercial ties, cultural and humanitarian cooperation, cooperation in the area of border management, as well as transport and communication.

The parties believed continuation of a process of friendly relations and impactful political ties, as well as expansion of multifaceted cooperation as the important and priority for both sides. Therefore, Tajik-Kyrgyz Joint Intergovernmental Commission on bilateral cooperation was established (July 1997). The results of the work of commission demonstrated that it has gradually improved a process of multidimensional cooperation and shifted it to a qualitatively new level.

It should be mentioned, that Tajikistan and Kyrgyzstan support regional cooperation and development of integration processes. In this connection, both parties place a particular emphasis on mutually beneficial cooperation within the framework of the United Nations, Organization for Security and Cooperation in Europe, CIS, CSTO, EurAsEC, Shanghai Cooperation Organization and the International Fund for the Saving the Aral Sea, financial institutions and other international organizations which the two countries are members. The two states share close and similar positions upon major and crucial political and economic issues of regional significance with the glance of the interests of countries in the region.

With availability of common border and communication, Tajikistan and Kyrgyzstan enjoy huge transit opportunities which construction of roads linking with other states in the region is one of the important directions.

Construction of power transmission lines, railways and automobile roads will not only facilitate the economic development of the two countries, but will contribute to the intensification of regional cooperation in economic area. Presently, both countries undertake necessary measures for the building of international highway Dushanbe – Rasht – Kyrgyzstan border with the aim of connecting to Kazakhstan, China and Afghanistan motor roads, as well as construction of railway on this route which would meet joint interests and promote regional cooperation development.

Along with this, Tajik – Kyrgyz cooperation in the humanitarian field is rapidly increasing. Delegations of both countries at different levels actively participate at each others' scientific and cultural events.

Thereby, Republic of Tajikistan and Kyrgyz Republic during the period of independence concentrate their efforts and aspirations towards reinforcement of mutually beneficial relationship in diverse areas of cooperation and strengthening good neighborliness between the two friendly nations.

Political ground of relations of Tajikistan with **Turkmenistan** was laid down on January 27, 1993 by signing a Protocol "On the establishment of diplomatic relations between the Republic of Tajikistan and Turkmenistan".

Заминаи шартномавию ҳуқуқии муносибатҳои дуҷонибаи сиёсию иқтисодии Тоҷикистону Қирғизистон аз 75 санад иборат буда, самтҳои гуногуни ҳамкории ду кишварро дарбар мегирад. Аз ҷумла, санадҳои асосие, ки усулу самтҳои муҳими муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистонро муайян месозанд, ин аҳдномаҳо Дар бораи асосҳои муносибатҳои байнидавлатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Кирғизистон (июли с.1996) ва Дар бораи муносибатҳои неки ҳамсоягӣ ва шарикӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон (майи с.2004) мебошанд.

Мулоқоту вохӯриҳои расмӣ ва робитаҳои шахсии президентҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон ба раванди ҳамкориҳо такони ҷиддӣ бахшида, ба таҳкиму тавсеаи минбаъдаи онҳо мусоидат мекарданд. Зимни чунин вохӯриҳо ҷонибҳо баҳри таҳким ва густариши минбаъдаи ҳамкории дуҷониба изҳори омодагӣ намуда, ба мақсади ҳалли самараноки масъалаҳои аввалиндараҷа ва баланд бардоштани сатҳи муносибатҳои дуҷониба Шӯрои ҳамоҳангсози байнидавлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон ва Шӯрои вазирони корҳои хориҷии ду ҷумҳуриро таъсис доданд.

Дар ҷаласаи нахустини Шӯрои вазирони корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон (августи с. 2009, ш. Душанбе) самтҳои асосии ҳамкориҳои муштарак дар бобати такмил додани асоси ҳуқуқии муносибатҳои байнидавлатӣ, ҳамоҳанг намудани кӯшишҳои дуҷониба ҷиҳати истифодаи оқилонаи захираҳои оби минтақаи Осиёи Марказӣ, тақвияти ҳамкорӣ доир ба масъалаҳои сарҳадӣ, аз ҷумла, тариқи андешидани чораҳои иловагӣ барои пешгирӣ аз мушкилоту ҳодисаҳои манфӣ дар сарҳад ва осон намудани равобити байнисарҳадӣ ба таври муфассал мавриди баррасӣ қарор гирифта, мушаххас гардонида шуданд. Масъалаҳои алоқаманд ба истифодаи оқилонаи захираҳои обию энержии минтақа, густариши робитаҳои тиҷорию иқтисодӣ, ҳамкориҳои фарҳангию гуманитарӣ, наздисарҳадӣ ва соҳаи нақлиёту коммуникатсия, пайваста мавриди баррасӣ ва ҳамоҳангсозии дигар сохторҳои марбутаи Тоҷикистону Қирғизистон низ қарор дода мешавад.

Ҳамчун идомаи раванди муносибатҳои дӯстона ва робитаҳои фаъоли сиёсӣ, тавсеаи ҳамкориҳои бисёрҷанбаи фарогир низ муҳим ва авлавиятнок дониста шуд. Бинобар ин, Комиссияи байниҳукуматии Тоҷикистону Қирғизистон оид ба баррасии маҷмӯи масъалаҳои дуҷониба таъсис дода шуд (июли с.1997). Натиҷаҳои кори комиссия нишон медиҳанд, ки он раванди ҳамкориҳои гуногунсамтро марҳила ба марҳила ба сатҳи сифатан нав баровард.

Зикри ин нукта низ муҳим аст, ки Тоҷикистону Қирғизистон тарафдори ҳамкориҳои фаъоли минтақавӣ ва рушди равандҳои ҳамгироӣ мебошанд. Аз ин лиҳоз, ба ҳамкории муфиди тарафайн дар доираи Созмони Милали Муттаҳид, САҲА, ИДМ, СААД, Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё, Созмони ҳамкории Шанхай, Бунёди байналхалқии наҷоти Арал, институтҳои молиявӣ ва дигар ташкилотҳои байналмилалӣ, ки ҳарду кишвар аъзоянд, аҳамияти хоса дода мешавад. Мавқеи ҳарду давлат оид ба бисёр масъалаҳои мубрами сиёсию иқтисодии дорои хусусияти минтақавӣ бо назардошти манфиатҳои дигар кишварҳои минтақа ба ҳам мувофиқат мекунад.

Тоҷикистону Қирғизистон бо мавҷудияти сарҳаду коммуникатсяи умумӣ, имконияти зиёди транзитӣ доранд, ки сохтмони роҳҳо ба дигар давлатҳои минтақа яке аз самтҳои муҳими онҳост.

Сохтмони хатҳои интиқоли барқ ва роҳҳои оҳану автомобилгард на танҳо барои рушди иқтисодии ду кишвар, балки ба густариши раванди ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи иқтисодӣ мусоидат хоҳад кард. Айни замон ду кишвар ҷиҳати сохтмони шоҳроҳи мошингарди байналхалқии Душанбе-Рашт-сарҳади Қирғизистон барои пайвастан ба шоҳроҳҳои Қазоқистону Чин ва Афғонистон, инчунин сохтмони роҳи оҳан бо ҳамин масир, ки ҷавобгӯи манфиатҳои муштарак буда, барои инкишофи ҳамкории минтақавӣ мусоидат хоҳад кард, чораҳои зарурӣ меандешанд.

Дар баробари ин, раванди ҳамкориҳои Тоҷикистону Қирғизистон дар соҳаи гуманитарӣ суръати рӯзафзун дорад. Ҳайатҳои ду кишвар дар сатҳҳои гуногун, дар чорабиниҳои илмию фарҳангии якдигар фаъолона ширкат меварзанд.

Ҳамин тариқ, Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон дар даврони соҳибистиқлолӣ саъю кӯшишро бар он равона месозанд, ки робитаҳои мутақобилан судманди онҳо дар самтҳои мухталифи ҳамкорӣ рушди бештар намуда, фазои боэътимод ва ҳусни ҳамҷаворӣ байни мардуми ду кишвари ба ҳам дӯст ҳамеша пойдор бошад.



Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Қурмонбек Боқиев. Бишкек, 10 октябри соли 2008

The President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon and the President of Kyrgyz Republic Kurmanbek Bakiev. Bishkek, October 10, 2008.

The Embassy of the Republic of Tajikistan in Ashgabat began functioning in March 1993 and the Embassy of Turkmenistan in Dushanbe performs its diplomatic duties since June 1993.

Turkmenistan has enormous transport and communication opportunities for connecting Central Asia with other regions of the world and relationship as well as mutually beneficial cooperation with this country are of particular importance. In this context, today one can confidently say, that bilateral Tajik-Turkmenistan relations are shifted to a qualitatively new level and cover various economic and cultural aspects.

Since independence up to date, members of the governments and representatives of other corresponding ministries and agencies of the two countries met regularly in which discussed the prospect of development of inter-state relations, as well as ways and directions of mutually beneficial cooperation.

For example, Joint Statement was adopted during the visit of the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon to Ashgabat (July 1995) and both leaders have discussed issues related to the strengthening of trade and commercial cooperation, including oil and gas supply to Tajikistan.

Heads of states of Tajikistan and Turkmenistan regularly meet on the sidelines of multilateral forums and summits of heads of states of Central Asia where they affirm the importance of creation of favorable conditions for mutually beneficial cooperation between the two countries in the fields of policy, economy, trade, science and technology.

In the course of further summits (in 2006 – 2007), the presidents of the two states exchanged their opinions on diverse directions of multilateral relationship and reaffirmed their commitment to reinforcing cooperation in the areas of trade turnover, commodity supply, energy, oil commodities and aluminum.



Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Туркманистон Гурбогули Бердимуҳаммедов. Душанбе, 18 марти соли 2010.

The President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon and the President of Turkmenistan Gurbonguli Berdimuhammedov. Dushanbe, March 18, 2010.

Заминаи сиёсии муносибатҳои Тоҷикистону **Туркманистон** 27 январи соли 1993 бо имзо гардидани Протокол «Дар бораи барқарор намудани муносибатҳои дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Туркманистон» гузошта шуд.

Аз моҳи марти соли 1993 Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ашқобод ва аз моҳи июни соли 1999 Сафорати Туркманистон дар Душанбе фаъолияти дипломатии худро идома медиҳанд.

Туркманистон аз лиҳози нақлиётию коммуникатсионӣ дорои имконоти фаровон ҷиҳати пайвастани минтақаи Осиёи Марказӣ бо дигар манотиқи ҷаҳон аст ва роҳандозии муносибату ҳамкориҳои судманд бо ин кишвар аз аҳамияти хоса бархӯрдор аст. Дар ин замина имрӯз метавон бо қаноатмандӣ зикр кард, ки равобити дуҷонибаи Тоҷикистону Туркманистон ба сатҳи сифатан нав баромада, фарогири ҷанбаҳои гуногуни иқтисодию фарҳангӣ гардидааст.

Аз оғози давраи соҳибистиқлолӣ то имрӯз, мулоқоту вохӯриҳои аъзои ҳукумат ва дигар идораю муассисаҳои марбутаи ҳарду кишвар пайваста баргузор гардидаанд, ки зимни он масъалаҳои дурнамои тараққиёти муносибатҳои байнидавлатӣ ва роҳу самтҳои ҳамкориҳои мутақобилан судманд матраҳ шудааст.

Масалан, зимни сафари Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Ашқобод (июли с.1995) Баёнияи муштарак қабул гардида, роҳбарони ҳарду давлат масъалаҳои оид ба густариши ҳамкориҳои тиҷорию иқтисодиро бо шумули интиқоли нафту газ ба Тоҷикистон баррасӣ намуданд.

Ҳамчунин дар доираи вохӯриҳои бисёрҷонибаи сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ мулоқотҳои роҳбарони давлатҳои Тоҷикистону Туркманистон мунтазам сурат мегирифтанд, ки зимни онҳо зарурати ташкили шароити мусоид барои ҳамкориҳои судманд байни ду кишвар дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисоду савдо ва илму техника таъкид мегардид.

Зимни вохӯриҳои сатҳи олӣ дар марҳилаҳои минбаъда (солҳои 2006-2007) президентҳои ҳарду давлат оид ба самтҳои гуногуни муносибатҳои дуҷониба табодули афкор намуда, таваҷҷӯҳи худро ҷиҳати таҳким ва тавсеа бахшидан ба ҳамкориҳо дар соҳаҳои табодул ва интиқоли мол, нерӯи барқ, маҳсулоти нафтӣ ва алюминий таъкид карданд.

Official visits of the President of Turkmenistan Gurbanguly Berdimuhammedov to the Republic of Tajikistan and the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon to Turkmenistan in 2007 can be named as a start of a new chapter in the history of bilateral relations. A number of bilateral documents on cooperation in different areas have been signed during those visits. Following that positive trend, the state visit of the President of Turkmenistan to Tajikistan which was paid on March 19, 2010, gave a serious impetus to the process of our relations. In the course of negotiations, the parties have intensively discussed directions of further cooperation in the spheres of energy, transport, oil, gas, education and culture.

With the aim of introducing full potential of economy and development of mutually beneficial commercial ties, Joint Intergovernmental Commission of Tajikistan and Turkmenistan on trade, economic and scientific-technical cooperation performs its duties. The meetings of this Commission have been held in Ashgabat and Dushanbe in 2008 and 2009 correspondingly which allowed to elaborate concrete proposals for the prospect of bilateral collaboration.

Currently, legal-treaty basis of bilateral relationship of Tajikistan and Turkmenistan consisted of 51 documents. The major document which sets priority directions of relations between the Republic of Tajikistan and Turkmenistan is a "Treaty on Friendship and Cooperation between the Republic of Tajikistan and Turkmenistan". It identifies main streamline of bilateral relationship and affirms such important principles in relations, like mutual respect of independency, equality of rights, non-intervention to each others' internal affairs, joint aspirations and efforts for the establishment of mutually beneficial economic ties both at the state and at the economic entities' level.

Bilateral cooperation with **the Republic of Azerbaijan** was originated since the establishment of diplomatic relations on May 29, 1992 further strengthening of which were continued in the spirit of mutual respect and strong confidence.

However, it should be mentioned, that there were only two intergovernmental documents signed until 2007 – "Agreement on trade and economic cooperation" and "Agreement between the Ministry of Security of the Republic of Tajikistan and the Ministry of National Security of the Republic of Azerbaijan on cooperation and joint operations", and a scope of relations was primarily limited to diplomatic correspondence.

Therefore, the year 2007 became a start point in the development of cooperation and their shift into a qualitatively new level in the history of independent bilateral relations of Tajikistan and Azerbaijan. In 2007, first, official visit of the President of the Republic of Azerbaijan Ilham Aliev to Tajikistan took



Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Туркманистон Гурбангулӣ Бердимуҳаммедов. Ашқобод, 9 октябри соли 2009.

The President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon and the President of Turkmenistan Gurbanguli Berdimuhamedov. Ashgabad, October 9, 2009.

Сафарҳои расмии Президенти Туркманистон Гурбонгулӣ Бердимуҳаммадов ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Туркманистон дар соли 2007-ро метавон ҳамчун оғози марҳилаи нав дар таърихи муносибатҳои тарафайн арзёбӣ кард. Зимни ин сафарҳо чанд санади фарогири ҳамкориҳо дар соҳаҳои мухталифи муносибатҳои дуҷониба ба имзо расонида шуданд. Ба пайрави ҳамин тамоюли мусбӣ, сафари давлатии Президенти Туркманистон ба Тоҷикистон, ки 19 марти соли 2010 амалӣ гашт, ба раванди муносибатҳо такони ҷиддӣ бахшид. Дар натиҷаи гуфтушунидҳо дар сатҳи олӣ, самтҳои ҳамкориҳои минбаъда дар соҳаҳои энергетика, нақлиёт, нафту газ, маориф ва фарҳанг ба таври муфассал мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Ба мақсади истифодаи пурраи зарфияти иқтисодӣ ва рушди муносибатҳои мутақобилан судманди тиҷорӣ, байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Туркманистон Комиссияи байниҳукуматии Тоҷикистону Туркманистон оид ба ҳамкориҳои тиҷорию иқтисодӣ ва илмию техникӣ фаъолият дорад. Ҷаласаҳои комиссияи мазкур дар солҳои 2008 ва 2009 мувофиқан дар шаҳрҳои Ашқобод ва Душанбе баргузор шудаанд, ки дар онҳо пешниҳодҳои мушаххас ҷиҳати дурнамои ҳамкориҳои тарафайн таҳия гардидаанд.

Феълан заминаи ҳуқуқию шартномавии муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистон ва Туркманистон аз 51 санад иборат мебошад. Санади асосие, ки самтҳои авлавиятноки муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Туркманистонро танзим менамояд, «Аҳдномаи дӯстӣ ва ҳамкорӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Туркманистон» мебошад. Дар он тартиби асосии муносибатҳои дуҷониба муайян гардида, чунин усулҳои муҳим дар муносибатҳо, ба мисли эҳтироми тарафайни истиқлолият, баробарҳуқуқӣ, дахолат накардан ба корҳои дохилии ҳамдигар, саъю кӯшиши дуҷониба барои барқарорсозии робитаҳои иқтисодии мутақобилан судманд ҳам дар сатҳи давлатӣ ва ҳам дар сатҳи субъектҳои хоҷагидор таъкид шудаанд.

Ҳамкориҳои дуҷониба бо **Ҷумҳурии Озарбойҷон** бо барқарор намудани муносибатҳои дипломатӣ аз 29 майи соли 1992 оғоз гардида, густариши минбаъдаи он дар рӯҳияи эҳтиром ва эътимоди мутақобила идома ёфтааст.

Аммо зикр кардан бамаврид аст, ки то соли 2007 байни кишварҳо ҳамагӣ 2 санади байниҳукуматӣ - «Созишнома оид ба ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратӣ» ва «Созишнома байни Вазорати амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати амнияти миллии Ҷумҳурии Озарбойҷон оиди ҳамкорӣ ва амалиёти мутақобила» ба имзо расида, доираи муносибатҳо асосан дар сатҳи мукотибаи дипломатӣ қарор дошт.

Бинобар ин, соли 2007 оғози марҳилаи рушди ҳамкориҳо ва баромадан ба сатҳи сифатан нав дар таърихи соҳибистиқлолии муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Озарбойҷон гардид. Дар соли зикршуда аввалан сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон Илҳом Алиев ба Тоҷикистон (15 март) ва сипас сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Озарбойҷон (13-14 август) ба вуқӯъ пайвастанд, ки фаъол гардидани раванди муносибатҳо пеш аз ҳама ба ин боздидҳо вобаста буд. Дар натиҷаи сафарҳои мазкур байни ҳарду кишвари дӯст санадҳои муҳим, аз ҷумла, Аҳдномаи дӯстӣ ва ҳамкорӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Озарбойҷон, Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Озарбойҷон оид ба савдои озод ва дигар созишномаҳо ҷиҳати густариш ва таҳкими муносибатҳои тарафайн ба имзо расиданд.

Ба мақсади роҳандозии ҳамкориҳои воқеӣ ва таҳкими минбаъдаи муносибатҳои дӯстонаи тарафайн, рушди доимии робитаҳои сиёсӣ ва татбиқи амалии санадҳои имзошуда, Сафорати Ҷумҳурии Озарбойҷон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз моҳи сентябри соли 2007 ва Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Озарбойҷон аз моҳи марти соли 2008 фаъолияти худро оғоз намуданд.

Айни замон асоси шартномавию ҳуқуқии муносибатҳои дуҷониба беш аз 20 санадро дарбар гирифта, он ҳуҷҷатҳо бахри рушду тавсеаи ҳамкориҳои сиёсӣ, тиҷоратию иқтисодӣ, фарҳангию гуманитарӣ ва ҳарбӣ имзо шудаанд.

Сатҳи имрӯзаи раванди муносибатҳои дуҷониба ифодагари он аст, ки ҳамкориҳои тиҷорию иқтисодӣ яке аз самтҳои авлавиятноки он маҳсуб меёбад. Аз Озарбойҷон ба Тоҷикистон равғани растанӣ, шакар ва баъзе маводи ғизоӣ, инчунин маҳсулоти нафтӣ, кокс, оксиди алюминӣ, фулузоти сиёҳ ва ғайра ворид мегардад. Аз Тоҷикистон низ ба Озарбойҷон навъҳои гуногуни алюминий, маводи кимиёӣ ва муҳаррикҳои воситаҳои нақлиёт содир мешаванд.



Мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Озарбойҷон Илҳом Алиев. Душанбе, 15 марти соли 2007.

Meeting of the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon with the President of Azerbaijan Ilham Aliev. Dushanbe, March 15, 2007.

place (March 15) and later the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon paid official visit to Azerbaijan (13-14 August), which made a significant contribution to the intensification of relations. In the results of these visits, the two friendly countries have signed a number of important documents, including Treaty on Friendship and Cooperation between the Republic of Tajikistan and the Republic of Azerbaijan, Agreement between the Government of the Republic of Tajikistan and the Government of the Republic of Azerbaijan on free trade and other agreements focused on reinforcement and strengthening of bilateral relationship.

With the view to maintaining real cooperation and further strengthening of mutual friendly relations, continuous development of political ties and an implementation of agreements signed, the Embassy of the Republic of Azerbaijan operates in the Republic of Tajikistan since September 2007 and the Embassy of the Republic of Tajikistan in the Republic of Azerbaijan started functioning from March 2008.

At present, legal – treaty basis of bilateral relations includes more than 20 agreements which are signed for the expansion of political, trade, economic, cultural, humanitarian and military cooperation.

The present level of bilateral relations is a clear evidence that trade and commercial cooperation is one of the priority directions of these relations. Azerbaijan exports to Tajikistan vegetable oil, sugar, foodstuff, coke, aluminum oxide, ferrous metal and etc. Tajikistan also exports to Azerbaijan different varieties of aluminum, chemical items and engines of transport facilities.

It has to be noted, that along with the extension of political and economic ties of the two countries, the parties mainly focus on the strengthening of cultural relations. In this regard, Cultural Days of Tajikistan in Baku and Ganja and the Cultural Days of Azerbaijan in Dushanbe were successfully held over 2007 and 2008 which are assessed as important events and a solid ground promoting further intensification of cooperation in diverse areas.

Tajikistan and Azerbaijan also enjoy good relations within the framework of international and regional organizations.

Along with this, the two countries possess tremendous untapped opportunities, particularly in the fields of manufacture, industry, trade, tourism and culture an application of which could allow to expand a scope of mutually beneficial cooperation.

Қобили зикр аст, ки дар баробари густариши муносибатҳои сиёсию иқтисодии тарафайн, таваҷҷӯҳи махсуси ҷонибҳо ҳамчунин ба таҳкими равобити фарҳангӣ нигаронида шудааст. Дар ин замина Рӯзҳои фарҳангии Тоҷикистон дар шаҳрҳои Боку ва Ганҷа ва Рӯзҳои фарҳангии Озарбойҷон дар шаҳри Душанбе дар давоми солҳои 2007-2008 муваффақона доир гардиданд, ки ин рӯйдодҳо ҷиҳати густариши минбаъдаи ҳамкориҳо дар соҳаи марбута ҳамчун заминаи муҳим арзёбӣ мегарданд.

Раванди муносибатҳои байниҳамдигарии Тоҷикистону Озарбойҷон ҳамчунин дар доираи созмонҳои байналмилалию минтақавӣ низ дар сатҳи хуб қарор дорад.

Дар баробари ин, ҳарду кишвар дорои имконоту иқтидори фаровони ҳанӯз истифоданашуда, махсусан дар соҳаҳои истеҳсолию саноатӣ, равобити тиҷоратӣ ва сайёҳию фарҳангӣ мебошанд, ки истифода аз онҳо метавонад доираи ҳамкориҳои мутақобилан судмандро бамаротиб васеъ гардонад.

Муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии **Молдова** тамоюли рӯ ба густаришро дошта, асоси ҳамкориҳо бештар дар доираи созмонҳои байналмилалию минтақавӣ, аз ҷумла, СММ, САҲА, ИДМ ва ғайра ифода мегардад.

Ҷиҳати дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани муносибатҳои гуногунҷанбаи мутақобилан судманд, Комиссияи байниҳукуматии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Молдова оид ба ҳамкориҳои тиҷорию иқтисодӣ фаъолият менамояд, ки ҷаласаи якуми он низ баргузор шудааст (ноябри с.2004).

Ҳамзамон ҷонибҳо ба нақша гирифтаанд, ки дар ҷаласаи навбатӣ ҷиҳати таҳкими робитаҳои ҳамкорӣ барои давраҳои минбаъда, масъалаҳои тавсеаи асоси шартномавию ҳуқуқӣ, ҳолат ва дурнамои ҳамкориҳои дуҷониба дар соҳаҳои иқтисод ва савдо, илму фановарӣ, сармоягузорӣ ба лоиҳаҳои муштарак, энергетика ва саноат, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, кишоварзӣ, варзиш, сайёҳӣ ва фарҳангу тандурустиро ба таври муфассал мавриди баррасӣ қарор диҳанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо **Ҷумҳурии Арманистон ва Гурҷистон** муносибатҳои дӯстона ва мутақобилан судмандро ба роҳ мондааст.

Метавон гуфт, ки марҳилаи нави муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистон бо ин ду кишвари Қафқоз, ҳамчун байни давлатҳои соҳибистиқлол, аз рӯзи баимзорасонии протоколҳо оид ба барқарорнамоии муносибатҳои дипломатӣ, бо Ҷумҳурии Арманистон дар моҳи октябри соли 1992 ва бо Гурҷистон дар моҳи августи соли 1994, шурӯъ мегардад.

Новобаста аз он, ки муайян гардидани самтҳои асосии ҳамкорӣ бо ин кишварҳо низ асосан аз доираи созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ бармеояд, робитаҳои сиёсию дипломатии дуҷониба ба таври доимӣ фаъол арзёбӣ мегардад. Дар тӯли ин марҳила муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Арманистон ва Гурҷистон дар асоси мувофиқати манфиати ҷонибҳо оид ба ҳалли масъалаҳои дорои аҳамияти минтақавӣ ба роҳ монда шудаанд.



The President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon and the President of Moldova Vladimir Voronin. Dushanbe, October 6, 2007.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Молдова Владимир Воронин. Душанбе, 6 октябри соли 2007



Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Арманистон Серж Саргсян. Ереван, 20 августи соли 2010.

The President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon and the President of the Republic of Armenia Serj Sargsyan. Yerevan, August 20, 2010.

Relations of the Republic of Tajikistan with **the Republic of Moldova** are increasing and cooperation with this country is mainly executed under the international and regional organizations, including UN, OSCE, CIS and etc.

With the purpose of setting multifaceted mutually beneficial cooperation at a proper level, Joint Tajik-Moldovian Intergovernmental Commission on trade and economic cooperation functions which has held its first meeting on November 2004.

At the same time, with the view to strengthening relationship in the future, the parties have scheduled to intensely discuss at the next meetings of the Commission the issues related to expansion of legal-treaty framework, current status and a prospect of bilateral cooperation in the areas of economy, trade, science, technology, investment to joint projects, energy, industry, cooperation of law enforcement agencies, agriculture, sport, tourism, culture and health.

Republic of Tajikistan established good friendly and mutually beneficial relations with **the Republic of Armenia and Georgia.**

We can state, that a new stage of Tajikistan's bilateral relationship with these two countries in the Caucasus as the independent states is originated from signing Protocols on the establishment of diplomatic relations, including with the Republic of Armenia on October 1992 and with the Georgia on August 1994.

Despite major directions of cooperation with these nations established within the frames of international and regional organizations, bilateral political and diplomatic ties are regularly assessed as impactful. Over this period, relations of the Republic of Tajikistan with the Republic of Armenia and Georgia were established based on respect of parties' interests on addressing regional challenges.

# МУНОСИБАТҲОИ ТОҶИКИСТОН БО КИШВАРҲОИ ОСИЁ ВА АФРИҚО



Сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Исломии Афғонистон. Кобул, 25 октябри соли 2010

The official visit of the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon to the Islamic Republic of Afghanistan. Kabul, October 25, 2010

Ҳамкорӣ бо кишварҳои Осиё ва Африқо дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгоҳи хосаи худро дорад.

Дар минтақаи Осиё, ки сатҳи рушди кишварҳояш гуногун аст, Тоҷикистон сол то сол доираи робитаҳояшро қавӣ гардонида, дар баробари ривоҷ додани табодули мол бо давлатҳои алоҳида, ҷалби сармояро ба иқтисоди худ тавсеа мебахшад. Сатҳи ҳамкориҳо бо ин кишварҳо гуногун аст. Агар Тоҷикистон аз рӯзҳои нахустини истиқлолият бо Афғонистон, Эрон, Хитой, Туркия, Покистон ва Ҳиндустон барин кишварҳо муносибатҳои ҳамёриро ба роҳ монда бошад, пас бо кишварҳои арабӣ робитаҳои фаъол аз соли 2007 шурӯъ шуданд, муносибатҳо бо кишварҳои Осиёи ҷанубӣ-шарқӣ ва ҳавзаи уқёнуси Ором бошад дар оянда рушду тавсеа хоҳанд ёфт. Дар ҳар сурат, ҷумҳурӣ бо даст додани имкони муносиб сатҳи ҳамкорию муносибатҳояшро бо ин кишварҳо тақвият мебахшад. Дар баробари ин, Тоҷикистон чун кишвари осиёӣ, аз ҷумла дар доираи созмонҳои байналмилалӣ кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки дар ҳаллу фасли мушкилоти минтақа низ саҳмгузор бошад.

Дар ин росто муносибатҳо бо кишварҳои ҳамсоя, қабл аз ҳама **Ҷумҳурии Исломии Афғонистон** аз аҳамияти бештар бархурдоранд. Муносибатҳои дӯстӣ ва ҳамкорӣ бо Афғонистон, ки ҷавобгӯи манфиатҳои миллӣ дар таъмини рушди бемайлони иқтисоди кишвар, сулҳу субот ва амнияти минтақа мебошанд, аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии Тоҷикистон ба шумор мераванд.

# TAJIKISTAN'S RELATIONS WITH ASIAN AND AFRICAN NATIONS

Cooperation with the countries of Asia and Africa is one of the major lines of Tajikistan's foreign policy.

Tajikistan gradually enhancing its relations with the countries in Asain continent whose nations are with a different rate of development and along with increasing its bilateral trade, makes extensive efforts to intensify an attraction of foreign investments to its national economy. A level of cooperation with these countries is diverse. If Tajikistan since the early days of its independence had established partnership relations with Afghanistan, Iran, China, Turkey, Pakistan and India, so, its relationship with Arab nations started in 2007. Relations with the countries of South-East Asia and Pacific will be expanded and strengthened in a future. Anyway, Tajikistan will take the advantage of opportunities to reinforce and improve its cooperation and multifaceted relations with these countries. Along with it, Tajikistan will also make efforts withtin the frames of international organizations to contribtute in addressing modern threats and challenges in the region.

Relations of friendship and cooperation between the Republic of Tajikistan and **the Islamic Republic of Afghanistan** which is one of priority directions of the foreign policy of Tajikistan meet national interests of both countries and also serve for sustainable economic growth of the country, as well as peace, security and stability in the region.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва қаҳрамони миллии Афғонистон, генерал Аҳмадшоҳи Масъуд. Кобул, 16 майи соли 1995.

The President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon and the national hero of Afghanistan General Ahmadshah Mas'ud. Kabul, May 16, 1995.



Муносибатҳои дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон 15 июли соли 1992 барқарор гардидаанд.

Дар ҳошияи татбиқи Аҳдномаи дӯстӣ, ҳамкорӣ ва ҳамсоягии нек, мулоқоти президентҳои ду кишвар солҳои 1993, 1996, 2001, 2002, 2004, 2006, 2007, 2008 ва 2009 дар Тоҷикистон ва солҳои 1993, 1995, 2005 ва 2010 дар Афғонистон баргузор гардида, дар ҷараёни он вохӯриҳо доираи васеи масъалаҳои мавриди таваҷҷӯҳи ҷонибҳо мавриди муҳокима қарор гирифтаанд. Дар натиҷаи ин мулоқотҳо беш аз 50 санад имзо шудааст, ки онҳо барои густариши ҳамкориҳои байни ду кишвар заминаи устувор гузоштаанд.

Ба хотири таҳкиму тавсеаи беҳтари ҳамкориҳо ва робитаи доимӣ дар ҳарду кишвар намояндагиҳои дипломатию консулӣ фаъолият доранд. Консулгарии Афғонистон дар Душанбе ҳануз соли 1990 кушода шуда, соли 1995 дар заминаи он Сафорат ба кор шурӯъ кард. Дар шаҳри Хоруғ консулгарии Афғонистон кушода шуд. Сафорати Тоҷикистон дар Кобул моҳи январи сои 2002 ба фаъолият оғоз намуд. Дар шаҳрҳои Мазори Шариф, Қундуз ва Файзобод консулгариҳои Тоҷикистон фаъолият доранд.

Ҷонибҳо ҷиҳати таъмини сулҳу амният ва бехатарӣ дар сарҳади байни Тоҷикистону Афғонистон ва мубориза алайҳи терроризм, ифротгароӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва тундгароии мазҳабӣ ҳамкории судманд ба роҳ мондаанд. Ин мавзӯъ мӯҳтавои тамоми сӯҳбатҳои сатҳи олӣ ва баланди байни ду кишварро ташкил менамояд. Байни сохторҳои қудратии Тоҷикистону Афғонистон тамоси мустақим барқарор карда шудааст.

Бояд қайд намуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста бо ташаббусҳо ҷиҳати баргузор намудани нишасти сарони кишварҳо ва конфронсҳои сатҳи байналмилалӣ ва минтақавӣ, ки дар он масоили вобаста ба таъмини сулҳу субот дар Афғонистон ва рушди иқтисодиву иҷтимоии он кишвар баррасӣ мегарданд, баромад мекунад.

Мавқеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳалли мушкилоти Афғонистон аз он иборат аст, ки ҷиҳати таъмини сулҳу субот дар он кишвар рушди бемайлони иқтисодиро ба роҳ монда, сатҳи иҷтимоии мардумро бардоштан лозим аст. Танҳо бо ёрии силоҳу аслиҳа хомӯш кардани оташи ҷанги ин кишвари азиятзада имконнопазир аст, бояд кӯшиш ба харҷ дод, ки мардуми Афғонистон баояндаи кишвари худ боварӣ ҳосил кунад ва дар пешрафти он саҳмгузор бошад. Барои ин, ҷомеаи ҷаҳонӣ ва кишварҳои минтақаро мебояд, то рушди соҳаи инфрасохторӣ, аз қабили сохтмони роҳҳои оҳану мошингард, кӯпрук ва нақбҳо, кашидани хатҳои интиқоли баркро ба роҳ монда, робитаҳои байни кишварҳои минтақа ва Афғонистонро қавӣ гардонад ва роҳ ба сӯи баҳрҳои ҷанубро наздик кунад.

Моҳи ноябри соли 2002 маросими ифтитоҳи яке аз пулҳои миёни Тоҷикистон ва Афғонистон болои дарёи Панҷ дар минтақаи Хоруғ бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Шоҳзода Оғохони IV ва ҳайати Афғонистон бо роҳбарии Муовини раиси Ҳукумати Интиқолии Афғонистон баргузор гардид. Моҳи августи соли 2007 дар ҳошияи боздиди Президенти Ҷумҳурии Исломии Афғонистон Ҳамид Карзай аз Ҷумҳурии Тоҷикистон, маросими ифтитоҳи пули «Дӯстӣ» дар болои дарёи Панҷ байни минтақаи Панҷи Поёни Тоҷикистон ва Шерхон Бандари Афғонистон сурат гирифт. Қобили қайд аст, ки то ба имрӯз дар сарҳади байни ду кишвар 4 пул мавриди истифода қарор гирифта, сохтмони ду пули дигар давом дорад, ки он ба густариши ҳамкориҳои тиҷоративу транзитии Тоҷикистон ва Афғонистон саҳми босазо мегузорад.

Масъалаи таъсис додани нуктаҳои тиҷоратии наздисарҳадӣ дар ноҳияҳои наздисарҳадии Тоҷикистон бо Афғонистон барои васеъ намудани робитаҳои иқтисодию тиҷоратӣ дар асоси манфиати мутақобила, рушд ва таҳкими минбаъдаи муносибатҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва дӯстонаи байни ду кишвари ҳамсоя нигаронида шуда, ҳам ба манфиати иқтисодиёти кишварҳои ҳаммарз ва ҳам мардуми ин кишварҳо мебошад. Дар моҳи марти соли 2005 бо иштироки ҳайати Афғонистон маросими ифтитоҳи нуктаҳои савдои наздисарҳадӣ дар ҳудуди гузаргоҳҳои сарҳадии «Ишкошим», «Тем» (Хоруғ) ва «Рузвай» (Қалъаи Хумб) баргузор гардид. Айни замон корҳои омодагӣ барои кушодани якчанд нуқтаи нави савдо дар тӯли сарҳади Тоҷикистону Афғонистон давом дорад.

Тоҷикистон барои рушди захираҳои инсонии кишвари ҳамсоя кӯшиш ба харҷ медиҳад. Ба ин мақсад барои донишҷӯёни афғонӣ бурсия ҷудо намуда, ба хотири бозомӯзии мутахас-



Вазири корҳои хориҷии ҶШС Тоҷикистон Лақим Қаюмов ва Консули Афғонистон дар Тоҷикистон Акрам Усмон дар рӯзи супурдани экзекватура. Душанбе, 11 майи соли 1990.

The Minister of Foreign Affairs of the Tajik SSR Lakim Kayumov and the Consul of Afghanistan to Tajikistan Akram Usmon in the day of delivery of exequatur. Dushanbe, May11, 1990.

Diplomatic relations between Tajikistan and Afghanistan were established on 15 July, 1992.

Aiming at an implementation of the Agreement on friendship, cooperation and good neighborhood, presidents of both countries meet in 1993, 1996, 2001, 2002, 2004, 2006, 2007, 2008 and 2009 in Tajikistan, and 1993, 1995, 2005 and 2010 in Afghanistan. During the meetings, two presidents discussed a wide range of issues of mutual concern. As a result of talks, more than 50 documents were signed. It created solid basis for developing cooperation between the two brotherly nations.

With the view to strengthening and expanding cooperation as well as establishing direct and permanent contact, the both sides have opened diplomatic and consular missions. Consular office of Afghanistan in Dushanbe was established in 1990, but in 1995 its status was changed to Embassy. A Consular office of Afghanistan was also established in Khorog. The Embassy of Tajikistan in Kabul was opened in 2002. Consular offices of Tajikistan are also functioning in major Afghan cities, including Mazari Sharif, Kunduz and Fayzabad.

For the purpose of ensuring peace and security on the border between Tajikistan and Afghanistan as well as combating terrorism, extremism including religious extremism and drug trafficking, the both sides established effective cooperation. It is also the main issue of bilateral talks on summits and high level meetings. The direct contact between law-enforcement authorities of Tajikistan and Afghanistan is also established.

It is worth mentioning that Tajikistan always initiates summit meetings as well as international and regional conferences which deal with maintaining peace and security in Afghanistan, and socio-economic development of the country.

сисони соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи Афғонистон барномаҳои омӯзишӣ омода месозад. Бар асоси Созишномаи ҳамкории миёни вазоратҳои дифои Тоҷикистон ва Афғонистон дар донишкадаи ҳарбӣ дар шаҳри Душанбе аз моҳи марти соли 2003 гурӯҳи низомиёни Вазорати дифои миллии Афғонистон таҳсил менамояд.

Моҳи феврали соли 2006 дар шаҳри Душанбе ҷаласаи якуми Комиссияи байниҳукуматии Тоҷикистону Афғонистон оид ба ҳамкориҳои тиҷоратӣ, иқтисодӣ ва техникӣ барпо шуд ва Протоколи ҳамкорӣ ба имзо расид. Бояд тазаккур дод, ки ин Комиссия имконияти баррасии ҳаматарафаи ҳамкориҳои байни ду кишварро дар соҳаҳои мухталиф фароҳам меоварад. Ҷаласаҳои навбатии комиссия моҳи майи соли 2008 дар Кобул ва моҳи марти соли 2010 дар Душанбе баргузор гардиданд.

Гардиши савдо миёни ҳарду кишвар дар соли 2010 маблағи 91,9 млн. доллари ШМА-ро ташкил кард (содирот 52,1 млн. доллар ва воридот 39,8 млн. доллари ИМА), ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2009 ба 29% боло рафтааст.

Масъалаи густариши равобити фарҳангии байни ду кишвари ҳамзабон дар мадди назари ҳукуматҳои Афғонистону Тоҷикистон мебошад. Моҳи марти соли 2008 дар шаҳри Душанбе вохӯрии сеҷонибаи вазирони корҳои хориҷии Тоҷикистон, Афғонистон ва Эрон баргузор гардид, ки дар чаҳорчӯби он вазирон дар чорабиниҳои ҷашни Наврӯз дар ноҳияи Ҳисор ширкат варзиданд. 20-21 марти соли 2009 дар шаҳри Мазори Шариф мулоқоти навбатии вазирони корҳои хориҷии Тоҷикистон, Афғонистон ва Эрон доир гардид, ки дар интиҳои он вазирони се кишвар дар чорабиниҳои ҷашнии вилояти Балх бахшида ба иди Наврӯз иштирок карданд. Ин иқдомҳои кишварҳои ориёнажод, ки омадани баҳорро бо шаҳомати хос таҷлил мегиранд, заминаи мусоид фароҳам овард, то Наврӯзи оламафрӯз имрӯз ба ҳайси иди байналмилалӣ эътироф гардад.

Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳамрохон Зарифӣ ва Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон Зулмай Расул. Душанбе, 27 июли соли 2011.

The Minister of Foreign Affairs of the Republic of Tajikistan Hamrokhon Zarifi and the Minister of the Islamic Republic of Afghanistan Zalmay Rasul. Dushanbe, July 27, 2011.



Position of Tajikistan on the resolution of Afghan problems is composed as follows: to ensure peace and stability in Afghanistan is impossible only by weapons and military actions, but it is necessary to foster sustainable economic growth, so the peoples of the country confide in the future of Afghanistan and contribute to its development. That is why the International Community and countries of the region should contribute to the construction of highways and railways, bridges and tunnels, as well as power transmission lines, so it would bolster ties between Afghanistan and its neighbours, and facilitate reaching southern seas.

In November, 2002, the opening ceremony of one of the bridges over Panj River in Khorog was held with the participation of the President of Tajikistan, Prince Agha Khan IV and the delegation of Afghanistan headed by Deputy Chair of the Interim Government of Afghanistan. In August, 2007, within the framework of the official visit of the President of the Islamic Republic of Afghanistan H.E. Mr. Hamid Karzai to the Republic of Tajikistan, the "Friendship" Bridge over Panj River between Panji Poyon of Tajikistan and Sherkhan Bandar of Afghanistan was officially opened. It is necessary to mention that on the border of the two countries 4 bridges was built so far and they promote strengthening trade and transit cooperation between Tajikistan and Afghanistan.

As for the matter of establishing cross-border trade points on the border areas between Tajikistan and Afghanistan which serve for expanding trade and economic relations on mutually beneficial basis as well as for promoting future economic development between the two friendly countries and its peoples, in March, 2005 the official opening ceremony of 3 cross-border trade points nearby "Ishkashim", "Tem" (Khorog) and "Ruzvay" (Kalai Khumb) cross-border checkpoints was held with the participation of the official delegation of Afghanistan. Currently preparation works for establishing a number of new cross-border trade points on the length of the Tajik-Afghan border take place on the ground.

Tajikistan also pays great attention to human resources development of the neighboring country. For these purposes, Tajikistan allotted scholarships for afghan students and arranged training programs for specialists of different fields of the national economy of Afghanistan. On the basis of the Cooperation Agreement between defense ministries of Tajikistan and Afghanistan, soldiers and officers of the National Defense Ministry of Afghanistan study at the Military Institute of Dushanbe since 2003.

In February, 2006 the First Session of the Intergovernmental Commission of Tajikistan and Afghanistan on trade, economic, cultural and technical cooperation was held in Dushanbe which was resulted in signing Cooperation Protocol. It is worth mentioning, that Commission provides opportunity for consideration of a wide range of cooperation between the two countries in different fields. The two more sessions were held in 2008 and 2010 in Kabul and Dushanbe respectively.

Trade turnover between the two countries in 2010 averaged at US$ 91.9 million (export US$52.1 million and import US$ 39.8 million), that is increased by 29% in comparison to the year 2009.

The governments of Tajikistan and Afghanistan also focus on development of cultural cooperation between the two countries who share linguistic affinities. In March, 2008 the Trilateral Meeting of Foreign Ministers of Tajikistan, Afghanistan and Iran was held in Dushanbe. On the sidelines of the meeting, the Ministers attended Nawruz Festival in Hisar district of Tajikistan. In March 20-21, 2009 the Second Trilateral Meeting of Foreign Ministers of Tajikistan, Afghanistan and Iran was held in Mazari Sharif, Afghanistan. At the end of the Meeting, Ministers participated in the celebration of Balkh region and Nawruz. These conducts of Aryan nations countries which mark the arrival of spring, has initiated Nawruz to obtain international recognition and commemoration.

**The Islamic Republic of Iran** among the first contries in the world officially recognized independence of the Republic of Tajikistan in 1991 and on January 1991 as the first country opened its Embassy in Dushanbe. The Embassy of the Republic of Tajikistan was opened in Tehran on July 1995.

Reciprocal official visits of leaders of the Republic of Tajikistan and the Islamic Republic of Iran that started in 1992 and are continued so far have given a powerful incentive to strengthening relations in the different spheres. Within this period, more than 100 important documents of cooperation were signed and these documents formed perspective relations of two friendly countries with common language.



Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон Маҳмуд Аҳмадинажод. Душанбе, 9 июни соли 2010.

The President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon and the President of the Islamic Republic of Iran Mahmud Ahmadinazhad. Dushanbe. June 9, 2010.

**Ҷумҳурии Исломии Эрон** дар қатори аввалинҳо истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистонро соли 1991 ба расмият шинохт ва моҳи январи соли 1992 аввалин шуда Сафорати худро дар Душанбе ифтитоҳ намуда буд. Моҳи июли соли 1995 Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Теҳрон боз гардид.

Сафарҳои расмии чандинкаратии сарони ду давлат аз соли 1992 то имрӯз ба кишварҳои ҳамдигар дар таҳкими муносибатҳои гуногунсоҳаи тарафайн такони ҷиддӣ бахшиданд. Дар ин муддат беш аз 100 санади муҳими ҳамкорӣ ба имзо расидааст, ки онҳо дурнамои муносибатҳои ду кишвари дӯст ва ҳамзабонро муайян месозанд.

Нақши Комиссияи муштараки ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон, ки дар он самтҳои асосии ҳамкориҳои миёни идораву муассиса ва созмону ширкатҳои ду кишвар мушаххас карда шуданд, дар густариши муносибатҳои дуҷонибаи кишварҳо ва ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратии ду давлат калон мебошад.

То имрӯз миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон ҳашт ҷаласаи Комиссияи муштараки ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ доир гардидаанд. Ин аст, ки айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар аз 150 ширкати эронӣ, аз ҷумла корхонаи тракторсозии ҶМСП "ТоҷИрон" фаъолият менамоянд.

Иҷрои тарҳи нерӯгоҳи обию барқии «Сангтӯда-2»-ро яке аз самтҳои муҳими ҳамкориҳои ду кишвар дар соҳаи энергетика ва парчамбардори робитаҳои иқтисодии ду кишвар арзёбӣ намудан ҷоиз аст. Дар назар аст, ки гидроагрегати якуми нерӯгоҳ то ҷашни 20-солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба истифода супорида шавад. Дар баробари ин тарҳрезии лоиҳаҳои нерӯгоҳҳои обию барқии хурду миёнаи дигар, амсоли омӯзишҳои муқаддамотии маконёбии НОБ-ҳои миёна дар дарёи Варзоб, дар мадди назари ҷонибҳо қарор дорад.

The role of the Joint Commission for Economic and Trade Cooperation of the Republic of Tajikistan and Islamic Republic of Iran that determines major direction of cooperation between institution, structures and companies of the two countries is very important for developing of bilateral relations and economic and trade cooperation between both countries.

Eight meetings of the joint commission for economic and trade cooperation between the Republic of Tajikistan and the Islamic Republic of Iran were held by this day. Thanks to this there are more than 150 Iranian companies registered in Tajikistan, including tractor manufactory "TojIron", and all they work successfully.

Construction of the hydropower station "Sangtuda-2" is one of the main direction of cooperation between the two countries in energy sector and this cooperation could be called as leader or standard-bearer of economic ties of two countries. It is expected, that the first aggregate of this hydropower station will be put in operation on the eve of the 20th anniversary of independence of Tajikistan. Moreover, both sides consider possibility of construction of small and middle hydropower station's projects, for instance preliminary study of middle hydropower stations on the Varzob river is under consideration of two countries. Cooperation of both sides in transport and communication is vital and tunnel Istiqlol and second phase of highway Shohon- Zigar is under construction in this regard. Dushanbe-Tehron-Dushanbe and Dushanbe-Mashhad-Dushanbe flights are being conducted four times a week and they are made by "Tajik Air" and Iranian "Osmon Air".

Education is another sphere for cooperation between the two countries, both sides reciprocally provide scholarships and citizens have opportunity to study at the universities and institutions of both countries. Tajik and Iranian sides consider opening branches of "Payomi Nur" University and Liberty University of the Islamic Republic of Iran in the Republic of Tajikistan, as well as establishing Joint Science and Cultural Center of Tajikistan and Iran at the Academic of science of Tajikistan.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Роҳбари муаззами Ҷумҳурии Исломии Эрон Оятуллоҳ Сайид Алӣ Ҳусейни Хоманеӣ. Теҳрон, Эрон, 18 январи соли 2006.

The President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon and the Supreme Leader of the Islamic Republic of Iran Ayatullah Sayyid Ali Khosaini Khomanai. Tehran, Iran. January 18, 2006.





Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Исломии Эрон Алӣ Акбар Вилоятӣ. Касабланка, Марокаш, декабри соли 1994.

The President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon and the Minister of Foreign Affairs of the Islamic Republic of Iran Ali Akbar Vilayati. Casablanca, Morocco, December, 1994.

Дар соҳаи нақлиёт ҳамкориҳои ду кишвар инчунин дар бунёди нақби мошингарди «Истиқлол» ва сохтмони марҳилаи дуввуми роҳи автомобилгарди Шоҳон-Зиғар ба чашм мерасад. Парвозҳо дар хатсайри Душанбе-Теҳрон-Душанбе ва Душанбе-Машҳад-Душанбе, 4 маротиба дар як ҳафта аз ҷониби ширкати «Тоҷик Эйр» (Тоҷикистон) ва «Осмон Эйр» (ҶИЭ) амалӣ карда мешаванд.

Дар соҳаи маориф ҷонибҳо ҷиҳати таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти олии ҳамдигар бурсияҳо ҷудо намудаанд. Айни замон масъалаи таъсиси филиалҳои Донишгоҳи «Паёми Нур» ва Донишгоҳи озоди Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъсиси Маркази муштараки илмиву фарҳангии Тоҷикистону Эрон дар назди академияи илмҳои Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дорад.

Ҳамкориҳои ду кишвар дар соҳаи тандурустӣ низ назаррас аст. Мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон санадҳои дуҷониба ба имзо расонида, афзоиши табодули толибилмони ҷонибҳо пайваста ба чашм мерасад.

Соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ яке аз самтҳои муҳими ҳамкорӣ байни ду кишвар ба ҳисоб меравад. Бо мақсади густариш ва таҳкими муносиботи бародарона ва ҳамкории мутақобил ҷиҳати расонидани хадамоти бештар ба хонаводаҳои ниёзманди Ҷумҳурии Тоҷикистон марказҳои омӯзишӣ, хайётӣ дар шаҳри Душанбе, Қурғонтеппа, Кулоб, Нуробод, Рашт, Хуҷанд, Ваҳдат, Бадахшон, Нуробод, ки ба занҳои эҳтиёҷманд ё фарзандонашон ройгон касби хайётӣ меомӯзанд, фаъолият доранд. Дар баъзе марказҳо омӯзиши компютерӣ низ ба роҳ монда шудааст.

Ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Исломии Эрон дар формати васеътар - сегона низ босамарона рӯ ба густариш аст. Аввалин мулоқоти муштараки сарони се кишвари форсизабон – Тоҷикистон, Эрон ва Афғонистон 10 майи соли 1997 дар шаҳри Душанбе баргузор гардида, баъдан ин гуна ҳамоишҳо анъанавӣ шудаанд. Маҳз Тоҷикистонро метавон ташаббускори асосии ҳамкории сеҷонибаи кишварҳои форсизабон арзёбӣ намуд. Зимни мулоқотҳои

Cooperation of the two countries in the healthcare sphere is very important. Universities of Tajikistan and Iran have signed bilateral agreements and nowadays exchange of students between two countries is being increased constantly.

Social sphere is one of the key directions for cooperation between the two countries. With the view to developing and strengthening brotherly relations and beneficial cooperation as well as providing more services to poor families, tailor educational centers were opened in Dushanbe, Qurgonteppa, Kulob, Nurobod, Rasht, Khujand, Vahdat, Badakhshon, Nurobod. Women and their children have opportunity study for free at these centers and qualify as tailor. Computer study is active at some of these centers.

Cooperation between the Republic of Tajikistan and the Islamic Republic of Iran at the wider scheme – trilateral is also being fruitfully developed. The first meeting of the leaders of the three Persian-speaking countries – Tajikistan, Iran and Afghanistan was held in Dushanbe on May 1997, later these kinds of meetings became traditional. Tajikistan can be called main initiator within trilateral cooperation of Persian-speaking countries. During trilateral meetings, the sides considered issue of regional cooperation on communication, transportation and energy sectors that is construction of highways and railways, construction of hydropower stations and power transmission lines to Afghanistan, Iran and Pakistan.

**The Islamic Republic of Pakistan** has become one of the first countries, which recognized the independence of the Republic of Tajikistan. Diplomatic relations between Tajikistan and Pakistan were established in June 6, 1992.

Establishing peace in the region is one of the strategic priorities of relationship of the Republic of Tajikistan and the Islamic Republic of Pakistan. The restoration of peace in Afghanistan and the fight against terrorism and international extremism are the main directions of cooperation of Tajikistan and Pakistan. In this regard, favorable mutual progress has been achieved in the results of regular meetings and negotiations at different levels, held through active diplomatic initiatives and efficient steps.

Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Талбак Назаров ва Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Исломии Эрон Камол Харрозӣ. Душанбе, сентябри соли 1999.

The Minister of Foreign Affairs of the Republic of Tajikistan Talbak Nazarov and the Minister of Foreign Affairs of the Islamic Republic of Iran Kamol Kharrazi. Dushanbe, September, 1999.



сегона масоили ба роҳ мондани ҳамкориҳои мутақобилан судманди минтақавӣ дар соҳаҳои алоқаю коммуникатсия, нақлиёти автомобилию роҳи оҳан, бунёди НОБ, интиқоли неруи барқ ба Афғонистон, Эрон ва Покистон баррасӣ гардиданд.

**Ҷумҳурии Исломии Покистон** яке аз аввалинҳо шуда истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро пазируфтааст. 6 июни соли 1992 байни Тоҷикистон ва Покистон муносибатҳои дипломатӣ барқарор гаштаанд.

Таъмини сулҳу субот дар минтақа яке аз ҳадафҳои стратегӣ ва аввалиндараҷаи муносибатҳои миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Покистон ба шумор рафта, истиқрори сулҳ дар Афғонистон ва мубориза алайҳи терроризм ва экстремизми байналмилалӣ самтҳои асосии ҳамкориҳои Тоҷикистону Покистон маҳсуб мегарданд. Дар ин ҷода дар натиҷаи муколама ва вохӯриҳои доимӣ дар сатҳҳои гуногун, тавассути ташаббусҳои фаъоли дипломатӣ ва қадамҳои устувор, муваффақиятҳои судбахши дуҷониба ба даст омадаанд.

Дар таърихи бистсолаи муносибатхои байни ду кишвар панҷ сафари расмӣ ва кории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Исломии Покистон (моҳи марти соли 1994, октябри соли 1996, июни соли 2002, июли соли 2009 ва марти соли 2011) ва ду ташрифи Президенти Ҷумҳурии Исломии Покистон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон (моҳи июли солҳои 2002 ва 2009) ба вуқӯъ пайвастаанд. Зимни ин сафарҳо ва мулоқотҳои сарони ду кишвар музокироти пурмуҳтаво анҷом ёфта, имзои зиёда аз 30 санаде, ки пояи қарордодӣ ва ҳуқуқии муносибатҳои байни Тоҷикистон ва Покистонро ташкил медиҳанд, сурат гирифтааст.

Ҷониби Покистон ба густариши ҳамкориҳо дар соҳаи энергетика ва интиқоли неруи барқи арзон аз Тоҷикистон аҳамияти калон дода, иброз медорад, ки Покистон дар навбати худ омода аст дастрасии Тоҷикистонро ба шабакаҳои нақлиётию транзитии худ, аз ҷумла бандарҳои баҳрӣ, осон гардонад.

Бояд қайд кард, ки татбиқи тарҳҳои бузурги энергетикӣ, бахусус кашидани хати баландшиддати барқ, ки неруи барқи арзони кишварҳои Осиёи Марказиро ба кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ интиқол дода, бо номи CASA-1000 машҳур аст, барои пешрафти ин кишварҳо саҳми арзанда мегузорад.



Роҳбари давлат, Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, Президенти Ҷумҳурии Исломии Покистон Сардор Фарух Аҳмадхон Легарӣ ва Сарвазири ҶИП Беназир Бҳутто. Исломобод, марти соли 1994.

Head of state/ Chairman of the Supreme Council of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon, the President of the Islamic Republic of Pakistan Sardar Farok Ahmad Khan Logari and the Prime-Minister of the Islamic Republic of Pakistan Benazir Bhutto. Islamabad, March 1994.



Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Исломии Покистон Осиф Алӣ Зардорӣ. Исломобод, 7 марти соли 2011.

The President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon and the President of the Islamic Republic of Pakistan Asif Ali Zardari. Islamabad, March 7, 2011.

In the history of relations between the two states over two decades five working and official visits of the President of the Republic of Tajikistan to the Islamic Republic of Pakistan have held (in March 1994 and October 1996, June 2002, July 2009 and March 2011), and two visits by the President of the Islamic Republic of Pakistan to the Republic of Tajikistan (in July 2002 and July 2009). During these visits, substantive talks and meetings were held between the heads of the two states and over 30 documents have been signed.

Pakistan attaches great importance to enhancing cooperation in the energy and the transfer of cheap electricity from Tajikistan. It also expresses a willingness of Pakistan to facilitate the access of Tajikistan to their transport and transit networks.

It should be noted, that the introduction of the great power projects will greatly contribute to the development of these countries, especially those carrying high voltage power transmission lines, which provides cheap electricity from Central Asia and South Asia, known as CASA-1000.

It is worth mentioning, that parties regularly hold meetings within the framework of international and regional organizations, including the UN, SCO, OIC, ECO and particularly the meeting of «Quadrilateral-Dushanbe» (Afghanistan, Pakistan, Russia, Tajikistan).

A major attention was paid to the need for close cooperation between law enforcement bodies of the parties to address the threats of terrorism, extremism and drug trafficking in the context of socio-political situation in Afghanistan. Participants of the meeting reiterated the importance of joint and concerted actions in the fight against terrorism and combating drug trafficking, as well as the issues related to socio-political situation in Afghanistan and implementation of regional economic projects in energy, transport and infrastructure development, including the project « CASA -1000.»

In October 2002, a joint intergovernmental Tajikistan-Pakistan commission on trade-economic, scientific-technical and cultural cooperation was established. Three sessions were held in 2006, 2008

Вохӯриҳои мунтазами ҷонибҳо инчунин дар чаҳорчӯбаи созмонҳои байналмилалию минтақавӣ, аз ҷумла Созмони Милали Муттаҳид, Созмони ҳамкории Шанхай, Созмони Конфронси Исломӣ, Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ (ЭКО) ва хусусан нишасти кишварҳои "Чоргонаи Душанбе" (Афғонистон, Покистон, Россия ва Тоҷикистон) қобили тазаккур аст.

Дар рафти ин вохӯриҳо таваҷҷӯҳи асосӣ ба масъалаҳои тавсеа ва тақвияти ҳамкориҳои бисёрҷониба байни кишварҳои чоргона оид ба таҳкими амнияти минтақавӣ ва таъмини рушди иқтисодии минтақа, ҳамкориҳои сохторҳои ҳифзи ҳуқуқи давлатҳои чоргона дар мубориза бар зидди таҳдидҳои терроризм, экстремизм ва ҷиноятҳои вобаста ба маводи мухаддир, инчунин вазъияти сиёсию иҷтимоӣ дар Афғонистон ва масъалаи татбиқи лоиҳаҳои иқтисодии минтақавӣ дар соҳаҳои энергетика, нақлиёт ва рушди инфрасохторӣ, хусусан лоиҳаи «CASA-1000» равона карда шудааст.

Моҳи октябри соли 2002 Комиссияи муштараки байниҳукуматии Тоҷикистону Покистон оид ба ҳамкориҳои тиҷоратӣ, иқтисодӣ, илмиву техникӣ ва фарҳангӣ таъсис дода шуда, нахустин ҷаласаи он дар Исломобод баргузор гардид. Баъдан, моҳи октябри соли 2006, октябри 2008 ва феврали 2011 се ҷаласаи дигари ин Комиссия сурат гирифта, барои ҳамкориҳои дуҷониба дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла кишоварзӣ, маориф, савдо, энергетика, тандурустӣ ва фарҳанг шароити мусоид фароҳам овардааст.

Моҳи марти соли 2011, дар ҳошияи сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Покистон, Анҷумани доираҳои соҳибкории Тоҷикистону Покистон бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ш. Қарочӣ баргузор гардид. Онро хамчун саҳифаи наве дар рушду такомули муносибати доираҳои тиҷоратӣ номидан месазад, чунки дар сухани муқаддимавии худ Президенти Тоҷикистон моҳияти сиёсати дарҳои кушодаи Тоҷикистонро шарҳ дода, доираҳои соҳибокорону тоҷирони Покистонро барои ҳамкорӣ даъват намуд. Ӯ инчунин омодагии ҷониби Тоҷикистонро баҳри ҳамкориҳои гуногунҷанба дар соҳаи сармоягузорӣ ба лоиҳаҳои аз лиҳози иқтисодӣ мутақобилан судманд иброз намуд. Президент қайд намуд, ки дар қаламрави Тоҷикистон дар асоси санадҳои ҳуқукию меъёрии мавҷуда фазои хуби инвеститсионӣ муҳайё буда, дастгирии ҳамаҷонибаи Ҳукумати Тоҷикистон кафолат дода мешавад.

Дар натиҷа ҷонибҳо тасмим гирифтанд, то Дуюмин анҷумани соҳибкорони Тоҷикистону Покистон охири моҳи майи соли 2011 дар ш. Душанбе баргузор гашта, ҳамкориҳо дар соҳаҳои татбиқи лоиҳаҳои гидроэнергетикӣ, коммуникатсионӣ, кишоварзӣ, коркарди пахтаи навъи аълосифат, чарб, пӯст, барқароркунии корхонаҳои бофандагӣ, таъсиси корхонаҳои муштарак ва рушди ҳамкориҳо дар самтҳои коркарди сангҳои қиматбаҳо, дорусозӣ ва туризм мавриди баррасӣ қарор гирад. Дар ин росто, сохтмони заводи сементбарорӣ, таъсиси корхонаи муштараки тамокубарорӣ дар заминаи корхонаи тамокубарории ш. Душанбе, корхонаҳои хурди коркарди пӯст, чарб, меваи хушк бо коркарди маҳсулоти ниҳоӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон аз самтҳои афзалиятноки ин ҳамкориҳо ба шумор меравtotally.

Қобили қайд аст, ки мушкилию офате, ки сари яке аз кишварҳо меояд, мардуми кишвари дигарро бетафовут намегузорад. Чунончӣ, тобистони соли 2010 аз ҷониби Тоҷикистон ба зарардидагони офатҳои табиӣ дар Покистон ба ҳаҷми 100 тонна кӯмаки башардӯстона расонида шуд.

Таҷриба нишон дод, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Покистон ҳанӯз ҳам дорои потенсиали зиёди истифоданашуда буда, он метавонад дар оянда ба манфиати мардуми ҳарду кишвар истифода бурда шавад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва **Ҷумҳурии Ҳиндустон** ду кишвари ба ҳам дӯст буда, онҳоро муштаракоти фарҳангиву таърихӣ аз замонҳои қадим ба ҳам мепайвандад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Ҳиндустон 28 августи соли 1992 муносибатҳои дипломатӣ барқарор кардааст.

Соли 1993 аввалин Сафири он кишвар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин гардид. Соли 1994 Сафорати Ҷумҳурии Ҳиндустон дар шаҳри Душанбе ифтитоҳ ёфт.

Ҷумҳурии Тоҷикистон сафорати худро дар Деҳлӣ соли 2003 ифтитоҳ намуд.

То ба имрӯз Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Ҳиндустон се маротиба - солҳои 1993, 1995, 2001 сафари расмӣ ва соли 2006 сафари давлатӣ анҷом додааст. Зимни ин сафарҳо якчанд созишномаву санадҳо дар бахшҳои гуногуни ҳамкорӣ, аз ҷумла

and February 2011, during which parties have discussed the state of bilateral cooperation in various fields including agriculture, education, energy, health and culture.

During the official visit of the President of the Republic of Tajikistan to Pakistan in March 2011, a Business Forum with the participation of entrepreneurs of Tajikistan and Pakistan business community was held in Karachi, which helped to develop contacts between business communities of both countries. In his opening speech, the President of Tajikistan stressed about the advantages of open-door policy pursued by Tajikistan and urged the business community of Pakistan to cooperate closely with Tajik counterparts.

He also expressed a readiness of the Tajik side to multilateral cooperation on attracting foreign investment for the implementation of economic projects of mutual interest. The President also stressed on bilateral legal framework facilitating a favorable investment climate and the support of the Government of the Republic of Tajikistan for doing business.

In May 2011, there was the second Business Forum in Dushanbe, where the issues of cooperation in an implementation of projects on building hydroelectric power stations, communications, agricultural projects, high-quality cotton processing, leather, restoring textile mills, joint ventures and cooperation in the field of study of gems, pharmaceuticals and tourism have been discussed. One of the promising areas of cooperation in this direction is the construction of a cement plant, a joint venture for the production of tobacco, a small enterprise for processing leather, as well as oils and dried fruits in the Republic of Tajikistan.

It should be emphasized, that in the summer of 2010 Tajikistan provided 100 tons of humanitarian aid to Pakistan for disaster-hit area people.

Practice has shown that Republic of Tajikistan and the Islamic Republic of Pakistan still possess a huge untapped opportunities and potential which could be used for the benefit of the two nations.

Tajikistan and India are two friendly countries. The two countries share common culture and history.

The Republic of Tajikistan and **the Republic of India** established their diplomatic relations in August 28, 1992.

In 1993, the first Indian Ambassador was appointed to Tajikistan. The Indian Embassy was opened in Tajikistan in 1994.

Tajikistan opened its Embassy in India in 2003. Over the past period, the President Emomali Rahmon of Tajikistan has visited India 4 times, including the official visits in 1993, 1995 and 2001, and state visit in 2006. During visits there have been signed several agreements and treaties in various fields of cooperation, among them, economy and trade, medicine (pharmaceutics), health,



Вазири корхои хоричии Чумхурии Точикистон Талбак Назаров ва Сарвазири Чумхурии Исломии Покистон Навоз Шариф. Исломобод, 28 декабри соли 1998.

The Minister of Foreign Affairs of the Republic of Tajikistan Talbak Nazarov and the Prime-Minister of the Islamic Republic of Pakistan Navaz Sharif, Islamabad, December 28, 1998.

иқтисод ва тиҷорат, тиб (дорусозӣ), тандурустӣ, кишоварзӣ, варзиш ва сайёҳӣ, фарҳанг, маориф ва илму технология ба имзо расидаанд, ки барои таҳкими ҳамкориҳои гуногунҷанбаи минбаъда манфиатбахш мебошанд.

Роҳбарияти Ҷумҳурии Ҳиндустон дар сатҳи Сарвазир ва Президент ба Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сафари расмӣ ташриф овардаанд. Соли 2003 боздиди расмии Сарвазири Ҳиндустон Атал Бихари Ваҷпайи аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуқӯъ пайвастааст. Дар ҷараёни мулоқотҳо дар сатҳи олӣ масъалаҳои густариши муносибатҳои дуҷониба ва ҳамкориҳои мутақобилан судманд, масъалаҳои дорои хусусияти минтақавӣ ва байналмилалӣ, инчунин дигар мавзӯъҳои қобили таваҷҷӯҳи ҷонибҳо муҳокима гардиданд. Дар анҷоми сафар ҳашт ҳуҷҷати ҳамкорӣ ба имзо расид. Бо иштироки меҳмони олиқадр дар шаҳри Душанбе маросими расмии ифтитоҳи боғ ва пайкараи Маҳатма Гандӣ баргузор шуд.

Бино ба даъвати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон моҳи сентябри соли 2009 Президенти Ҷумҳурии Ҳиндустон Пратибха Девисингх Патил аз Ҷумҳурии Тоҷикистон боздиди расмӣ ба амал овард. Президенти Ҳиндустонро зимни сафар ҳайъати баландпоя ва гурӯҳи соҳибкорону намояндагони корхонаҳои истеҳсолии Ҳиндустон ҳамроҳӣ намуданд.

Дар айни замон муносибатҳои Тоҷикистону Ҳиндустонро 34 ҳуҷҷати дуҷонибаи байнидавлатӣ ба танзим медарорад.

Комиссияи муштараки байниҳукуматӣ оид ба ҳамкориҳои иқтисодӣ, тиҷоратӣ, илмию техникӣ ва фарҳангӣ, ки имконияти баррасии ҷанбаҳои гуногуни муносибатҳоро фароҳам меоварад, шаш маротиба гузаронида шудааст. Охирин ҷаласаи комиссияи муштараки байниҳукуматӣ 16-17 майи соли 2011 баргузор гардид.

Презиаденти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, Президенти Ҷумҳурии Ҳиндустон Абдул Калом (аз чап) ва Сарвазири Ҳиндустон Манмохан Сингх (аз рост). Деҳлӣ, 7 августи соли 2006.

The President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon, the President of the Republic of India Abdul Kalam (on the left) and the Prime Minister of India Manmohan Singh (on the right). Delhi, August 7, 2006.





Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Ҳиндустон Пратибха Девисингх Патил. Душанбе, 7 сентябри соли 2010.

The President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon and the President of India Pratibkha Devisingh Patil. Delhi, September 7, 2010.

agriculture, sport and tourism, culture, education, science and technology which very fruitful for further strengthening relationship.

The Indian leaders visited Tajikistan with official visit at the level of President and prime-minister. In 2003 there was an official visit of Indian prime-minister Atal Bihari Vajpayyee to Tajikistan. A number of issues concerning mutual cooperation of regional and international character were discussed during meetings. 8 document on mutual cooperation were signed in the end of this visit. With his participation the inauguration of garden and monument of Mahatma Gandy has taken place in Dushanbe.

According to invitation of the President of Tajikistan on September, 2009 the Indian President Pratibha Devisingh Patill visited Tajikistan with official visit. During her visit she was accompanied by high-ranking delegation and a group of businessmen, representatives from Indian cement factories.

Currently the Tajik-Indian relationships are regulated by more than 34 inter-state documents.

Joint intergovernmental Commission on Economic, Trade, Science, Technical and Cultural Cooperation was held 6 times over the past period. The last meeting of the Intergovernmental Commission was held on 16-17, 2011.

Economic and trade cooperation between Tajikistan and India are being developed. If 2009 the number of trade exchange was 29 million dollars, in 2010 it grew to 35 million.

There is a direct connection between Indian and Tajik business groups.

On basis of this cooperation several business-forums were held that also gave a new impulse to strengthening cooperation.

Bilateral cooperation in various fields is constantly being developed. With support of this friendly country there being reconstructed and renewed several strategic objects.

Лозим ба ёдоварист, ки муносибатҳои тиҷоратию иқтисодии Тоҷикистону Ҳиндустон рӯ ба пешравӣ ниҳода истодааст. Агар дар соли 2009 ҳаҷми мубодилаи мол байни ду кишвар ба 29 млн. доллари ШМА баробар шуда бошад, дар соли 2010 ин маблағ ба 35 млн. доллар расид.

Байни соҳибкорони ду кишвар тамоси мустақим барқарор карда шудааст.

Дар заминаи ин ҳамкориҳо якчанд анҷумани соҳибкорон гузаронида шудааст, ки барои тақвияти муносибатҳо дар ин раванд такони тоза бахшиданд.

Равобит ва ҳамкориҳои гуногунҷанбаи Тоҷикистону Ҳиндустон пайваста густариш меёбанд. Бо мусоидати дӯстонаи ин кишвар чанд иншооти муҳими стратегӣ азнавсозӣ, такмил ва бунёд мешаванд.

Дар ин самт ширкатҳои давлатии Ҳиндустон «NHPC Limited» ва «BHEL» бо маблағгузории ҳукумати он кишвар тармими нерӯгоҳи барқии обии «Варзоб-1»-ро ба ӯҳда гирифтаанд. Инчунин ҷиҳати сохтани генераторҳо дар дастгоҳи нерӯгоҳи барқии обии «Помир-1» байни ширкати «BHEL» ва «Pamir Energy»-и Тоҷикистон шартнома баста шуда, тибқи муқаррароти он дастгоҳи якуми ин нерӯгоҳ аллакай мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтааст. Ширкати хусусии «CHL»-и ҳиндӣ дар шаҳри Душанбе сохтмони меҳмонхонаи панҷситорадорро сармоягузорӣ мекунад.

Аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Ҳиндустон фурудгоҳи низомии Айнӣ пурра тармим ва ба истифода дода шудааст.

Ногуфта намонад, ки мушкилоти бар асари офатҳои табиӣ бамиёномадаи сокинони шаҳри Кӯлоб мардуми Ҳиндустонро бетараф нагузошт. Соли 2010 ба мақсади дастгирии зарардидагони шаҳри Кӯлоб Ҳукумати Ҷумҳурии Ҳиндустон ба суратҳисоби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 200 ҳазор доллари ШМА гузаронид.

Мисоли дигари ҳамкориҳои судманд таъсиси озмоишгоҳи муосири техникии Тоҷикистону Ҳиндустон дар назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон мебошад. Ҳукумати Ҷумҳурии Ҳиндустон озмоишгоҳи мазкурро пурра муҷаҳҳаз гардонид.

Баргузории рӯзҳои фарҳангии Тоҷикистон дар Ҳиндустон ва Ҳиндустон дар Тоҷикистон ба анъанаи нек мубаддал гаштааст, инчунин ҳамасола чорабиниҳои фарҳангии гуногун баргузор мегарданд.

Барои баланд бардоштани савияи дониши мутахассисони тоҷик ҳамасола аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Ҳиндустон курсҳои мухталиф дар чаҳорчӯбаи барномаи омӯзишии ҳамкориҳои иқтисодӣ (ITEC) ва шӯрои муносибатҳои фарҳангии Ҳиндустон (ICCR) дар он кишвар гузаронида мешаванд.

Муносибатҳои дипломатӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва **Ҷумҳурии Халқии Хитой** 4 январи соли 1992 барқарор шуда, 13 марти соли 1992 Сафорати ин кишвар Душанбе ифтитоҳ гардидааст. Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Пекин 7 апрели соли 1997 фаъолияти худро оғоз кард.

Муносибатҳои дӯстонаи сиёсӣ ва ҳамкориҳои мутақобилан судманди иқтисодӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой, ки дар асоси принсипҳои ҳамзистии осоишта пойдор гардида, ба манфиати мардуми ҳар ду кишвар ботадриҷ хизмат мекунанд.

Дар тӯли солҳои сипаришуда сафарҳои пурсамари мутақобила дар сатҳи олӣ, инчунин муносибатҳои расмии намояндагони ду кишвар, ки шаҳодати ҳамкориҳои гуногунҷанбаи Тоҷикистону Хитой мебошанд, доир гардиданд.

Миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой зиёда аз 150 санади меъёрӣ-ҳуқуқии дуҷониба ба имзо расидаанд, ки Аҳднома миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой дар бораи ҳусни ҳамҷаворӣ, дӯстӣ ва ҳамкорӣ асоси муносибатҳои дуҷониба мебошанд.

Яке аз муҳимтарин самтҳои ҳамкориҳои шарикии Тоҷикистону Хитой - ин боварии мутақобила ба якдигар мебошад. Мавқеи асосии Тоҷикистон дар мавзӯи ба Хитой тааллуқ доштани ҷазираҳои Тайван дар тамоми ҳуҷҷатҳои сиёсии Тоҷикистону Хитой, шурӯъ аз Ёддошти Тафоҳум дар бораи барқарор намудани муносибатҳои дипломатӣ аз 4 январи соли 1992 ва инчунин Аҳдномаи ҳамҷаворӣ, дустӣ ва ҳамкорӣ аз 15 январи соли 2007 инъикос ёфтааст.

Байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой Комиссияи иқтисодии байниҳукуматии Тоҷикистону Хитой фаъолият мекунад, ки мулоқотҳои даврии он ба таври мунтазам баргузор мегарданд.




Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо доираҳои кории Бомбай дар рафти сафари расмӣ ба Ҳиндустон. Бомбай, Ҳиндустон, 14 декабри соли 1995.

Speech of the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon in the meeting with the business community of Bombay during an official visit. Bombay, India. December 14, 1995.

In this direction Indian state companies «NHPC Limited» and «BHEL» with Indian government being engaged in are participating in reconstruction of HPP station "Varzob-1". An agreement between Indian Company «BHEL» and Tajik Company «Pamir Energy» was signed to reconstruct Pamir-1 HPP's units. The first generator is being used now. Indian Private Company "CHL" is constructing five-star hotel in Dushanbe.

The Aini airport has been already reconstructed with Indian governmental investment being attracted.

It is notable that the Indian government didn't stay away from providing assistance to flood victims caused in Kulob. With the aim of supporting flood victims, the Indian government transferred 200 thousand dollars to the Kulob special bank account in 2010.

Another example of fruitful cooperation is foundation of modern Indian-Tajik laboratory in Tajik technical University.

Tajikistan's cultural days in India and India's cultural days in Tajikistan became a good symbol of bilateral cooperation. Few other cultural ceremonies are held on an annual basis.

An order to raise the level of the Tajik specialists, the Indian government provides different training courses in the framework of ITEC and ICCR.

Diplomatic relations between the Republic of Tajikistan and t**he People's Republic of China** were established in January 4, 1992 and the Chinese Embassy in Dushanbe was opened in March 13, 1992. The Tajik Embassy in its turn was opened in Beijing in April 7, 1997.

Friendly political relations as well as mutually beneficial economic cooperation between the two countries are based on principles of peaceful coexistence and continually serve the interests of the two peoples.



Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Ҷумҳурии Халқии Хитой Тсзян Тсзэмин. Пекин, сентябри соли 1996.

The President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon and the Chairman of the People's Republic of China Jiang Zemin. Beijing, September 1996.

Ҳаҷми муносибатҳои тиҷоратии дуҷониба солҳои охир хеле афзудааст. Имрӯз дар қаламрави Тоҷикистон зиёда аз панҷоҳ лоиҳаҳои муштарак дар соҳаҳои гуногуни иқтисоди кишвар амалӣ шуда истодаанд.

Яке аз самтҳои афзалиятнок дар ҳамкориҳои дуҷониба ин сохтмони нерӯгоҳҳои обӣ-барқии (НОБ) нав, таъмир ва азнавсозии НОБ-ҳои мавҷуда дар Тоҷикистон ва ҳамчунин интиқоли хатҳои баландшиддати барқӣ мебошад.

Муносибатҳои ду кишвар дар самтҳои сохтмони объектҳои инфрасохторӣ, бунёди хонаҳои истиқоматӣ, нақлиёт, истеҳсоли маодин, истеҳсол ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, рушди истеҳсолоти маводи сохтмонӣ, инчунин дар соҳаҳои низомӣ, фарҳангӣ, маориф ва ғайра рушду равнақ меёбанд.

Дар муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистон ва Хитой дар марҳилаи нав рӯйдодҳои зиёд ба амал омадаанд, ки муҳимтарини онҳо, сафари кории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба ноҳияи мухтори Синҷиан-Уйғури Хитой 17-19 июни соли 2010 ва сафари расмии Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳамрохон Зарифӣ ба Ҷумҳурии Халқии Хитой 27 апрели соли 2010 маҳсуб меёбад.

Натиҷаи асосии сафарҳои мазкур ба имзо расонидани як қатор ҳуҷҷатҳои дуҷониба ва ҳосил гардидани мувофиқаҳо барои рушди муносибатҳо бахри баланд бардоштани некӯаҳволии мардум мебошад. Бо мақсади таҳким бахшидани муносибатҳои иқтисодӣ-тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ноҳияи Мухтори Синҷон-Уйғури Ҷумҳурии Халқии Хитой (НМСУ ҶХХ) 26-29 декабри соли 2010 дар шаҳри Урумчии он кишвар ҷаласаи нахустини Зеркомиссияи Тоҷикистону НМСУ ҶХХ-и назди Комиссияи муштараки байниҳукуматии Тоҷикистон ва Хитой оид ба ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратӣ баргузор гардид. Масъалаи ҳамкориҳо дар

Mutual and fruitful top level visits have been paid by official delegations of the countries and that is an illustration of the comprehensive cooperation between Tajikistan and China.

More than 150 legal acts have been signed between the two countries including the Agreement between the Republic of Tajikistan and the People's Republic of China on Good-neighborliness, Friendship and Cooperation that is of fundamental importance for bilateral relations.

Mutual confidence is another key issue in our bilateral partnership. The Tajik position that recognizes Taiwan's belonging to China is stated in all political documents that have been signed so far between Tajikistan and China staring with the very first ones including the MoU on establishing diplomatic relations dated from January 4, 1992 as well as the Agreement on Good-neighborliness, Friendship and Cooperation dated from January 15, 2007.

The Tajik-Chinese Intergovernmental Economic Commission is set up that holds its session regularly.

Bilateral trade has been significantly increased over the past years and more than 50 joint projects are being implemented in Tajikistan and they cover various economic areas.

Hydroelectric development including construction of new hydropower facilities, reconstruction and repair of existing ones in Tajikistan as well as construction of transmission lines are among priority areas of bilateral cooperation.

Bilateral cooperation is also being enhanced in infrastructural construction, including and as well as housing, transport, exploration of minerals, agricultural processing, construction materials. The two countries enjoy cooperation in military, culture, education and some other areas as well.

Мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо Раиси Ҷумҳурии Халқии Хитой Ху Тсзинтао. Душанбе, 27 августи соли 2008.

Meeting of the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon with the Chairman of the People's Republic of China Hu Jintao. Dushanbe, August 27, 2008.





Мулоқоти Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон (аз мобайн) бо ҳайати ташрифоварда таҳти роҳбарии Муовини Раиси КҲ Маҷлиси Хитоии намояндагони халқӣ, Раиси ноҳияи мухтори Синзян Уйғур Тимор Давамат, 17 июл – 9 августи соли 1993.

The Meeting of the Chairman of Supreme Council of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon (in the middle) with the visiting delegation headed by the Deputy Chairman of PC of Chinese Assembly of Public Representatives, Chairman of Xinjian Uygur Autonomous Region Timor Davamat, July 17 – August 9, 1993.

соҳаи иқтисодиёту тиҷорат, сармоягузорӣ, нақлиёт ва коммуникатсия, энергетика ва саноат, корҳои бонкӣ, гумрук ва маорифу саёҳат дар Эъломияи муштарак дарҷ гардиданд.

Яке аз рӯйдодҳои барои Тоҷикистон муҳим баргузории ҷаласаи Шӯрои сарони ҳукуматҳои кишварҳои узви Созмони ҳамкориҳои Шанхай дар Душанбе 25 ноябри соли 2010 мебошад. Дар ҳошияи ҷаласаи мазкур сафари расмии Сарвазири Шӯрои давлатии Ҷумҳурии Халқии Хитой ҷаноби Вэн Тзябао ба Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат гирифта, дар фарҷоми мулоқот ҳафт санади ҳамкориҳои дуҷониба ба имзо расиданд.

Рушди ҳамкориҳои самараноки Тоҷикистону Хитой дар чаҳорчӯбаи Созмони ҳамкориҳои Шанхай низ шоёни зикр аст. Самтҳои ҳамкориҳоро дар ин Созмон баҳри бештар истифода бурдани имкониятҳои мавҷуда метавон васеъ инкишоф дод.

**Япония** 28 декабри соли 1991 истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистонро эътироф намуда, 2 феврали соли 1992 муносибатҳои дипломатӣ миёни ду кишвар барқарор гардиданд.

Ҳар ду кишвар дар пойтахтҳои ҳамдигар намояндагиҳои дипломатии худро таъсис дода, робитаҳои мутақобилан судманд ба роҳ мондаанд.

Дар тӯли муносибатҳои дуҷониба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Япония ду сафари корӣ (14-17 майи соли 2001, 17-19 марти соли 2003) ва як сафари расмӣ (2-6 декабри соли 2007) анҷом додааст, ки барои рушд, таҳким ва густариши муносибатҳои дуҷониба ва ҳамкории мутақобилан судманди ду кишвар такони ҷиддӣ бахшидаанд.

Муносибатҳои Тоҷикистону Япония дар арсаи байналмилалӣ дар сатҳи баланди боварӣ ва дастгирии судманд арзёбӣ мегарданд.

Ҳамкориҳои зичи ҳарду кишвар дар арсаи байналмилалӣ дар доираи созмонҳои байналмилалӣ мушоҳида карда мешаванд, алалхусус дар СММ ва сохторҳои он дастгирии мунтазами иқдомот ва номзадии ду кишвар дар доираи ташкилотҳои байналмилалӣ ва форумҳо амалӣ карда мешаванд.

Certain fresh shifts have occurred in bilateral relations including such critical ones as the working visit by the President Emomali Rahmon of Tajikistan paid to Chinese SUAR in June 17-19, 2010 and the official visit by the Tajik Foreign Minister Hamrokhon Zarifi paid to China in April 27, 2010.

The aforesaid visits resulted in a number of bilateral agreements and arrangements on further enhancement of relations and improvement of living standards. With the view to strengthening economic and trade relations between the two countries in December 26-29, 2010 the sides succeeded to held the first session of the Sub-commission of the Tajik-Chinese Joint Inter-Governmental Commission on Economic and Trade Cooperation in Urumqi that is in the Chinese SUAR. The meeting was focused on economic and trade issues, including investments, transport, communication, energy, industry, banking system, custom, education and tourism an that all was made special emphasize of in the Joint Declaration that has become the outcome document.

The SCO Premiers' meeting held in Dushanbe in November 25, 2010 has become of critical importance for Tajikistan. The Chinese Prime Minister Wen Jiabao paid an official visit to Tajikistan within the framework of the meeting as well as seven bilateral documents were signed as a result of the meetings held within the visit.

Special emphasize should be made of fruitful cooperation that the two countries enjoy within the SCO. However, cooperation areas could be enhanced and better potential be engaged.

**Japan** recognized the state independence of the Republic of Tajikistan in December 28, 1991 and diplomatic relations between the two countries were established in February 2, 1992.

The two sides reciprocally have opened their embassies in the two capitals as well as established mutually beneficial relations.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Сарвазири Шӯрои давлатии Ҷумҳурии Халқии Хитой Вэн Ҷиябао дар маросими оғози сохтмони хатти интиқоли барқи 500 киловолтаи Ҷануб-Шимол аз ҳисоби қарзи ҳукуматии Хитой, 16 сентябри соли 2006.

The President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon and the Prime Minister of State Council of the People's Republic of China Wen Jiabao at the ceremony of beginning of construction of 500 kW power transmission line South-North at the expense of government credit of China, September 16, 2006.





Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Императори Япония Акихито. Токио, Япония, 5 декабри соли 2007.

The President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon and Emperor of Japan Akikhito. Tokio, Japan, December 5, 2007.

Дар масъалаҳои зиёди глобалии муосир, аз ҷумла ислоҳоти СММ ҳарду кишвар мавқеъи наздик ва ё монанд доранд. Доир ба ҳаллу фасли масоили глобалии вобаста ба об ва санитария ҳамкории судбахш ба роҳ мондаанд, ки ҳарду кишвар ташаббускорони асосии вобаста ба ин мавзӯъ дар ҷаҳон ба шумор мераванд. Иштирок ва суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Форуми ҷаҳонии бахшида ба оби тоза (17-19 марти соли 2003 дар шаҳри Киото) ва  дар Ҳамоиши нахустини кишварҳои Осиёву уқёнуси Ором бахшида ба об (2-3 декабри соли 2007 дар шаҳри Беппу) бо даъвати роҳбарияти воломақоми Япония аз он шаҳодат медиҳад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон тайи се боздид аз Япония ду маротиба бо Императори Япония Акихито мулоқот анҷом додааст. Мулоқотҳои Эмомалӣ Раҳмон бо Сарвазир ва дигар намояндагони воломақоми Япония дар ҳошияи ҳамоишҳои ҷаҳониву минтақавӣ дар кишварҳои гуногуни дунё доир гашта, самараи зиёд ба бор овардаанд.

Иқдоми Япония вобаста ба таҳкими Муколамаи сиёсии «Осиёи Марказӣ + Япония», ки якумин ҷаласаи он соли 2004 дар шаҳри Остона баргузор гардидааст, тавассути ҳамкориҳои минтақавӣ аз таваҷҷӯҳи хоси ҷониби японӣ ба Тоҷикистон ва кишварҳои Осиёи Марказӣ гувоҳӣ медиҳад. Муколамаи мазкур ба 5 сутуни асосӣ: муколамаи сиёсӣ, ҳамкории дохилии минтақавӣ, инкишофи тиҷорат, муколамаи зеҳнӣ, муносибатҳои фарҳангӣ ва табодули инсонӣ такя менамояд. Бояд тазаккур дод, ки ҷониби Тоҷикистон дар ҳамаи чорабиниҳои дар чорчӯбаи Муколамаи мазкур анҷомёфта, бо пешниҳодҳои мушаххас иштирок намудааст.

Мардуми Тоҷикистон кӯмакҳои молию техникии Японияро пайваста эҳсос менамояд. Кӯмакҳои мазкур хусусан дар солҳои аввали истиқлолияти давлатӣ дар вазъи ноороми Тоҷикистон аҳамияти калон доштанд. Айни ҳол кӯмаки молию техникии Ҳукумати Япония ба Тоҷикистон тавассути Агентии Япония оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ (JICA) бештар ба соҳаи маориф, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ равона мешавад.

The president of the Republic of Tajikistan has paid two working visits (May 14-17, 2001 and March 17-19, 2003) as well as an official one (December 2-5, 2007) to Japan and all that visits were used to be a significant impetus given to developing, strengthening and enhancing mutually beneficial relations between the two countries.

Tajik-Japanese relations maintained on the international arena are considered as within highly confidence and beneficial support.

The two sides enjoy close cooperation within international organizations and the two countries continually support mutual initiatives submitted within the UN and its institutions as well as on some other international organizations.

Tajikistan and Japan share similar or close view on major modern global issues, namely the UN reforming. They also established fruitful cooperation on water and sanitation related issues and are considered as pioneers in this field. Participation by the President of Tajikistan as well as his address made at invitation of the Japanese Government at the World Fresh Water Forum (March 17-19, 2003, Kyoto) and the First Asian Pacific Water Summit (December 2-3, 2007, Beppu) is a clear illustration of the aforesaid.

During his 3 visits paid to Japan, the President Emomali Rahmon of Tajikistan had two meetings with the Japanese Emperor Akhikhito. The president had also fruitful meetings with the Japanese premier as well as some other high level officials that were held within regional and international meetings all over the world.

Japanese initiative on strengthening political dialogue called "Central Asia + Japan" that had its first session held in 2004 in Astana is an illustration of a great importance attached by Japan to Tajikistan and Central Asia through regional cooperation. The aforementioned dialogue is based on five pillars, namely political dialogue, intraregional cooperation, trade development, intellectual dialogue and cultural and human exchanges. It is notable that Tajikistan has always participated in the meetings held within the Dialogue with concrete proposals.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Вазири корҳои хориҷии Япония Йорико Кавагучи. Душанбе, 30 августи соли 2004.

The President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon and the Minister of Foreign Affairs of Japan Yoriko Kavaguchi. Dushanbe, August 30, 2004.



Бо кӯмакҳои арзандаи техникиву молиявии Япония дар Тоҷикистон ҳамчунин лоиҳаҳои гуногуни соҳаи иҷтимоӣ, алалхусус 2 лоиҳаи афзалиятнок барои Тоҷикистон - бозсозии роҳи автомобилгарди Қурғонтеппа - Дӯстӣ - Панҷи Поён ва бо оби нӯшокӣ таъмин намудани аҳолии ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ татбиқ мегарданд.

Тоҷикистону Япония дар доираи лоиҳаи барқарорсозии иқтисодиёт ва сатҳи иҷтимоии Афғонистон низ ҳамкориҳои судманд доранд.

Муносибатҳои дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва **Ҷумҳурии Корея** 27 апрели соли 1992 барқарор гардидаанд. Ҷумҳурии Корея намояндагии худро дар шаҳри Душанбе соли 2008 боз намуд. Айни ҳол аз ҷониби Корея масъалаи табдилдиҳии намояндагӣ ба Сафорат баррасӣ шуда истодааст, ки ин барои густариши муносибатҳои дуҷониба нақши арзанда хоҳад гузошт.

Бо вуҷуди муносибатҳои неки дӯстӣ ва ҳамгироии босамари минтақавӣ ва байналмилалӣ, муносибатҳои иқтисодию тиҷоратии Тоҷикистону Корея ҳанӯз дар ҳоли ташаккул ва оғози рушд қарор доранд.

Тоҷикистону Корея дар масъалаҳои глобалии байналмилалӣ мавқеи наздик ва монанд доранд. Ду кишвар дар арсаи байналмилалӣ дар доираи созмонҳои байналмилалӣ, хусусан СММ ва сохторҳои он ҳамкории зич доранд.

Ҳамкории дуҷонибаи Тоҷикистиону Корея дар марҳилаи кунунӣ бештар ба шакли бозомӯзӣ ва омода намудани кадрҳо барои соҳаҳои гуногуни иқтисоди миллӣ ва кӯмакҳои техникӣ ба сохторҳои давлатии Тоҷикистон ҷараён мегирад.

Фаъолияти назарраси Агентии Корея оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ (KOICA) ва Форуми ҳамкории Корея ва кишварҳои Осиёи Марказӣ ва дигар барномаҳои гуногун аз таваҷҷӯҳи хоси он кишвар ба Тоҷикистон ва минтақа гувоҳӣ медиҳад.

Мулоқоти судбахши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Ҷумҳурии Корея Ким Ён Сам ҳанӯз соли 1995 дар шаҳри Ню-Йорк баргузор гардида буд, ки

Мулоқоти Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳамрохон Зарифӣ Кордори Сафорати Ҷумҳурии Корея дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Ро Сунг Мин. Душанбе, 11 феврали соли 2011.

Meeting of the Minister of Foreign Affairs of the Republic of Tajikistan Hamrokhon Zarifi and the Charge d'Affaires of the Embassy of the Republic of Korea in Tajikistan Ro Sung Min. Dushanbe, February 11, 2011.





Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Кореа Но Му Хён. Сеул, майи соли 2005.

The President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon and the President of the Republic of Korea Roh moo-hyun. Seoul, May 2005.

The Tajik people are well aware of all that technical and financial assistance provided by Japan. The aforesaid assistance used to be of critical and special importance especially during the first years of independence when Tajikistan was engaged in political instability. Currently, the Japanese aid is mainly provided through the JICA in such fields as education, public health and social protection.

Herein, we can make special emphasize of the to key social projects, namely the reconstruction of the Kurgonteppa – Dusti – Panji Poyon automobile road and the Water Supply Project in Mir Said Alii Hamadoni District that are being implemented under the worthy technical and financial aid provided by Japan.

Tajikistan and Japan have also fruitful cooperation within projects being implemented in Afghanistan and aimed at its economic recovery and improving social situation of the country.

Diplomatic relations between the Republic of Tajikistan and **the Republic of Korea** were established in April 27, 1992. The Korean mission launched its work in Dushanbe in 2008 and now it is being considered to be upgraded to the Embassy that will be a contribution to further extension of bilateral relations between the two countries.

Despite friendly and close cooperation at regional and international levels, economic and trade is still considered at the stage of being established.

Tajikistan and Korean share similar or close views on major international and regional issues. They enjoy close cooperation within international organizations, including the UN and its institutions.

At the current stage, bilateral relations between Tajikistan and Korea are being conducted in the form of providing training for specialists for various economic sectors as well as technical assistance provided to the Tajik state agencies.

The work being done by the KOICA and the Korea – Central Asian countries Cooperation Forum as well as within certain other programs is a demonstration of great attention paid by Korea to Tajikistan and the region at large.



Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Сотсиалистии Ветнам Чан Дик Лионг. Ханой, Ветнам, 20 январи соли 1999.

The President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon and the President of the Socialistic Republic of Vietnam Chan Duk Luong. Hanoi, Vietnam, January 20, 1999.

дар заминагузории муносибатҳои Тоҷикистони тозаистиқлол бо Корея нақши сазовор гузоштааст.

Сафари кории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Корея 23-25 майи соли 2005 ва баргузории мулоқотҳои судманд бо Президенти он кишвар Ро Му Хюн, Раиси Ассамблеяи миллии Ҷумҳурии Корея Ким Вон Ки, бо роҳбари ширкатҳои бонуфузи Samsung Electronics ва Daewoo ва дигар соҳибкорони ин кишвар барои таҳким ва густариши муносибатҳои дуҷониба ва ҳамкории мутақобилан судманди ду кишвар такони назаррас бахшидаанд.

Муносибатҳои дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва **кишварҳои минтақаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ва Уқёнуси Ором** дар давоми солҳои 1992-1999 барқарор карда шудаанд.

Муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистон бо ин кишварҳо, аз ҷумла, бо Ҷумҳурии Сотсиалистии Ветнам, Шоҳигарии Таиланд, Шоҳигарии Камбоҷа, Ҷумҳурии Иттиҳодияи Миянма, Ҷумҳурии Халқии Демократии Лаос, Ҷумҳурии Индонезия, Малайзия, Сингапур ва Бруней дар тавaҷҷӯҳи афзуни сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доранд ва густариши муносибатҳои мутақобилан судманди сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ бо ин кишварҳо барои пешрафти ҷумҳурӣ аҳамияти хоса дорад. Дар муддати бист соли истиқлолияти давлатӣ Тоҷикистон тавонист, ки бо аксарияти давлатҳои дуру наздики Осиё муносибату ҳамкориҳои судмандро роҳандозӣ намуда, дар самтҳои гуногуни иқтисод, тиҷорат, фарҳанг, маориф натиҷаҳои муайянро соҳиб шавад.

Сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба **Ҷумҳурии Сотсиалистии Ветнам** (18 январи соли 1999) ва мулоқоти ӯ бо Президент Чан Дик Лионг дар

The first meeting held between the President Emomali Rahmon of Tajikistan and the President Kim Young-sam of Korea back in 1995 in New York used to be of fundamental importance in establishing relations between newly independent Tajikistan and Korea.

The working visit paid by the Tajik President to Korea in May 23-25, 2005 as well as meetings held with the Korean President Roh Moo-hyun, the Chairman of the Korean National Assembly Kim Won Ki, the management of the Samsung Electronics and Daewoo as well as number of other representatives of the Korean business groups used to be a serious impetus given to strengthening and developing bilateral relations and mutually beneficial cooperation between the two countries.

Diplomatic relations were established between Tajikistan and S**outheast Asian and Pacific countries** in 1992-1999.

Bilateral relations with the aforementioned countries, namely the Socialist Republic of Vietnam, The Kingdom of Thailand, the Kingdom of Cambodia, the Union of Myanmar, People's Democratic Republic of Laos, the Republic of Indonesia, Malaysia, Singapore and Brunei are a growing priority in the Tajik foreign policy and we consider development of mutually beneficial political, economic and cultural relations with these countries as of key importance for our development. Over the past 20 years of state independence Tajikistan has succeeded to establish fruitful relations with majority of Asian countries as well as to achieve certain economic, trade, cultural and educational progress herein.

The official visit by the President Emomali Rahmon paid to **the Socialist Republic of Vietnam** (January 18, 1999) and meeting held with the Vietnamese President Chan Duk Luong can be considered as an outstanding event in the history of relations between the two countries and used to be a considerable impetus given to development of further friendly relations and mutually beneficial bilateral cooperation. Five bilateral documents, including on economic and trade cooperation, protection and promotion of investments as well as scientific and technical cooperation were signed as an outcome of the official visit and all that documents have laid as legal framework for further relations between the two countries.

Боздиди расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Подшоҳии Таиланд.
Эмомалӣ Раҳмон ва Сарвазири Таиланд Таксин Шинаватра. Бангкок, 9 августи соли 2005.

The official visit of the President of the Republic of Tajikistan to the Kingdom of Thailand.
Emomali Rahmon and the Prime-Minister of Thailand Taksin Shinavatra. Bangkok. August 9, 2005.



таърихи муносибатҳои Тоҷикистон бо ин кишвар рӯйдоди муҳим буда, ба рушди минбаъдаи муносибатҳои дӯстона ва ҳамкориҳои мутақобилан судманди дуҷониба такони ҷиддӣ бахшид. Дар рафти боздиди расмӣ панҷ ҳуҷҷати дуҷониба дар соҳаҳои иқтисодиву тиҷоратӣ, ташвиқу ҳимояи сармоягузориҳо ва ҳамкориҳои илмиву техникӣ ба имзо расид, ки асоси ҳуқуқӣ ва қарордодии муносибатҳои миёни ду кишварро муайян менамоянд.

Давраи муҳими муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистону **Шоҳигарии Таиланд** ин сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба ин кишвар (9-10 августи соли 2005) ба ҳисоб меравад. Дар ҷараёни сафар дар мулоқотҳои роҳбарони ду давлат доираи васеи масъалаҳои дуҷониба, инчунин масъалаҳои минтақавию байналмилалӣ, ки барои ҳар ду тараф дорои аҳамиятанд, мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Дар ҷамъбасти сафари расмӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Сарвазири Шоҳигарии Таиланд эъломияи муштаракро ба имзо расониданд. Ҳамчунин, як қатор ҳуҷҷатҳои байниҳукуматӣ дар самтҳои ташвиқ ва ҳимояи мутақобилаи сармоягузорӣ, ҳамкориҳои иқтисодиву техникӣ, дар соҳаи туризм ва роҷеъ ба мубориза бо мубодилаи ғайриқонунии моводи мухаддир, моводи психотропӣ ва прекурсорҳо ба имзо расонида шуд. Санадҳои имзошуда заминаи ҳуқуқиву шартномавиро барои рушди минбаъда ва вусъати муносибатҳои дӯстона ва ҳамкориҳои самарабахш байни ду кишвар фароҳам сохтанд. Айни замон, ҳамкориҳои дуҷонибаи ҳарду кишвар густариш меёбанд.

Тӯли ин солҳо вохӯриҳо дар сатҳи олӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва **Малайзия**, ки дар чаҳорчӯбаи чорабиниҳои байналхалқӣ баргузор мегардиданд, ба муносибатҳои дуҷониба такони тоза мебахшиданд. Зимни мулоқотҳо усулан дар раванди қавӣ гардонидани муносибатҳо ва таъсиси асосҳои ҳуқуқии он мувофиқа шуда, аз тарафи ҳар ду ҷониб як қатор лоиҳаҳои созишномаҳо дар соҳаҳои иқтисодӣ, туризм ва илму техника мавриди баррасӣ қарор доранд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Сарвазири Малайзия Абдулло Аҳмад Бадавӣ. Ҷакарта, Индонезия, апрели соли 2003.

The President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon and the Prime-Minister of Malaysia Abdullah Ahmad Badawi. Jakarta, Indonesia, April, 2005.





Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Индонезия Мегавати Сукарнопутри. Ҷакарта, Индонезия, 27 октябри соли 2003.

The President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon and the President of Indonesia Megawati Sukarnoputri.
Jakarta, October 27, 2003.

The official visit by the President Emomali Rahmon of Tajikistan paid to **the Kingdom of Thailand** (August 9-10, 2005) is considered as an important stage in the bilateral relations between the two respective countries. The meetings held between the two sides during the aforementioned visit were aimed at a wide range of bilateral, regional and international issues of mutual interest. The visit was followed by the Joint Declaration signed by the Tajik President and the Thai Prime Minster. The sides have also signed a number of intergovernmental documents on mutual promotion and protection of investments, economic and technical cooperation, tourism, and fight against illicit circulation of drugs, psychotropic agents and precursors. The signed documents have become a legal framework for further development and increase of friendly relations and fruitful cooperation between the two countries. Relations are being developed at the current stage.

Over the years, high-level meetings between the Republic of Tajikistan and **Malaysia**, which took place in the frameworks of international events, gave the new improvements in the bilateral relations. Mainly during the negotiations of the sides, their speeches were about the establishment and strengthening the legal framework for their numbers of agreements in the spheres of economy, tourism, science and technology.

The Republic of Tajikistan in its relations with Malaysia taking into account its rapid pace of economic development and attract investments from this country.

In October 2003, with the participation of the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon in Kuala Lumpur hosted the official opening event of the trade representation of Tajikistan in Malaysia, which was an important event in the history of economic ties between the two countries.

Cooperation in the sphere of education between the two countries is developing successfully in the framework of Malaysia's educational programs, which are intended for Tajik experts. The Ministry of Education of Malaysia and the company of «Exhibitions Promotion and Management Sdn.Bhd» (EXPAM) provided three events in the field of education and science in Dushanbe to attract students to study at universities in Malaysia.

Over the past years, there are held a mutual productive high-level visits and meetings of official representatives of Tajikistan and **the Republic of Indonesia**, which indicates a multidimensional cooperation between the two countries.

From 28 to October 30, 2003 there was the State visit of the President of the Republic of Tajikistan to Indonesia. During the visit, there were signed seven bilateral agreements in economic, trade, tourism, science and technology, as well as consistency in the development of the relations for the sake of improving the level of well-being of both countries' peoples.

To implement the above-mentioned documents and the establishment of a joint bilateral co-operation Commission from 24 to 26 March 2008 delegation of relevant ministries and agencies such as Ministry of Foreign Affairs, Ministry of Energy and Natural Resources, Ministry of Trade and Investment House of the Republic of Indonesia visited Dushanbe.



Сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Давлати Бруней Доруссалом. Бандар Сери Бегаван, 3 апрели соли 2010.

The state visit of the President of the Republic of Tajikistan to the State of Brunei Darussalam. Bandar Seri Begawan, April 3, 2010

Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибатҳои худро бо Малайзия бо назардошти рушди босуръати иқтисодии ин кишвар ва шароити хуби ҷалби сармояи он ҷараён медиҳад.

Моҳи октябри соли 2003 бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Куала-Лумпур маросими ифтитоҳи расмии Намояндагии тиҷоратии Тоҷикистон дар Малайзия баргузор гардид, ки дар робитаҳои иқтисодию тиҷоратӣ байни ду кишвар воқеаи муҳим гардид.

Ҳамкориҳо дар соҳаи маориф миёни ду кишвар дар чорчӯбаи барномаҳои омӯзишие, ки аз ҷониби Малайзия ба мутахассисони тоҷик пешкаш мешаванд, инкишоф ёфта истодаанд. Ба хотири шиносоӣ бо донишгоҳҳои Малайзия ва ҷалб намудани донишҷӯён ба таҳсил дар онҳо Вазорати маорифи Малайзия ва ширкати "Exhibitions Promotion and Management Sdn. Bhd" (EXPAM) дар шаҳри Душанбе се намоишгоҳ дар соҳаи маориф ва омӯзиш баргузор намуданд.

Дар тӯли солҳои сипаришуда сафарҳои пурсамари мутақобила дар сатҳи олӣ, инчунин вохӯриҳои расмии намояндагони Тоҷикистон ва **Ҷумҳурии Индонезия** баргузор гардиданд, ки шаҳодати ҳамкориҳои гуногунҷанбаи ду кишвар мебошанд.

Аз 28 то 30 октябри соли 2003 сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Индонезия баргузор гашт, ки натиҷаи асосии он ба имзо расонидани ҳафт санади ҳамкорӣ дар соҳаҳои иқтисодӣ, тиҷорат, туризм ва илму техника ва ҳосил гардидани мувофиқаҳо барои рушди муносибатҳо бахри баланд бардоштани некӯаҳволии мардум мебошад.

Бахри татбиқи санад оид ба таъсиси Комиссияи муштараки ҳамкориҳои дуҷониба 24-26 марти соли 2008 ҳайати кории Ҷумҳурии Индонезия иборат аз масъулон ва кормандони вазорату идораҳои дахлдор, аз ҷумла, Вазорати корҳои хориҷӣ, Вазорати энергетика ва захираҳои табиӣ, Вазорати савдо ва Палатаи сармоягузорӣ ба Душанбе ташриф овард.

Нахустин ташрифи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо сафари давлатӣ ба **Ҷумҳурии Сингапур** моҳи апрели соли 2010 баргузор гардид. Дар музокироти сатҳи олӣ бо иштироки сарони ду давлат ва ҳайатҳои расмӣ масъалаҳои ба роҳ мондани муносибатҳои густурдаи дӯстию ҳамкории Тоҷикистону Сингапур баррасӣ шуданд.

In April 2010 the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon has state visit to **the Republic of Singapore**. At the negotiations of the heads of the two countries including their official delegations discussed the development of friendly relations and cooperation between Tajikistan and Singapore.

During the meeting between the head of Tajikistan and the Prime Minister of Singapore Lee Hsien Loong were discussed trade-economic and investment cooperation. Hence, during the visit, the head of the country, met with Foreign Minister George Yong-Boon Yeo, Chief Executive Officer of the Nobel group LTD Richard Elman.

In addition, the President of Tajikistan participated in the trading business forum of the Tajikistan and Singapore where he delivered a speech there. In the framework of the visit between Tajikistan and Singapore were signed two documents on the field of cooperation.

The state visit of President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon to **the State of Brunei Darussalam** held on 3 to 4 April, 2010. State visit of the head of state gave new impetus to bilateral relations between the two countries. During the visit, the head of Tajikistan met the Sultan of State of Brunei Darussalam Hassanal Bolkiah,

In the frame of the aforementioned meeting discussed issues of mutual multivector cooperation between the two countries. High attention received in such directions of cooperation as joint enterprises of light industry and the presence of the State of Brunei Darussalam's investment in the development of the rich reserves resources of the Tajikistan.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Сингапур Селлапан Рама Натан. Сингапур, 31 марти соли 2010.

The President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon and the President of the Republic of Singapore Sellapan Ramanathan. Singapore, March 31, 2010.





Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Туркия Абдулло Гул. Истанбул, 15 марти соли 2009.

The President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon and the President of the Republic of Turkey Abdullah Gül. Istanbul, 15 March 2009.

Дар вохӯрии Роҳбари Тоҷикистон бо Сарвазири Сингапур Ли Хсин Лунг масъалаҳои ҳамкории иқтисодӣ–тиҷоратӣ ва сармоягузории ду кишвар баррасӣ шуданд. Дар рафти сафар Сарвари давлат бо Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Сингапур Ҷорҷ Йо, Роҳбари иҷроияи ширкати Нобел групп Ричард Элман вохӯрӣ гузаронида, дар форуми соҳибкорону тоҷирони Тоҷикистону Сингапур иштирок ва суханронӣ намуд. Зимни Сафари мазкур миёни Тоҷикистону Сингапур ду санади ҳамкорӣ ба имзо расид.

Сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба **Давлати Брунейй Доруссалом**, ки 3-4 апрели соли 2010 баргузор шуд, ба муносибатҳои дуҷонибаи ду кишвар такони тозае бахшид. Зимни сафар мулоқоти Роҳбари Тоҷикистон бо Султони Бруней-Доруссалом Ҳассанал Болкиах доир гардид, ки дар он масъалаҳои ба роҳ мондани ҳамкории гуногунҷанбаи мутақобилан судманд баррасӣ гардиданд. Бунёди корхонаҳои муштараки саноати сабук, иштироки сармоягузорони Бруней Доруссалом дар истихроҷ ва коркарди захираҳои фаровони Тоҷикистон самтҳои қобили таваҷҷӯҳ дониста шуданд.

Аз рӯйи натиҷаҳои музокироти расмӣ чор санади заминагузори ҳамкории гуногунҷанба миёни ду кишвар ба имзо расид.

Бояд тазаккур дод, ки ҳамкориҳои дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо **давлатҳои Шоҳигарии Камбоҷа, Ҷумҳурии Иттиҳодияи Миянма ва Ҷумҳурии Халқии Демократии Лаос** дар ҳошияи созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ, аз ҷумла Созмони Милали Муттаҳид назарас мебошад.

**Ҷумҳурии Туркия** барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун яке аз шарикони афзалиятнок ба ҳисоб меравад. Байни ду кишвар дар соҳаҳои мухталиф, аз ҷумла иқтисодиёт, тиҷорат, энергетика, саноат, маориф, фарҳанг, сохтмон ва меъморӣ ҳамкориҳо самарабахш идома доранд. Ҳамкорӣ ва дастгирии доимии ҳарду кишвар дар доираи созмонҳои байналмилалӣ ва

At the end of the state visit there were signed four documents on the mutual cooperation between the two countries.

It should be noted that the bilateral relations in the framework of United Nation between the Republic of Tajikistan and the countries like the Kingdom of Cambodia, the Union of Myanmar, and Laos People's Democratic Republic are more common.

**The Republic of Turkey** is one of the priority partners for Tajikistan. Two countries have fruitful cooperation in different areas including economy, trade, energy, industry, education, culture, construction, and architecture. Cooperation and mutual support of each other in the frameworks of international organizations and forums, especially United Nation Organization, is estimated positively.

The Republic of Turkey has officially recognized the independence of Tajikistan on January 29, 1992 and on the same date the countries have established diplomatic relations. The same year the Embassy of Turkey started functioning in Tajikistan.

In December 1995 the Tajik Embassy in Ankara started functioning. Moreover, in 2011 the Consulate General of Tajikistan started functioning in Istanbul.

To date, more than 50 bilateral documents have been signed between the two states.

During this period, the President of Tajikistan visited Turkey six times, both official and working visits took place in May 1996, October 1998, November 1999, January 2006, March 2009, and December 2010. In turn, the President of Turkey visited Tajikistan 3 times with official and working visits in September 1995, November 2011, and May 2009.

The position of two countries regarding important international problems are very similar or the same. Republic of Tajikistan and Republic of Turkey also established permanent contacts at the different levels and have close and strong collaboration in international and regional organizations.

In April 1996 the Office of the Turkish International Cooperation Agency (TICA) was opened in Dushanbe.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Туркия Сулаймон Демирел. Касабланка, Марокаш, декабри соли 1994.

The President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon and the President of the Republic of Turkey Suleyman Demirel. Casablanca, Morocco, December 1994.



форумҳо, хусусан дар доираи ҷаласаҳои Созмони Милали Муттаҳид мусбат арзёбӣ мегарданд.

29 январи соли 1992 Ҷумҳурии Туркия истиқлолияти Тоҷикистонро ба расмият шинохт, ҳамзамон байни ду кишвар муносибатҳои дипломатӣ барқарор гардиданд. Худи ҳамон сол Сафорати Ҷумҳурии Туркия дар Душанбе ба фаъолият шурӯъ намуд.

Моҳи декабри соли 1995 Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Анкара ифтитоҳ гардид. Инчунин соли 2011 Консулгарии генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Истамбул ба кор шурӯъ кард.

То ба имрӯз зиёда аз 50 адад созишномаю тафоҳумномаҳо ва дигар санадҳои ҳамкорӣ байни ду кишвар ба имзо расидаанд.

Дар ин давра Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Туркия 6 маротиба боздидҳои расмӣ ва корӣ ҷараён дод, ки онҳо моҳи майи соли 1996, октябри соли 1998, ноябри соли 1999, январи соли 2006, марти соли 2009 ва декабри соли 2010 сурат гирифтаанд.

Дар навбати худ Президенти Туркия 3 бор - сентябри соли 1995, ноябри соли 2001 ва майи соли 2009 ба Тоҷикистон бо сафарҳои расмӣ ва корӣ ташриф овардааст.

Мавқеи ду кишвар нисбат ба масъалаҳои мубрами байналмилалӣ ва минтақавӣ наздик ва ё яксон мебошанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркия дар дигар сатҳҳо низ мунтазам тамос мегиранд, инчунин дар ҳошияи созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ ҳамкории зич ба роҳ мондаанд.

Моҳи апрели соли 1996 дар Душанбе дафтари Агентии ҳамкории байналмилалии Туркия (TIKA) ифтитоҳ гардид.

Дар соҳаи маориф бо иттиҳодияи литсейҳои хусусии Туркия «Озал Шалола» ва «Измир» созишнома оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи таъсис додани шабакаи литсейҳо дар Тоҷикистон ба имзо расидааст, ки мувофиқи он дар шаҳрҳои Душанбе, Қурғонтеппа, Кӯлоб, Хуҷанд ва Турсунзода шаш литсейи муштараки тоҷикию туркӣ кушода шудаанд.

Мутахассисони тоҷик мунтазам дар барномаҳои бозомӯзӣ, ки аз ҷониби Туркия танзим мешаванд, иштирок менамоянд. Илова ба ин, дар ҳоли ҳозир теъдоди зиёди донишҷӯёни тоҷик дар донишгоҳҳои Ҷумҳурии Туркия таҳсил менамоянд.

Комиссияи байниҳукуматии Тоҷикистону Туркия оид ба ҳамкориҳои тиҷоратӣ, иқтисодӣ, илмӣ ва техникӣ имконият медиҳад, ки ҳамкориҳои байни ду кишвар дар соҳаҳои мухталиф сари вақт мавриди баррасӣ ва хулосабарориҳо қарор гиранд. Шурӯъ аз ҷаласаи аввалини он, ки 19-25 сентябри соли 2000 барпо шуда буд, то ба имрӯз ҳафт ҷаласаи комиссия (солҳои 2001, 2003, 2004, 2005, 2007 ва 2009) гузаронида шудааст.

Мубодилаи мол байни ду кишвар дар соли 2010 назар ба соли 2009 ду маротиба афзуда, 437 млн. доллари ШМА-ро ташкил дод, ки аз он содирот ба 377 млн. ва воридот ба 60 млн. доллари амрикоӣ баробар шудааст.

Ширкатҳои сохтмонии туркӣ дар қаламрави Тоҷикистон паймонкори сохтмони биноҳои маъмурӣ, истиқоматӣ ва тиҷоратӣ, инчунин роҳҳои автомобилгард мебошанд.

Умуман муносибатҳои байни Тоҷикистон ва Туркия имкони густариш ёфтанро доро буда, ду кишвар омода ҳастанд уфуқҳои навро дар ин ҷода фатҳ кунанд.

Барқарор намудани муносибатҳои густурда бо **кишварҳои арабӣ** бо дарназардошти равобити деринаи таърихӣ, фарҳангӣ ва динӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии Тоҷикистон ба шумор меравад.

Нахустин кишварҳои арабие, ки истиқлолияти Тоҷикистонро эътироф карда, бо он равобити дипломатӣ барқарор намуданд, Ҷумҳурии Мисри Араб, Ҷумҳурии Халқии Демократии Алҷазоир ва Мамлакати Арабистони Саудӣ мебошанд.

Муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо **Ҷумҳурии Мисри Араб** 1 апрели соли 1993 барқарор шудаанд.

Боздиди расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз Ҷумҳурии Мисри Араб 4 феврали соли 2007 ба рушди муносибатҳои дуҷониба такони назаррас бахшид.

Дар ин замина моҳи сентябри соли 2007 Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Мисри Араб, ҳамчун нахустин намояндагии дипломатии Ҷумҳуриии Тоҷикистон дар ҷаҳони араб ифтитоҳ гардид.



Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳамрохон Зарифӣ ва Сафири Фавқулъода ва Мухтори Ҷумҳурии Мисри Араб – Муҳаммад Алоуддин Алӣ Шавқӣ ал-Ҳадидӣ.
Душанбе, 22 ноябри соли 2010.

The Minister of Foreign Affairs of the Republic of Tajikistan Hamrokhon Zarifi and the Ambassador Extraordinary and Plenipotentiary of the Arab Republic of Egypt – Muhammad Aloudiin Ali Shawqi al-Hadidi. Dushanbe, November 22, 2010.

In the field of education, it should be mentioned that according to the agreement with private lyceums association of Turkey "Ozal Shalola" & "Izmir" on creation of joint lyceums in Tajikistan, 6 Tajik-Turkish lyceums were opened (in Dushanbe, Kurghonteppa, Kulob, Khujand and Tursunzoda).

Tajik specialists are participating in training programs organized by Turkish government. Besides, many Tajik students are enrolled in universities of Turkey.

The intergovernmental commission on trade, economic, science, and technology cooperation between two countries insures the discussion of cooperation issues in different areas. Beginning from the first meeting held in 19-25 September 2000 up to date, totally, seven meetings were held (2001, 2003, 2004, 2005, 2007 and 2009)

Trade turnover between the two countries in 2010 in comparison with 2009 increased twofold and reached 437 mln. USD including 377 mln. export and 60 mln. import.

The construction companies of Turkey in Tajikistan are building administrative and business buildings, apartments, and roads.

In general, relations between Tajikistan and Turkey have potential for further development and two sides are ready for the reveal of new horizons of cooperation.

**Relations of Tajikistan with Arab countries**

Shortly after gaining the state independence, Republic of Tajikistan declared its foreign policy aimed at establishing comprehensive relations with all countries all-over the world.

In this regard, establishing all-round relations with the Arab world that we used to share ancient historic, cultural and religious ties with is considered as a priority direction of our foreign policy.

Arab countries, in their turn, having realized the close and ancient ties between the Tajik and the Arab peoples, recognized the Republic of Tajikistan and made efforts aimed at establishing fruitful cooperation with Tajikistan.



Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Шоҳи Арабистони Саудӣ Абдулло ибни Абдулазиз ас - Сауд. Макка, 8 декабри соли 2005.
The President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon and the King of Saudi Arabia Abdulla ibn Abdul Aziz As-Saud. Mecca, December 8, 2005.

Инчунин аз натиҷаҳои назарраси сафари роҳбари давлат ба ин кишвар таъсисёбии Комиссияи муштараки байниҳукуматии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мисри Араб оид ба ҳамкориҳои иқтисодӣ, илмӣ ва техникӣ мебошад, ки ҷаласаи аввали он рӯзҳои 25-27 январи соли 2009 дар Тоҷикистон баргузор шуд. Дар ҷараёни кори Комиссия масъалаҳои дурнамои рушди ҳамкориҳои иқтисодӣ, тиҷоратӣ, энергетика, техникӣ, илмӣ ва фарҳангӣ матраҳ гардиданд.

Заминаи асосии муносибатҳои дуҷонибаро ҳамкориҳо дар самти бозомӯзонидани мутахассисони тоҷик тавассути Бунёди мисрӣ оид ба ҳамкории техникӣ бо Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ташкил медиҳад, ки дар тӯли 19-соли фаъолияти бунёди фавқуззикр 159 давраи кӯтоҳмуддати омӯзишӣ дар соҳаҳои мухталиф бо иштироки 1141 нафар мутахассисони тоҷик ташкил карда шудааст.

Дар айни ҳол аз ҷониби ду кишвар таваҷҷӯҳи махсус ба густариши ҳамкориҳо дар соҳаҳои энергетика, сохтмон, тандурустӣ, саноати дорусозӣ, табъу нашр ва бунёди корхонаҳо ба назар мерасад. Ба фаъолият шурӯъ намудани корхонаи истеҳсоли муштараки дорусозии «TajDel Pharma»-и Ҷумҳурии Мисри Араб намунаи ин ҳамкориҳо мебошад.

Дар раванди сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷаҳони араб **Мамлакати Арабистони Саудӣ** мавқеи хосро ишғол менамояд.

Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Мамлакати Арабистони Саудӣ 11 январи соли 1992 эътироф гашта, 22 феврали соли 1992 байни ду кишвар муносибатҳои дипломатӣ барқарор гардиданд.

Мамлакати Арабистони Саудӣ нахустин кишвари арабӣ мебошад, ки моҳи январи соли 2010 намояндагии дипломатии худро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ифтитоҳ намуд. Қаблан моҳи сентябри соли 2008 Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар пойтахти ин кишвар ба фаъолият шурӯъ карда буд.

The Arab Republic of Egypt, the Democratic and Popular Republic of Algeria and the Kingdom of Saudi Arabia were among the first Arab countries that recognized Tajik independence and established diplomatic relations.

Relationship between the Republic of Tajikistan and the Arab Republic of Egypt was established back in the very first years of the Tajik independence on April 1, 1993.

An official visit of the President Emomali Rahmon of Tajikistan paid to the Arab Republic of Egypt in February 4, 2007 had significantly boosted relations between the two nations.

In this connection, the Embassy of the Republic of Tajikistan was opened in September 2007 in the Arab Republic of Egypt as the first Tajik Embassy in the Arab world.

The Joint Intergovernmental Commission on Economic, Scientific and Technical Cooperation that held its first Session in January 25-27, 2009 in Tajikistan is a considerable outcome that followed the visit paid to this Arab country by Tajik President. The Session was focused on prospects of economic, trade, energy, technical, scientific and cultural cooperation between the two countries.

Cooperation on trainings provided for the Tajik specialist by the Egyptian Fund for Technical Cooperation with Commonwealth countries (EFTCC), particularly given the fact that over the past 19 years the Fund succeeded in providing 159 short-term training courses in various fields with 1141 Tajik specialists being enrolled in, has become a staunch ground for further enhancement of cooperation between our two countries.

Currently, Tajikistan and Egypt are mainly focused on increasing cooperation in energy, construction, setting up new joint ventures, public health, pharmaceuticals and etc. The fact, that two sides could launch the "TajDel Pharma" – a joint pharmaceutical venture, is a bright example of such cooperation.

Relationship between the Republic of Tajikistan and **the Kingdom of Saudi Arabia** is of crucial importance in the Tajik foreign policy in the Arab world.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Шоҳи Арабистони Саудӣ Фаҳд ибни Абдулазиз. Макка, июли соли 1997.

The President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon and the King of Saudi Arabia Fahd ibn Abdul Aziz. Mecca, July 1997



Тӯли 20 соли муносибатҳои дуҷониба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон се маротиба (1997, 2001, 2005) аз Мамлакати Арабистони Саудӣ боздид ба амал овардааст, ки зимни ин сафарҳо заминаи санадҳои меъёриву ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои дуҷониба гузошта шудааст.

Соли 2005 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ҳошияи саммити ғайринавбатии сарони кишварҳои аъзои Созмони Конфронси Исломӣ дар шаҳри Макка бо шоҳ Абдулазиз Оли Сауд мулоқот анҷом дод, ки дар ҷараёни он тарафҳо масъалаҳои рушди минбаъдаи ҳамкориҳои дуҷонибаи мутақобилан судмандро мавриди муҳокима қарор доданд.

Ҳамкориҳои судманди гуногунҷанбаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо **Давлати Қатар**, ки аз пайванди бародариву дӯстии самимии роҳбарони ду кишвар маншаъ мегиранд, тайи солҳои охир дар натиҷаи кӯшишҳои муштарак тадриҷан хислати матлуб касб намуда, рӯ ба густариш ниҳодаанд.

Заминаи ҳуқуқии дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Давлати Қатар 13 декабри 1994 дар Дорулбайзо (Касабланка) ҳангоми баргузории ҳафтумин Мулоқоти сарони давлатҳои аъзои Созмони Конфронси Исломӣ барқарор шудааст.

Боздиди расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз Давлати Қатар, ки дар таърихи 6-7 майи соли 2007 ҷараён гирифт, муносибатҳои ҳамкории дуҷонибаро боз ҳам васеътар гардонид. Дар ҷараёни ин боздид маҷмӯи васеи масоили вобаста ба муносибатҳои Тоҷикистону Қатар мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Моҳи августи соли 2007 Амири Давлати Қатар Шайх Ҳамад ибни Халифа оли Сонӣ бо сафари расмии ҷавобӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон омад, ки ин нахустин боздиди яке аз роҳбарони кишварҳои арабӣ ба Тоҷикистон ба шумор меравад.

Зимни музокирот ҷонибҳо ба мувофиқа расиданд, ки бо сармоягузории Давлати Қатар як масҷиди бузург бо тарҳи замонавӣ ва бо риояи нозукиҳои меъмории тоҷикӣ дар шаҳри Душанбе бунёд шавад.

Дар ҷараёни сафарҳои расмии сардорони ду кишвар ҳайатҳои расмӣ зимни музокирот якчанд санадҳои муҳими ҳамкорӣ ба имзо расониданд, ки онҳо пояҳои меъёриву ҳуқуқии муносибатҳои дуҷонибаро ташкил медиҳанд.

Муносибатҳои дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва **Давлати Аморoти Муттаҳидаи Араб** 18 декабри соли 1995 барқарор шудаанд.

Заминаи ҳуқуқии муносибатҳо миёни ду кишварро созишномаҳое, ки пас аз сафарҳои расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Аморoти Муттаҳидаи Араб ба имзо расида буданд, ташкил медиҳад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ду маротиба (16-18 декабри соли 1995, 9-13 апрели соли 2007) аз Давлати Аморoти Муттаҳидаи Араб боздиди расмӣ ба амал овард. Зимни ин боздид ҳафт санад оид ба ҳамкориҳои иқтисодӣ, техникӣ ва масъалаҳои ҳуқуқӣ ба имзо расид.

Дар ин давра зиёда аз 40 санади муҳими ҳамкорӣ дар соҳаҳои мухталиф, аз ҷумла дар соҳаҳои иқтисод, тиҷорат, сармоягузорӣ, техника, фарҳанг, варзиш ва кор бо ҷавонон миёни ҷонибҳо ба имзо расидааст, ки онҳо дурнамои муносибатҳои кишварҳои дӯсту бародарро муайян месозанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз миёни кишварҳои арабӣ **Давлати Кувайтро** низ ҳамчун шарики боэътимод дониста, ҳавасмандии худро ҷиҳати мушаххас гардондани мазмуну мӯҳтавои муносибатҳои гуногунҷанба бо ин кишвар изҳор менамояд.

Рӯзҳои 17-19 апрели соли 1995 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо даъвати Амири Давлати Кувайт шайх Ҷобир ас-Сабоҳ аз Кувайт боздиди расмӣ ба амал овард, ки он аввалин сафари расмии роҳбари давлат ба ҷаҳони араб ба шумор меравад.

Дар ҷараёни сафар Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо Амири Давлати Кувайт шайх Ҷобир, муовини аввали Сарвазир, Вазири корҳои хориҷӣ шайх Сабоҳ ал-Аҳмад, мулоқотҳо ва сӯҳбатҳо дошт. Дар фароварди боздид чор санади ҳамкорӣ ба имзо расид.



Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Амири Давлати Қатар шайх Ҳамад ибни Халифа оли Сонӣ. Давҳа, Қатар, 6 майи соли 2007.

The President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon and the Emir of the State of Qatar Sheykh Hamad ben Khalifa Al-Thani. Doha, Qatar. May 6, 2007.

The Kingdom of Saudi Arabia recognized the independence of the Republic of Tajikistan in January 11, 1992 and diplomatic relations between the two countries were established back in February 22, 1992.

The Kingdom of Saudi Arabia is the first Arab country that launched its diplomatic mission in Tajikistan in January 2010 as a follow up to the Tajik Embassy inauguration in Saudi Arabia in 2008.

The President Emomali Rahmon of Tajikistan has paid three visits to Saudi Arabia (1997, 2001, 2005) over the past 20 years of bilateral relations thus setting up legal framework that regulate relations between the two counties.

In 2005, President Emomali Rahmon attended the 3rd Extraordinary Summit of the OIC held in Mecca as well as held meeting with the King of the Saudi Arabia Abdul Aziz Al Saud where both parties discussed further development of mutually beneficial cooperation between Tajikistan and Saudi Arabia.

Fruitful relationship between the Republic of Tajikistan and **the State of Qatar** is based on brotherly, friendly and sincere relations between the two head of states which has been continually enhanced over the past years due to joint efforts taken by the two countries. These relations have been stepping up recently.

Legal and diplomatic framework between the Republic of Tajikistan and the State of Qatar was established within the 7th OIC Summit held in December 13, 1994 in Morocco.

The official visit by the President Emomali Rahmon of Tajikistan paid to the State of Qatar in May 6-7, 2007 has further increased bilateral cooperation. During the visit both parties deliberated on a wide range of cooperation issues between Tajikistan and Qatar.

In August 2007, His Highness the Emir Sheikh Hamad bin Khalifa Al Thani of the State of Qatar paid a return visit to the Republic of Tajikistan and that has become the first visit by the head of Arab state to Tajikistan.



Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Аморати Муттаҳидаи Араб шайх Халифа бини Зоид оли Наҳён. Абӯзабӣ, 9 апрели соли 2007.

The President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon and the President of the United Arab Emirates Khalifa bin Zayed Al-Nahyan. Abu-Dhabi, April 9, 2007.

Тайи чанд соли охир муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо **Салтанати Умон** густариши назаррас касб менамоянд. Салтанати Умон соли 2009 дар қатори аввалинҳо шуда ба осебдидагони офатҳои табиӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дасти ёрӣ дароз намуд.

Бо маблағгузории ин кишвари дӯст дар шаҳри Кӯлоб як шаҳрак сохта ба истифода дода шудааст, ки дорои беморхона ва масҷиди замонавӣ мебошад. Дар назар аст, ки дар марҳилаи оянда якчанд лоиҳаҳои хайриявии дигар бо дастгирии мустақими Салтанати Умон пиёда карда шаванд.

Тоҷикистон ба роҳ мондану таҳким бахшидани ҳамкориҳои фаъолу созанда ва мутақобилан судмандро бо мамолики араб, чи дар асоси муносибатҳои дуҷониба ва чи дар заминаи ҳамкориҳои бисёрҷониба имрӯз ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии худ муайян кардааст. То ба имрӯз Тоҷикистон бо 17 кишвари арабӣ муносибатҳои дипломатӣ барқарор намудааст ва барои рушду таҳкими онҳо пайваста талош меварзад.

Дар чаҳорчӯби созмонҳои байналмилалӣ, алалхусус Созмони Милали Муттаҳид, Созмони Конфронси Исломӣ ва Созмони кишварҳои адами тааҳҳуд Тоҷикистон бо кишварҳои араб робитаҳои ҳамкории густурдаро ба роҳ мондааст, ки ҷавҳари онро рӯҳияи ҳусни тафоҳум, ягонасозии мавқеъгириҳо ва дастгирии манфиатҳои якдигар ташкил медиҳад.

Дар миёни кишварҳои аъзои Иттиҳоди давлатҳои мустақил бори нахуст дар шаҳри Душанбе баргузор гаштани ҷаласаи 37-уми Шӯрои вазирони корҳои хориҷии кишварҳои аъзои Созмони Конфронси Исломӣ рӯзҳои 18-20 майи соли 2010 марҳилаи сифатан наверо дар таърихи муносибатҳои Тоҷикистон бо мамолики араб боз намуда, заминаи эътимоднокеро барои гузоштани гомҳои устувор дар ин арса фароҳам овардааст.

Talks and negotiations held on the sidelines of the the visit resulted in an arrangement that provided for construction of a huge and modern Mosque in Dushanbe with the Qatari investments being attracted and all the Tajik architectural elements being taken into account while carrying out construction.

Official visits paid by the two head of states and talks conducted by official delegations were followed by signing a number of key documents on cooperation that have become of fundamental legal and normative importance for bilateral relations.

Diplomatic relations between the Republic of Tajikistan and t**he United Arab Emirates** were established in December 18, 1995.

Legal-treaty basis of relations between the two countries consists of the agreements signed as follow-up to the official visits by President Emomali Rahmon to the United Arab Emirates.

The Tajik President has paid two official visits to the United Arab Emirates (December 16-18, 1995 and April 9-13, 2007) that resulted in signing 7 documents on economic, technical and legal cooperation between the two nations.

Moreover, more than 40 other cooperation agreements that cover various fields, including economy, trade, investments, technology, culture, sport and youth policy that all are of vital importance have been signed over the past period and they all determine prospects of further relations between the two friendly and brotherly countries.

The Republic of Tajikistan considers **the State of Kuwait** as a reliable partner among the Arab countries and declares its intention to enrich and boost comprehensive relations between the two sides.

In April 17-19, 1995, on the invitation of the Emir of the State of Kuwait Sheikh Jaber as-Sabah, President Emomali Rahmon paid an official visit to the State of Kuwait that was the first visit by the Tajik President paid to Arab country.

During the visit, President Emomali Rahmon of Tajikistan held talks with the Emir of the State of Kuwait Sheikh Jaber as-Sabah and the First Deputy Prime Minister, the Minister of Foreign Affairs Sheikh Sabah al-Ahmad. The visit was followed by four cooperation documents signed as an outcome of the meetings.

Relations between the Republic of Tajikistan and **the Sultanate of Oman** have been considerably developed over the past few years. In 2009, the Sultanate of Oman was among the first countries which have provided assistance for those who suffered from natural disasters in Tajikistan.

A small town, including a hospital and a modern mosque was built in Kulob under financial assistance provided by this friendly state. A number of other humanitarian projects are expected to be implemented under the direct assistance delivered by the Sultanate of Oman.

Tajikistan has determined establishing and strengthening constructive, fruitful and mutually beneficial cooperation with the Arab world both at bilateral and multilateral levels as a priority of its foreign policy. Tajikistan has already established diplomatic relations with 17 Arab countries and it takes continued efforts to further increase and strengthen these relations.

Within the international organizations, including the UN, the OIC and Non-Alignment Movement (NAM), Tajikistan maintains comprehensive cooperation relations with Arab countries which are based on mutual understanding, shared positions and support of the mutual interests.

Tajikistan being the first among the CIS countries to host the 37th session of the OIC Foreign Ministers meeting held in Dushanbe in May 18-20, 2010, has opened up a qualitatively new level of relations with Arab countries and thus provided a reliable framework for further firm steps forward towards closer relations.

# МУНОСИБАТҲОИ ТОҶИКИСТОН БО КИШВАРҲОИ АВРУПО ВА АМЕРИКА




Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Дабири кулли Шӯрои Аврупо Торберн Ягланд ҳангоми изҳороти матбуотӣ. Страсбург. Фаронса, 6 июни соли 2011.

The President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon and the Secretary-General of the European Council Torbjorn Jagland during the press statement. Strasbourg, France, June 6, 2011.

Тоҷикистон бо ҳидоят ва роҳнамоии Сарвари давлат, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон равобити худро бо кишварҳои хориҷӣ дар асоси ҳамкории созанда ва фаъол татбиқ мекунад. Дар тӯли 20 соли истиқлолият ҷумҳурӣ муносибатҳои худро бо кишварҳои Аврупо ва Америка дар ҳамин асос роҳандозӣ кардааст, ки он боиси тақвияти ҳамкориҳои гуногунсамт гардидааст.

Муносибатҳои Тоҷикистон бо кишварҳои Аврупо ва Америка дар баробари муносибатҳо бо дигар кишварҳои олам хеле муҳим буда, ҷумҳурӣ дар ин равобит ҳадафи эҷоди шароити мусоиди байналмилалӣ ҷиҳати рушд ва инкишофи устувори кишварро пайгирӣ мекунад.

Муносибатҳои Тоҷикистон бо кишварҳои Аврупо ва Америка асосан дар солҳои 1991-1992 аз раванди ба расмият шинохтани ҷумҳурӣ ва барпо намудани муносибатҳои дипломатӣ бо ин кишварҳо оғоз ёфт.

Дар давоми солҳои 1992-1993 Ҷумҳурии Тоҷикистон бо як қатор кишварҳои Аврупо, аз ҷумла Швейтсария, Люксембург, Австрия, Булғористон, Италия, Кипр, Лаҳистон, Маҷористон, Португалия, Словакия, Олмон, Финляндия, Фаронса, Чехия, Белгия, Британияи Кабир, Дания, Испания, Нидерланд муносибатҳои дипломатиро барпо намуд. Дар солҳои баъдӣ бо дигар кишварҳои Аврупо низ муносибатҳои дипломатӣ барқарор карда шуданд.

Аз кишварҳои қитъаҳои Америка бошад дар солҳои 1992-1993 муносибатҳои дипломатии Тоҷикистон бо Штатҳои Муттаҳидаи Америка, Канада, Мексика барпо карда шуданд. Раванди истиқрори муносибатҳои дипломатӣ то кунун идома пайдо кардааст. Аз ҷумла, дар соли

# TAJIKISTAN'S RELATIONS WITH EUROPEAN AND AMERICAN COUNTRIES: SINCE INDEPENDENCE TO THE PRESENT

Tajikistan under the guidance and leadership of the Head of State, His Excellency Emomali Rahmon conducts its relations with foreign countries based on constructive and fruitful cooperation. Over the 20 years of independence, our country pursued its policy with European and American countries based on the principles which helped to improve multilateral cooperation.

Tajikistan's relations with Europe and America, as well as relations with other countries are of a great importance. In this respect, the country pursues its goal of creating a favorable international environment for progress and continued development of the country.

Tajikistan's relations with Europe and America started mainly in 1991-1992 with the process of official recognition of Tajikistan and the establishment of diplomatic relations with these nations.

During 1992-1993 the Republic of Tajikistan established diplomatic relations with several European countries, including Switzerland, Luxembourg, Austria, Bulgaria, Italy, Poland, Hungary, Portugal, Slovakia, Germany, Finland, France, Czech Republic, Belgium, Britain, Denmark, Spain and the Netherlands. Few years later, the diplomatic relations were also established with other countries of Europe.

Among American countries diplomatic relations were established in 1992-1993 with the United States, Canada and Mexico. The process of establishing diplomatic relations with the countries of the Americas is still continuing. For example, in 2011 Tajikistan established diplomatic relations with the two Central American countries - Antigua and Barbuda and Union of Dominica.

Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаи парлумони Аврупо. Брюссел, 10 феврали соли 2009.

Speech of the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon attends the session of the European Parliament. Brussels, February 10, 2009.



2011 Тоҷикистон бо ду кишвари Америкаи Марказӣ – Антигуа ва Барбуда ва Иттиҳоди Доминика муносибатҳои дипломатиро барпо намуд.

Ба мушкилиҳои ҷойдошта ва масофаҳои ҷуғрофӣ нигоҳ накарда муносибатҳои Тоҷикистон бо кишварҳои Аврупо ва Америка дар тайи солҳои гузашта мунтазам ривоҷу равнақ меёфтанд.

Дар марҳилаи аввали муносибатҳо бо кишварҳои Аврупо, ки дар солҳои мушкилиҳои дохилии ҷумҳурӣ ташаккул меёфтанд, ҳамкориҳо асосан бо расонидани кӯмаки башардӯстона аз ҷониби кишварҳои Аврупо маҳдуд мешуданд.

Бояд қайд кард, ки дар давраи зикргардида кишварҳои Аврупо ба воситаи созмонҳои байналмилалӣ ва ғайриҳукуматӣ ба Тоҷикистон кӯмаки назаррас намуданд, ки барои паси сар намудани мушкилиҳои ҷойдошта хеле муҳим буд.

Баъд аз ба даст овардани сулҳу субот дар ҷумҳурӣ марҳилаи нави муносибатҳо бо кишварҳои Аврупо оғоз ёфт. Гарчанде Тоҷикистон ҳоло ҳам дар вазъияти мушкили иҷтимоӣ ва иқтисодӣ қарор дошт ва ниёз барои кӯмакҳои башардӯстона мавҷуд буд, ҷумҳурӣ кӯшиш менамуд равобити худро бо кишварҳои Аврупо дар самтҳои гуногун барпо намояд.

Албатта муносибатҳо бо кишварҳои Аврупо дар як сатҳ рушд намеёфтанд. Аз миёни кишварҳои Аврупо Олмон аввалин шуда сафорати худро дар Тоҷикистон моҳи июни соли 1993 кушод, ки ин амр ба марҳилаи нави муносибатҳо оғоз ниҳод.

Тоҷикистон низ баҳри густариши муносибатҳо бо Аврупо ва таъмини намояндагии ҷумҳурӣ дар хориҷи кишвар сафорати худро дар Бонн моҳи сентябри соли 1994 таъсис дод. Сипас соли 1999 сафорат аз Бонн ба Берлин кӯчонида шуд.

Дар тӯли солҳои 1993 то 2001 сафорати Олмон на танҳо намояндагии ин кишварро дар Тоҷикистон таъмин менамуд, балки аз номи дигар кишварҳои Иттиҳоди Аврупо дар ҷумҳурӣ фаъолият мекард.

Тоҷикистон ба истиқрори муносибатҳо бо Конфедератсияи Швейтсария низ аҳамияти хоса зоҳир намуд. Бо ифтитоҳи Дафтари Швейтсариягӣ оид ба ҳамкорӣ дар Душанбе дар соли 1998 муносибатҳо бо ин кишвар густариш ёфта истодаанд. Соли 2001 дар Дафтари Швейтсариягӣ оид ба ҳамкорӣ Агентии консулӣ ифтитоҳ гардид, ки имконияти судури раводидҳоро ба шаҳрвандони Тоҷикистон фароҳам овард.

Гарчанде муносибатҳо бо кишварҳои Аврупо рушд меёфтанд, аммо ҳоло ҳам онҳо дар сатҳи дилхоҳ қарор надоштанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯшиш менамуд, ки равобити худро бо ин минтақа вусъат дода, аз имкониятҳои мавҷуда самарнок истифода намояд.

Баъд аз оғози амалиёти зиддитеррористӣ дар Афғонистон дар соли 2001 муносибатҳои Тоҷикистон бо кишварҳои Аврупо хусусияти нав касб намуд. Тоҷикистон аз лаҳзаи оғози ин амалиёт дастгирии худро эълон намуда, имконияти истифодаи инфтрасохтори заминӣ ва ҳавоии худро ба қувваҳои аъзои эътилофи зиддитеррористӣ пешниҳод намуд.

Бо назардошти аҳамияти сиёсӣ ва ҷойгиршавии ҷуғрофии Тоҷикистон баъд аз оғози амалиёти зиддитеррористӣ дар Афғонистон як қатор кишварҳои Аврупо дар Тоҷикистон намояндагиҳои дипломатии худро кушоданд.

Моҳи ноябри соли 2001 дар шаҳри Душанбе сафоратхонаи Ҷумҳурии Фаронса кушода шуд. Декабри соли 2001 бошад, Сафорати Британияи Кабир дар Душанбе фаъолияти худро оғоз намуд.

Соли 2003 дар Душанбе Идораи раёсати ҳамкориҳои байналмилалии Шветсия дар соҳаи рушд (SIDA) кушода шуда соли 2004 дар асоси он намояндагии сафорати Шоҳигарии Шветсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки онро кордор роҳбарӣ менамуд, таъсис дода шуд.

Аз оғози даврони истиқлолият то кунун дар як қатор пойтахтҳои кишварҳои Аврупо низ намояндагиҳои дипломатии Тоҷикистон кушода шуданд.

Равобити Тоҷикистон бо кишварҳои Аврупо ҳам дар асоси муносибатҳои дуҷониба, ҳам дар чорчӯбаи созмонҳои байналмилалӣ сурат мегирад. Чунин ҳамкориҳо дар ҳошияи созмонҳои байналмилалӣ, ба монанди САҲА ва СММ бештар ба назар мерасанд. Чунончӣ, дар солҳои 2000, 2003, 2009 ва 2010 Тоҷикистон дар СММ пешниҳод ва ташаббусҳои фарогир иқдом намуда буд. Бо дастгирии бевоситаи як қатор кишварҳои Аврупо оид ба ин ташаббусҳои Тоҷикистон қатъномаҳои дахлдори Маҷмаи Умумии СММ дар масъалаҳои об қабул гардиданд. Чунин ҳамкорӣ аз мавқеъ ва назари наздики Тоҷикистон ва кишварҳои Аврупо оид ба масъалаҳои байналмилалӣ ва сатҳи хуби равобит шаҳодат медиҳад.

Despite existing problems and geographic distance, relations between Tajikistan and the countries of Europe and America systematically developed and flourished in recent years.

Initially, relations with European countries that have developed during the last years of internal conflict of the country, cooperation was mainly confined to humanitarian assistance from the European countries.

It should be noted, European countries have provided considerable assistance to Tajikistan at this period through international and nongovernmental organizations, which was very important for addressing domestic challenges of those hard times.

A new stage of relations with European countries has begun after the achieving of peace and stability. Despite the fact that Tajikistan was in a complex social and economic situation and was living in a desperate need of humanitarian assistance, the country tried to develop its relations with European countries in various directions.

Of course, the relations with European countries haven't developed at the same level. Among European countries, Germany was the first that has opened its Embassy in Tajikistan in June 1993. It has marked a new milestone in relations between the two countries.

With the view to developing relations with Europe and introducing the country abroad, Tajikistan has established its Embassy in Bonn in September 1994. Then in 1999 the Embassy was moved from Bonn to Berlin.

From 1993 to 2001 the Embassy of Germany represented not only its country, but also other countries of European Union.

Tajikistan is also paying particular attention to strengthening relations with Swiss Confederation. With the opening of the Swiss Cooperation Office in Dushanbe in 1998, the relations with this country become more intensive. In 2001, a Consular Agency was opened by the Swiss Cooperation Office, which allowed to issue visas to citizens of Tajikistan.

Despite the fact that relations with Europe have developed, they were not at desirable level. The Republic of Tajikistan takes efforts to develop its relations with the region and effectively use existing opportunities.

Since the beginning of the antiterrorist operation in Afghanistan in 2001, relations between Tajikistan and European countries have acquired a new shape. Tajikistan declared its support for the operation and gave an opportunity for members of the antiterrorist coalition to use its air space and ground infrastructure.

After the antiterrorist operation started in Afghanistan, taking into account the political significance and geopolitical position in Tajikistan, a number of European countries opened their diplomatic missions in Tajikistan.

In November 2001 the French Embassy was opened in Dushanbe, and in December 2001 the British Embassy began its work.

In 2003, the Swedish International Development Cooperation Agency (SIDA) was opened in Dushanbe and in 2004 the Embassy of Sweden in the Republic of Tajikistan was established on the basis of the Agency, which was headed by Charge d' Affaires (non-resident).

Since the early years of independence, diplomatic missions of Tajikistan were also opened in several European countries.

Tajikistan's interaction with European countries develops on the basis of bilateral relations and in the frames of international organizations. Such cooperation is particularly noticeable in the framework of such international organizations as the OSCE and UN, since Tajikistan presented outstanding initiatives in the UN in 2000, 2003, 2009 and 2010. Thanks to the direct support of the European countries, a large number of initiatives in Tajikistan on water issues were adopted by relevant resolutions of the UN General Assembly. Such collaboration demonstrates close or similar positions and views of Tajikistan with the European states on international issues, as well as a good level of relations.

**European Union**

The Republic of Tajikistan attaches great importance to the development and extension of relationship with the European Union. Relations with the EU are among priority directions of the foreign policy of our country. In relations with the EU, Tajikistan proceeds from the need to cover the most important trends and areas of interaction, including the process of democratization, rule of



Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Комиссияи Аврупо Жозе Мануел Баррозо. Брюссел, 10 феврали соли 2009.
The President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon and the President of European Commission Jose Manuel Barroso. Brussels, February 10, 2009

**Иттиҳоди Аврупо**

Тоҷикистон ҳамеша ҷонибдори густариш ва таҳкими робитаҳо бо Иттиҳоди Аврупо мебошад. Тоҷикистон Иттиҳоди Аврупоро ба сифати шарики муҳими байналмилалии худ, ки пайваста баислоҳоти демократӣ дар кишвар, волоияти қонун, ҳуқуқи инсон, ҷалби сармояи хориҷӣ ба соҳаҳои авлавиятноки иқтисоди миллӣ, рушди иҷтимоӣ ва тандурустӣ, ҳифзи муҳити зист, идоракунии захираҳои об, энергетика, идора намудани сарҳад ва мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва ба ҳамкориҳои минтақавӣ мусоидат менамояд, арзёбӣ мекунад ва кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки бо ин сохтори бонуфузи байналмилалӣ ҳамкориҳои пойдору дарозмуддат ва мутақобилан судманд дошта бошад.

Муносибатҳои Тоҷикистон бо Иттиҳоди Аврупо аз соли 1992 оғоз ёфтанд ва тӯли давраи гузашта ба таври назаррас рушд ва тавсеа ёфтанд. Агар ба таърихи муносибатҳои ҷумҳурӣ бо Иттиҳоди Аврупо назар намоем, онро ба чанд давра тақсим намудан мумкин аст. Равобитҳо миёни Иттиҳоди Аврупо ва Тоҷикистон дар соли 1992 бо кушодашавии дафтари Барномаи кӯмаки техникӣ ба кишварҳои ИДМ (TACIS) дар Душанбе барқарор гардиданд. TACIS пас аз чанд моҳ бино ба хатари амниятӣ бо оғози ҷанги шаҳрвандӣ (1992-1997) баста шуд. Аммо ҷанги дохилӣ сабаби иҷро нашудани баъзе лоиҳаҳои Комиссияи Аврупо дар Тоҷикистон нагардид. Комиссияи Аврупо асосан тавассути маблағгузории дигар созмонҳои байналмилалӣ ва дастгирии шарикон, ки дар Тоҷикистон фаъолият мекарданд, масли Барномаи СММ оид ба рушд (UNDP), инчунин бо дигар воситаҳои худ ба монанди Барномаи амнияти озуқа (FSP) ва ҳифзи шаҳрвандӣ дар ҳолатҳои фавқулъода (ECHO) фаъолият мекард.

Соли 1993 Офиси минтақавии Комиссияи Аврупо – Кӯмаки башардӯстона ва ECHO дар Осиёи Марказӣ бо қароргоҳ дар Душанбе ифтитоҳ гашт.

law, border management, combating drug trafficking, transport and energy, particularly renewable energy, water management, environmental protection, education, trade and investment, as well as assistance in regional cooperation.

Cooperation between Tajikistan and the EU started back in 1992 and has been actively and intensively developed during the last years. The history of Tajikistan's relationship with the European Union can be divided into several periods. Relations started in 1992, as the TACIS programme opened its office in Dushanbe. It closed its office again a few months later because of security risks related to the start of the civil war (1992-1997). It did not stop the European Commission from implementing some projects in Tajikistan though they have been mainly working through funding other international organizations and implementing partners that were still active in Tajikistan, such as UNDP, but also with other European Commission instruments such as the Food Security Programme (FSP) and ECHO.

In 1993 the Humanitarian Aid & Civil Protection Department of the European Commission (ECHO) opened its regional office for Central Asia based in Dushanbe.

Year later, Tajikistan endorsed by exchange of letter the Trade and Cooperation Agreement signed by the EU with the Union of Soviet Socialist Republics (USSR) in 1989, as the legal framework for relations between the EU and Tajikistan.

The situation was deemed safe enough for the TACIS office to be reopened in 1995 and in 1997 all it projects were ceased.

However, the other programs – the European Instrument for Democracy and Human Rights (EIDHR) and the Food Security Programme (FSP) – did continue their projects. Generally, prior to 2000, cooperation between Tajikistan and the EU was noteworthy by reason of instability in the

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Намояндаи олии Иттиҳоди Аврупо оид ба сиёсати хориҷӣ ва амният Хавиер Солана. Брюссел, октябри соли 2004.

The President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon and the High representative of the European Union on Foreign Policy and Security Javier Solana. Brussels, October, 2004.



Пас аз як сол Тоҷикистон ба воситаи мубодилаи паёмҳо Созишнома оид ба тиҷорат ва ҳамкориро, ки миёни ИА ва ИҶШС дар соли 1989 имзо гардида буд, ҳамчун заминаи ҳуқуқӣ барои равобити дуҷониба ба ИА пешниҳод намуд.

Бо беҳтар шудани вазъияти амниятӣ дар Тоҷикистон дар соли 1995 Барномаи TACIS аз нав ифтитоҳ гардид ва то соли 1997 фаъолияти худро идома бахшид.

Дар канори ин, дигар барномаҳо, мисли Воситаҳои Аврупо барои демократия ва ҳуқуқи инсон (EIDHR) ва Барномаи амнияти озуқа (FSP) дар кишвар амал мекарданд. Ба таври умум, ба сабаби вазъияти ноором дар ҷумҳурӣ то соли 2000 дигаргуниҳои назаррас дар муносибатҳои Тоҷикистон бо Иттиҳоди Аврупо ҷой надоштанд. Бо таҳкими сулҳу субот ва истиқрори амният дар Тоҷикистон барномаи Кӯмаки техникӣ ба кишварҳои Иттиҳоди давлатҳои мустақил (TACIS) аз нав дар Тоҷикистон ифтитоҳ ёфт.

Баргузор гардидани вохӯриҳои муштараки коршиносон дар муносибатҳо бо Иттиҳоди Аврупо хеле муҳим ба шумор мераванд. Барои ташкил намудани чунин мулоқотҳо кӯшишҳо ба харҷ дода шуданд ва соли 2001 аввалин вохӯрии Кумитаи муштараки Иттиҳоди Аврупо - Тоҷикистон дар Брюссел барпо гардид. Инчунин ҳамон сол намояндагии Комиссияи Аврупо дар Тоҷикистон (бо иқомат дар Алмато) ифтитоҳ гардида, ҷаноби Алан Вадамс ба ҳайси Сардори Намояндагӣ таъйин гардид.

Дар давоми солҳои 2001 то 2008 Кумитаи муштараки Иттиҳоди Аврупо – Тоҷикистон ҳашт вохӯриро бо навбат дар Брюссел ва Душанбе гузаронид, ки дар рафти онҳо масъалаҳои ҳамкорӣ дар самтҳои гуногун муҳокима шуда, қарорҳои дахлдор қабул шуданд.

Бо мақсади таъмини намояндагии Тоҷикистон дар сохторҳои Иттиҳоди Аврупо соли 2001 Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Брюссел ифтитоҳ гардид, ки он ҳамзамон ҳамчун Намояндагии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Иттиҳоди Аврупо  фаъолият мекунад.

Соли 2004 баъд аз анҷоми гуфтушунид ва вохӯриҳое, ки дар тӯли чанд сол баргузор гардиданд, лоиҳаи Созишнома оид ба шарикӣ ва ҳамкорӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо омода гардид. 11 октябри соли 2004 дар рафти сафари Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Люксембург, Иттиҳоди Аврупо ва Тоҷикистон Созишномаро оид ба шарикӣ ва ҳамкорӣ ба имзо расониданд. Бо сабаби он, ки  Созишномаи имзошударо бояд ҳамаи парлумонҳои кишварҳои аъзои Иттиҳоди Аврупо ба тасвиб мерасониданд ва ин вақти муайянро талаб мекард, Созишномаи муваққатӣ оид ба тиҷорат ва масъалаҳои тиҷоратӣ миёни Иттиҳоди Аврупо ва Тоҷикистон низ имзо гардид.

Моҳи майи соли 2004 Намояндагии Комиссияи Аврупо дар Тоҷикистон ҳамчун намояндагии дипломатӣ расман таъйин гардид, ки таҳти сарпарастии Сардори намояндагӣ бо иқомат дар Қазоқистон фаъолият мебарад. Он ҳамчун Намояндагии минтақавӣ ба ҳисоб мерафт ва онро Кордор хонум Барбара Плинкерт роҳбарӣ менамуд. Дафтари Намояндагӣ дар давоми соли 2003 дар Душанбе таъсис дода шуд.

Соли 2005 Шӯрои Иттиҳоди Аврупо қарори дахлдорро оид ба таъсис додани Намояндаи махсус дар Осиёи Марказӣ қабул намуда, ба ин вазифа ҷаноби Ян Кубишро таъйин намуд. Сипас дипломати фаронсавӣ ҷаноби Пйер Морел ӯро дар ин вазифа иваз менамояд. Моҳи майи соли 2005 Созишномаи муваққатӣ оид ба тиҷорат ва масъалаҳои тиҷоратӣ миёни Иттиҳоди Аврупо ва Тоҷикистон эътибор пайдо намуд.

Баҳри возеҳтар намудани муносибатҳои худ бо кишварҳои Осиёи Миёна дар самтҳои муайян Иттиҳоди Аврупо Ҳуҷҷати стратегияи худро барои баррасӣ ба вохӯрии Тройкаи Иттиҳоди Аврупо – Осиёи Марказӣ дар Берлин моҳи июни соли 2007 пешниҳод намуд. Ҳуҷҷати мазкур дар ҷаласаи Шӯрои Аврупо дар Брюссел таҳти раисии Олмон тасдиқ гардида буд.

Бояд қайд кард, ки муносибатҳои Тоҷикистон бо Иттиҳоди Аврупо на танҳо дар соҳаи сиёсӣ ё иқтисодӣ рушд меёфтанд, балки муколамаҳоро оид ба ҳуқуқи инсон низ дар бар мегирифтанд. Аввалин чунин муколама моҳи октябри соли 2008 дар Душанбе баргузор гардида буд. Дар солҳои 2009 ва 2011 муколамаҳои навбатӣ дар Душанбе ташкил карда шуданд.

Соли 2008 Комиссари Аврупо оид ба равобити хориҷӣ хонум Бенита Ферреро-Валднер ба Тоҷикистон сафар намуда, бо Президенти ҷумҳурӣ Эмомалӣ Раҳмон ва Вазири корҳои хориҷӣ Ҳамрохон Зарифӣ мулоқот намуд. Таҳкими муносибатҳо бо Иттиҳоди Аврупо заминаҳои мусоидро барои ташкили сафарҳои расмӣ дар сатҳи олӣ фароҳам оварданд.

Дар натиҷа, моҳи феврали соли 2009 сафари расмии Президенти Тоҷикистон ба Брюссел баргузор гардида, вохӯрӣ ва мулоқотҳои ӯ бо намояндагони баландмақоми сохторҳои

country. By establishment of peace and stability in 2000 the TACIS programme reopened as projects resumed in Tajikistan.

A conduct of a joint meeting of experts is very important for bilateral cooperation between Tajikistan and EU. In 2001 the 1st meeting of the EU-Tajikistan Joint Committee was held in Brussels. At the same time, in 2001 the Delegation of European Commission to Tajikistan (with residence in Almaty) was opened and Mr. Alan Waddams was accredited as non-resident Head of Delegation.

Under the previous framework of the Trade and Cooperation Agreement (TCA), the Joint Committee between Tajikistan and the European Union held eight meetings by turns in Brussels and Dushanbe during the 2001–2008. Dialogue covered such issues as economic and trade relations, assistance cooperation and humanitarian aid.

In 2001, in order to represent the interests of Tajikistan in the European Communities the Embassy of the Republic of Tajikistan was opened in Brussels (as well as the Permanent mission to the European Union).

In 2004, in the aftermath of negotiations, a Partnership and Cooperation Agreement (PCA) between the Republic of Tajikistan and European Union was concluded. The Partnership and Cooperation Agreement (PCA) was signed on 11 October 2004 during the visit of President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon to Luxembourg. It replaces the Trade and Cooperation Agreement. An Interim Agreement on Trade and Trade-related Matters is also signed, pending ratification of the PCA by all EU Member States.

The Delegation of the European Commission to Tajikistan is officially accredited as a diplomatic representation of the European Commission in May 2004. It operates under the authority of the Head of Delegation based in Kazakhstan. It is referred to as a Regionalized Delegation, supervised by a Chargé d'affaires a.i, Barbara Plinkert. The offices of the Delegation were already established in Dushanbe in 2003.

In 2005 the European Union Council establishes the position of Special Representative of the EU for Central Asia, and appoints Jan Kubis to the post. Presently, the position of EU Special Representative for Central Asia is held by Pierre Morel. In May 2005 an Interim Agreement on Trade and Trade-related Matters between the EU and Tajikistan enters into force.

In June 2007 the EU Strategy paper is presented at the Troika EU-Central Asia Foreign Ministers' meeting in Berlin. The Strategy covers the most significant and important trends and areas of cooperation between Central Asian countries and the European Union. The first European Union Strategy Paper for developing cooperation with Central Asia is approved in Brussels during a session of the European Council, under the German presidency.

It is necessary to mention, that bilateral relations between the EU and Tajikistan have intensified in a number of fields. One particular area is that of human rights, where the EU and Tajikistan entered into an enhanced dialogue in October 2008. The EU-Tajikistan human rights dialogue offers a platform for discussion of questions of mutual interest and serves to enhance cooperation on human rights in multilateral forum. The second meeting of Tajikistan-EU Dialogue was held in September 2009 and the third was held in February 2011 in Dushanbe.

In 2008 the European Commissioner for external relations, Benita Ferrero-Waldner has visited Tajikistan and met with President Emomali Rahmon and Foreign Minister Hamrokhon Zarifi. Development of cooperation with European Union has created favorable conditions for organizing high level official visits.

As results, in February 2009 the President of the Republic of Tajikistan Mr. Emomali Rahmon paid an official visit to the EU Headquarters. In Brussels the President Emomali Rahmon has met the President of the European Commission Mr. José Manuel Barroso and the EU High Representative for the Common Foreign and Security Policy Mr. Javier Solana.

In May 2009 the Meeting of the Regional Political Dialogue between the EU Troika and Central Asia has been held in Dushanbe at the level of Ministers of Foreign Affairs. According to the agenda, the representatives of the EU Troika and the Ministers of Foreign Affairs of Central Asia have discussed the process of an implementation of the EU Strategy for Central Asia, including the 2009-2013 Action Plan on Drugs between the EU and Central Asian countries.

With the Lisbon Treaty entering into force, in December 2009 the Delegation of the European Commission to the Republic of Tajikistan is transformed into the Delegation of the European Union to the Republic of Tajikistan.



Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва вазирони корҳои хориҷии кишварҳои иштирокчии Иттиҳоди Аврупо дар маросими ба имзо расонидани Созишнома дар бораи шарикӣ ва ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо. Люксембург, октябри соли 2004.

The President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon and Foreign Ministers of member states of the European Union in the ceremony of signing the Partnership and Cooperation Agreement between the Republic of Tajikistan and the European Union. Luxembourg, October 2004.

Иттиҳоди Аврупо, аз ҷумла Президенти Комиссияи Аврупо Жозе Мануэл Баррозу, Намояндаи Олӣ Хавиер Солана ташкил карда шуданд.

Бо эътибор пайдо намудани Созишномаи Лиссабон дар соли 2009, Намояндагии Комиссияи Аврупо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Намояндагии Иттиҳоди Аврупо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил ёфт.

Моҳи январи соли 2010 аввалин роҳбари Намояндагии Иттиҳоди Аврупо дар Тоҷикистон дар сатҳи сафир ба фаъолияти худ шурӯъ намуд.

Чуноне, ки дар боло қайд гардида буд, Тоҷикистон бо Иттиҳоди Аврупо соли 2004 Созишномаи шарикӣ ва ҳамкориро ба имзо расонида буд, ки ин ҳуҷҷати асосӣ дар муносибатҳои дуҷониба мебошад.

Моҳи январи соли 2010 баъд аз тасвиб шудани Созишномаи шарикӣ ва ҳамкорӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо аз ҷониби парлумонҳои ҳамаи 27 кишвари аъзои Иттиҳоди Аврупо он эътибор пайдо намуд.

Баъд аз эътибор пайдо намудани ҳуҷҷати мазкур Шӯрои ҳамкорӣ таъсис ёфта, воҳӯрии нахустини он моҳи декабри соли 2010 бо иштироки Вазири корҳои хориҷӣ Ҳ.Зарифӣ дар Брюссел баргузор гардид. Мувофиқи Созишномаи шарикӣ ва ҳамкорӣ инчунин Кумитаи ҳамкорӣ таъсис дода шуда, ҷаласаи аввалини он моҳи марти соли 2011 дар Душанбе барпо гардид.

Мувофиқи Созишномаи шарикӣ ва ҳамкорӣ, Комиссияи ҳамкории байнипарлумонӣ миёни Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Парлумони Аврупо таъсис дода шудааст. Ҷаласаи нахустини он 15-16 марти соли 2011 дар Брюссел баргузор гардид.

Таҷрибаи муносибатҳо бо Иттиҳоди Аврупо нишон медиҳад, ки онҳо дар тӯли давраи гузашта мунтазам ва устуворона рушд меёфтанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти манфиатҳои худ равобитро бо Иттиҳоди Аврупо дар самтҳои гуногун давом хоҳад дод.

In January 2010 Head of Delegation of the European Union to Tajikistan has been appointed with the rank and courtesy title of Ambassador.

As has been mentioned above, EU-Tajikistan relations are governed by the Partnership and Cooperation Agreement which was signed in late 2004 and came into force on 1 January 2010 after ratification by all EU Member States. It is expected to enhance bilateral relations and heighten the EU profile in Tajikistan, as it sets out the parameters for increased political dialogue and cooperation as well as at promoting bilateral trade and investments.

According to this document, Cooperation Council between the EU and Tajikistan at the ministerial level has been established and the Minister of Foreign Affairs Mr. H.Zarifi has participated in the first meeting of Cooperation Council which was held in December 2010 in Brussels. Cooperation Council has been assisted in the performance of its duties by a Cooperation Committee and its first meeting was held in March 2011 in Dushanbe.

In accordance to the Partnership and Cooperation Agreement the Parliamentary Cooperation Committee consisting of member of the European Parliament and Tajik Parliament (Majlisi namoyandagon Majlisi Oli) has been established and it first meeting held on March 14-16, 2011 in Brussels.

During the last years, cooperation with the European Union is under constant and sustainable development. In accordance with its national interests, the Republic of Tajikistan will continue its cooperation with the European Union in diverse areas.

The relations of the Republic of Tajikistan with European countries during the period of independence have become more intensive. In particular, we have established very good relations with some countries in Europe. One of such countries is **Germany**, as we have established relations from the first years of our independence.

Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳамрохон Зарифӣ ва вакили Парлумони Аврупо, роҳбари гурӯҳи байнипарлумонии Аврупо оид ба масъалаҳои тағйирёбии иқлим, ҳифзи муҳити зист ва рушди устувор, намояндаи Раиси амалкунандаи САҲА оид ба масъалаҳои муҳити зист ва экологӣ Струан Стивенсон. Душанбе, 16 сентябри соли 2010.

The Minister of Foreign Affairs of the Republic of Tajikistan Hamrokhon Zarifi and the deputy of European Parliament, head of interparliamentary group of Europe on issues of climate change, environment protection and sustainable development, representative of the Chairman-in-Office of the OSCE on issues of environment protection and ecology Struan Stevenson. Dushanbe, September 16, 2010.





Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Канслери Ҷумҳурии Федеративии Олмон Герхард Шрёдер. Берлин, марти соли 2003.

The President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon and the chancellor of the Federal Republic of Germany Gerhard Schroeder. Berlin, March 2003.

Муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистон бо кишварҳои Аврупо дар тӯли солҳои истиклолият рӯ ба инкишоф овардаанд. Равобити кишвари мо хосатан бо баъзе кишварҳои Аврупо ба таври самарабахш ба роҳ монда шудаанд. Яке аз ин кишварҳо **Олмон** мебошад, ки бо он аз солҳои нахустини истиқлолияти ҷумҳурӣ муносибатҳо оғоз ёфта буданд. Ташрифҳои сатҳи баланди дуҷониба ба ҳамкории васеи Тоҷикистон ва Олмон замина гузоштанд. Моҳи марти соли 2003 ташрифи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Федеративии Олмон баргузор гардид, ки ба рушди муносибатҳои дуҷонибаи сиёсӣ ва иқтисодӣ мусоидат намуд.

3 ноябри соли 2006 ташрифи расмии Вазири корҳои хориҷии Олмон Франк-Валтер Штайнмайер ба Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид. Дар рафти боздиди худ Вазир бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Раҳмон, Вазири корҳои хориҷӣ Т. Назаров вохӯриҳо анҷом дода, ҳамзамон ба шаҳри Норак сафар кард.

Моҳи апрели соли 2008 Вазири давлатии корҳои хориҷии Олмон Г.Эрлер ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф овард. Ӯро ҳайати соҳибкорони олмонӣ ҳамроҳӣ карданд. Дар рафти боздиди худ ӯ бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Раҳмон, Раиси Маҷлиси намояндагон, Сарвазир ва Вазири корҳои хориҷӣ вохӯриҳо анҷом дод. Дар мулоқот мусоҳибон масъалаҳои густариши минбаъдаи муносибатҳои дуҷониба, ҳамкории иқтисодӣ ва тиҷоратии ду кишвар ва дигар масъалаҳои байналмилалии мавриди эҳтимоми муштаракро муҳокима намуданд.

Тоҷикистон раисии Олмонро дар Иттиҳоди Аврупо аз 1 январи соли 2007 ҳамчун омили муҳим барои баланд бардоштани сатҳи муносибатҳои худ бо Иттиҳоди Аврупо арзёбӣ кард. Ҷумҳурии Федеративии Олмон ҳамчун ташаббускори коркарди стратегияи нави Иттиҳоди Аврупо нисбати кишварҳои Осиёи Марказӣ баромад менамояд.

Visits on high and top levels contributed to deepening Tajik-German cooperation. Visit by the President of Tajikistan Mr. Emomali Rahmon to Germany which took place in March, 2003, has given a significant incentive to development of bilateral political and economic relations.

On 3 November 2006, a visit of the Minister of Foreign Affairs of Germany Mr.Frank- Walter Steinmeier to the Republic of Tajikistan took place. During the visit, the Foreign Minister has met the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon, the Minister of Foreign Affairs Hamrokhon Zarifi and visited Norak city.

In April 2008, the State Minister of Foreign Affairs of Germany Mr.Gernot Erler payed a visit to Tajikistan. He had constructive talks with the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon during his visit and met the Chairman of Majlisi namoyandagon (Lower Chamber of Parliament) Shukurjon Zuhurov, Prime-Minister Akil Akilov and the Minister of Foreign Affairs Hamrokhon Zarifi. The main attention during the exchange of views was given to the issues of bilateral Tajik-German relations, particularly in the field of trade and economy, as well as other regional issues of mutual interest. The State Minister was visiting Tajikistan as a head of official delegation and was accompanied by the group of German business delegation.

Tajikistan considered the Presidency of Germany in the European Union in the first half of 2007 as an important factor for upgrading the level of our bilateral relations with the European Union. Germany has acted as an initiator of the new Strategy of the European Union for Central Asia. It indicates as a whole the growing attention of the European political and business groups to the Central Asian region.

Contacts at a parliamentary level have also improved. During the period from 31 January till 3 February 2005, a member of the German Bundestag Dr.Margrit Wetzel visited Dushanbe. During her visit she met with representatives of Majlisi milli and chairpersons of a number of committees of Majlisi namoyandagon Majlisi Oli. On the results of the meetings, the parties have achieved agreement

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Федеративии Олмон Франк - Валтер Штайнмайер. Душанбе, 3 ноябри соли 2006.

The President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon and the Minister of Foreign Affairs of the Federal Republic of Germany Frank Valter Shtainmayer. Dushanbe, November 3, 2006.



Дар доираи муносибатҳои ду кишвар алоқаҳои байнипарлумонӣ инкишоф меёбанд. Рӯзҳои 31 январ то 3 феврали соли 2005 дар ш. Душанбе аъзои Бундестаги Олмон М. Ветсел ҳузур дошт. Дар рафти боздид ӯ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф оварда, бо сардорони як қатор кумитаҳо вохӯриҳо анҷом дод. Дар натиҷаи вохӯриҳо тарафайн ба хулоса омаданд, ки гурӯҳи дӯстии парлумонии Тоҷикистон-Олмон таъсис дода шавад.

6 феврали соли 2005 бо даъвати Фонди Фридрих Эберт дар ш. Душанбе Сардори гурӯҳи парлумонии Олмон-Осиёи Марказӣ, аъзои Бундестаги Олмон хонум Хади Вегенер ҳузур дошт. Инчунин, 9-11 июли 2009 ҳайати ҳукуматии Олмон бо роҳбарии Котиби давлатии Вазорати ҳамкориҳои иқтисодӣ ва рушд хонум Карин Кортманн, Сардори гурӯҳи Олмон-Осиёи Марказӣ хонум Хади Вегенер ва дигар намояндагони Парлумони Олмон ба Тоҷикистон ташриф оварданд. Зимни сафари худ ҳайат бо Вазири рушди иқтисод ва савдои Тоҷикистон ва намояндагони Маҷлиси Олӣ мулоқот дошт.

Ҳамкории байни ду кишвар дар соҳаи фарҳанг ва маориф ба таври динамикӣ инкишоф меёбад. Соли 2005 аз ҷониби Ҳукумати Олмон кӯмаки бебозгашт дар ҳаҷми 5 млн евро барои низоми маълумоти миёнаи ҳатмии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷудо карда шуд. Дар ин самт инчунин Хадамоти олмонӣ оид ба мубодилаи академиявӣ фаъолона ширкат варзид. Ҳамасола дар доираи барномаи мазкур зиёда аз даҳҳо донишҷӯён ва аспирантҳои муассисаҳои олии таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон сатҳи ихтисоси худро дар Олмон баланд мебардоранд.

Моҳи сентябри соли 2010 ҳафтаи фарҳангии Олмон дар Тоҷикистон барпо гардид, ки дар муносибатҳои ду кишвар нақши худро гузошт.

Равобити Тоҷикистон бо **Фаронса** тайи солҳои истиқлолият рӯ ба рушду тавсеа оварданд. Муносибатҳои дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Фаронса 3 марти соли 1992 барқарор шудаанд. 3 ноябри соли 2001 дар шаҳри Душанбе сафоратхонаи Ҷумҳурии Фаронса кушода шуд.

Дар айни ҳол муносибатҳои дуҷонибаи байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Фаронса дар соҳаҳои иқтисодӣ, фарҳангӣ ва ҳарбӣ самаранок ҷараён доранд.

Фаронса яке аз нахустин давлатҳоест, ки соли 1991 истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистонро эътироф кард. Ташрифи Котиби давлатии Фаронса оид ба корҳои хориҷӣ ҷаноби Ален Вивен ба шаҳри Душанбе дар моҳи марти соли 1992 далели гуфтаҳои болост. Дар рафти ташриф масъалаҳои мубрами сиёсати дохилӣ ва берунии ду мамлакат, роҳҳои инкишофи муносибатҳои дутарафа мавриди муҳокима қарор гирифтанд. Инчунин маросими имзои протокол оид ба муқаррар намудани робитаҳои дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Фаронса баргузор гардид.

Боздиди расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Ҷумҳурии Фаронса моҳи декабри соли 2002 нишондиҳандаи манфиатдории тарафҳо дар тақвияти ҳамкориҳои дуҷониба мебошад. Ҳангоми боздид Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Раҳмон бо Президенти Ҷумҳурии Фаронса ҷаноби Жак Ширак, Раиси Сенат, Вазири корҳои дохилӣ, Вазири мудофиа, Вазири савдои беруна ва Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Фаронса вохӯриҳо доир намуд.

Ба инкишофи ҳамкориҳои дуҷонибаи фарҳангӣ, инчунин, ташрифи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Фаронса ҷиҳати иштирок дар кори Конфронси генералии ЮНЕСКО моҳи октябри соли 2005 мусоидат кард. Дар рафти ташриф «Рӯзи фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Фаронса» бо иштироки васеи намояндагони санъати тоҷик баргузор шуд. Ҳамзамон вохӯрии Президенти Ҷумҳурии Фаронса ҷаноби Жак Ширак бо арбобони санъати тоҷик доир гардид, ки дар он ҷаноби Жак Ширак онҳоро бо мукофотҳои давлатии Фаронса сарфароз гардонид.

11-12 апрели 2008 Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Фаронса Бернар Кушнер ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф овард. Б.Кушнерро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Раҳмон ба ҳузур пазируфт. Дар мулоқот бо Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳ.Зарифӣ масъалаҳои муносибатҳои дуҷониба ва дигар масъалаҳои муҳими минтақавию байналмилалӣ муҳокима гардиданд.

Дар солҳои охир робитаҳои дуҷониба дар сатҳи баланд инкишоф ёфта истодаанд. Ин матлабро ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф овардани намояндагони олимақоми Фаронса, аз ҷумла Вазири ҳамкорӣ ва франкофонияи Ҷумҳурии Фаронса ҷаноби Шарл Жоселана дар моҳи феврали соли 1999, Вазири амнияти Фаронса ҷаноби Ален Ришар дар моҳи январи соли



Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Фаронса Жак Ширак. Париж, 11 октябри соли 2005.

The President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon and the President of the French Republic Jacques Chirac. Paris, October 11, 2005.

on establishing bilateral group of friendship. Its task will include an exchange of experience and developments of communications between parliaments of the two states.

On 9-11 July 2009, Parliament's State Secretary of the Federal Ministry for Economic Cooperation and Development Ms. Karin Kortmann, Head of German-Central Asia parliamentary group of Bundestag Ms. Hedy Vegener and other members of the German Bundestag have visited Tajikistan. During the visit, the German delegation has had the meetings with the Tajik Parliament and the Minister of Economic Development and Trade.

Cooperation between the two countries in the spheres of culture and education develops dynamically; in particular in 2005 the Government of Germany had allocated grant aid worth of 5 million Euros for the system of an elementary education in Tajikistan.

Germans takes active part in this direction on the academic exchange. More than dozens of students and post-graduate students from Tajikistan annually attend trainings and raise their qualification in Germany under the program.

In September 2010 the "German Weeks" in Tajikistan has been conducted. Different conferences, concerts, exibitions and meetings were held during this cultural event.

Cooperation of Tajikistan with France has been actively developing since independence. Diplomatic relations of the Republic of Tajikistan and the Republic of France were established on March 3, 1992. The Embassy of the Republic of France in Dushanbe was opened on November 3, 2001.

At present, the Tajik-French relations are developing in military, economic and cultural fields.

France was one of the first European countries that recognized an independence of Tajikistan in 1991. The evidence to that was the visit of Mr.Alen Viviene the State Secretary for Foreign Affairs in March 1992 to Dushanbe. Issues related on domestic and foreign policy of the two countries, possible ways of development of bilateral relations have been discussed during the visit and a ceremony of signing of the Protocol on the establishment of diplomatic relations between Republic Tajikistan and the Republic of France has also taken place.

2002, Вазири корҳои хориҷии Фаронса Доминик де Вилпен дар моҳи сентябри соли 2002, Вазири савдои берунаи Фаронса ҷаноби Франсуа Лооса дар моҳи майи соли 2004, Вазири мудофиаи Фаронса хонум Мишел Алийо-Мари дар моҳи декабри соли 2003, декабри соли 2005, июл ва декабри соли 2006, Намояндаи махсуси Президенти Фаронса оид ба масоили Афғонистон, Покистон ва Осиёи Марказӣ ҷаноби Тиерри Мариани дар моҳи октябри 2009 ба таври бориз ва субут мерасонанд.

Вақтҳои охир ҳамкориҳои ҳарбии ду давлат инкишоф ёфта истодаанд. Боздидҳои охирини Вазири мудофиаи Фаронса хонум Мишел Алийо-Мари аз Ҷумҳурии Тоҷикистон гувоҳи ин гуфтаҳоянд. Дар доираи ин боздидҳо Вазири мудофиаи Ҷумҳурии Фаронса бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон вохӯрӣ намуд, ки дар рафти он масъалаҳои ҳамкориҳои ҳарбӣ мавриди муҳокима қарор гирифтанд. Аз ҷумлаи чунин масъалаҳо ин дароз намудани мӯҳлати иқомати қисми ҳарбии Ҷумҳурии Фаронса дар фурӯдгоҳи ш.Душанбе мебошад, ки аз 200 низомӣ, 6 ҳавопаймои «Мираж» ва ҳавопаймоҳои ҳарбӣ-нақлиётии қувваҳои мусаллаҳи Фаронса иборат буда, дастгирии техникии қувваҳои коалитсиониро дар Афғонистон ба ӯҳда доранд.

12 март ва 8-10 июни соли 2010 Вакили махсуси Президенти Фаронса, Сенатор Эмри де Монтескю ба Душанбе ташриф овард ва бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон мулоқотҳо баргузор намуд. Дар мулоқот масъалаҳои муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Фаронса, инкишоф додани ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратӣ ва дигар масъалаҳои байналмилалии мавриди таваҷҷӯҳи муштарак муҳокима гардиданд. Зимни сафари дуюм сенатор Э. де Монтескю дар «Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба баррасии фарогири миёнамуддати рафти татбиқи Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт, 2005-2015» низ иштирок намуд.

20-25 апрели соли 2011 дар Душанбе ҳайати Гурӯҳи дӯстии байнипарлумонии Сенати Фаронса ва Осиёи Марказӣ бо роҳбарии Сенатор Андре Дюлэ ба Душанбе ташриф овард ва

Мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Фаронса Бернар Кушнер. Душанбе, 11 апрели соли 2008.
Meeting of the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon with the Foreign Minister of the French Republic Bernard Kushner. Dushanbe, April 11, 2008.



Official visit of the President of Tajikistan Emomali Rahmon to France in December, 2002 can be regarded as an illustration of interest of both countries in strengthening bilateral cooperation. During this visit, the President of Tajikistan met the President of France Mr. Jacque Chirac, the Chairman of the Senate, Minister of Internal Affairs, Minister of Defense, Minister-Delegate on Foreign Trade and Minister of Foreign Affairs of France.

The visit of the President of Tajikistan Emomali Rahmon to the French Republic for participation in UNESCO General Conference in October, 2005 gave the additional stimulus to development of bilateral cultural cooperation within the framework of which "Cultural Day of Tajikistan in France" with the participation of a large number of representatives of the Tajik art has been organized. Tajik artists met the President of France, during which Mr. Jacque Chirac has handed the state awards of France to a number of our artists.

On April 11-12, 2008 the Minister of Foreign Affairs of the Republic of France visited the Republic of Tajikistan. During this visit, he met with the President of Tajikistan Mr. Emomali Rahmon and the Minister of Foreign Affairs Mr. H.Zarifi. During the meetings parties discussed the issues of further development of bilateral relations and other international issues of mutual interest.

Bilateral interactions have been intensively stepping up over the last years. Minister on Cooperation and Francophone Mr. Charle Joselane (February 1999), Minister of Defense Mr. Alene Richard (January 2002), Minister of Foreign Affairs Mr. Dominick de Vilpend (September 2002), Minister on Foreign Trade Mr. François Loosa (May 2004), Minister of Defense Mrs. Michele Alliot-Marie (December 2003, December 2005, July and December 2006), the Special envoy of the President of France for Afghanistan, Pakistan and Central Asia Mr. Terri Mariani (October, 2009) have visited Tajikistan.

The last visit of French Minister of Defense Mrs. Michele Alliot-Marie to Tajikistan indicated development of military cooperation between the two countries. Within the framework of these visits, Minister of Defense met the President of Tajikistan and discussed issues of military cooperation: prolongation of deployment of the French military forces at Dushanbe airport which consist of more than 200 militaries, 6 fighters «Mirage» and 4 military-transport airplanes. They provide technical support for coalition forces in Afghanistan.

On 12 March and 8-10 June 2010 the Special envoy of the President of France, Senator Aymeri de Montesquiou has visited Dushanbe. He has met with the President of Tajikistan Emomali Rahmon and discussed the issues of bilateral relations, development of economic cooperation and other international problems. During his second visit, Senator A. de Montesquiou has also attended "the High-level International Conference on the midterm comprehensive review of the implementation of the International Decade for Action "Water for Life" 2005-2015.

The Delegation of Inter-parliamentary group of friendship of the Senate of France - Central Asia headed by its Chairman Mr. Andre Dulait visited Dushanbe on 20-25 April 2011 in Dushanbe and had meetings with Tajik President. During the meetings, parties have discussed a wide range of issues, in particular bilateral relations of Tajikistan and France, social-economic situation, security and water-energy issues in the region, situation in Afghanistan and other international issues of mutual concern.

In December 2002, Cooperation agreement between military authorities of both countries has been signed. This Agreement provides cooperation in the field of training of a military staff for Tajikistan. Within the framework of the Agreement Tajik militaries annually receive advanced knowledge, participating in trainings and actions planned according to military cooperation plan.

Financial Protocol between the Government of Tajikistan and the Government of France was signed on August 8, 2008 in Dushanbe and the Additional Protocol on granting of the preferential long-term credit for construction of a new terminal of at Dushanbe International Airport has been signed on May 1, 2009.

During the period of an establishment of bilateral relations between the Government of Tajikistan and the Government of France 12 documents have been signed, which create legal basis of cooperation of the two countries.

**The Republic of Austria** is one of the major partners of Tajikistan in Europe.

Diplomatic relations between Tajikistan and Austria have been established on March 25, 1992. Tajikistan's Embassy in Vienna was opened in 1997.

бо роҳбарияти ҷумҳурӣ мулоқотҳо баргузор намуд. Дар мулоқотҳо доираи васеи масъалаҳо, аз ҷумла муносибатҳои дуҷониба байни Тоҷикистон ва Фаронса, вазъи иқтисодӣ-иҷтимоии кишвар, амнияти минтақавӣ ва масъалаҳои обу энергетика ва вазъияти Афғонистон мавриди муҳокима қарор гирифтанд.

Моҳи декабри соли 2002 Созишнома оид ба ҳамкории байни муассисаҳои ҳарбии ду давлат ба имзо расид. Созишномаи мазкур ҳамкориро дар соҳаи тайёр намудани кадрҳои ҳарбӣ барои Тоҷикистон пешбинӣ мекунад. Дар доираи ин созишнома низомиёни тоҷик ҳар сол дар машқҳо ва чорабиниҳо, ки тибқи нақшаи ҳамкории ҳарбӣ баргузор мешаванд, иштирок намуда, донишҳои зарурӣ мегиранд.

8 августи 2008 дар Душанбе Протоколи молиявӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Фаронса ва 1 майи 2009 дар Душанбе Протоколи иловагӣ оид ба сохтмони терминали нави Фурӯдгоҳи байналмилалии Душанбе ба имзо расид.

Ба таври умум, дар соҳаи муносибатҳои дуҷониба байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Фаронса 12 ҳуҷҷат имзо шудааст, ки заминаи шартномавӣ-ҳуқуқии ду давлатро ташкил медиҳанд.

**Ҷумҳурии Австрия** яке аз шарикони наздики Тоҷикистон дар Аврупо ба шумор меравад. Муносибатҳои дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Австрия 25 марти соли 1992 барқарор шудаанд. Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Вена моҳи декабри соли 1997 кушода шудааст, ки он далели рӯшани алоқамандии дуҷониба ҷиҳати тавсеаи робитаҳои минбаъда мебошад.

Муносибатҳои сиёсӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Австрия ҳамчун муколамаи созанда арзёбӣ мешаванд, ки дар рафти мулоқотҳои сарони кишварҳо ва роҳбарони вазоратҳои корҳои хориҷӣ муайян шудааст.

Президенти Ҷумҳурии Австрия Томас Клестил, Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Талбак Назаров ва Сафири Фавқулода ва Мухтори Тоҷикистон дар Австрия, Намояндаи доимии Тоҷикистон дар САҲА Ҳамрохон Зарипов (Зарифӣ) ҳангоми раут. Вена, июли соли 1997.

The President of the Republic of Austria Thomas Klestil, the Minister of Foreign Affairs of the Republic of Tajikistan Talbak Nazarov and Ambassador Extraordinary and Plenipotentiary of Tajikistan to Austria, the permanent representative of the Republic of Tajikistan in OSCE Hamrokhon Zarifi during the reception. Vienna, July 1997.





Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Австрия Ҳайнтс Фишер. Вена, 7 июни соли 2011

The President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon with the President of Austria Heinz Fischer. Vienna, June 7, 2011.

An inauguration of Tajikistan's Embassy in Austria in December 1997 is a striking illustration of mutual interest in further intensification of bilateral ties.

Tajik-Austrian political relationship embraces constructive dialogue that has been set in the course of the meetings of heads of states and ministers of foreign affairs.

The first round of bilateral political consultations between the ministries of foreign affairs of the two countries were held in February 21 – 23, 2007 in Dushanbe and attended by the delegation of the Federal Ministry for European and International Affairs of Austria led by Ambassador Hanns Porias.

On March 30th –April 1st 2011 the Minister of Foreign Affairs paid an official visit to Austria. He visited the meeting of the OSCE Permanent Council and delivered a speech. He also met with the Minister of Foreign Affairs of Austria Mr. Michael Spindelleger.

Bilateral political consultations between the ministries of foreign affairs of the two countries were held during the visit.

Among the East-European countries Tajikistan maintains good level of relations with **Poland**. Diplomatic relations between the Republic of Tajikistan and the Republic of Poland were established on February 11th, 1992.

The intensification of bilateral relations between Tajikistan and Poland began in early 2000. The basis of bilateral relations is of great interest of both countries in the development of partnership and business cooperation between the countries.

During the official visit of the President of the Republic of Poland to Dushanbe in October 2002 and the visit of the President of the Republic of Tajikistan to Warsaw in May 2003, seven bilateral agreements were signed by the Presidents in the fields of economy, culture, science, education and crime, which have to be a legal-treaty basis of Tajik-Polish relationship.



Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Полша Александр Квасневский. Варшава, майи соли 2003.

The President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon and the President of Republic of Poland Alexander Kvasnevsky. Warsaw, May 2003.

26 - 28 апрели соли 2005 дар Душанбе нахустин иҷлосияи Комиссияи муштараки Тоҷикистону Австрия оид ба муносибатҳои иқтисодӣ баргузор гашт. Дар ҷамъбасти иҷлосияи мазкур тарафайн барои ривоҷу равнақ додани муносибатҳои иқтисодии дуҷониба протокол имзо карданд.

21 - 23 феврали соли 2007 машваратҳои сиёсӣ бо иштироки ҳайати Вазорати корҳои хориҷии Австрия таҳти роҳбарии Сафир Ханнс Пориас баргузор гардиданд.

30 март – 1 апрели соли 2011 сафари расмии Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Австрия баргузор гашт. Зимни сафар Ҳ.Зарифӣ дар кори Иҷлосияи №856-и Шӯрои Доимии САҲА суханронӣ намуд. Инчунин ӯ бо Вазири корҳои аврупоӣ ва хориҷии Австрия ҷаноби Михаэл Шпинделлегер вохӯрӣ анҷом дод.

Зимни сафари расмӣ 1 апрели соли 2011 дар шаҳри Вена дар бинои Вазорати корҳои аврупоӣ ва хориҷии Австрия машваратҳои сиёсӣ миёни ҳайатҳои Тоҷикистон ва Австрия барпо гаштанд.

Миёни кишварҳои Аврупои Шарқӣ равобити Тоҷикистон бо **Ҷумҳурии Лаҳистон** дар сатҳи хуб қарор дорад. Муносибатҳои дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Лаҳистон 11 феврали 1992 барқарор шудаанд.

Робитаҳои дуҷониба байни Тоҷикистон ва **Лаҳистон** аз соли 2000 инҷониб ба марҳилаи нави инкишофи худ ворид гаштанд. Асоси муносибатҳои дуҷонибаро манфиатҳои ду кишвар дар густариши муносибатҳои шарикӣ ва ҳамкорӣ байни кишварҳо ташкил медиҳад. Дар ҷараёни сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Лаҳистон ба Душанбе моҳи октябри 2002 ва сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Варшава моҳи майи 2003 7 санади муҳим дар соҳаҳои иқтисодӣ, фарҳангӣ, илмӣ, маориф, инчунин мубориза бо ҷинояткорӣ,

Tajik – Poland experts meeting was held on September 26 at the Ministry of Energy and Industry and the Ministry of Economic Development and Trade which facilitated an identification of the areas for mutually beneficial cooperation. Experts also took part in the international exhibition «Taj-Build» in Dushanbe, which was the first step towards studying Tajikistan's market and its opportunities.

In recent years, cultural and educational ties between the two countries are vividly growing. In autumn 2005, a show on Polish films was held in Dushanbe. In its turn, the Tajik national masters on art have been involved in festivals and exhibitions organized in Poland. In September 2007, eight young scientists from Tajikistan had been selected by the Polish government for further scientific studies at universities in Poland. Based on a high school exchange program, the teachers of Polish language come from Poland to Tajikistan and teach Tajik students.

Within the frames of a Programme of the Government of the Republic of Poland for Young Scientists 2008-2009 several candidates were sent from the Republic of Tajikistan.

On November 15th, 2010 the Embassy of Poland organized a concert of classical music in the National Conservatory of Dushanbe on the occasion of Independence Day of the Republic of Poland.

**The Czech Republic** is among the first European countries that recognized the independence of Tajikistan. The foundation for further strengthening of the Tajik-Czech relations was established in 2000.

In November 2002, in the margins of the visit to the Czech Republic for participation at the NATO Summit, President Emomali Rahmon visited a number of commercial companies, including Skoda Auto, where he met with the Czech business community and parliamentarians.

In January 2003, Deputy Minister of Industry and Trade of the Czech Republic, Mr. M. Somola visited Tajikistan. During this visit, both parties have signed a Memorandum which confirmed the continued cooperation of the two states.

On June 4-5th, 2003 a delegation of senators, members of the Committee of Foreign Affairs, Defence and Security of Parliament of the Czech Republic visited Tajikistan.



Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Чехия Ватслав Клаус. Прага, октябри соли 2004.

The President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon and the President of the Czech Republic Vaslav Klaus. Prague, October 2004.

ки пояи қарордодӣ-ҳуқуқии муносибатҳои Тоҷикистону Лаҳистонро фароҳам намуданд, ба имзо расидаанд.

Моҳи сентябри 2006 вохӯриҳои коршиносони Тоҷикистону Лаҳистон дар Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гаштанд, ки ба мушаххас шудани соҳаҳои мутақобилан судманди ҳамкорӣ мусоидат намуданд. Ҳамзамон иштироки Лаҳистон дар намоишгоҳи байналмилалии «Тадж-Build» дар Душанбе дар охири соли 2006 аз аввалин иқдомҳои бардошташуда ҷиҳати омӯзиши бозори Тоҷикистон ва имкониятҳои он ба шумор меравад.

Дар вақтҳои охир робитаҳо миёни ду кишвар дар соҳаи фарҳанг ва маориф дар ҳоли инкишоф қарор доранд. Тирамоҳи соли 2005 дар Душанбе намоиши филмҳои полшавӣ баргузор шуд. Дар навбати худ, намояндагони санъати миллии тоҷик дар фестивал ва ярмаркаҳое, ки дар Лаҳистон барпо мешаванд, иштирок менамоянд. Моҳи сентябри соли 2007 барои идома додани омӯзиши илмӣ дар донишгоҳҳои Лаҳистон дар доираи барномаи Ҳукумати Полша ҳашт олими ҷавон аз Тоҷикистон интихоб шуданд. Дар доираи барномаи мубодилаи байнидонишгоҳӣ омӯзгорони лаҳистонӣ ҷиҳати таълим додани донишҷӯёни тоҷик аз Лаҳистон ба Тоҷикистон меоянд.

Ҷаласаи нахустини Комиссияи ҳамкории иқтисодӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Лаҳистон 24-25 октябри соли 2010 барпо гардид.

15 ноябри соли 2010 бахшида ба рӯзи истиқлолияти Ҷумҳурии Лаҳистон дар Консерваторияи миллии шаҳри Душанбе консерти мусиқии классикӣ баргузор шуд.

**Ҷумҳурии Чехия** дар қатори нахустин кишварҳои Аврупо қарор дорад, ки Тоҷикистонро ба расмият шинохтаанд. Муносибатҳои дипломатӣ байни кишварҳо 5 июни соли 1992 барқарор шудаанд. Соли 2000 барои тақвият ёфтани муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Чехия заминаҳои муҳим гузошта шуданд.

Моҳи ноябри соли 2002 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Раҳмон аз Ҷумҳурии Чехия боздид ба амал овард. Дар рафти ин боздид Э.Раҳмон инчунин дар кори саммити навбатии Созмони Паймони Атлантикаи Шимолӣ ширкат варзид. Дар баробари ин, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба як қатор ширкатҳои саноатӣ, аз ҷумла ба ширкати «ШКОДА АВТО» ташриф оварда, аз маҳофили бозаргонӣ дидан кард.

Мулоқоти муовинони вазири корҳои хориҷии Тоҷчикитсон Абдулло Юлдошев ва Озода Раҳмонова бо намояндагони парлумони Чехия. Душанбе, 2 апрели соли 2010.

Meeting of the deputies of Minister of Foreign Affairs of Tajikistan Abdullo Yuldoshev and Ozoda Rahmonova with the representatives of Czech Parliament. Dushanbe, April 2, 2010.





Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз Сафири Фавқулодда ва Мухтори Ҷумҳурии Полша Мариан Пшездзески эътимоднома кабул мекунад.
Қасри миллат. Душанбе. 3 майи соли 2011.

The President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon receives the credentials from the Ambassador Extraordinary and Plenipotentiary of the Republic of Poland – Marian Pshezdzeski. Palace of Nation. Dushanbe, May 3, 2011.

Another important event in strengthening relations between Tajikistan and the Czech Republic was the official visit of President Emomali Rahmon to the Czech Republic in November 2004. During the visit, the following bilateral agreements were signed: Joint Declaration by President Emomali Rahmon and the President of the Czech Republic Vaclav Klaus, the Memorandum on the outcome of negotiations between the Ministry of Economy and Trade of the Republic of Tajikistan and the Ministry of Industry and Trade of the Czech Republic on cooperation in energy sector; loan Agreement between State Unitary Enterprise «Tajikcement" and Export Bank of the Czech Republic.

In November 2006, the parties signed the Agreement between the Republic of Tajikistan and the Czech Republic for the avoidance of double taxation and prevention of tax evasion on income and capital.

In the first half of 2009, the Czech Republic took the Presidency in the European Union. During the presidency of the Czech Republic on May, 29-30, 2009 there was held a regular meeting of the Troika of the European Union and the foreign ministers of Central Asia in Dushanbe. Minister for Foreign Affairs of the Czech Republic, Jan Kohout as the chairman of the European Union arrived in Tajikistan to attend this meeting. At this meeting, major attention was given to the following issues: bilateral relations between the European Union and Tajikistan, an implementation of the Strategy of the European Union in Central Asia, financial and economic crisis, water and energy, regional cooperation, including Afghanistan, Pakistan and Iran, situation on human rights and the rule of law in the country, as well as border management and combating drug trafficking.

Development of relations with **the Kingdom of Belgium** as one of the founders of the European Union has a great importance for Tajikistan. In this regard, cooperation of Tajikistan with Belgium has been developing on continuing basis since the country gained independence.



Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Сарвазири Подшоҳии Белгия Ҳерман ван Ромпей. Брюссел, 10 феврали соли 2009.

The President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon and Prime-Minister of the Kingdom of Belgium Herman van Rompuy. Brussels, February 10, 2009

Моҳи январи соли 2003 ба Ҷумҳурии Тоҷикистон Муовини вазири саноат ва савдои Ҷумҳурии Чехия ҷаноби М. Сомола сафар намуд. Дар рафти боздид Ёддошти тафоҳум ба имзо расид.

4-5 июни соли 2003 ҳайати сенаторон-аъзоёни Кумитаи корҳои хориҷӣ, мудофиа ва амнияти Парлумони Ҷумҳурии Чехия ба Тоҷикистон сафар карданд.

Яке аз ҳодисаҳои муҳими сиёсӣ дар муносибатҳои ҳарду кишвар боздиди расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Раҳмон аз Ҷумҳурии Чехия 6-9 октябри соли 2004 мебошад. Ҳангоми боздид созишномаҳои дуҷонибаи зерин ба имзо расиданд: Эъломияи муштараки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Чехия Ватслав Клаус; Ёддошти тафоҳум оид ба натиҷаи гуфтушунидҳо байни Вазорати иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати саноат ва савдои Ҷумҳурии Чехия оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи энергетика; Созишномаи кредитӣ байни Корхонаи воҳиди давлатии «Тоҷиксемент» ва Бонки содироти Чехия.

Моҳи ноябри соли 2009 Конвенсия байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Чехия оид ба канорагирӣ аз андозбандии дукарата ва пешгирии худдорӣ аз пардохтани андоз аз даромад ва сармоя ба имзо расид.

Дар нимсолаи якуми 2009 Ҷумҳурии Чехия раёсати Иттиҳоди Аврупоро ба ӯҳда дошт. Дар давраи раёсати Ҷумҳурии Чехия 29-30 майи соли 2009 дар Душанбе Вохӯрии навбатии Тройкаи Иттиҳоди Аврупо ва вазирони корҳои хориҷии Осиёи Марказӣ баргузор гашт. Барои иштирок намудан дар ин мулоқот Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Чехия Ян Когоут ба сифати раиси Иттиҳоди Аврупо ба Ҷумҳурии Тоҷикистон сафар кард. Ҳангоми вохӯрӣ ба масъалаҳои

Diplomatic relationship between the Republic of Tajikistan and the Kingdom of Belgium was established on 29 April 1992.

The Embassy of the Republic of Tajikistan to the Kingdom of Belgium started functioning in 2001, while the Permanent Mission of Tajikistan at the European Union was opened in Brussels.

On March 25-26, 2003 Emomali Rahmon, the President of the Republic of Tajikistan visited Brussels during which he had constructive talks and useful meetings with the King Albert II and business community of Belgium.

The second visit of Emomali Rahmon, the President of the Republic of Tajikistan to Belgium took place On October 9-10, 2004. President Emomali Rahmon had a meeting with the King of Belgium Albert II where both parties had discussed the issues of political and socio-economic situation in Tajikistan, as well as situations in Iraq and Afghanistan.

During the visit of the President of Tajikistan Emomali Rahmon to Belgium on February 9-11, 2009 he met with the Prime Minister of Belgium Herman Van Rompuy and the Chairman of the Belgian Senate A. de Decker.

They have discussed the issues of bilateral political, trade, economic and humanitarian cooperation.

President Emomali Rahmon has also attended an opening ceremony of a new building of the Embassy of the Republic of Tajikistan in Brussels and has met compatriots living in Belgium.

On May 31, 2009 the Prime Minister of the Kingdom of Belgium H.Van Rompuy has arrived in Dushanbe with working visit. During the visit H. Van Rompuy had a meeting with the President of the Republic of Tajikistan on the sidelines of which discussed the issues of bilateral cooperation between Tajikistan and Belgium, security in Afghanistan, the EU Strategy for Central Asia, program and plans for development of regional cooperation, effective water and power resources management and etc.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ифтитоҳи Сафорати Тоҷикистон дар Брюсел иштирок намуд.

The President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon participated at the ceremony of opening the Embassy of Tajikistan in Brussels.



зерин таваҷҷӯҳ зоҳир гардид: муносибатҳои дуҷонибаи Иттиҳоди Аврупо ва Тоҷикистон, татбиқи Стратегияи Иттиҳоди Аврупо барои Осиёи Марказӣ; бӯҳрони молиявӣ ва иқтисодӣ; об ва энергетика, қаринаи минтақавӣ; ҳамкории минтақавӣ, аз ҷумла бо Афғонистон, Покистон ва Эрон; таҳаввулоти дохилӣ, аз ҷумла дар масъалаҳои ҳуқуқи инсон, волоияти қонун ва ғайра; идора намудани сарҳад ва мубориза бо қочоқи маводи мухаддир.

Густариши муносибатҳо бо **Шоҳигарии Белгия** ба сифати яке аз кишварҳои поягузори Иттиҳоди Аврупо ва мақарри ниҳодҳои асосии он барои Тоҷикистон аҳамияти хоса дорад. Бино бар ин, равобити Тоҷикистон бо Белгия дар солҳои истиқлолият мунтазам рушд меёфтанд.

Муносибатҳои дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шоҳигарии Белгия 29 апрели 2009 барқарор шудаанд.

Соли 2001 Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Брюссел ифтитоҳ гардид, ки он ҳамзамон ҳамчун Намояндагии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Иттиҳоди Аврупо фаъолият мекунад.

25-26 марти 2003 боздиди расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Раҳмон ба Шоҳигарии Белгия сурат гирифт, ки дар ҷараёни он мулоқот бо Шоҳи он кишвар Алберти II баргузор гардид.

9-10 октябри 2004 ҳангоми дуюмин боздиди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Раҳмон ба Шоҳигарии Белгия ва мулоқоти ӯ бо Шоҳ Алберти II масъалаҳои густариши муносибатҳои дуҷонибаи сиёсӣ, иқтисодӣ, тиҷоратӣ, вазъ дар Афғонистон ва Ироқ ва дигар мавзӯъҳои мавриди таваҷҷӯҳи тарафайн муҳокима гардиданд.

Ҳангоми сафари расмии Президенти Тоҷикистон Э. Раҳмон ба Белгия, ки 9-12 феврали соли 2009 баргузор шуд, мулоқотҳои ӯ бо Сарвазири Белгия Х.ван Ромпей ва Раиси Сенати он кишвар А. де Деккер доир шуданд.

Дар ҷараёни мулоқотҳо масъалаҳои муносибатҳои дуҷонибаи сиёсӣ, тиҷоратӣ, иқтисодӣ, сармоягузорӣ, гуманитарӣ ва маориф муҳокима гардиданд.

Сарвари давлат инчунин дар маросими ифтитоҳи бинои нави Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Брюссел ва мулоқот бо тоҷикони муқими Белгия иштирок намуд.

31 майи 2009 Сарвазири Шоҳигарии Белгия Ҳерман ван Ромпей бо сафари корӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф овард. Ҳангоми боздид Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Раҳмон Ҳ.ван Ромпейро ба ҳузур пазируфт. Дар мулоқоти хоса ва дар музокироти васеъ бо иштироки ҳайатҳои расмӣ масъалаҳои ҳамкориҳои дуҷониба байни Тоҷикистон ва Белгия, амният дар Афғонистон, Стратегияи нави Иттиҳоди Аврупо барои Осиёи Марказӣ, нақшаю барномаҳои густариши ҳамкориҳои минтақавӣ, идораи захираҳои гидроэнергетикӣ ва ғайра мавриди муҳокима қарор гирифтанд.

1-2 декабри соли 2010 дар Остона дар чаҳорчӯбаи Саммити САҲА мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Раҳмон бо Сарвазири Шоҳигарии Белгия ҷаноби Ив Летерм баргузор шуд. Дар мулоқот масъалаҳои муносибатҳои дуҷонибаи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сармоягузорӣ ва гуманитарӣ муҳокима гардиданд.

Моҳи марти соли 2011 ҳайати Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои иштирок дар ҷаласаи нахустини Комиссияи ҳамкории байнипарлумонӣ байни Тоҷикистон ва Парлумони Аврупо ба Брюссел сафар намуд. Зимни сафари мазкур Ёддошти тафоҳум миёни парлумонҳои Тоҷикистон ва Шоҳигарии Белгия ба имзо расид ва Гурӯҳи дӯстии байнипарлумонии Тоҷикистон ва Белгия таъсис дода шуд.

Аснои сафари расмии Президенти Тоҷикистон Э.Раҳмон ба Белгия 9-12 феврали соли 2009 7 санади байниҳукуматӣ ва байнисоҳавӣ ба имзо расиданд.

Гарчанде **Люксембург** кишвари на он қадар калон дар Аврупо ба шумор меравад, аммо ҳамкориҳо бо ин кишвар барои Тоҷикистон муҳим мебошанд. Робитаҳои дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Герсогии Бузурги Люксембург 22 майи соли 1992 барқарор шудаанд.

Моҳи октябри соли 2004 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон аз Люксембург дидан карда, бо Сарвазири Люксембург Жан-Клод Юнкер ва дигар шахсони воломақоми он кишвар мулоқот намуд. Зимни боздид Созишномаи шарокат ва ҳамкорӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо ба имзо расид.



Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Гертсоги Бузурги Люксембург Генри. Люксембург, 11 октябри соли 2004.

The President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon and the Grand Duke of Luxemburg Henri. Luxemburg, October 11, 2004.

On the sidelines of the OSCE Summit in Astana on 1-2 December 2010, the President of the Republic of Tajikistan has met with the Prime Minister of Belgium Mr. Yves Leterme where they made constructive exchange of opinions on the issues of bilateral political, social-economic and humanitarian cooperation.

In the course of the first meeting of the Parliamentary Cooperation Committee of the European Parliament and Tajik Parliament which was held on 14-16 March 2011 in Brussels, the Memorandum of Understanding between Belgian Parliament and Tajik Parliament has been signed and the inter-parliamentary friendship group has been established.

Within the framework of the visit of the President of Tajikistan H.E. Emomali Rahmon to Belgium (9-12 February 2009) seven bilateral agreements in political, economic, trade, humanitarian and educational fields have been signed.

**Luxembourg** is not a big country but cooperation with this country is extremely important for Tajikistan. Diplomatic relations between the Republic of Tajikistan and the Grand Duchy of Luxembourg were established on 22 May 1992.

On March 25-26, 2003 Emomali Rahmon, the President of the Republic of Tajikistan visited Luxembourg and met with the Prime Minister of Luxembourg Mr. Jean-Claude Juncker and other officials. During the visit the Partnership and Cooperation Agreement between the European Union and the Republic of Tajikistan was signed.

On July 19, 2010 the Minister of Foreign Affairs of Luxembourg Mr. Jean Asselborn visited Dushanbe and had a meeting with the Minister of Foreign Affairs of Tajikistan Mr. Hamrokhon Zarifi.

Emomali Rahmon, the President of the Republic of Tajikistan paid an official visit to Luxemburg on June 8-10, 2011. President Emomali Rahmon had fruitful talks with the Grand Duke Henry, the Prime Minister of Luxembourg Mr. Jean-Claude Juncker and the Chairman of Parliament Loran Mosar and other officials.

19 июли 2010 Вазири корҳои хориҷии Люксембург Жан Асселборн ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф овард ва мулоқоти ӯ бо Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳамрохон Зарифӣ баргузор шуд.

8-10 июни соли 2011 сафари расмии Президенти ҶТ Эмомалӣ Раҳмон ба Люксембург баргузор гардид. Ҳангоми боздид Президенти ҶТ Эмомалӣ Раҳмон бо Герсоги Бузурги Люксембург Генри, Сарвазири Люксембург Жан-Клод Юнкер ва Раиси Парлумони мамлакат Лоран Мосар вохӯриҳо доир намуд.

Тоҷикистону **Швейтсарияро** на танҳо табиати монанд ба ҳам наздик мекунанд, балки сатҳ ва дараҷаи робитаҳо миёни ду кишвар низ хуб арзёбӣ мешаванд.

Муносибатҳои дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Конфедератсияи Швейтсария 9 декабри соли 1992 барқарор шудаанд. Дар муносибатҳои дуҷонибаи байни ду кишвар пеш аз ҳама ҳамкории иқтисодӣ бартарӣ дорад.

Дар моҳи ноябри соли 2001 дар Душанбе агентии Консулии Швейтсария дар Дафтари швейтсариягӣ оид ба ҳамкорӣ, ки дар Душанбе аз соли 1998 фаъолият дорад, ифтитоҳ гардид.

9 июли соли 2008 дар Женева Намояндагии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди шӯъбаи Женевагии СММ кушода шуд.

Барои густариши ҳарчи бештари муносибатҳои дуҷониба 3 сентябри соли 2010 бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Сафорат дар Женева ифтитоҳ гардид.

11 июни соли 2009 дар Душанбе нахустин машваратҳои сиёсӣ байни вазоратҳои корҳои хориҷии ҳарду кишвар ва машваратҳои сиёсии дуюм моҳи марти соли 2011 дар Берн баргузор гардиданд.

5-6 октябри соли 2009 ба пойтахти Тоҷикистон ҳайати расмии Конфедератсияи Швейтсария бо роҳбарии Вазири корҳои хориҷии ин кишвар Мишелин Калми-Рей ташриф овард. Ҷонибҳо масоили марбут ба ҳамкории сиёсӣ ва иқтисодиро баррасӣ намуданд.

Ҳукумати федералии Конфедерасияи Швейтсария нахустин шуда омодагии хешро барои дастгирии раванди ворид шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо изҳор намуд. Нахустин Ёддошт дар бораи татбиқи барномаҳои кӯмаки Швейтсария ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми ворид шудан ба СУС дар соли 2001 имзо шуд. Ҳоло давраи сеюми барномаи Ҳукумати Конфедератсияи Швейтсария барои дастгирии Тоҷикистон ҷиҳати ворид шудани он ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо амалӣ мешавад.

Ҳукумати Швейтсария рушди Тоҷикистонро ба воситаи ҷудо кардани грантҳо дар се самт дастгирӣ мекунад: расонидани кӯмаки дарозмуддати техникӣ, молиявӣ ва гуманитарӣ ба воситаи созмонҳои байналмилалӣ ва миллӣ.

Дар маҷмӯъ, лоиҳаҳо дар соҳаи беҳтар кардани идораи давлатӣ, сектори хусусӣ ва макроэкономика, захираҳои табиӣ ва инфраструктура, тандурустӣ, кам кардани хатари ҳодисаҳои табиӣ амалӣ карда мешаванд.

Соли 2006 кӯмаки Ҳукумати Швейтсария ба Ҷумҳурии Тоҷикистон 12 млн. доллари ШМА ва дар солҳои 2007-2008 - 22 млн. 658 ҳазор доллари ШМА-ро ташкил дод.

Дар ду соли охир Швейтсария дар амалӣ кардани шаш барномаи сармоягузории соҳаҳои гуногуни иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи умумии 34,2 млн. доллари ШМА иштирок менамояд.

22 июни соли 2010 дар шаҳри Душанбе давраи нахустини Муколама оид ба ҳуқуқи инсон байни Швейтсария ва Тоҷикистон баргузор гардид. Муколама ба таври расмӣ аз ҷониби Вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон Ҳ.Зарифӣ ва Вазири корҳои хориҷии Швейтсария хонум Мишелин Калми-Рей ҳангоми боздиди кории ӯ ба Осиёи Марказӣ дар моҳи октябри соли 2009 мувофиқа шуда буд.

Бояд зикр кард, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Осиёи Марказӣ якумин кишварест, ки дар он чунин муколама баргузор карда мешавад. Даври дуюми муколама 12-13 майи соли 2011 дар Швейтсария баргузор гардид.

Муносибатҳои дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва **Британияи Кабир** 15 январи соли 1992 барқарор шудаанд.

Tajikistan and Switzerland are tied up not only by similar nature, but also by a good level of bilateral relations.

Diplomatic relations between the Republic of Tajikistan and **Swiss Confederation** were established on December 9, 1992. From the very beginning economic cooperation dominates in bilateral relations.

Consular Agency of Switzerland was opened in November 2001 on the basis of Swiss Cooperation Office which operates in Dushanbe since 1998.

On July 9, 2008 the representation of the Republic of Tajikistan to the United Nations Office at Geneva was opened.

With the view to develop even better relationship, the Government of the Republic of Tajikistan issued the resolution to open the Embassy of Tajikistan in Geneva on September 3, 2010.

On June 11, 2009 the first political consultations of foreign ministries of the two countries took place in Dushanbe. The second round of consultations was held in Bern in March 2011.

On 5-6 of October 2009 official Swiss delegation headed by the Minister of Foreign Affairs of Swiss Confederation Micheline Calmy-Rey visited Dushanbe. The two sides discussed current political and economic issues.

The Federal Government of the Swiss Confederation was one of the first who expressed its willingness to support the process of accession of the Republic of Tajikistan to the World Trade Organization. The first Memorandum of implementation of Swiss aid program for Tajikistan to join the WTO was signed in 2001.

Currently the third phase of a program of the Government of the Swiss Confederation for the support of the Republic of Tajikistan in joining the WTO is being implemented.

The Swiss government supports the development of Tajikistan through grants which are being carried out through three components: the provision of long-term technical, financial and humanitarian assistance via international and national organizations.

In general projects are being implemented in such fields as governance, private sector and the macroeconomics, natural resources and infrastructure, health and disaster risk reduction.

In 2006 aid provided by the Swiss Government to the Republic of Tajikistan equaled to 12 million US dollars. Amount of this aid in 2007 – 2008 reached 22 million 658 thousand US dollars.



Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Вазири корҳои хориҷии Конфедератсияи Швейтсария Мишлин Калми Рей. Душанбе, 6 октябри соли 2009.

The President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon and the Minister of Foreign Affairs of the Swiss Confederation Micheline Calmy-Rey. Dushanbe, October 6, 2009.




Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Сарвазири Британияи Кабир Тони Блэр. Истанбул, июни соли 2004.
The President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon and the Prime-Minister of Great Britain Tony Blair. Istanbul, June 2004.

20 декабри соли 2001 Сафоратхонаи Британияи Кабир дар Душанбе кушода шуда, 11 феврали 2008 Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Британияи Кабир ва Ирландияи Шимолӣ ба фаъолият шурӯъ намуд.

Робитаҳои сиёсӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Британияи Кабир дар ҳоли рушд қарор доранд.

Июли соли 2002 Муовини вазири корҳои хориҷии Британияи Кабир Ҷон Мак Грегори ба Тоҷикистон сафар кард. Дар рафти он сафар намояндагии Вазорати инкишофи байналхалқии Британияи Кабир кушода шуд.

25 феврал - 1 марти соли 2003 боздиди Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Талбак Назаров аз Британияи Кабир ба амал омад, ки дар рафти он ӯ бо намояндагони Вазорати корҳои хориҷӣ, аъзои парлумони Британияи Кабир ва ҳайати омӯзгорони Донишгоҳи Кембриҷ вохӯрӣ доир намуд.

Соли 2003 Вазорати рушди байналхалқии Британияи Кабир якчанд лоиҳаро оид ба расонидани кӯмаки техникӣ ба Фонди инвеститсионӣ-иҷтимоии миллӣ ба маблағи 1,5 млн. фунт стерлинг; оид ба расонидани кӯмаки техникӣ; оид ба соҳибкории хурд дар Тоҷикистон ба маблағи 1,240 млн.фунт стерлинг дастгирӣ намуд.

7 июли соли 2006 ба Ҷумҳурии Тоҷикистон шоҳзодаи Йорк сафар намуд. Дар ҷараёни сафар шоҳзода дар маросими кушодашавии бинои нави Сафоратхонаи Британияи Кабир дар Душанбе иштирок намуда, бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон вохӯрӣ барпо кард. Инчунин шоҳзодаи Йорк аз ноҳияи Ҷомӣ ва шаҳри Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлон дидан намуд.

Сафари дуюми шоҳзодаи Йорк ба Тоҷикистон 26-28 октябри 2008 ба вуқӯъ омад. Зимни он Шоҳзода аз лоиҳаву барномаҳои Сафорати Британияи Кабир, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мешаванд, дидан кард.

In 2008-2010 Switzerland was involved in the implementation of 6 investment projects in various sectors of economy with the total amount of 34,2 million dollars.

On 22 June 2010 the first round of Human Rights Consultations between Tajikistan and Switzerland were held in Dushanbe. The details of consultations were first discussed by the Ministers of Foreign Affairs of Tajikistan and Switzerland during the official visit of Michelin Calmy-Rey to Central Asia in October 2009.

It should be mentioned, that Tajikistan was the first country in Central Asia to hold such consultations.

Diplomatic relations between the Republic of Tajikistan and **Great Britain** were established on January 15, 1992.

On December 20, 2001 Great Britain opened its Embassy in Dushanbe and on February 11, 2008 the Embassy of Tajikistan started functioning in London.

The political relations between two countries are in the state of development.

In July 2002 Deputy Minister of Foreign affairs of Great Britain John Mac Gregory visited Tajikistan. During his visit the representative of the Ministry of development of Great Britain was opened in Tajikistan.

On 25 February – 1 March 2003 the Minister of Foreign Affairs of the Republic of Tajikistan Talbak Nazarov visited Great Britain, during which he met with representatives of Commonwealth Office, members of Parliament and professors of Cambridge University.

In 2003, the Ministry of Development of Great Britain supported several projects regarding technical assistance to the National social-investment Foundation in the amount of 1,5 million British pounds; technical assistance; for improving small businesses in Tajikistan worth of 1,240 British pounds.

Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Талбак Назаров ва Вазири корҳои хориҷии Британияи Кабир Ҷек Строу. Лондон, 26 феврали соли 2004.

The Minister of Foreign Affairs of the Republic of Tajikistan Talbak Nazarov and UK Foreign Secretary Jack Straw. London, February 26, 2004.



Дар мулоқоти Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳ.Зарифӣ бо шоҳзодаи Йорк 28 октябри 2008 таъкид гардид, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон мехоҳад бо Британияи Кабир муносибатҳои хуб дар тамоми соҳаҳо дошта бошад. Мубодилаи сафарҳои расмӣ дар сатҳи олӣ яке аз василаҳои муҳими таҳким ва густариш додани муносибатҳои дуҷониба дониста шуд. Роҷеъ ба мавзӯъ ҷониби Британияи Кабир қайд намуд, ки дар Британияи Кабир ҳар сол конфронсҳои гуногуни байналмилалӣ баргузор мегарданд. Ин гуна чорабиниҳои калони байналмилалиро метавон барои ташкил намудани сафари Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Британияи Кабир истифода бурд. Шоҳзодаи Йорк таъкид намуд, ки аз дидгоҳи Лондон пешрафт дар ислоҳоти сиёсӣ, сиёсати дарҳои боз, мубориза бо фасод (коррупсия) ва имконоти ҳамкорӣ дар соҳаи истифодаи захираҳои табиӣ, аз ҷумла энергетикӣ, метавонанд заминаи мусоидро барои баргузор намудани сафари расмӣ дар сатҳи олӣ фароҳам оваранд.

Соли 2009 дар Парлумони Британияи Кабир Гурӯҳи парлумонии Осиёи Марказӣ иборат аз 8 нафар, ки намояндагони ҳарду палатаи парламенти Британияро дар бар мегирад, ташкил шуд. Лорд Вейверли Раиси гурӯҳи мазкур мебошад. Ӯ охири моҳи сентябри 2009 ба кишварамон сафар карда, масъалаи таъсис додани гурӯҳи дӯстии байнипарлумониро байни Тоҷикистон ва Британияи Кабир муҳокима намуд.

Моҳи июни 2009 Гурӯҳи дӯстӣ ва ҳамкории Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Парлумони Шоҳигарии Муттаҳидаи Британияи Кабир ва Ирландияи Шимолӣ таъсис гардид.

Аз 30 сентябр то 3 октябри соли 2010 Лорд Вейверли бори дигар ба Тоҷикистон сафари корӣ анҷом дода, дар якчанд мулоқотҳо бо намояндагони ҷониби Тоҷикистон иштирок намуд.

Моҳи ноябри 2010 ҳайати расмии Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии М.Убайдуллоев ба Шоҳигарии Муттаҳидаи Британияи Кабир ва Ирландияи Шимолӣ сафар намуд.

**Ҷумҳурии Италия** аз зумраи ҳамон кишварҳои Аврупо маҳсуб мешавад, ки Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият бо онҳо ҳамкориҳои судманд барқарор кардааст.

Муносибатҳои дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Италия 15 майи соли 1992 барқарор шудаанд. Робитаҳо бо Италия дар самтҳои гуногун амалӣ мешаванд. Дар ин раванд муносибатҳои иқтисодӣ миёни ҳарду кишвар қобили қайд мебошанд.

Дар соли 2003 «Созмони савдои Италия» намояндагии худро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон боз намуда, аз ҷумла, таъмини қисмҳои эҳтиётӣ ба мошинҳои сабукрав ва боркашро ба роҳ мондааст.

Корхонаи муштараки тоҷикӣ-италиявии «Ҷавонӣ», ки машғули истеҳсоли либос мебошад, дар Тоҷикистон аз корхонаҳои муваффақ ба шумор меравад.

Дар тобистони соли 2008 Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Италия дар чаҳорчӯби ҳамкории дуҷонибаи фарҳангию илмӣ аз ҷониби Донишкадаи италиявии Африқо ва Шарқ гузаронидани таҳқиқоти археологӣ дар водии дарёи Яғноб ва омӯзиши этнолингвистикии аҳолии маҳалли мазкурро аз лиҳози молиявӣ дастгирӣ намуд.

Моҳи майи соли 2003 байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Италия «Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Италия оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи мубориза бар зидди ҷинояткорӣ ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва психотропӣ» ба имзо расид.

Дар моҳи сентябри соли 2008 Кумитаи роҳбарикунандаи Вазорати корҳои хориҷӣ оид ба масъалаи ҳамкорӣ ва рушд ҷудо намудани маблағи 892,500 Евро барои «Беҳтар намудани захираҳои обӣ ва вазъи санитарӣ ва гигиении минтақаҳои деҳавии вилояти Хатлон»-ро тасдиқ намуд.

2 апрели соли 2009 Котиби давлатии Вазорати корҳои хориҷии Италия, сенатор Алфредо Мантика ба Душанбе сафар намуд. Мулоқотҳои ӯ бо роҳбарияти ҷумҳурӣ баргузор шуданд. Ҳангоми сафар Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Италия оид ба ҳамкории иқтисодӣ, саноатӣ ва техникӣ ва Протоколи ҳамкорӣ байни Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Италия ба имзо расиданд.

26-27 июни соли 2009 Вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон Ҳамрохон Зарифӣ дар Конфронси Гурӯҳи 8 (G-8) оид ба масъалаҳои Афғонистон, ки дар шаҳри Триести Италия баргузор гардид, иштирок намуд.



Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Сарвазири Ҷумҳурии Италия Силвио Берлускони. Чехия, ноябри соли 2002.

The President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon and Prime-Minister of the Italian Republic Silvio Berlusconi. Czech, November 2002.

On July 7, 2006 the Duke of York visited Tajikistan. During his visit, the Duke attended the opening of a new British embassy building in Dushanbe and met with the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon. He also visited Jomi and Kurgantube districts of Katlon region.

The second visit of Duke of York to Tajikistan was on 26-28 of October 2008. During his visit the Duke visited projects which are financed by British government.

During the meeting with the Prince on 28 of October 2008, the Minister of Foreign Affairs of the Republic of Tajikistan Hamrokhon Zarifi stressed, that Tajikistan desires to establish good relations with Britain in every sector. Exchange of official visits on high level was one of the subjects discussed by the two parties. In this regard, the Duke of York emphasized that every year there are different international conferences are held in Britain and one of these conferences could be used to organize President Rahmon's official visit to the UK. He pointed out, that the progress in political situation, fight against corruption, the usage of natural and energy resources can serve a good foundation for organization of visits in top level.

In 2009, the Parliament group of Central Asia consisting of 8 people was established, which included the members of both Houses of British Parliament. Lord Waverley is the head of this group. During his visit to Tajikistan in September 2009 he discussed the issue of initiation of Parliament Friendship Group.

In July 2009, the Group of goodwill and cooperation of Majlisi milli Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan and the Parliament of Kingdom of Great Britain and Northern Ireland was established.

From September 30 to October 3 2010 Lord Waverley paid a visit to the Republic of Tajikistan and participated at several meetings with Tajik officials.

In November 2010 official delegation of Majlisi milli Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan headed by M.Ubaydulloev visited United Kingdom of Great Britain and Northern Ireland.



Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Штатҳои Муттаҳидаи Америка Барак Обама ва хонум Мишел Обама дар Осорхонаи Метрополитани ш. Ню-Йорк, 23 сентябри соли 2009.
President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon with the President of the United States of America Barack Obama and First Lady Michelle Obama at the Metropolitan Museum in New York, September 23, 2009.

## Муносибатҳои Тоҷикистон бо кишварҳои Америкаи Шимолӣ ва Ҷанубӣ

Равобит бо **Штатҳои Муттаҳидаи Америка** дар муносибатҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷои хосаро ишғол менамояд.

Штатҳои Муттаҳидаи Америка яке аз аввалин кишварҳое буд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун давлати соҳибихтиёр ва мустақил эътироф намуд. Муносибатҳои дипломатӣ байни ду кишвар 14 феврали 1992 барқарор гардида, моҳи марти ҳамон сол Сафорати ШМА дар Тоҷикистон (бо иқоматгоҳ дар Қазоқистон) кушода шуд. Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Вашингтон аз соли 2002 фаъолият менамояд.

Аз соли 1992 инҷониб муносибатҳои дуҷониба байни ду кишвар устуворона, хусусан дар самтҳои сиёсӣ, гуманитарӣ, ҳарбӣ, мубориза бо терроризми байналмилалӣ ва маводи мухаддир, мустаҳкам намудани сарҳад, хариду фурӯши одамон, маориф ва ғайра инкишоф ёфта истодаанд.

Дар солҳои истиқлолият давраи гузашта асоси шартномавӣ-ҳуқуқии муносибатҳо миёни ҳарду кишвар ташаккул ёфт. Байни ду кишвар зиёда аз 30 санади байниҳукуматӣ ва байнисоҳавӣ ба имзо расидааст, ки самтҳои ҳамкории иқтисодию тиҷоратӣ, ҳарбӣ-техникӣ, маориф, мубориза бо терроризм ва қоҷоқи маводи муҳаддирро дар бар мегиранд.

Дар давраи аввали ташаккулёбии муносибатҳои дуҷониба робитаҳо миёни Тоҷикистону ШМА бо расонидани кӯмаки башардӯстона ба ҷумҳурӣ маҳдуд мешуд. Қобили қайд аст, ки ҷониби ШМА аз 1992 то инҷониб дар ҳаҷми $900 млн. ба Тоҷикистон кӯмак расонидаанд, ки

Italy is one of those European countries which has established good relations with Tajikistan in a post independence period.

Diplomatic relations between the Republic of Tajikistan and **Italy** were established on May 15, 1992. The relationship today is implemented in various fields. Economic relations between the two countries are of particular importance for both sides.

In 2003 "The Trade Organization of Italy" opened its representative in Tajikistan and provides spare parts for heavy and light vehicles.

Tajik-Italian joint venture "Javoni" which produces clothes is one of the rapidly developing companies.

In summer 2003, the Ministry of Foreign Affairs of Italy within the framework of bilateral cultural and scientific cooperation has provided financial assistance for conducting archaeological studies by African and Oriental Institute of Italy in Yaghnob river valley and ethno-linguistic study of inhabitants of those areas.

The Agreement between the Government of the Republic of Tajikistan and the Government of the Republic of Italy in fight against the organized crime and drug trafficking, narcotics and psychotropic precursors was signed in May 2003.

In September 2009 executive committee on the issues of cooperation and development of the Ministry of Foreign Affairs of Italy supported 892,500 Euro aid for "The Improvement of water resources and sanitation and hygiene in rural areas of Khatlon region".

On April 2 2009, State secretary of the Ministry of Foreign Affairs of Italy, Senator Alfredo Mantica visited Dushanbe. During his visit Mr. Mantica met with the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon and signed an Agreement between the Republic of Tajikistan and the Republic of Italy on economic and technical cooperation and Protocol on bilateral cooperation between the Ministries of Foreign Affairs of Tajikistan and Italy.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Штатҳои Муттаҳидаи Америка Ҷорҷ Буш. Вашингтон, декабри соли 2002.

The President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon and the President of the United States of America George Bush. Washington, December 2002.



он дар чорчӯбаи Созишномаи байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати ШМА оид ба ҳамкорӣ барои расонидани кӯмак (соли 1993) амалӣ шудааст.

Қисми зиёди кӯмаки ШМА ба Тоҷикистон ба воситаи Агентии ШМА оид ба рушди байналмилалӣ (USAID) пешниҳод мешавад. Агентии мазкур аз соли 1993 инҷониб дар Тоҷикистон фаъолият намуда, дар масъалаи дастгирии соҳаи рушди иқтисод, ислоҳоти системаи тандурустӣ ва маориф, рушди васоити ахбори омма ва низоми додгоҳӣ, баланд бардоштани ихтисоси додгоҳҳо ва ташкил намудани ҷомеаи шаҳрвандӣ саҳми калон мегузорад. Нақши Агентӣ дар мустаҳкам намудани Бонки миллии Тоҷикистон ва системаи бонкӣ, рушди соҳибкории хурду миёна ва бизнес низ калон аст. USAID дар таҳия намудани барномаи ислоҳоти системаи тандурустӣ, паст кардани касалиҳои сирояткунанда ва беҳтар намудани саломатии кӯдакону модарон фаъолона иштирок мекунад. Аз соли 1993 барномаҳои зиёд барои паст кардани зарари ҷанги шаҳрвандӣ, офатҳои табиӣ, бӯҳрони озуқаворӣ ва энергетикӣ ва дигар ҳолатҳои фавқулода амалӣ шудааст.

Қобили қайд аст, ки дар муқоиса бо кишварҳои Аврупо муносибатҳои Тоҷикистон бо ШМА дар давраи гузашта нисбатан васеътар буданд. Аммо муносибатҳо бо ШМА баъд аз оғози амалиёти зиддитеррористӣ дар Афғонистон ба сатҳи нисбатан дигар баромаданд.

Шаҳодати ин дигаргуниҳо дар муносибатҳои дуҷониба сафарҳои Вазири мудофиаи ШМА Д.Рамсфелд дар моҳи ноябри соли 2001 ва июли соли 2005, сафари Котиби давлатии ШМА К.Райс моҳи октябри соли 2005 ва сафарҳои чандинкаратаи роҳбарони Фармондеҳии Марказии ШМА ба Тоҷикистон мебошанд.

Сафари расмии Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Штатҳои Муттаҳидаи Америка моҳи декабри соли 2002 аз рӯйдодҳои муҳиме дар муносибатҳои дуҷониба миёни Тоҷикистону ШМА ба ҳисоб меравад. Дар рафти сафари мазкур вохӯриҳои Президенти ҷумҳурӣ бо Президенти ШМА ва дигар шахсони расмӣ баргузор гардиданд.

Бо васеъ шудани доираи муносибатҳо миёни Тоҷикистону Штатҳои Муттаҳидаи Америка зарурати зиёд гардонидани теъдоди кормандони Сафорати ШМА дар Тоҷикистон ба миён омад. Инчунин масъалаи ҷойгиршавии бинои нави сафорат баррасӣ мешуд. Гуфтушунидҳо оид ба масъалаи ҷудо намудани замин барои сохтмони бинои сафорат соли 2001 бо иштироки коршиносони ҳарду ҷониб оғоз шуданд ва соли 2004 созишномаи дахлдор ба имзо расид. Худи ҳамон сол сохтмони бинои сафорат шурӯъ шуд. Ифтитоҳи расмии бинои нави Сафорати ШМА дар Душанбе бо иштироки Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон моҳи июни соли 2006 баргузор гардид.

Лозим ба таъкид аст, ки мубодилаи сафарҳо миёни намояндагони расмии Тоҷикистону ШМА дар солҳои охир зиёд шудааст.

Танҳо дар солҳои 2010-2011 масъулини воломақоми ШМА, аз ҷумла Фармондеҳи Фармондеҳии марказӣ генерал Ҷ. Мэттис, Намояндаи махсуси Президенти ШМА оид ба масъалаҳои Афғонистон ва Покистон М.Гроссман, Намояндаи махсуси Президенти ШМА оид ба масъалаҳои исломӣ Р.Ҳусайн, Муовини ёвари Президенти Штатҳои Муттаҳидаи Америка М.Макфол, муовинони Котиби давлатӣ Р.Блейк ва Ҷ.Пятт ба Тоҷикистон сафар анҷом додаанд, ки аз сатҳи хуби муносибатҳои дуҷониба шаҳодат медиҳанд.

**Дар ҳошияи ҷаласаи 64-и Маҷмаи Умумии СММ дар Ню-Йорк 25 сентябри соли 2009 вохӯрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо Котиби давлатии ШМА хонум Ҳиллари Клинтон баргузор гардид.**

**Дар баробари робитаҳо дар сатҳҳои гуногун инчунин гузаронидани мулоқоту машваратҳо дар муносибатҳои дуҷониба ба ҳукми анъана даромадааст.** Ҷониби америкоӣ таъсис додани машваратҳои мунтазами сиёсии дуҷонибаро ҷиҳати густариш додани ҳамкории дуҷониба ва нигоҳи муштараки мо ба масъалаҳои суботи байналмилалӣ ва минтақавӣ, ислоҳоти демократӣ - иқтисодӣ пешниҳод намуд. Санаде, ки назари ШМА-ро роҷеъ ба шакл, мӯҳтаво ва ҷадвали машваратҳо инъикос менамуд, 5 августи 2009 тайи ёддошти дипломатӣ ба баррасии ҷониби Тоҷикистон пешниҳод гардид. Дар он пешбинӣ шуда буд, ки машваратҳои сатҳи баланд ба навбат дар пойтахтҳои ду кишвар ҳар сол баргузор мегарданд. Байни ҷаласаҳои солона баррасии шашмоҳа ҷиҳати муайян намудани авлавиятҳо ва мониторинги ҷадвали кории мувофиқашуда сурат мегирад. Машваратҳо соҳаҳои сиёсӣ, амниятӣ, бӯъди инсонӣ, масъалаҳои иқтисодӣ ва рушдро дар бар мегиранд.

**Tajikistan's relations with American countries**

Relations with **the United States** are of one of priority guidelines in the foreign policy of the Republic of Tajikistan.

The United States of America was among the first countries in the world that recognized the independence and sovereignty of the Republic of Tajikistan. Diplomatic relations between the two countries were established on 14 February 1992 and in March 1992 the U.S. Embassy was opened in Tajikistan (with residence in Kazakhstan). The Embassy of the Republic of Tajikistan in Washington started its activity in 2002.

From 1992 to the present, bilateral relations between the two countries are continuously evolving, mostly in political, humanitarian, military, educational fields as well as in combating terrorism, fighting drug trafficking and etc.

Bilateral legal framework of relations has been formed over the years of independence. More than 30 intergovernmental and interdepartmental agreements were signed between the two countries, which cover cooperation in economic, commercial, military, technical, educational fields and efforts in fighting against terrorism and drug trafficking.

At the first stage of relations, Tajik and U.S. ties were narrowed by supplies of humanitarian aid to Tajikistan. It should be noted, that the American side since 1992 has provided assistance to Tajikistan in the amount of $ 900 million, which was implemented under the Agreement between the Government of Tajikistan and the Government of the United States of America on Cooperation to Facilitate the Provision of Assistance (of 1993).

Most assistance is provided to Tajikistan by the U.S. Agency for International Development (USAID). This Agency has been active in Tajikistan since 1993 and makes an invaluable contribution in supporting development of economy, health care and educational reform, development of media, judicial system and training of judges, as well as building civil society. The Agency's role in the

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Котиби давлатии ШМА Кондолиза Райс.Душанбе, 13 октябри соли 2005.

The President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon and the United States Secretary of State Condoleezza Rice. Dushanbe, October 13, 2005.





Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Котиби давлатии ШМА Ҳиллари Клинтон. Ню-Йорк, 25 сентябри соли 2009.
The President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon and the US Secretary of State Hillary Clinton. New York, September 25, 2009.

12 феврали соли 2010 дар Вашингтон аввалин машваратҳои сиёсӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Штатҳои Муттаҳидаи Америка баргузор гардиданд, ки дар он ҳайати расмии Ҷумҳурии Тоҷикистонро Вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон Ҳ.Зарифӣ роҳбарӣ намуд.

Машваратҳои дуюм моҳи апрели соли 2011 дар Душанбе баргузор гардиданд, ки ҳайатҳоро аз ҷониби ШМА Ёвари котиби давлатӣ Р.Блейк ва аз ҷониби Тоҷикистон Вазири корҳои хориҷӣ Ҳ.Зарифӣ роҳбарӣ карданд. Дар рафти машваратҳо иҷрои Нақшаи корӣ баррасӣ шуда, доираи васеи масъалаҳо муҳокима карда шуд.

Ҳамкории Тоҷикистон ва ШМА дар самтҳои ҳарбӣ, дастгирии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мубориза бо терроризм, қочоқи маводи мухаддир ва ҳаставӣ инкишоф ёфта истодааст. Механизми баргузор намудани гуфтушуниди машваратӣ оид ба нақшаи ҳамкориҳои ҳарбӣ байни Фармондеҳии марказии ШМА ва Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шудааст. Ҳар сол намояндагони кишвари мо дар семинар ва давраву машқҳои ҳарбӣ, ки аз ҷониби америкоӣ ташкил карда мешаванд, иштирок мекунанд. Аз рӯи Барномаи идоракунии содирот ва амнияти сарҳад Ҳукумати ШМА бо мақсади мусоидат намудан ба Ҳукумати Тоҷикистон дар мубориза бо қоҷоқи маводи ҳаставӣ ва мухаддир кӯмак менамояд. Дар ин самт 7 санади байниҳукуматӣ имзо шудааст ва барномаҳои дахлдор оид ба таҳияи кадрҳо, мустаҳкам намудани сарҳад, таъминкунӣ бо техникаю таҷҳизот ва ғайра амалӣ шуда истодаанд. ШМА ба Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии назорати маводи нашъаовар, Гвардия миллӣ кӯмакҳои молию моддӣ мерасонад. Аз соли 1992 инҷониб кӯмаки Ҳукумати ШМА дар самти мубориза бо қочоқи маводи мухаддир, дастгирии амният ва волоияти қонун зиёда аз $37 миллионро ташкил додааст.

strengthening of the National Bank of Tajikistan and the entire banking system, development of small and medium-size enterprises and business is very significant. USAID actively participates in the programs on reform of health care system, reducing infectious diseases and improving the health of children and mothers. Since 1993, there several programs have been implemented to reduce the damage of civil war, natural disasters, food and energy crisis and other emergencies.

It is worth noting, that relations between Tajikistan and the U.S. in the past have been much broader in comparison with European countries. However, after the beginning of the antiterrorist operation in Afghanistan relations with the United States have shifted to a new level.

Visits to Tajikistan paid by the Secretary of Defense D. Rumsfeld in November 2001 and July 2005, the visit of U.S. Secretary of State C. Rice in October 2005 and several other visits by the heads of U.S. Central Command Commander could be the evidence of this positive change and progress in bilateral relations.

Official visit of President Emomali Rahmon to the United States paid in December 2002 is considered as an important event in bilateral relations between Tajikistan and the USA. During the visit, the President of Tajikistan met with his U.S. counterpart and other officials.

With the expansion of a scope of relations between Tajikistan and the United States, it has come necessary to increase the number of personnel of the U.S. Embassy in Tajikistan. The issue of placing a new building of embassy was also considered. In 2001, with the participation of experts from both sides negotiations began over the allocation of land for the construction of a new building of the embassy and an appropriate agreement was signed in 2004. Construction of the building was started in 2004. Official opening of a new building of U.S. Embassy was held in June 2006 with the participation of President Emomali Rahmon.

It is worth noting, that in the exchange of visits between Tajik and US officials has become more frequent recent years.

Only in 2010-2011, senior U.S. officials, including Commander of U.S. Central Command Gen. J.Mattis, Special Envoy of the US President on Afghanistan and Pakistan M. Grossman, Special Envoy of the U.S. President in Organization of the Islamic Conference R. Hussain, Special Assistant of the US President M.McFaul, U.S. Undersecretaries of State R.Blake and J.Pyatt paid visits to Tajikistan, which indicates a good level of relations between the countries.

**On the sidelines of the 64th meeting of the UN General Assembly the President of Tajikistan Emomali Rahmon met with U.S. Secretary Hillary Clinton in September 25, 2009 in New-York.**

**In line with the development of relations in various fields, dialogue and negotiations in the bilateral relationship have become regular events.** The US proposed to organize regular bilateral political consultations to enhance bilateral cooperation and exchange views on the issues of international and regional security, economic and social reform. The document that represented the views of the United States regarding the form, content and a timetable of consultations was submitted to the Tajik side in the form of diplomatic note on 5th August, 2009. It was scheduled, that consultations will be held annually at a high level, alternately in the capitals of each country. In addition to annual consultations, six-month review meetings will be held to identify priorities and monitor agreed agenda. The consultations address issues of politics, security, human rights, economy and development.

The first round of bilateral political consultations between the Republic of Tajikistan and the United States of America were held on 12th February, 2010 in Washington DC, where the Minister of Foreign Affairs of Tajikistan Hamrokhon Zarifi headed the official delegation of the Republic of Tajikistan.

The second round of consultations was held on April 2011 in Dushanbe. The delegations were led by Assistant of US Secretary of State Robert Blake and the Minister of Foreign Affairs of Tajikistan Hamrokhon Zarifi. The progress in implementation of the Work Plan and a wide range of other issues were discussed during the consultations.

Military cooperation between Tajikistan and the USA and support of law enforcement agencies, cooperation in combating terrorism, fighting illegal drug trafficking and nuclear materials is improving. A mechanism for consultative talks on planning military cooperation between the U.S. Central Command and the Republic of Tajikistan has been established. The representatives of our country annually participate in various seminars, military and training courses organized

Инчунин Ҳукумати ШМА ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи таъмини амнияти сарҳадӣ, таҳкими бунгоҳҳои наздисарҳадӣ, омӯзондани донишҷӯёни тоҷикистонӣ дар ШМА ва истифодаи об дар соли 2009 ба маблағи 58.5 млн. доллари америкоӣ кӯмак расонид.

Дар муносибатҳои Тоҷикистону ШМА масъалаи вазъият дар Афғонистон ва барқарор намудани амну субот дар ин кишвар яке  аз самтҳои муҳимтарин мебошад. Аз ҷониби ШМА дар ин қарина ба кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон аҳамияти бештар дода мешавад.

Бо мақсади дастгирии амалиёти зиддитеррористии ШМА дар Афғонистон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кишварҳои эътилофи зиддитеррористӣ бо роҳбарии ШМА ҳарими ҳавоӣ ва зербинои рӯизаминии худро пешкаш намудааст.

Инчунин аз лаҳзаи оғози амалиётҳо дар Афғонистон Ҳукумати ШМА аз Ҳукумати Тоҷикистон дархост намуда буд, ки барои ташкил намудани транзити бор ҷиҳати дастгирии кӯшишҳои он кишвар дар Афғонистон аз тариқи қаламрави Тоҷикистон ба воситаи нақлиёти тиҷоратӣ иҷозат диҳад. Бори мазкур аз маводи ғайримарговари тиҷоратӣ, аз қабили хӯрокворӣ, ашёи беҳдоштӣ, маҳсулоти сохтмонӣ ва ғайра иборат мебошад. Ҷониби Тоҷикистон ба ин дархост ҷавоби мусбат дод, зеро мусоидат ба амалӣ гардидани транзити мазкур барои кишвари мо аз назари иқтисодӣ судманд буда, ба барқарорсозии субот дар Афғонистон кӯмак менамояд ва тиҷорати шимолу ҷанубро ба вуҷуд меоварад.

Дар ин раванд ва бо мақсади беҳтар намудани имкониятҳои савдою тиҷорат миёни Тоҷикистону Афғонистон, ШМА зиёда аз 36 миллион доллари америкоиро барои сохтмони Пули Панҷи Поён, биноҳои маъмурӣ барои сарҳадчиён ва кормандони хадамоти гумруки Тоҷикистон сарф намудааст, ки барои густариши муносибатҳои иқтисодию тиҷоратии Тоҷикистон ва Афғонистон аҳамияти калон дошта, инчунин барои баромадани Тоҷикистон ба бандарҳои уқёнусҳо хеле муҳим мебошад.

### Муносибат бо Канада ва дигар кишварҳои қитъаҳои Америка

Миёни дигар кишварҳои қитъаҳои Америка муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистон бо Канада беҳтар ба роҳ монда шудаанд.

Муносибатҳои дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва **Канада** 1 январи соли 1992 барқарор шудаанд.

Ҳамкории Тоҷикистон бо Канада ҳоло асосан аз тариқи Агентии рушди байналмилалии Канада (CIDA) дар чаҳорчӯби барномаҳои соҳаи истеҳсолоти кишоварзӣ, тандурустӣ ва маориф ҷараён дорад. Агентӣ дар кишвар, асосан, ба воситаи Бунёди Оғохон фаъолият менамояд.

13 майи соли 2005 Ёддошти тафоҳум  байни Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати мудофиаи миллии Канада дар соҳаи тайёр кардани кадрҳои ҳарбии қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Канада ба имзо расид.

Аз соли 2005 инҷониб афсарони тоҷик дар мактабҳои ҳарбии Канада дар доираи барномаи мусоидат ба омодагии ҳарбӣ, ки аз ҷониби қувваҳои мусаллаҳи Канада гузаронида мешавад, таҳсил мекунанд. Инчунин ҷониби Канада лоиҳаи минарӯбиро дар Тоҷикистон маблағгузорӣ менамояд.

Дар доираи Вохӯрии ғайрирасмии «Гурӯҳи 8» оид ба Афғонистон 26 июни соли 2009 дар Триеста Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳамрохон Зарифӣ бо ҳамтои худ - Вазири корҳои хориҷии Канада Лоренсо Кэннон вохӯрӣ анҷом дод.

Дар ҷараёни сӯҳбат масъалаҳои ҳамкориҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Канада, ҳамдастиҳои ду кишвар дар доираи ташкилотҳои байналмилалӣ, ташаббуси Тоҷикистону Канада дар бобати таъмини сулҳу амният дар Афғонистон, эҳёи иқтисодии ин кишвар мавриди муҳокима қарор гирифтанд.

Иқоматгоҳи Сафири Канада дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Остонаи Ҷумҳурии Қазоқистон мебошад. Сафири Тоҷикистон дар ШМА А.Ширинов дар соли 2010 ҳамзамон Сафири Тоҷикистон дар Канада таъйин гардид.

Равобит бо дигар кишварҳои **қитъаҳои Америка** дар ҳоли рушд қарор доранд ва бештар бо мубодилаи паёмҳо сурат мегиранд.

by American institutes. Through its export management and border security Program, the U.S. Government supports the Government of Tajikistan in providing assistance in the fight against drug and nuclear trafficking. In this context, 7 inter-governmental agreements were signed and appropriate programs are being implemented with respect to staff trainings, border strengthening and providing security technology and equipment. United States provides financial and material assistance to the State Committee on National Security, the Ministry of Internal Affairs, Drug Control Agency and to the National Guard of Tajikistan. Since 1992 the U.S. assistance in the fight against drug trafficking, reinforcement of security and the rule of law counted 37 million USD.

Moreover, the U.S. Government in 2009 provided assistance to Tajikistan in the amount of 58 million USD for border security, strengthening border check points, training of Tajik students in the USA and water resources management.

One of the most important trends in Tajik-US relations is the situation in Afghanistan and restoring peace and stability in this country. The United States pays a particular attention to Central Asian countries, including to Tajikistan on cooperation in abovementioned area.

In order to support the anti-terrorist operations in Afghanistan, the Government of Tajikistan provided its air space and ground facilities to the members of the antiterrorist coalition under the auspices of the United States.

Besides, with the beginning of operations in Afghanistan, the U.S. government appealed to the Government of Tajikistan with request to give permission for the transit of nonmilitary cargo through the territory of Tajikistan to support the forces of this country in Afghanistan through commercial means. The cargo consists of food, sanitary items, building materials and etc. The Tajik side positively responded to this request, since the implementation of the transit is beneficial for our country from an economic point of view. It also helps to rebuild Afghanistan and promote trade in the direction of north-south.

Нахустин Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ШМА Хамрохон Зарифӣ ба Президенти ШМА Ҷорҷ Буш Эътимоднома месупорад. Вашингтон, Қасри сафед, 26 феврали соли 2003.

The first Ambassador Extraordinary and Plenipotentiary of the Republic of Tajikistan in the USA Hamrokhon Zarifi presenting credential letters to The President of the USA George Bush. The White House. February 26, 2003.



Муносибатҳои дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва **Ҷумҳурии Куба** 25 марти соли 1992 барқарор шуданд. Моҳи марти соли 2011 Намояндаи доимии Тоҷикистон дар СММ ба ҳайси Сафири ҷумҳурӣ дар Куба таъйин гардидааст.

Дар чорчӯбаи мубодилаи сафарҳо вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 апрел то 10 майи соли 2009 бо даъвати Донишкадаи дӯстии халқҳои Куба дар кори бригадаи 4-уми байналмилалии ҳамраъйӣ бо Куба «Якуми май» иштирок намуданд.

Институти дӯстии халқҳо дар Гавана роҳбарият ва намояндагони Ҷамъияти дӯстӣ ва алоқаи мадании Тоҷикистон бо мамлакатҳои хориҷӣ ва Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба Куба даъват намуда буд.

3 майи соли 2011 Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳ. Зарифӣ Сафирони фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Аргентина Родолф Мартин Саравия ва Ҷумҳурии Боливарии Венесуэла Давид Ниевес Веласкуес Карабаллоро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муносибати супоридани нусхаҳои эътиборнома ба ҳузур пазируфт.

Новобаста ба масофаҳои калони ҷуғрофӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон нақша дорад дар оянда равобит ва муносибатҳои худро бо кишварҳои қитъаҳои Америка васеъ ва мустаҳкам намояд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз Сафири Фавқулода ва Мухтори Венесуелла дар Тоҷикистон Давид Ниевес Веласкуес Карабалло эътимоднома қабул мекунад. Душанбе, 3 майи соли 2011.

The President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon receives the credentials from the Ambassador Extraordinary and Plenipotentiary of Venezuela to Tajikistan David Nievez Velazcuez Caraballo. Dushanbe, May 3, 2011.



In this regard, with the view to improving trade opportunities between Tajikistan and Afghanistan, the USA spent more than 36 million USD for construction of bridge in Nizhniy Panj and administrative buildings for border guards and customs officers in Tajikistan, which is important to expand economic and trade relations between Tajikistan and Afghanistan, and is also very crucial for the future exits of Tajikistan to seaports.

**Relations with Canada and other nations of American continent**

Among other states of American continent relations between Tajikistan and **Canada** are in state of more vivid development.

Diplomatic relations between the Republic of Tajikistan and Canada were established on 1st January, 1992.

Cooperation of Tajikistan with Canada now is carried out through the Canadian International Development Agency (CIDA) programs which are focused on the fields of agricultural production, public health services and education. Basically, the Canadian Agency operates in Tajikistan through the Aga-Khan Development Network.

On May 13, 2005 the Memorandum of Understanding has been signed between the Ministry of Defense of the Republic of Tajikistan and the Ministry of National Defense of Canada in the sphere of military training of Armed forces of the Republic of Tajikistan in Canada.

Since 2005, Tajik militaries have been trained at the Military Schools of Canada within the framework of the program of assistance in the military training, organized by Canadian Armed Forces. Canada does also provide financial support for mine clearance project in Tajikistan.

In the margins of informal meeting of G8 on Afghanistan on June 26, 2009 in Trieste, the Minister of Foreign Affairs Hamrokhon Zarifi met with his counterpart - the Minister of Foreign Affairs of Canada Lawrence Cannon. During the meeting parties discussed bilateral Tajik-Canadian relations, cooperation of the two countries within the framework of international organizations, as well as Tajik and Canadian initiatives related to ensuring lasting peace and overall security in Afghanistan and its economic rehabilitation.

Canadian Embassy in the Republic of Tajikistan is located in Astana, Republic of Kazakhstan. In 2010, the Ambassador of Tajikistan to the USA was also appointed as a non-resident Ambassador of Tajikistan to Canada.

Relations with other states of American continents are in the process of developing and basically are limited by exchange of notes.

Diplomatic relations between the Republic of Tajikistan and **the Republic of Cuba** were established on 25th March, 1992. In March 2011 the Permanent representative of Tajikistan to the United Nations was also appointed as a non-resident Ambassador of Tajikistan to Cuba.

From April 29 to May 10, within the framework of visit exchanges upon the invitation of Peoples' Friendship Institute of Cuba the deputies of Majlisi namoyandagon Majlisi Oli (the Lower Chamber of Parliament) of the Republic of Tajikistan attended the work of the Fourth International Brigade of Solidarity with Cuba «May Day».

The Peoples' Friendship Institute in Havana invited the representatives from the Tajikistan Friendship Society and Cultural Affairs with foreign countries and the Ministry of culture of the Republic of Tajikistan to visit Cuba.

On 3rd of May 2010, on the occasion of presentation of credentials, the Minister of Foreign Affairs of the Republic of Tajikistan Hamrokhon Zarifi has met the Ambassadors Extraordinary and Plenipotentiary of the Republic of Argentina Mr. Rodolfo Martin Saravia and Bolivarian Republic of Venezuela Mr. David Nieves Velasquez Caraballo.

Despite remote geographical distance, Tajikistan intends to expand and strengthen its relations with the countries of the Americas in future.

# МУНОСИБАТҲОИ ТОҶИКИСТОН БО СОЗМОНҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ВА МИНТАҚАВӢ



Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар иҷлосияи 60 - уми ҷашнии Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид. Ню - Йорк, 14 сентябри соли 2005.

Speech of the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon in the 60th Anniversary Session of the UN General Assembly. New-York, 14 September 2005.

Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз соҳиб шудан ба истиқлолияти давлатӣ ҳамкории худро бо созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ тадриҷан ба роҳ монда, дар доираи ҳамкорӣ бо онҳо ва дар чаҳорчӯбаи онҳо мавқеи худро дар арсаи байналмилалӣ ва сиёсати ҷаҳонӣ мустаҳкам намуд.

Барои ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва рушди минбаъдаи кишвар барои Тоҷикистон ҳамкорӣ бо чунин созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ва минтақавӣ, ба мисли Созмони Милали Муттаҳид ва муассисаву ниҳодҳои он, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, Созмони Конфронси исломӣ, Созмони ҳамкории иқтисодӣ аҳамияти калон дорад. Тоҷикистон инчунин дар доираи як қатор созмонҳо ва иттиҳодияҳои минтақавӣ, аз қабили Созмони ҳамкории Шанхай, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё, Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ ҳамкориҳо дорад ва худ низ дар рушди фаъолияти онҳо саҳми калон дорад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди ҳамкориҳои худ бо созмони универсалии байналмилалӣ - **Созмони Милали Муттаҳид** аҳамияти махсус медиҳад.

29 январи 1992 дар ҷаласаи Шӯрои Амнияти Созмони Милали Муттаҳид (СММ) қатънома оид ба тавсияи дохил шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба СММ ба сифати аъзо қабул шуд. 2 марти 1992 зимни иҷлосияи 46-уми Маҷмаи Умумии СММ қатъномаи 46/224 оид ба шомилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба СММ ба иттифоқи оро қабул гардид. Пайвастани кишвар ба

# TAJIKISTAN'S RELATIONSHIP WITH INTERNATIONAL AND REGIONAL ORGANIZATIONS

After the independence, the Republic of Tajikistan has gradually established its cooperation with international and regional organizations and within the framework of those organizations strengthened its position on the international arena and world politics.

Cooperation with such authoritative international and regional organizations, as the United Nations and its agencies, the Organization for Security and Cooperation in Europe, the Organization of the Islamic Conference, and the Economic Cooperation Organization plays an important role in ensuring the national interests and further development of the country. Tajikistan also cooperates and plays significant role within the framework of a number of regional organizations and associations, in particular, the Shanghai Cooperation Organization, the Commonwealth of Independent States, the Eurasian Economic Community and the Collective Security Treaty Organization.

The Republic of Tajikistan pays special attention to its cooperation with **the United Nations** – the universal international organization.

On January 29, 1992 the United Nations Security Council adopted a resolution that recommended admitting the Republic of Tajikistan to membership in the United Nations. On March 2, 1992 the General Assembly at its 46th session has unanimously adopted the resolution 46/224 on the membership of the Republic of Tajikistan in the UN. Joining the UN has laid a solid foundation for development of cooperation with this organization and its specialized agencies and institutions.

Ҳайати Тоҷикистон бо роҳбарии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми кори иҷлосияи Маҷмааи Умумии СММ. Ню - Йорк, сентябри соли 2008.

Delegation of Tajikistan under the chairmanship of the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon during the session of the UN General Assembly. New-York, September 2008.



СММ пояи устуворро барои рушди ҳамкориҳо бо ин созмон, муассиса ва ниҳодҳои тахассусии он бунёд ниҳод.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи начандон дарози узвият дар Созмони Милали Муттаҳид марҳалаҳои муайяни ҳамкориро бо ин созмон паси сар кард ва худро ҳамчун кишвари дорои сиёсати созандаву бунёдкор ба ҷомеаи ҷаҳонӣ муаррифӣ намуд.

Намояндагии доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар СММ кори худро соли 1992 оғоз кард ва ба ҳайси нахустин Намояндаи доимӣ Вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон Лақим Қаюмов таъйин гардид.

Ҳайати Тоҷикистон таҳти сарварии Президенти кишвар дар Маҷмаи Умумии СММ бори аввал дар иҷлоси 48-уми он иштирок кард. Роҳбари Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон 30 сентябри соли 1993 дар Маҷмаи Умумии СММ нахустин бор сухан карда, ҷомеаи ҷаҳониро аз минбари баланди СММ бо душворию мушкилоти кишвар, саъйю кӯшишҳои он дар истиқрори сулҳу оромӣ ва орзую омоли давлати тозабунёд шинос кард. Инчунин бори аввал аз минбари Маҷмаи Умумии СММ мавқеи кишвари мо дар масъалаҳои мубрами СММ иброз карда шуд.

Бо назардошти вазъи муташанниҷи Тоҷикистон 1 феврали соли 1993 дар Душанбе Дафтари нозирони СММ кори худро оғоз кард, ки роҳбарии онро Ливиу Бота (Руминия) ба ӯҳда дошт.

Ҳамчунин, апрели соли 1993 дипломати ироқӣ Исмат Киттанӣ ба ҳайси Фиристодаи вежаи Дабири кулли СММ таъин гардид ва моҳи декабри ҳамон сол ин вазифа ба зиммаи дипломати уругвайӣ Рамиро Пирис-Баллон вогузор шуд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Дабири Кулли СММ Пан Ги Мун. Ню - Душанбе, 5 апрели соли 2010.

The President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon and the UN Secretary General Ban Ki Moon. Dushanbe, April 5, 2010.





Суханронии Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаи машваратии 48 - умин иҷлосияи Маҷмааи Умумии СММ. Ню - Йорк, 30 сентябри соли 1993.

Speech of the Chairman of the Supreme Council of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon in the 48 Plenary Session of the UN General Assembly. New York, September 30, 1993.

The Republic of Tajikistan during its short period of membership in the UN has passed certain phases of cooperation and represented itself on the international arena as a constructive partner.

The Permanent Mission of the Republic of Tajikistan was opened in 1992 and Mr. Lakim Kayumov, then the Foreign Minister of Tajikistan, was appointed as a first Permanent Representative of Tajikistan to the UN.

Delegation of Tajikistan headed by the President of the country participated for the first time in the UN General Assembly in its 48th session. The leader of Tajikistan Emomali Rahmon addressed the UN General Assembly for the first time on 30 September 1993 and introduced the world community with difficulties and efforts of the Government on restoration of genuine peace and stability, as well as delivered the wishes of the newly independent state. Moreover, for the first time, position of our country has been voiced from the UN GA high rostrum.

Due to deterioration of the situation in Tajikistan on February 1, 1993 the United Nations Mission of Observers in Tajikistan (UNMOT) started its activities in Dushanbe and Mr. Livui Bota (Romania) was appointed as the head of the Mission.

In April 1993 an Iraqi diplomat Ismat Kittani was appointed as Special Envoy of the UN Secretary-General and in December 1993 was replaced by Mr. Ramiro Perez-Ballon (Uruguay).

It is well known, that initially due to the internal situation in Tajikistan, cooperation for the establishment of lasting peace and stability in the country was a priority. Activities of the UNMOT facilitated peace process in Tajikistan, the inter-Tajik peace negotiations (1994-1997), peace building activities and urgent humanitarian assistance. Due to the implementation of the General Agreement on the Establishment of Peace and National Accord in Tajikistan, the mandate of the UNMOT was completed and on its basis the United Nations Tajikistan Office of Peace-Building (UNTOP) has been formed. The mandate of the UNTOP included facilitation of establishment and strengthening political basis, internal peace building institutions, as well as state and society potential in conflict



Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Дабири Кулли СММ Бутрос - Бутрос Ғолӣ.
The President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon and the UN Secretary General Boutros Boutros Ghali.

Тавре ки маълум аст, дар оғоз дар натиҷаи вазъияти дохилӣ дар Тоҷикистон ҳамкорӣ бахри таъмини сулҳ ва субот дар кишвар афзалиятнок буд. Фаъолияти ДНСММТ пешравии раванди сулҳ дар Тоҷикистон, музокироти сулҳи миёни тоҷикон (1994-1997), мусоидат ба амалиётҳои сулҳпарвар ва кӯмаки фаврии башардӯстонаро таъмин намуд. Бинобар иҷрои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон моҳи майи 2000 дар асоси ДНСММТ бо ташаббуси Дабири кулли СММ Кофи Аннан Дафтари СММ оид ба мусоидат ба сулҳпарварӣ дар Тоҷикистон (ДСММСТ) таъсис дода шуд. Вазифаи асосии Дафтар мусоидат ба густариш ва таҳкими асосҳои сиёсӣ, афзорҳои дохилии сулҳпарварӣ, қобилияти давлату ҷамъият дар пешгириву ҳалли низоъҳоро дар бар мегирифт. Моҳи августи 2007 Дафтар оид ба мусоидат ба сулҳпарварӣ дар Тоҷикистон фаъолияти худро бомуваффақият анҷом дод. Даҳҳо иштирокчиёни ин дафтар бо мукофотҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфароз шуданд.

Оштии миллӣ дар Тоҷикистон бо мусоидати СММ ва кишварҳои кафил ҳамчун намунаи дастоварди дипломатияи бодоран- да барои кишварҳое, ки низоъҳои дохилӣ доранд, шуда метавонад. Илова бар он, соли 2008 бори аввал ба қатори қувваҳои байналмилалии сулҳпарвари СММ шаҳрвандони Тоҷикистон дохил шуданд, ки саҳми худро ба ҳалли масъалаҳои сулҳ дар минтақаҳои алоҳидаи сайёраи мо мегузоранд.

Бо мурури татбиқи бомуваффақияти ҳадафҳое, ки бо афзалиятҳои ҳамкории Тоҷикистон муайян шудаанд, ҷумҳурӣ пайравии устуворро ба ҳадафу принсипҳои Низомномаи СММ ва ҳуқуқи байналмилалӣ зоҳир намуда, ҳаммуаллифи ташаббусҳои гуногуни байналмилалӣ дар ҷодаи таҳкими сулҳу субот, масъалаҳои халъи силоҳ ва манъи паҳншавии яроқи атомӣ гардидааст ва талош дорад, то нақши фаъолро дар равандҳои сиёсӣ ва иқтисодии ҷаҳон бозад.

Аҳднома оид ба минтақаи озод аз яроқи атомӣ дар Осиёи Марказӣ, ки 8 сентябри 2006 дар чаҳорчӯби СММ ба имзо расид, комилан ба талошҳои Тоҷикистон дар пешгирии паҳншавии яроқи атомӣ мутобиқат мекунад, ба таҳкими амнияти минтақавӣ, ҷоннок намудани ҳамкорӣ байни кишварҳо ва истифодаи сулҳҷӯёнаи энергияи атомӣ мусоидат менамояд.

Тоҷикистон нақши пешбари СММ-ро дар мубориза алайҳи савдои ғайриқонунии яроқи сабуки оташфишон (ЯСО) дастгирӣ менамояд ва ба татбиқи Барномаи амал оид ба пешгирӣ ва қатъ кардани савдои ғайриқонунии ЯСО дар ҳамаи ҷанбаҳояш, таҳкими ҳамкории байналмилалӣ дар қатъ кардани фаъолияти ғайриқонунии тиҷоратӣ ва истеҳсоли ғайриқонунии ЯСО, ҳамчунин дар таъмини мудирияти муассири захираҳо таваҷҷӯҳи зиёд зоҳир мекунад.

Тоҷикистон ҳаматарафа кӯшишҳои ҷомеаи байналмилалиро дар таъмини манъи қатъии минаҳои зиддипиёдагард дастгирӣ менамояд, муқаррароти умумии Конвенсия оид ба манъи истифода, захира, истеҳсол ва интиқоли минаҳои зиддипиёдагард ва нобудсозии онҳо (Конвенсияи Оттава)-ро риоя мекунад. Тоҷикистон ҷонибдори минтақаи беминаи Осиёи Марказӣ (Осиёи Марказии озод аз хатари минаҳо) мебошад ва дар ҳамкорӣ ба андешидани чораҳои амалӣ оид ба тоза кардани қаламрави минадори минтақа ва ҳалли дигар масъалаҳои марбут ба оқибатҳои минагузорӣ даъват менамояд.

prevention. In August 2007, the UNTOP has successfully fulfilled its mandate. Many experts and leaders of the UNTOP have been highly awarded by the Republic of Tajikistan.

National reconciliation in Tajikistan with mediation of the UN and guarantor countries could serve as an achievement of preventive diplomacy for the countries with internal conflicts. Moreover, in 2008 Tajikistan citizens for the first time have joined the UN peacekeeping forces, thus contributing to the peace process in many parts of the world.

While steadily implementing the aims defined by cooperation priorities of Tajikistan, the country strongly followed the principles and goals of the UN Charter and the international law and became a co-sponsor of a wide range of initiatives in the field of ensuring peace and stability, disarmament and non-proliferation of the WMD. Tajikistan strives also for playing active role in global political and economic processes.

Treaty on establishment of nuclear free zone in Central Asia, signed within the UN framework, concurs with efforts of Tajikistan in ensuring nuclear non-proliferation, strengthening regional security, and promoting cooperation among countries and peaceful use of the nuclear energy.

Tajikistan supports the leading role of the UN in combating illegal trade of the Small Arms and Light Weapons (SALW) and in an implementation of the Plan of action for prevention and elimination of illegal trade of the SALW in all aspects. Tajikistan pays great attention to the strengthening of international cooperation to stop activities related to illegal trade and production of the SALW, as well as in efficient resources management.

Tajikistan supports comprehensive efforts of the international community to ban antipersonnel mines and implements principles and norms of the Convention on the Prohibition of the Use, Stockpiling, Production and Transfer of Anti-Personnel Mines and on their Destruction (Ottawa Convention). Tajikistan is an advocate of the Central Asia free from mines and calls for joint implementation of practical measures in demining its territory and solution of other issues related to affects of mining.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Дабири Кулли СММ Кофи Аннан. Душанбе, октябри соли 2002.

The President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon and the UN Secretary General Kofi Annan. Dushanbe, October 2002.



Давраи муҳим дар таърихи ҳамкории Тоҷикистон ва СММ қабули қатъномаи бо ташаббуси Тоҷикистон пешниҳодшуда оид ба эълон намудани 2003 Соли байналмилалии оби тоза мебошад, ки дар натиҷаи баргузории он Дабири кулли СММ Шӯрои машваратӣ оид ба захираҳои об ва беҳдоштро таъсис додааст.

Дарки кулли масъалаҳои вобаста ба захираҳои об ва нақши СММ дар сафарбаркунии иродаи сиёсии тамоми кишварҳо ба ҳалли масъалаҳои мазкур Тоҷикистонро водор намуд, ки бо ташаббус оид ба эълон намудани Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои ҳаёт", ки 22 марти соли 2005 оғоз шуд, баромад кунад.

Дар идомаи ин талошҳо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, ҳангоми суханронӣ дар ҳамоиши СММ соли 2005, баргузор намудани Форуми байналмилалӣ оид ба оби тозаро бо мақсади якҷоя ба иҷрои амалии "рӯзномаи байналмилалии об"-и мувофиқашуда баҳо додан пешниҳод намуд. Бо мақсади гузоштани саҳми шоиста ба Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои ҳаёт" Тоҷикистон якҷоя бо Ҷопон, Ҳоланд ва Олмон бо ибтикори барпо намудани чорабинии махсус "Об ва беҳдошт барои ҳама" баромад намуда, қатъномаи "Ҳуқуқи инсон ва дастрасӣ ба оби ошомидании тоза ва хизматрасониҳои беҳдоштӣ" (2008)-ро, ки аз ҷониби Шӯро оид ба ҳуқуқи инсон тасдиқ гардид, ҷонибдорӣ намуд. Қатъномаи мазкур ба татбиқи барномаи Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола мусоидат менамояд, ки мутобиқи он "то соли 2015 ба ду баробар кам кардани шумораи одамоне, ки ба оби тозаи ошомиданӣ ва воситаҳои асосии беҳдоштиву техникӣ дастрасии доимӣ надоранд" пешбинӣ шудааст.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Конфронси байналмилалӣ оид ба коҳиши офатҳои вобаста ба обро соли 2008 дар Душанбе бомуваффақият баргузор намуд.

Зимни иҷлоси 63-юми Маҷмаи Умумии СММ Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо муроҷиат ба ҳамаи кишварҳои узви СММ, созмонҳои байналмилалӣ доир ба таъсис додани гурӯҳи тахассусӣ ё комиссияи СММ оид ба ҳамоҳангсозии фаъолиятҳо вобаста ба ҳалли мушкилоти ҳавзаи баҳри Арал баромад карда, лоиҳаи қатъномаи МУ СММ "Оид ба додани мақоми нозир ба Бунёди байналмилалии наҷоти Арал дар Маҷмаи Умумии СММ"-ро пешниҳод намуд, ки дар иҷлоси 63-юми МУ СММ қабул шуд. Тоҷикистон, ҳамчун кишвари ташаббускори Соли байналмилалии оби тоза ва Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои ҳаёт – 2005-2015", мутмаин аст, ки зимни ҷаласаҳои сатҳи олӣ оид ба масъалаҳои Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола ҷалб кардани таваҷҷӯҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба масъалаҳои афзалиятноки оби тоза, таъмини вазъи устувори экологӣ бо мудирияти захираҳои об мумкин аст.

Ҳалли масъалаҳои идораи об дар сатҳи миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ мутобиқати ҳаматарафаи дастгирии кофӣ аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ ва талошҳои миллии кишварҳои бо масъалаҳои таъмини захираҳои обӣ дучор шударо тақозо менамояд.

Татбиқи ҷанбаҳои иқтисодӣ ва гуманитарии ҳамкории СММ бо Ҳукумати Тоҷикистон пеш аз ҳама тавассути **Намояндагии Барномаи рушди СММ (БРСММ)** дар Тоҷикистон сурат мегирад. Намояндагии БРСММ моҳи декабри соли 1993 таъсис дода шуд ва ҳамон сол Созишномаи кишварӣ байни Ҳукумати Тоҷикистон ва БРСММ, ки барои фаъолияти созмон асоси ҳуқуқӣ бунёд намуд, ба имзо расид. Дар ибтидо, бо дарназардошти вазъияти мушкилу бесуботи сиёсиву иҷтимоӣ дар кишвар, фаъолияти БРСММ асосан ба расонидани кӯмаки башардӯстона ҳамчун вокуниш ба эҳтиёҷоти фаврии кишвар равона шуда буд. Баъд аз ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ, ташаккули кишвар дар роҳи шукуфоии босубот, БРСММ тавонист ба масъалаҳои давраи баъдинизоӣ таваҷҷӯҳ кунад ва лоиҳаву барномаҳои асосиро аз нав баррасӣ намояд. Дар ибтидо Созишномаи сиғавӣ барои давраи солҳои 1999-2000 тасдиқ шуда буд, пас аз он то охири соли 2004 тамдид шуд, баъдан марҳилаи гузаштаи ҳамкорӣ байни Тоҷикистону БРСММ бо Барномаи нави кишварии БРСММ барои солҳои 2005-2009 муайян шуд, ки ҷузви асосии Консепсия оид ба расонидани кӯмак дар рушди Тоҷикистон буд.

Дар марҳилаи ҷории ҳамкории **Барномаи сиғавии СММ оид ба расонидани кӯмак баҳри рушд (UNDAF)** барои солҳои 2010-2015 ва Нақшаи амали Барномаи кишварии БРСММ барои солҳои 2010-2015 амал мекунанд, ки 16 декабри соли 2009 ба имзо расидаанд. UNDAF ба ҳалли масъалаҳо дар соҳаҳои мазкур сафарбар шудааст: паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва мудирияти муассир; амнияти озуқаворӣ ва ғизо; оби тоза, экологияи устувор ва энергия; хизматрасониҳои асосии сифатнок. Дар айни ҳол маблағи умумии барномаи сиғавӣ 281



Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Муовини дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид Ша Тсу Кан. Душанбе, 8 июни соли 2010.

The President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon and the UN Deputy Secretary-General Sha Zukang. Dushanbe, June 8, 2010.

An important period in the history of cooperation between Tajikistan and the UN was an adoption of the UN GA resolution declaring the 2003 as the International Year of fresh water, by which an Advisory Board of the UN Secretary-General on Water and Sanitation was established. The resolution was initiated by Tajikistan.

Understanding the water resources problems and the leading role of the UN in focusing the will of the international community at resolving water related issues encouraged Tajikistan to initiate declaring and International Decade for Action "Water for Life", commenced on 22 March 2005.

In a continuation of these efforts, the President of the Republic of Tajikistan during his speech in the UN GA in 2005 proposed to organize International Forum on fresh water in order to review an implementation of the internationally agreed "water agenda". To contribute to the implementation of the International Decade for Action "Water for Life" Tajikistan jointly with Japan, the Netherlands and Germany organized high-level special event entitled "Water and Sanitation for all" and supported the United Nations Human Rights Council Resolution "Human rights and access to safe drinking water and sanitation" (2008). The resolution promotes the implementation of the Millennium Development Goals, according to which by 2015 the proportion of people without sustainable access to safe drinking water and basic sanitation should be halved.

The Government of the Republic of Tajikistan also organized an International Conference on water related disaster risk reduction held in Dushanbe in 2008.

During the 63rd UN GA session, the President of the Republic of Tajikistan Mr. Emomali Rahmon while addressing the gathering, drew the attention of all UN member states and international



Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Директори минтақавии Созмони Милали Муттаҳид оид ба барномаи рушди СММ Кори Удовички. Душанбе, 8 июни соли 2010.

The President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon and the Regional Director of the UN Development Programme Kori Udovicki. Dushanbe, June 8, 2010.

миллион долларро ташкил медиҳад, яъне тақрибан 47 миллион доллар ҳар сол. Ҳангоми таҳияи UNDAF Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола ва вазифаҳое, ки дар Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон ва Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ дарҷ гардидаанд, ба инобат гирифта шуда, ба ҳамин восита, онҳоро ба сохтори ягонаи иҷрои ташаббусҳо оид ба рушд интиқол доданд.

Нақшаи амали **Барномаи кишварии БРСММ** доираи васеи фаъолиятро дар чаҳорчӯби панҷ самт муаррифӣ мекунад: коҳиши сатҳи камбизоатӣ ва ноил шудан ба Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола; паст кардани мушкилоти ВИЧ/СПИД, вараҷа ва сил; мудирияти муассир; пешгирии вазъи бӯҳронӣ ва барқарорсозӣ; муҳити зист ва мудирияти устувор. Бо назардошти ҳақиқатҳои вазъияти баамаломада ва бо тавсияи Ҳукумати Тоҷикистон, таваҷҷӯҳи асосӣ ба лоиҳаҳои дарозмуддат, ки ба рушди устувор ва барқарорсозии иқтисодиёти миллии Тоҷикистон нигаронида шудаанд, зоҳир карда шуд. Барномаҳои амалкунанда ва иҷрошударо метавон номбар кард: Барномаи пешгирии паҳншавии маводи мухаддир дар Осиёи Марказӣ (КАДАП), Барномаи мусоидат ба мудирияти сарҳадот дар Осиёи Марказӣ (БОМКА), Стратегияи миллии рушд, Тақвияти расидан ба Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола, Дастрасии беҳтар ба инфрасохтори маҳаллӣ, Зарфиятсозии соҳибкорӣ, Таҳкими омодагӣ ба офатҳои табиӣ дар водии Зарафшон, Дастгирии идоракунии устувори нақлиёти шаҳри Душанбе, Густариши сарчашмаҳои таҷдидшавандаи энергия дар ноҳияҳои хоҷагидории Тоҷикистон ва ғайра. Моҳи майи 2009 дар қароргоҳи СММ барномаи кишварии БРСММ барои солҳои 2010-2015 тасдиқ шуд, ки барои татбиқи лоиҳаҳо дар Тоҷикистон зиёда аз 150 миллион доллар пешбинӣ мекунад.

organizations to the establishment of UN special commission for coordination of efforts in solution of the problems of the Aral Sea Basin and proposed the UN GA a draft resolution on "Granting observer status for the International Fund for Saving the Aral Sea". The resolution was adopted by consensus at 63rd UNGA session. Tajikistan as a country initiator of the International Year of fresh water and the International Decade for Action "Water for Life, 2005-2015" is convinced that during the high level meetings on the MDGs it is necessary to draw attention of the international community to freshwater challenges, ensuring sustainable environment through effective water resources management.

To solve the water management problems at the national, regional and international level there is a need for comprehensive coordination of assistance by the international community with national efforts in ensuring the water resources.

The economic and humanitarian pillar of cooperation between the UN and the Government of the Republic of Tajikistan is implemented through **the Representation of the United Nations Development Programme (UNDP)**. The Representative Office of the UNDP in Tajikistan was established in December 1993 and the Country Agreement between the Government of the Republic of Tajikistan and UNDP was signed. The Agreement laid a legal basis for the UNDP activities in the country. Initially, given the complex and unstable political and social situation in the country, the UNDP had focused on humanitarian assistance, which was a response to immediate needs of the country. After signing the General Agreement on the Establishment of Peace and National Accord in Tajikistan and turning the country to the path of stability and prosperity, the UNDP was able to focus on the realities of post-conflict time and has reviewed its major projects and programs. The framework agreement was approved for the period of 1999-2000, and then was extended till the end of 2004. Further fields of cooperation between Tajikistan and UNDP were determined by the UNDP Country Programme for 2005-2009, which was an integral part of the concept of assistance to the development of Tajikistan.

The United Nations Development Assistance Framework (UNDAF) for 2010-2015 and an Action Plan of the UNDP Country Programme for 2010-2015 has been developed and signed in a close cooperation between the Government and the UNDP on 16 December 2009. The UNDAF has four pillars: Poverty Reduction and Governance; Food and Nutrition Security; Clean Water; Sustainable Environment and Energy; Basic Quality Services. The total anticipated resource commitment to be mobilized for the UNDAF is approximately $281 million USD, $47 million per year. While preparing UNDAF the MDG and the goals of National Development Strategy of Tajikistan and Poverty Reduction Strategy have been taken into account that provided transformation of those strategies to a single document on development.

The Action Plan of the UNDP Country Programme focuses its activities on five areas: poverty reduction and achievement of the Millennium Development Goals; reduce the difficulties of HIV/AIDS, malaria and measles; good governance; prevention of crisis and rehabilitation; environment and sustained governance. Upon the recommendation of the Government of Republic of Tajikistan the emphasis was placed on long-term projects and programs oriented to the sustainable development and reconstruction of national economy of Tajikistan. Current Programs are following: Central Asia Drug Action Programme (CADAP), Border Management Programme in Central Asia (BOMCA), the National Development Strategy, Strengthening of an implementation of the Millennium Development Goals, improved access to local infrastructure, capacity development for entrepreneurship, Strengthening preparedness of disaster in the Zarafshan Valley, support for sustainable transport management in Dushanbe and development of renewable energy in the rural regions of Tajikistan and many others. The UNDP Country Programme for 2010-2015 was approved in May 2009 at UN headquarters which provides allocation of more than $ 150 million for projects in Tajikistan.

The UN High Commissioner for Refugees Office (UNHCR) started to operate in Tajikistan in January 1993. The initial key object of the UNHCR was assistance to voluntary repatriation of the Tajik refugees from Afghanistan and CIS countries, as well as to help them in the process of rehabilitation and integration through involving them in participation in different projects and programs. At present, a mandate of the UNHCR Office in Tajikistan is confined to supporting the Afghan refugees in the country.

Раёсати **Комиссари Олии СММ дар умури паноҳандагон фаъолияти худро дар Тоҷикистон** аз соли 1993 шурӯъ кардааст. Дар аввал вазифаи асосии ин Раёсат мусоидат ба баргардонидани ихтиёрии паноҳандагони тоҷик аз Афғонистон ва кишварҳои аъзои ИДМ, инчунин расонидани кӯмак дар раванди барқарорсозӣ, ҷалб барои иштирок дар лоиҳаву барномаҳои гуногунро дар бар мегирифт. Дар айни ҳол ваколати ин Намояндагии Раёсати мазкур дар Тоҷикистон бо расонидани кӯмак ба паноҳандагони афғон дар кишвар, ҳифзи ҳуқуқӣ, пардохти кӯмакпулӣ, ташкили барномаҳои омӯзишӣ ва ғайра маҳдуд шудааст.

Фаъолияти **Хазинаи кӯдакони СММ (ЮНИСЕФ) дар Тоҷикистон** моҳи августи 1994 бо ба имзо расидани Созишномаи ҳамкорӣ миёни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ЮНИСЕФ оғоз гардидааст. Барномаи кишварии ҳамкорӣ миёни Ҳукумати ҶТ ва ЮНИСЕФ барои солҳои 1995-1999 ба кам кардани муриши кӯдакон ва модарон, беҳбудии шароити таълими кӯдакон, баланд бардоштани сатҳи бохабарии ҷавонон аз мушкилоти ВИЧ/СПИД ва ҳавасмандгардонии тарзи ҳаёти солим равона шуда буд. Дар чаҳорчӯби барнома дар соли 1997 Кумитаи миллии ҳамоҳангсозӣ оид ба пешгирии паҳншавии ВИЧ/СПИД таъсис дода шуд, ки ба он намояндагони вазорату идораҳо, созмонҳои маҳаллии ғайриҳукуматӣ ва БРСММ таҳти роҳбарии муовини Сарвазири Тоҷикистон дохил шуданд. Моҳи апрели 2000 барномаи дуюми кишварӣ ва Нақшаи асосии амал барои солҳои 2000-2004 ба имзо расиданд, ки лоиҳаҳои мададрасонӣ ба Ҳукумати Тоҷикистон ва ҳамёрони он дар ҳифз ва татбиқи ҳуқуқҳо, таъмини инкишофи кӯдак, аз байн бурдани табъиз нисбат ба занон ва кӯдакон ва ғайраро дар бар мегирифтанд.

Соли 2001 бо дастгирии ЮНИСЕФ ва тавсияи Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқи кӯдак Комиссияи миллӣ оид ба ҳуқуқи кӯдак таъсис дода шуд. Дар ҳошияи шарокат бо Эътилофи глобалӣ оид ба масъалаҳои моякӯбӣ ва эмгузаронӣ ЮНИСЕФ барои татбиқи барномаи миллии эмгузаронӣ ваксинаҳоро таъмин мекард. Дар натиҷа ин шумули моякӯбӣ аз сурхча ва моякӯбии ҳаматарафа ба 84 фоиз расид.

Бо кӯмаки **Вазорати тандурустии Ҷопон, марказҳои Иёлоти Муттаҳидаи Амрико оид ба нобудсозӣ ва пешгирии касалиҳо ва Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ (СУТ)** соли 2002 Тоҷикистон ба қатори давлатҳои озод аз вируси бемории фалаҷи атфол (полиомиелит) дохил шуд. Бо дастгирии марказҳои Иёлоти Муттаҳидаи Амрико оид ба нобудсозӣ ва пешгирии касалиҳо ва Агентии ИМА оид ба рушди байналмилалӣ (ЮСАИД) ҳамчунин нақшаи тадбирҳо доир ба таъмини мониторинги муриши тифл ва кӯдак матраҳ гардид. Соли 2002 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба йодноккунии намак қабул гардид. ЮНИСЕФ оид ба таъмини ҳамаи кӯдакон то синни панҷсола бо витамини А дар ҳошияи иқдоми рафъи камбуди витаминҳо дар соли 2003 талош варзид, ба азнавсозии кори муассисаҳои бачагонаи тарбиявӣ мусоидат намуд. Татбиқи барномаи сеюми кишварӣ барои солҳои 2005-2009 ба роҳ монда шуд. Мӯҳтавои барнома бо муқарраноти Нақшаи миёнамуддати стратегии ЮНИСЕФ муайян карда шудааст, ки бо Ҳукумати Тоҷикистон ва ҳамёрон аз СММ зимни конфронси миллӣ оид ба масъалаҳои кӯдакон моҳи декабри 2003 мувофиқа ва моҳи марти 2004 тасдиқ шудааст. Барномаи кишварӣ барои солҳои 2005-2009 ба даст овардани чунин ҳадафҳои калидӣ равона шуда буд: а) тақвияти сиёсат ва таҳкими низоми миллӣ, таъмини ҳамоҳангсозӣ ва муқаррар намудани меъёрҳо дар ҳошияи барномаҳои калидии марбут ба манфиатҳои кӯдакон; б) афзоиши дастрасӣ, инкишофи сифат ва таъмини баробарҳуқуқии ҷинсӣ дар соҳаи хизматрасониҳои асосии иҷтимоӣ; в) таҳкими иқтидори ҳукуматӣ ва ғайриҳукуматӣ оид ба рушди иштироки ҷавонон; г) таҳияи усулҳои алтернативӣ оид ба нигоҳубини кӯдакон барои муҳайё сохтани шароити беҳтару мусоид барои онҳо.

**ЮНИСЕФ ба таъмини манфиатҳои кӯдакону занон** дар рафти татбиқиислоҳоти иҷтимоӣ, таҳкими абзорҳои ҳамоҳангсозӣ дар соҳаи рушд ва ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ҳалли масъалаҳо оид ба беҳтар намудани вазъи кӯдакону занон мусоидат менамояд. Буҷаи барномаҳои ЮНИСЕФ батадриҷ меафзояд. Дар соли 2007 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасии миёнамуддатро оид ба иҷрои Нақшаи татбиқи ҳамкорӣ барои солҳои 2005-2009 омода сохт. Соли 2008 ЮНИСЕФ дар ҳамкорӣ бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқи барномаҳои зеринро идома медод: ғамхории модару кӯдак; таҳсилоти умумии босифат барои ҳама; саломатии кӯдакон ва ҷавонон; ислоҳоти стратегияи иҷтимоӣ ва ҳифзи кӯдак. Дар охири соли 2008 лоиҳаи барномаи кишварӣ барои солҳои 2010-2015 бо мақсади ҳамкории

Activities of **the United Nations Children's Fund (UNICEF)** in Tajikistan began in August 1994 after an agreement was signed between the Government of Tajikistan and UNICEF. The Country Programme of Cooperation between the Government of Tajikistan and the UNICEF for 1995-1999 was aimed at reducing infant and maternal mortality, improving the learning environment of children, raising youth awareness about HIV / AIDS and the promotion of healthy lifestyle. As a part of the program in 1997, a National Coordinating Committee for the Prevention of HIV / AIDS was established. This included representatives from various ministries and agencies, local NGOs and the UNDP under the leadership of the Deputy Prime Minister of Tajikistan. In April 2000, second country program and the major action plan for 2000-2004 were signed with the inclusion of the projects to assist the Government of Tajikistan and its partners in the protection and enforcement, development of children, elimination of discrimination against women and children and etc. In 2001, an National Commission on Child Rights (NCCR) was organized under the UNICEF support and according to the recommendation of the UN Committee on the Rights of the Child. In partnership with the Global Alliance for Vaccines and Immunization, the UNICEF has supplied vaccine for the implementation of the national immunization program. As a result, vaccination coverage for measles vaccination and the complex reached 84%.

**In 2002, under the support of the Japanese Ministry of Health, Centers of United States for Disease Control and Prevention (CDC) and World Health Organization (WHO)**, Tajikistan was classified as a country free from polio. With support from the CDC and the United States Agency for International Development (USAID) also a plan of actions was prepared to ensure reliable monitoring of infant and child mortality. In 2002, the Law of RT on the iodization of salt was adopted. In 2003, the UNICEF supported efforts to provide vitamin A for all children less than five years within the campaign of the shortage of vitamins, contributed to the restructuring of child care institutions. Currently, the third country program for 2005-2009 is being implemented. The program content is determined by the medium-term strategic plan of the UNICEF (SCF) agreed with the Government of the Tajikistan and the United Nations partners during a National Conference on Children held in December 2003 and approved in March 2004. The new Country Programme is aimed at achieving the following key results:

Мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо Директори Бюрои минтақавии Созмони ҷаҳонии тандурустӣ Сузанна Якаб. Душанбе. 3 майи соли 2010.
Meeting of the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon with the Director of Regional Bureau of World Health Organization Suzanna Jacob. Dushanbe, May 3, 2010.



Ҳукумати Тоҷикистон ва ЮНИСЕФ омода шуд. Моҳи декабри 2009 Барномаи нави кишварӣ барои солҳои 2010-2015 ва Нақшаи амал оид ба татбиқи Барномаи кишварӣ барои солҳои 2010-2015 ба имзо расид.

**Барномаи умумиҷаҳонии озуқаворӣи (БУО) СММ** фаъолияти худро дар Тоҷикистон соли 1993 тавассути расонидани кӯмаки фавқулода барои рафъи оқибатҳои ҷанги шаҳрвандӣ оғоз намуд. Аз моҳи июли 1999 то июли 2001 БУО СММ амалиёти якуми худро оид ба расонидани кӯмаки доимӣ ба аҳолии камбизоат гузаронид. Соли 2003 Созишномаи асосӣ байни БУО ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон омода ва имзо шуд, ки пойгоҳи ҳуқуқиро барои фаъолияти БУО СММ дар Тоҷикистон танзим менамояд. Дар айни ҳол маҷмӯи кӯмакгирандагон ба якуним миллион нафар расидааст.

Соли 1992 Тоҷикистон аъзои **Созмони Умумиҷаҳонии Тандурустӣ** (СУТ) шуд ва ба Шӯъбаи минтақавии аврупоӣ бо 53 кишвари аъзои дигар пайваст. Самтҳои афзалиятноки фаъолияти дафтари СУТ дар созишномаҳои дусола оид ба ҳамкорӣ байни Шӯъбаи минтақавии аврупоии СУТ ва Вазорати тандурустии Тоҷикистон муайян шудаанд. Дар чаҳорчӯби ин созишномаҳо аз рӯи самтҳои афзалиятнок ва дар ҳолатҳои фавқулода, дар робита ба барангезиши касалиҳо ё офатҳои табиӣ, кӯмаки техникиву молиявӣ расонида мешавад. Дар давраи аз 1993 то 2009 созишномаҳои дусола оид ба ҳамкории Вазорати тандурустӣ бо Шӯъбаи минтақавии аврупоии СУТ самтҳои зеринро дар бар мегирифтанд: ислоҳоти бахши тандурустӣ, мустаҳкамкунии саломатии модар ва кӯдак, мубориза бо касалиҳои сироятӣ, дастгирии сиёсат ва стратегияи тандурустӣ, ҳамоҳангсозии фаъолияти башардӯстонаи созмонҳои байналхалқӣ, таҳкими низомҳои иттилоотӣ, мубориза бар зидди табларза. Ба ҳайси дастовардҳои асосӣ метавон аз қабули "Консепсияи ислоҳоти соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2010" ва "Стратегияи рушди соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2010", иштирок дар таҳияи Стратегияи миллии рушд, Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ, стратегияи фарогири рушди саломатӣ барои солҳои 2010-2020 ёдовар шуд. Дар натиҷаи ҳамкории СУТ ва

Мулоқоти Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳамрохон Зарифӣ бо Роҳбари хазинаи кӯдакони Созмони Милали Муттаҳид Хонгвей Гао. Душанбе. 3 апрели соли 2009

Meeting of the Minister of Foreign Affairs of the Republic of Tajikistan Hamrokhon Zarifi with the Head of UNICEF Representation Hongwei Gao. Dushanbe, April 3, 2009.



a) improving policies and strengthening national systems and coordination, establishment of standards in key programs affecting children b) expanding access, improving quality and ensuring gender equality in the basic social services, c) strengthening the government and NGO capacities to increase participation of Youth; d) development of alternative approaches to care for children to create a safe and supportive environment.

**The UNICEF** promotes consideration of the interests of children and women in social reform, the strengthening of coordination mechanisms in the development and civil society engagement in solving problems for the advancement of women and children. Budget for UNICEF program is gradually increasing. In the country program 2005-2009 planned budget was about U.S. $ 26 million, including approximately $ 6 million - regular resources. In 2007 the Government of Tajikistan has prepared a mid-term review of the Plan of Implementation of cooperation for 2005 to 2009. In 2008, the UNICEF has continued cooperation with the Government of Tajikistan in an implementation of the following programs: Care of mother and child, a quality of basic education for all, health for children and youth and the reform of social policies and child protection. In late 2008, the Country Programme 2010-2015 was drafted with a view to cooperation between the Government of Tajikistan and the UNICEF. The UNICEF Executive Council received a request for approval of the total indicative budget of $ 12 million from regular sources, subject to availability of funds and $ 16 million from other sources.

**World Food Programme (WFP)** started its activities in Tajikistan in 1993 by providing emergency assistance to overcome the consequences of civil war. Between 1993 and 1999, the WFP distributed a variety of food aid, totaling about 120,000 tons worth 60 million U.S. dollars. From July 1999 to July 2001, the WFP carried out its first operation to provide continuous assistance to vulnerable populations. More than 52 thousand tons of food was distributed through food-for-work «School Meals» and etc. In 2003 the Basic Agreement between the WFP and the Government of Tajikistan was prepared and signed, which regulates the legal framework for the activities of the WFP in Tajikistan. Currently, the total number of beneficiaries of assistance reaches a half million people.

In 1992, Tajikistan became a member of **the World Health Organization (WHO)** and joined the European regional office with other 53 Member States. The WHO Regional Office located in Copenhagen, Denmark. The WHO Country Office in Tajikistan was established in 1992. The Head of this office is Dr. Santino Severoni, who is assisted by 15 staff, including experts on health policy, public health, diseases and immunization, epidemiology, HIV/AIDS, disaster preparedness and response, as well as malaria. At the moment, measures are being taken to expand this office to include in its personnel of experts on health financing and mental health. Priority activities of the office are defined in a jointly prepared two agreements on cooperation (BCA) between the WHO and the Ministry of Health of Tajikistan. As a part of cooperation, the BCA provides technical and financial assistance in the priority areas and in extreme cases, due to disease outbreaks or natural disasters. Between 1993 and 2009, two agreements on cooperation of the Ministry of Health and the WHO include the following directions: health sector reform and strengthening child and maternal health, combating communicable diseases, support for policy and health strategies, coordination of humanitarian activities of international organizations to strengthen information systems and the fight against malaria. The major achievements were «the adoption of the Concept of health care reform of the RT to 2010» and « Strategy for the Development of Health of the Republic of Tajikistan to 2010", participation in national development strategy, the Poverty Reduction Strategy, a comprehensive strategy for Health Development for 2010-2020. The results of cooperation between the WHO and the Ministry of Health of the Republic of Tajikistan succeed in elimination of polio, outbreaks of diphtheria, malaria and measles; significant reduction of typhoid and a reduce of mortality from these diseases. Capacity of assistance from the WHO within two years of cooperation agreements which was 65 000 U.S. dollars in 1993, continue to grow, reaching more than 6.6 million U.S. dollars in 2008-2009. Currently, the main activities of the WHO in Tajikistan are: assistance to the Ministry of Health of Tajikistan in further development of health policy and health systems, development of human capacity of health systems, development of hospital services, support services, maternal and child health and combating communicable diseases. As part of the DSS, it runs programs «Coordination», «Health Policy», «Avian flu», «Malaria», etc.

Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон нобуд сохтани фалаҷи атфол, бартарафсозии барангезандагони эпидемии хуноқ, табларза ва сурхча, кам кардани касалиҳои домана, коҳиши сатҳи муриш аз чунин касалиҳо имконпазир шуд. Дар айни ҳол самтҳои асосии фаъолияти СУТ дар Тоҷикистон чунинанд: кӯмак ба Вазорати тандурустии ҶТ дар рушди минбаъдаи сиёсати тандурустӣ ва низомҳои тандурустӣ; рушди иқтидори кадрии низомҳои тандурустӣ; инкишофи хадамоти беморхонаҳо; дастгирии хизматрасониҳо ба модарон ва кӯдакон; мубориза бар зидди касалиҳои сироятӣ. Дар чаҳорчӯби Созишномаҳои дусола оид ба ҳамкорӣ барномаҳои "Ҳамоҳангсозӣ", "Сиёсати тандурустӣ", "Зукоми парранда", "Табларза" ва дигарон татбиқ шуда истодаанд. Феълан тадбирҳо оид ба васеъкунии дафтари мазкур, ба мақсади ба ҳайати кадрии он мутахассисонро оид ба сармоягузории тандурустӣ ва ҳифзи саломатии рӯҳӣ дохил кардан, қабул шуда истодаанд.

Дар айни ҳол Тоҷикистон **ҳамкориро бо созмонҳо, ниҳодҳо ва муассисаҳои тахассусии СММ** фаъолона тақвият мебахшад, ки дахтои онҳо дар кишвар намояндагӣ доранд – Созмони байналмилалии муҳоҷират (СБМ), Созмони байналмилалии меҳнат (СБМ), Хазинаи байналмилалии асъор (ХБА), Бонки байналмилалии бозсозӣ ва рушд ва дигарон. Ҳадафҳои рушди Тоҷикистон дар марҳилаи кунунӣ роҳу усулҳои навро дар ташаккули ҳамкорӣ бо СММ тақозо менамоянд.

Бо дарназардошти авлавиятҳои ҷории Тоҷикистон ва сатҳи рушди иҷтимоиву иқтисодии кишвар, мусоидат намудан ба иҷрои мукаммал ва муассири қарорҳои ҳамоишу конфронсҳои байналмилалии СММ, аз ҷумла Саммити Ҳазорсола, Саммити соли 2005, Саммити Йоханнесбург оид ба рушди устувор, Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба баррасии фарогири миёнамуддати рафти татбиқи Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои ҳаёт", 2005-2015 ва талош варзидан дар ҳамоҳангсозии кори ниҳодҳои асосии СММ, аз ҷумла Маҷмаи Умумӣ, Шӯрои иқтисодиву иҷтимоӣ ва Шӯрои Амният хеле зарур аст.

Бо назардошти рушди устувори иқтисодии кишвар, Созмони Милали Муттаҳид ба Тоҷикистон ҳамчун кишваре, ки ба вазъияти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ таъсири мусбат мерасонад, таваҷҷӯҳи зиёд зоҳир мекунад. Бояд тазаккур дод, ки 20 сентябри соли 2010 дар Ню-Йорк ва 22 сентябр дар Душанбе муаррифии Ҳисоботи "Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола: Дастовардҳои Тоҷикистон", ки дар чаҳорчӯби он мубодилаи афкор ва муҳокима оид ба 8 ҳадафи асосии рушд сурат гирифт, ба пешравии Тоҷикистон дар татбиқи ҳадафу вазифаҳои мазкур баҳои баланд дода шуд. Дар конфронси миллӣ, ки ба ҲРҲ бахшида шуд, намояндагони ВАО, мақомоти давлатӣ ва созмонҳои байналмилалӣ иштирок намуданд.

Умуман, Тоҷикистон бо СММ ва ниҳодҳои тахассусии он дар масъалаҳои сиёсии глобалӣ дар соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, экологӣ ва гуманитарӣ ҳамкории фарогирро ба роҳ мондааст.

**Созмони Милали Муттаҳид оид ба масъалаҳои илм, маориф ва фарҳанг (ЮНЕСКО)**, баъд аз Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ ташкил шуда, бо мақсади «мустаҳкам намудани пояи сулҳ дар тафаккури инсон» амал мекунад. Ҳамоҳангсози фаъолият байни ҳукуматҳо ва ЮНЕСКО, Комиссияҳои миллӣ оид ба корҳои ЮНЕСКО мебошанд, ки дар низоми Созмони Милали Муттаҳид ҳамтои худро надоранд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 апрели соли 1993 ба узвияти ЮНЕСКО пазируфта шуд ва худи ҳамон сол дар Вазорати корҳои хориҷӣ Комиссияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои ЮНЕСКО ташкил карда шуд.

ЮНЕСКО ҳар сол, ба қадри имкон, лоиҳаҳои пешниҳод намудаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаҳои илм, маориф, фарҳанг, комуникатсия ва машварат дастгирӣ менамояд.

Яке аз рӯйдодҳои таърихан муҳими муносибатҳои дуҷониба баргузор шудани Рӯзи фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки намояндагони санъату ҳунари тоҷик дар Дабирхонаи кулли ЮНЕСКО дар ҳошияи 33-юмин Конфронси Генералии ЮНЕСКО (октябри соли 2005) мебошад, ки дар он ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон зери сарварии Президенти кишвар иштирок намуда буд. Дар чаҳорчӯби ин чорабинӣ Созишнома дар бораи ҳамдигарфаҳмӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ЮНЕСКО ба имзо расид.



Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Директори генералии ЮНЕСКО Коичиро Матсуура ҳангоми ифтитоҳ намудани намоишгоҳ дар доираи Рӯзи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ЮНЕСКО. Париж, Фаронса, 10 октябри соли 2005.

The President of the Republic of Tajikistan E. Rahmon and the Director General of UNESCO K. Matsuura opening the exhibition within the event of the Days of Culture of Tajikistan in UNESCO. Paris, France. October 10, 2005.

Currently, Tajikistan is actively developing cooperation with specialized organizations and institutions of the UN agencies, more than ten of which have their representation in Tajikistan - the International Organization for Migration (IOM), the International Labour Organization (ILO), the International Monetary Fund (IMF), the International Bank for Reconstruction and Development (IBRD) and etc. A development aim of Tajikistan at the current stage requires a new approach to the establishment of relations with the United Nations. Based on the current priorities of Tajikistan and socio-economic level of the country, it is necessary to promote full and effective implementation of the outcomes of the major international summits and conferences of the UN, including the Millennium Summit, the Johannesburg Summit on Sustainable Development; facilitation efforts to coordinate the work of the principal organs of the UN, including the General Assembly, ECOSOC and the Security Council. Whereas the sustainable economic development of the country, the United Nations attaches great importance to Tajikistan as a country, which has a positive impact on economic and social situation in Central Asia. In this regard, Tajikistan should continue to promote a dialogue with the UN and its specialized agencies on global policies in the economic, social, environmental and humanitarian fields. It is worth mentioning, that on September 20, 2010 in New-York and on September 22, 2010 in Dushanbe the report titled "Millennium Development Goals: Tajikistan Progress" was presented. During the presentations the progress achieved in Tajikistan in an implementation of the MDGs has been positively appraised and an exchange of opinions and discussion on 8 goals was conducted. The national conference devoted to the MDGs was attended by the representatives of mass media, the government and international organizations.

In general, Tajikistan has established the comprehensive cooperation with the United Nations and its agencies on economic, social, environmental and humanitarian spheres.

**The United Nations Educational, Scientific and Cultural Organization (UNESCO)** was founded on 16 November 1945, after the Second World War, with the aim of «building peace in the minds of

Дастоварди дигари муносибатҳои дутарафа ворид гардидани ҷашнвораи 1150-солагии Абӯабдулло Рӯдакӣ ба Рӯйхати Ҷашнвораҳои ЮНЕСКО мебошад. Моҳи октябри соли 2009 дар рафти ҷаласаи 35-уми Конфронси Генералии ЮНЕСКО, ки дар Париж баргузор гардид, қарори ҷашни 100-солагии шоир ва арбоби намоёни ҷамъиятӣ Мирзо Турсунзода низ ба феҳристи ҷашнвораҳои ЮНЕСКО барои солҳои 2010-2011 ворид гардид.

Ҳамкориҳо дар соҳаи илм бошад, бо созмонёбии Кумитаи биоэтика дар назди Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон равнақ ёфтанд. Биоэтика яке аз самтҳои пешқадаме мебошад, ки аз ҷониби ЮНЕСКО дар тамоми ҷаҳон дастгирӣ меёбад. Созмон кумитаи мазкурро ҷонибдорӣ намуда, ёрии худро барои таълими мутахассисони соҳа расонида истодааст.

Боиси зикр аст, ки ЮНЕСКО на танҳо бо сохторҳои кишвар ҳамкориро ба роҳ мондааст, балки саҳми шаҳрвандони кишварро дар ҷанбаҳои гуногун қадрдонӣ менамояд. 17 сентябри соли 2008 дар Дабирхонаи кулли ЮНЕСКО ба шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон Амриддин Аминов унвони Санъаткори ҷаҳонии ЮНЕСКО супорида шуд. Ҷоиз ба таъкид аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон нахустин кишвари Осиёи Миёна мебошад, ки шаҳрванди он бо чунин унвони баланди байналхалқӣ сарфароз гардидааст.

Мусиқии класикии Шашмақом 11 ноябри соли 2003 шоҳкории шифоҳӣ ва мероси гаронбаҳои инсоният шинохта шуд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамасола 12 май ҳамчун Рӯзи Шашмақом ҷашн гирифта мешавад.

Пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳри Душанбе бо мукофоти ЮНЕСКО «Шаҳри ҷаҳон» барои солҳои 2002-2003 сарфароз гардидааст.

Дар доираи барномаҳои ЮНЕСКО оид ба масоили муколамаи фарҳангӣ дар Осиёи Миёна моҳи июни соли 2003 дар шаҳри Душанбе Конфронси байналхалқии ЮНЕСКО «Мақоми зан дар муколамаи байнифарҳангии Осиёи Миёна» баргузор гардид. Дар давоми конфронси мазкур кафедраҳои «Муколамаи байнифарҳангӣ дар ҷаҳони муосир»-и ЮНЕСКО дар

Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар иҷлосияи 33 - уми Конфронси Умумии ЮНЕСКО. Париж, октябри соли 2005.

Speech of the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon in the 33 Session of the General Conference of UNESCO. Paris, October 2005.



people». The National Commissions for UNESCO of the Member States are playing the role of a link between the government of Member States and the UNESCO. Thus, it is a unique in its kind in the entire United Nations system.

The Republic of Tajikistan became a member of the Organization on April 6, 1993, and has established Tajikistan National Commission for the UNESCO within the Ministry of Foreign Affairs.

Every year the UNESCO supports various projects proposed by the Republic of Tajikistan in different fields of its competence such as: education, science, culture, communication and information.

One of the important historical events in bilateral relations is the visit of the President of the Republic of Tajikistan H.E. Mr. Emomali Rahmon to the UNESCO Headquarters in Paris. It was held during the 33rd Session of the UNESCO General Conference on October 10, 2005. Within the framework of the event the Memorandum of Understanding was signed between the Republic of Tajikistan and the UNESCO.

Another success in bilateral cooperation is the inclusion of the "1150th anniversary of Abu Abdullah Rudaki" to the list of the UNESCO notable jubilees. Moreover, during the work of the 35th Session of the UNESCO General Conference in Paris on March 2009, the Secretariat of the Organization has positively reviewed the celebration of "100th anniversary of Mirzo Tursunzoda" for the period of 2010-2011.

The process of cooperation in the field of science has developed upon the establishment of the Committee on Bioethics at the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan. The Bioethics is one of the active spheres that receives support by the UNESCO all over the world and maintains the expert capacity building.

It is worth mentioning, that the UNESCO does not only cooperate with the governmental structures and NGOs, but also it evaluates the great contribution of individuals in different directions. On September 2008, at the UNESCO Headquarters in Paris, the awarding ceremony was conducted where the citizen of the Republic of Tajikistan Mr. Amriddin Aminov received UNESCO Honorary Title the «Artist for Peace». It should be noted, that Tajikistan became the first and the only country in Central Asia, whose representative was awarded with such a high international award.

On November 11, 2003 the classical music "Shashmaqom" was recognized by the UNESCO as a Masterpiece of Oral and Intangible Heritage of Humanity. Tajikistan celebrates the Day «Shashmaqom» annually on 12th May.

Another honorable event is that Dushanbe city was declared by the UNESCO as the «City for Peace» for the period of 2002 - 2003.

Within the framework of the UNESCO's program on Intercultural Dialogue in Central Asia, on June 2003 Dushanbe hosted the the UNESCO International Conference on «The Role of Women in Intercultural Dialogue in Central Asia». As the result of this Conference there were established two UNESCO Chairs, including «Intercultural Dialogue in the modern world» on the basis of the Russian - Tajik Slavonic University and «Information and educational cultural center» on the basis of the Tajik National Conservatory.

Cooperation with this international organization gives Tajikistan an opportunity to safeguard and transmit the rich cultural, historical and spiritual heritage of the Tajik people to future generations and show them to the world community.

Another important attribute of bilateral cooperation at the present time is the inclusion of cultural and historical monuments of Tajikistan to the UNESCO World Heritage list. During the 34th session of the UNESCO World Heritage Committee, on 31 July 2010 one of the oldest settlements in Tajikistan «Sarazm» decision was inscribed to the World Cultural Heritage list by the UNESCO. The Settlement of «Sarazm (settlement of IV - II millennium BC, near the Panjakent, with well-preserved temples of fire, public and residential buildings, religious attributes and palaces) was submitted to the World Heritage Centre in 2006.

Within the framework of the conservation of cultural and historical, archaeological and natural heritage programs with the aim of inscription to the World Heritage list, the Republic of Tajikistan nominated 17 most important sites such as:

Донишгоҳи славянии Тоҷикистон ва дар Маркази ахборотӣ-мадании назди Консерваторияи миллии Тоҷикистон кушода шудаанд.

Ҳамкорӣ бо ин ташкилот ба Тоҷикистон имкон медиҳад, ки барои наслҳои оянда ва ҷомеаи ҷаҳонӣ мероси бойи маданӣ, таърихӣ ва маънавии халқи тоҷикро нигоҳ дорад.

Рӯйдоди муҳиме, ки дар ин самт ба вуқӯъ пайваст, ворид гардидани якумин ёдгории таърихии Тоҷикистон «Саразм» (истиқоматгоҳи ҳазорсолаҳои IV-II пеш аз милод дар наздики шаҳри Панҷакент, ки он ҷо маъбадҳои оташ, биноҳои ҷамъиятӣ, иқоматӣ ва маданӣ дар ҳолати хуб нигоҳ дошта шудаанд) ба Феҳристи мероси умумиҷаҳонии ЮНЕСКО дар рафти кори Ҷаласаи 34-уми Маркази ёдгориҳои таърихии ЮНЕСКО ба ҳисоб меравад.

Дар доираи барномаи ташкилот оид ба нигоҳдории мероси фарҳангӣ, таърихӣ, археологӣ ва табиии инсоният, ҷиҳати дохил намудан ба рӯйхати меросии умумиҷаҳонӣ, аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон 17 ёдгории арзишманд пешниҳод гардидаанд: Кофирқалъаи қадим (Ҳелаварда), мадрасаи «Хоҷа Машҳад», Панҷакенти қадима, шаҳраки Ҳулбук, маъбади буддоии «Аҷинатеппа», шаҳраки «Тахти Сангин», қалъаи Ҳисор, шаҳраки Бунҷикат, қалъаҳо ва иншоотҳои мадании Вахон (Помир) ва Боғи миллии Тоҷикистон.

Ҷойгоҳи асосиро дар рушди ҳамкории дутарафаи байни Тоҷикистону ЮНЕСКО Барномаи иштироки ЮНЕСКО ишғол мекунад. Мақсади барномаи мазкур дастгирии давлатҳои ширкаткунанда бо роҳи маблағгузорӣ ба пешниҳоди лоиҳа оид ба самтҳои пешқадами фаъолияти ЮНЕСКО мебошад. Комиссияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои ЮНЕСКО солҳои 1994 то соли 2011 дар доираи Барномаи иштирок 80 лоиҳа оид ба соҳаҳои рӯзмарраи илм, маориф ва фарҳанг пешниҳод намуда, ба маблағи зиёда аз 700 ҳазор доллари ИМА дастгирии ЮНЕСКО-ро пайдо намудааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи дарозмуддати «Таълими тасвирӣ дар Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил доир ба масъалаҳо ва имкониятҳои тараққиёти иқтидори эҷодкорӣ дар асри XXI», ки байни ЮНЕСКО ва Фонди байналхалқии ҳамкориҳои гуманитарии ИДМ (МФГС) 12 октябри соли 2009 дар Дафтари Минтақавии ЮНЕСКО дар ш. Москва қабул шуда буд, амалӣ мегарданд, ки мақсади асосии лоиҳа мукаммалсозии сиёсати фарҳангӣ ва маориф оид ба таълими тасвирӣ, инчунин мустаҳкам намудани ҳамкорӣ байни вазоратҳои фарҳанг ва маорифи давлатҳои ИДМ ба воситаи гузаронидани тадқиқоти илмӣ дар соҳаи зикршуда мебошад.

16 июни соли 2010 Конвенсияи байналмилалӣ «Дар бораи ҳифзи мероси ғайримоддии фарҳангӣ» аз тарафи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шуд. Аъзошавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин Конвенсия, ба мероси бойи фарҳангии ғайримоддӣ аҳамияти хосса дорад. Чунончи, бо пайвастан ба санади мазкур мутахассисони кишвар имкон пайдо мекунанд, то дар лоиҳа ва чорабиниҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ бахшида ба мероси фарҳангии ғайримоддӣ иштирок намуда, манфиатҳои миллии Тоҷикистонро ҳифз кунанд.

Ба таври умум муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ин созмони фарҳангиву илмӣ дар ҳоли рушд буда, ояндаи дурахшони ҳамкориҳо бо созмон ва бо дигар кишварҳо дар чаҳорчӯбаи ин созмон дар назар аст.

Муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо **Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо** (САҲА) дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон ҷои намоёнро ишғол мекунад.

Пас аз эътирофи Санади хотимавии Ҳелсинкӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси кишвари иштирокчии созмон пазируфта шуд. Ин иқдом аввали соли 1992 зимни ҷаласаи кишварҳои иштирокчӣ сурат гирифта буд.

Бояд тазаккур дод, ки иқдоми зикршуда бо дарназардошти зарурати истифодаи таҷриба, нуфуз ва нерӯи ин созмон дар ҷараёни демократикунонии ҷомеа, таҳкими амнияти миллӣ, минтақавӣ ва байналхалқӣ, эҷод намудани унсурҳои муҳими ҷомеаи шаҳрвандӣ амалӣ гаштааст. Аз ҷониби дигар, роҳандозии муносибатҳои қавӣ дар инкишофи ҳамкорӣ бо сохторҳои гуногуни байналмилалии амниятӣ, аз он ҷумла САҲА, ба мақсад ва принсипҳои сиёсати берунаи Тоҷикистон мувофиқат мекард.

Ибтидои муносибатҳои амалии дуҷониба миёни Тоҷикистон ва САҲА соли 1994 сарчашма мегирад.




Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳамрохон Зарифӣ бо иштирокчиёни озмун – фестивали «Кӯдакон оламро тасвир мекунанд». Душанбе, 12 ноябри соли 2010.

Minister of Foreign Affairs of the Republic of Tajikistan Hamrokhon Zarifi with the children participants of the competition – festival "Children paint the world". Dushanbe, November 12, 2010.

- 9 objects of the Silk Road - the fortress of Kafir Kala (Helavard), Madrasah of «Khoja Mashhad», Ancient Panjakent, Hulbuk settlement, Buddhist Monastery «Ajina Teppa», «Takhti Sangin» settlement, Hissar fortress, «Bundzhikat» settlement, forts and cultural facilities of Vakhon (Pamir) and the «Tajik National Park».

The UNESCO Participation Programme plays a special and very important role in the development of mutual cooperation between Tajikistan and the UNESCO. The purpose of this program is to strengthen the capacity of member states through implementation of their project proposals. Tajikistan National Commission for UNESCO has implemented over 80 projects within the Participation Programme from 1994 till 2011 on the most important areas of education, science and culture. The total amount of financial support is more than 700,000 U.S. dollars.

A long-term UNESCO project has been started in the Republic of Tajikistan under the Agreement between the UNESCO and the Interstate Humanitarian Cooperation Fund - CIS (IGSF) on «Arts education in CIS countries: development of creative potential in the XXI Century». This project has been signed on 12 October 2009 at the UNESCO Office in Moscow. The project identifies specific existing systems of arts education in CIS countries and develops recommendations policy for their improvement, as well as the inclusion of priorities and principles of UNESCO in national development strategies of arts education.

The Republic of Tajikistan attaches a great attention to its heritage and makes all possible effort to safeguard them for humanity. Thus, on 16 June 2010 the Parliament of Tajikistan approved Convention for the Safeguarding of the Intangible Cultural Heritage. This Convention has a great importance for enriching the Intangible Cultural heritage of Tajikistan. Namely, upon the membership, our experts found an opportunity to apply with projects and participate in different regional and international events related to the Intangible Cultural Heritage and represent the interests of Tajikistan all over the world.




Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар кори саммити Иҷлоси амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (ИАҲА) ширкат меварзад. Будапешт, Венгрия, декабри соли 1994.

The President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon taking part in the Summit of OSCE. Budapest, Hungary, December 1994.

Ҳайати кишвар таҳти сарпарастии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон 6 декабри соли 1994 дар ҳамоиши сарони давлатҳои иштирокчии САҲА дар шаҳри Будапешт ширкат варзид. Дар рафти нишаст, Президенти Тоҷикистон роҷеъ ба талошҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ бахри ба эътидол овардани вазъи дохилӣ ва авлавиятҳои ҷониби мо дар чаҳорчӯби ҳамкориҳо бо он Созмон ибрози назар кард.

Дар ибтидои солҳои 90-ми асри XX вазъи сиёсии кишвар хеле мураккаб буд. Вобаста ба ин, САҲА кӯшид, ки баҳри ба эътидол овардани вазъ саҳм гирад. Намояндагии САҲА дар Тоҷикистон 17 феврали соли 1994 ифтитоҳ гардид. Асоси ҳуқуқӣ барои таъсиси намояндагии САҲА муқаррароти механизм барои машварат ва ҳамкорӣ дар мавриди ҳолатҳои фавқулода гардиданд, ки дар мулоқоти якуми вазирони корҳои хориҷии САҲА дар Берлин (июни 1991) таҳия шуда буданд. Қарор оид ба таъсиси намояндагии САҲА дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз 1 декабри соли 1993 дар мулоқоти 4-уми Шӯрои вазирони корҳои хориҷии САҲА дар Рим қабул гардида буд. Намояндагӣ дар назди худ вазифаи кӯмак намудан дар устувор гаштани вазъи кишвар ва ташкили шароити мусоид дар тавсеаи равандҳои демократиро дошт.

САҲА дар музокироти байни тоҷикон мақоми нозирро дошт. Дар ин мавзӯъ САҲА ва СММ мавқеи ҳамсон доштанд.

Дар марҳилаи аввал дар муносибатҳои САҲА бо Ҳукумати Тоҷикистон як қатор мушкилот ба назар мерасид. Тоҷикистон зимни ҷаласаву нишастҳои Созмон дар самтҳои алоҳида зери эродгириҳо қарор мегирифт. Дар ҷараёни саммитҳои сарони давлатҳо ва ҷаласаҳои Шӯрои вазирони корҳои хориҷии САҲА роҳбарияти кишварро лозим меомад, то ҷиҳати шинос намудани кишварҳои иштирокчӣ бо вазъи баамаломада дар Тоҷикистон кӯшишҳои зиёд ба харҷ диҳад. Андешидани чораҳои қатъӣ ҷиҳати барқарор кардани муносибати созанда ва ҳамёрӣ бо САҲА аз аввал мадди назари роҳбарияти кишвар буд. Вазифаи асосӣ барқарор намудани муколамаи ҳақиқӣ бо ҳама ниҳодҳои САҲА буд.

In general, the cooperation of Tajikistan with the UNESCO is in high level and is planning to expand collaboration with other Member States within the Organization.

Relations of the Republic of Tajikistan with **the OSCE** present a significant place in the foreign policy of Tajikistan.

The Republic of Tajikistan has signed the Helsinki Final Act in the beginning of 1992 and was recognized as a participating state of the organization.

It should be mentioned, that the aspiration to join the OSCE has been dictated by the necessity of use of its experience, authority and means for democratic transformation of society, maintenance and strengthening of security at national, regional and international levels, creation of key elements of civil society. On the other hand, establishment of strong communications and development of cooperation with various international security institutions, including OSCE, corresponds to the goals and principles of Tajikistan's foreign policy.

The establishment of bilateral relations between Tajikistan and the OSCE Mission has been originated in 1994.

On December 6, 1994 the country delegation headed by the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon has participated at the OSCE Summit in Budapest. The President of Republic of Tajikistan delivered a speech at the summit in regard to endeavors of the government to settle the domestic challenges and its priority cooperation within the framework of this organization.

In the beginning of 90th of the XX century political situation in the country was very complicated. In that connection, OSCE did it utmost to stabilize the situation by peaceful means. The OSCE Mission to the Republic Tajikistan has been opened on February 17, 1994. The legal ground for the establishment of the OSCE mission were regulations of the mechanism for consultations and cooperation concerning the emergency situations developed within the 1st Berlin Meeting of the Ministerial Council of Foreign Ministers of the OSCE that took place in June 1991. Decision on the establishment of the OSCE Mission to Tajikistan was adopted at the 4th Rome Meeting of the Ministerial Council of Foreign Ministers of the OSCE on December 1st 1993. The Mission had an objective to contribute to stabilization of the situation in the country and to create favorable conditions for promotion of democratic processes.

The activities of the OSCE in Inter-Tajik peaceful negotiations have obtained a wide gratitude. Its position in this regard coincided with the position of the United Nations.

Relations of the OSCE with the Government of Tajikistan at the initial stage were not easy. Tajikistan was subject to criticism on some areas in the sessions and meetings of the OSCE. In the summits with participation of the heads of states and the Ministerial Council of Foreign Affairs of the OSCE, the leadership of the country had to take extreme efforts to explain the situation in Tajikistan. Drastic decision was necessary in establishing business and partner relations with the OSCE. The main task was ability to establish true dialogue with all institutes of the OSCE.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар кори саммити САҲА ширкат меварзад. Истанбул, ноябри соли 1999.

The President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon participating in the work of the OSCE Summit. Istanbul, November 1999.



Аз лаҳзаи роҳандозии муносибатҳои дуҷониба бо Созмон намояндагони он пайваста ба кишвар сафарҳои корӣ анҷом медиҳанд. Ба ин тариқ, намояндагони Созмон, Котиботи он, Дафтари ниҳодҳои демократӣ ва ҳуқуқи инсон, Комиссари олӣ оид ба масъалаҳои ақаллиятҳои миллӣ чандин маротиба аз Тоҷикистон боздид ба амал оварданд. Ҳамасола раисони амалкунандаи САҲА, дар сатҳи вазирони корҳои хориҷӣ бо боздидҳои расмӣ аз Тоҷикистон дидан менамоянд. Мақсади боздидҳои мазкур – таҳкими ҳамкорӣ ва шиносоӣ бо вазъияти ҷамъиятӣ-сиёсӣ, раванди татбиқи ислоҳоти демократӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ мебошад.

Дар ин росто, роҳбарияти Тоҷикистон ва намояндагони Парлумони кишвар дар чорабиниҳои гуногуни САҲА дар сатҳи олӣ ширкати фаъолона меварзанд. Роҳбари давлат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Вазири корҳои хориҷӣ дар саммитҳо ва нишастҳои Шӯрои вазирони САҲА иштироки мунтазам доранд. Зимни чорабиниҳои мазкур масъалаҳои вобаста ба се ченаки созмон, аз ҷумла, мубориза бо терроризм, экстремизм ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир мавриди баррасӣ қарор мегиранд. Илова бар ин, ҷониби Тоҷикистон диққати худро пайваста ба зарурати таҳкими ҳифзи сарҳадот, татбиқи ӯҳдадориҳои кишвар дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи инсон, ноил шудан ба авлавиятҳои Тоҷикистон дар соҳаи рушди энергетика, инфраструктураи нақлиёт ва истифодаи самараноки захираҳои обӣ ҷалб намуда, роҷеъ ба кӯшишҳои Ҳукумати Тоҷикистон дар ин самтҳо маълумот пешниҳод менамояд.

Солҳои ҳамкорӣ бо САҲА нишон доданд, ки ҷонибҳо на фақат ба ислоҳи вазъ дар равобиташон муваффақ шуданд, балки САҲА тавонист симои мусбати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар Аврупо ва созмонҳои байналмилалии аврупоӣ нишон диҳад. Ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон муяссар гардид, то вазифаҳои дарпешистодаро бо назардошти манфиатҳои худ ҳал намояд ва ин созмонро ба ҳамёри стратегии худ табдил диҳад.

Дар ҳамкорӣ бо Дафтари САҲА дар Тоҷикистон барои паҳн намудани ғояҳои Ҳелсинки ва арзишҳои демократӣ дар кишвар шароити мусоид фароҳам оварда шудааст. Илова бар ин, тавассути Дафтар ҷомеаи байналмилалӣ имкон дорад, ки оид ба вазъ дар кишвар иттилои пайваста дошта бошад.

Тавре зикр гардид, САҲА соли 1994 тавассути ифтитоҳи намояндагияш дар Тоҷикистон фаъолияташро дар кишвар оғоз кард. Моҳи октябри соли 2002 Намояндагӣ ба Маркази САҲА дар Душанбе табдил дода шуд, ки бо ин роҳ ваколаташ тавсеа ёфта, панҷ намояндагии он дар Ғарм, Хуҷанд, Кӯлоб, Қурғонтеппа ва Шаҳритус таъсис дода шуд. Сипас, соли 2008 бо тағйири ваколат, намояндагӣ ба Дафтари САҲА мубаддал гашт.

Аз қабулшавии ваколати (мандати) якуми Намояндагӣ ва тағйири он ба Дафтари САҲА дар Душанбе дар ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодии Тоҷикистон тағйиротҳои куллӣ ба амал омаданд. Баъди ба эътидол даромадани вазъ дар кишвар стратегияи пешгирифтаи Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба ноил шудан ба ҳадафҳои рушди устувори иқтисодии кишвар ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум равона шудааст, шаклҳои нави ҳамкориро талаб менамуд. Дар ин гуна шароит, қисми зиёди вазифаҳое, ки дар назди Намояндагии САҲА ва дертар Маркази он дар Душанбе гузошта шуда буданд, аҳамияти худро гум карда буданд ва аз ин лиҳоз ваколатҳои онҳо ба талаботи имрӯзаи рушди Тоҷикистон ҷавобгӯ набуданд. Вобаста ба ин ва инчунин бо дарназардошти шароити мусоиди сиёсӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодӣ, дар аввали соли 2007 бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод шуд, ки бо мақсади ба сатҳи нав бардоштани ҳамкорӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва САҲА ваколати Маркази САҲА дар Душанбе аз нав баррасӣ гардад.

Бояд тазаккур дод, ки ин иқдом ба беҳсозии симои Созмон дар байни давлатҳои иштирокчӣ ва тавсеаи ҳиссаи амалии он дар рушди кишвар равона шуда буд. Таъсиси Дафтари САҲА дар Душанбе ба ҳадафҳои ниҳоии ислоҳоти САҲА, санадҳои таъсисии Созмон - Санади хотимавии Ҳелсинкӣ, Санади Истамбул 1999 (Оинномa оид ба амният дар Аврупо), қарорҳои ҷаласаҳои Шӯрои вазирони корҳои хориҷӣ дар Брюссел ва Мадрид, ки ба масъалаҳои мубориза бо хатарҳои нав ва чолишҳои муосир равона шуда буданд, ҷавобгӯ буд. Илова бар ин, иқдоми мазкур таҳкими минбаъдаи ислоҳоти иқтисодӣ дар Тоҷикистонро дар бар мегирад, ки бо дарназардошти мавқеи ҷуғрофии Тоҷикистон, ба рушди коммуникатсия, зерсохтори



Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Комиссари олии САҲА оид ба аққалиятҳои миллӣ Ролф Экеус. Душанбе, 24 марти соли 2005.

The President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon and the OSCE High Commissioner on affairs of national minorities Rolf Ekeus. Dushanbe, March 24, 2005.

The country was more than once visited by representatives of the Organization, its Secretary, the ODIHR and High Commissioner on National Minorities. Every year Tajikistan hosts official visits of the OSCE Chairperson-in-Office on ministerial level. The purpose of these visits was deepening mutual cooperation and familiarization with political situation in the country, as well as with the process of realization of democratic and social and economic transformations.

The Leadership of Tajikistan and parliamentary members have participated in the OSCE various high level forums. The President of the Republic of Tajikistan Mr. Emomali Rahmon and the Minister of Foreign Affairs on a regular basis took part in the OSCE Summits and Council of ministers. They discussed the problems connected with the border, terrorism, extremism, illegal drug trafficking, and also informed on the efforts undertaken by the Government of Tajikistan in a protection of human rights and priorities of Tajikistan in the sphere of power engineering, transport infrastructure and rational use of water resources.

It's evident that the years of cooperation with OSCE not only enhanced the state of affairs in mutual relations, but also achieved the fact that the OSCE became a conductor of a positive image of the Republic of Tajikistan in Europe and European international organizations. Thereby, Tajikistan could efficiently resolve the undertaken tasks and to turn this organization into strategic partner.

Activity of the OSCE Representation in Tajikistan represents a unique opportunity for delivering the spirit of the Helsinki ideas and principles of democracy in the country, and allows the international community on a regular basis to have information on situation in Tajikistan.

The Organization for Security and Cooperation in Europe for the first time ensured its presence in Tajikistan early 1994, opening its Mission to Tajikistan. In October 2002, it was transformed to the OSCE Center in Dushanbe with more expanded mandate and five regional field offices in Gharm, Khujand, Kulob, Kurgantube and Shahritus. Later in 2008 the Permanent Council of the OSCE changed the mandate of the Center to the OSCE Office in Tajikistan.

наклиётӣ, энергетика, таҳкими сарҳад, истифодаи минтақавии захираҳои обӣ-энергетикӣ ва ҳифзи муҳити зист нигаронида шудааст.

Ҳамин тариқ, аз моҳи феврал то июни соли 2008 миёни Тоҷикистон ва Раёсати Финляндия дар САҲА, Котибот ва Маркази САҲА оид ба пешгирии муноқишаҳо чаҳор мизи мудаввар бо мақсади муҳокима ва баррасии лоиҳаи қарори Шӯрои доимии САҲА оид ба ин масъала баргузор гардид. Дар натиҷаи гуфтушунидҳо ба ҷонибҳо муяссар гардид, ки дар ҳалли бисёр масъалаҳо ба мувофиқа расанд ва лоиҳаи қарори Шӯрои доимиро оид ба табдили Маркази САҲА дар Душанбе ба Дафтари САҲА дар Тоҷикистон таҳия намоянд.

Дар баробари дигар самтҳои афзалиятноки ҳамкорӣ, Дафтари САҲА дар Тоҷикистон фаъолияташро дар самти кӯмаки машваратӣ оид ба беҳсозии қонунгузории миллӣ, таҳияи қонунҳои нав дар бораи аҳзоби сиёсӣ, интихобот ва васоити ахбори омма амалӣ мекунад. Чорабиниҳо дар бахши ҳамгироии мардуми Тоҷикистон, ҷоннок намудани нақши ҷавонон дар ояндаи кишвар, ҳалли масъалаҳои гендерӣ ба рушди раванди умумии сиёсӣ дар кишвар мусоидат мекунанд.

Бояд гуфт, ки дар таҳкими муносибатҳои тарафайн абзори махсус - ҷаласаи ҳамасолаи Гурӯҳи кории Тоҷикистон ва САҲА нақши калидӣ мебозад. Чунин абзор то ҳол дар муносибатҳои САҲА беназир аст. Дар рафти ҷаласаҳо намояндаҳои вазорату идораҳои марбутаи ҷумҳурӣ ва намояндагони Котибот, Маркази пешгирии муноқишаҳо ва Раиси амалкунанда масоили муҳими ҳамкориҳоро баррасӣ намуда, роҷеъ ба натиҷаҳои бадастомада ва дурнамои онҳо изҳори назар мекунанд.

Қобили қайд аст, ки бо дастгирии фаъоли Дафтар, дар кишвар Шӯрои ҷамъиятӣ амал мекунад ва дар чаҳорчӯби он намояндагони қишрҳои гуногуни ҷомеа дар масъалаҳои ум-

Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар саммити давлатҳои аъзои Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо.
Истанбул, ноябри соли 1999.

Speech of the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon in the Summit of participating states OSCE. Istanbul, November 1999.



From the time of acceptance of the first Mission mandate and with its subsequent transformation to the OSCE Office in Dushanbe, fundamental changes have happened in political and social and economic life of Tajikistan. A new strategic line of the President and the Government of the Republic of Tajikistan consisting of the achievement of the basic goals for the subsequent economic development of the country and improving living standard of people demanded new forms of cooperation.

In such situation most part of the tasks, which were given to OSCE Representative in Tajikistan, lost their importance, because of this their extraordinary nature were inadequate for the development of Tajikistan at that time. Therefore, taking into consideration, a political and socio-economic situation, at the initiative of the President of Tajikistan Emomali Rahmon, the mandate of the OSCE Centre in Dushanbe was renewed to improve cooperation between the Republic of Tajikistan and the OSCE.

It should be mentioned, that this action improved the image of the Organization among the participating states and played its merit role in development of the country. Establishment of the OSCE Office in Dushanbe has the responsibility for final goals for reforms of the OSCE, creation of Organization's acts – Helsinki Final Act, Istanbul Document 1999 (Charter for Security in Europe), meeting of the Council of Foreign Ministers' decisions in Brussels and Madrid, which are dedicated to new threats and modern challenges. In addition to this, such initiative strengthened further economic reforms in Tajikistan from geographic point of view, in development of communication, sub organizational transportation, energy, strengthening border, use of regional water-energy resources and environmental protection.

As a result, from February to June 2008 between Tajikistan and Delegation of Finland in the OSCE, Secretariat and the OSCE Centre four round tables were organized about preventing controversies and to discuss the decision of the permanent Council of OSCE on that issue. As a result of negotiations, it became clear to parties that they have to agree on solving most of the issues and develop the project of the OSCE Permanent Council to change the OSCE Centre in Dushanbe to the OSCE Office in Tajikistan.

For other important course of cooperation, actions of the OSCE Office in Tajikistan were to help the direction of consultation about improvement of national law, development of new laws on political parties, elections and mass media. Some contributions of the OSCE Office in Tajikistan were arrangements for solidarity of people of Tajikistan, raised awareness among youth for the future of the country and solving the issues of gender for the development of social life.

It is worth mentioning, that for strengthening relations among the parties, special forum – annual meeting of the working Group of Tajikistan and the OSCE plays a key role. Until now such forum is incomparable in relations with the OSCE. During the meetings of representatives of relevant ministries and departments of the country and representatives of the Secretariat, the Conflict Prevention Centre and OSCE Chairperson-in-Office discuss cooperation of important issues about gained results and their perspectives.

It should be mentioned, that as a result of active role of the Office, there is a Social Council and within its framework representatives of different countries look at the issues for development of the country. The Office supports regional non-governmental organizations, which are working with issues of human dimension of the Organization. One of the important tasks of the Office is the implementation of projects in the field of border control, demining, destroying additional resources and keeping small weapons safe.

Tajikistan hopes that the OSCE's function in the future will take into consideration the development of cooperation in economic field and social life. The support of Tajikistan's initiatives by the OSCE Office in addressing regional challenges related to transportation and people transit, products and service from the border is very important. The OSCE participated in solving above mentioned difficulties, as well as in boosting cooperation in science-technology, relation of continental trades and the use of water-energy resources for the establishment of stable and prosperous democracy.

The Function of the OSCE Forum on security, in which Tajikistan plays an active role, is very important. The Republic of Tajikistan annually attends the exchange of military information with all participating states of the Organization for preventing conflicts. The experience of the OSCE's Representative in Tajikistan can be used in other part of the world as an example of making decisions on solving problems. In addition to this, Tajikistan is helpful in strengthening the image of OSCE and its efficient function in support of developing economic and environmental cooperation inside the Organization, as well as implementing the principle of common security for all member states.

даи рушди ҷумҳурӣ табодули назар менамоянд. Дафтар фаъолияти созмонҳои маҳалии ғайридавлатиро, ки ба масъалаҳои ченаки инсонии Созмон машғуланд, дастгирӣ менамояд. Яке аз самтҳои муҳими фаъолияти Дафтарро татбиқи босамари лоиҳаҳо дар соҳаҳои идораи сарҳад, поксозӣ аз минаҳо, нобудсозии захираҳои зиёдатӣ ва нигаҳдории бехатари силоҳи сабуки оташфишон ва аслиҳаи оддӣ ташкил медиҳанд.

Тоҷикистон умедвор аст, ки фаъолияти САҲА дар рушди ҳамкорӣ дар соҳаҳои иқтисод ва муҳити зист дар оянда низ ба таври назаррас хоҳад монд. Дастгирии иқдомоти Тоҷикистон аз ҷониби Дафтар барои ҳалли мушкилоти минтақавӣ дар бахши нақлиёт ва интиқоли одамон, молҳо ва хизматрасонӣ аз тариқи сарҳадҳо хеле муҳим аст. Ширкати САҲА дар ҳалли мушкилоти мазкур, инчунин дар рушди ҳамкориҳои илмӣ-техникӣ, алоқаҳои байниминтақавии тиҷоратӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои обӣ-энергетикӣ барои эҷоди демократияи устувор ва дурахшон саҳмгузор хоҳад буд.

Фаъолияти Форуми САҲА оид ба амният, ки дар кори он ҳайати Тоҷикистон ширкати фаъол дорад, хеле муҳим ба шумор меравад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамасола аз тариқи Маркази САҲА оид ба пешгирии муноқишаҳо дар табодули иттилои низомӣ бо ҳама кишварҳои узви Созмон иштирок мекунад.

Таҷрибаи фаъолияти Намояндагии САҲА дар Тоҷикистонро метавон ҳамчун намуна зимни қабули қарорҳо оид ба ҳалли мушкилот дар дигар минтақаҳои ҷаҳон истифода бурд. Дар баробари ин, Тоҷикистон ба таҳкими нақши САҲА ва фаъолияти босамари он дар мусоидат ба рушди ҳамкориҳои иқтисодӣ ва экологӣ дар қаламрави Созмон, инчунин татбиқи принсипи амнияти ягона барои ҳамаи кишварҳои узв манфиатдор аст.

Ҳамкорӣ бо **Созмони Конфронси Исломӣ** (СКИ) ва дар чаҳорчӯбаи он бо дигар кишварҳои аъзо дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгоҳи худро дорад, ки ин бесабаб нест. СКИ дуввумин созмони байнидавлатии бузург пас аз Созмони Милали Муттаҳид (СММ) буда, дар сафи худ 57 кишвари чор минтақаи ҷаҳонро муттаҳид кардааст. Созмон ба ҳайси овози ҷамъулҷамъи мусулмонони ҷаҳон дар таҳкими ҳамоҳангии фаъолият ва ҳамкории мутақобилаи кишварҳои аъзои он нақши калидӣ дорад. Он имрӯз дар арсаи байналмилалӣ ҳифзу нигоҳдории манфиатҳои олами исломро дар рӯҳияи пешбурди сулҳу салоҳ ва тақвияти ҳамдигарфаҳмӣ миёни халқҳои гуногуни ҷаҳон кафолат медиҳад. Созмони Конфронси Исломӣ ҳамчун афзори судманди ҳамкориҳои бисёрҷонибаи кишварҳои мусулмон баҳри таъмини сатҳи баланди зиндагӣ ва пешрафти кишварҳои аъзои он, инчунин дар раванди таъмини сулҳу субот дар паҳнои олами исломӣ аҳамияти рӯзафзун пайдо кардааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо назардошти нақши афзоишёбандаи СКИ дар арсаи байналмилалӣ, чанде пас аз соҳиб шудан ба истиқлолияти давлатӣ, 1 декабри соли 1992 ба узвияти он пайваст. Аз рӯзҳои аввалини узвияти худ дар ин Созмон Тоҷикистон пайваста кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки дар асоси умумияти таърихию фарҳангӣ ва тамаддунию динӣ, ки замири онҳоро ҷанбаҳои инсонӣ ташкил медиҳанд, муносибатҳои байнидавлатии ҳасанаи худро бо кишварҳои мусулмон ба роҳ монда, ҳаматарафа тақвият бахшад. Ин аст, ки ҷумҳурӣ ҳамкориҳои васею гуногунҷабҳаро бо давлатҳои узви СКИ ва сохторҳои махсуси он ба таври васеъ ба роҳ монда, масъалаҳои таъмини манфиатҳои миллии худро дар доираи ин Созмон пайваста пайгирӣ менамояд.

Ҳайати расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти сарпарастии Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон бори нахуст дар саммити сарони кишварҳо, ки 13-15 декабри соли 1994 дар шаҳри Касабланкаи Шоҳигарии Марокаш баргузор гашта буд, ширкат варзид. Бояд тазаккур дод, ки иштироки ҳайати Тоҷикистон дар ин нишаст ва мулоқотҳои дуҷониба бо соири кишварҳои узв барои эътирофи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаҳони ислом нақши калидӣ бозид.

Минбаъд низ Тоҷикистон дар ҳамоишҳои ин созмони бонуфуз иштироки фаъолона дошт. Ҳайати Тоҷикистон таҳти роҳбарии Президенти кишвар ҳамчунин дар кори ду саммити созмон (соли 2005 дар Макка ва соли 2007 дар Сенегал) иштирок кард. Сарвари давлат зимни суханрониҳои пурмӯҳтавои худ ҷиҳати ба роҳ мондани ҳамкорию ҳамбастагии пурсамари кишварҳои мусулмонии ҷаҳон, ки ба фармудаи қуръонии «мӯъмин бародари мӯъмин» асос ёфта бошад, як қатор пешниҳоду андешаҳои муфиди зеринро ба миён гузошт, ки мавриди истиқболи хуш ва пуштибонии иштирокчиёни сершумори саммит қарор гирифт:

**The Organization of the Islamic Conference (OIC)**

Cooperation with the Organization of the Islamic Conference (OIC) and with other member states within its framework plays a major role in Tajikistan's foreign policy. The OIC is the second largest international organization after the United Nations, which unites 57 member states of four continents of the world. The Organization is a collective voice of the Muslim world and ensuring to safeguard and protect the interests of the Muslim world in the spirit of promoting international peace and harmony among various nations of the world. The Organization of the Islamic Conference is very important as an advantageous instrument for multilateral cooperation among the Islamic states for providing high living standards and genuine peace.

The Republic of Tajikistan, from the OIC developing point of view, joined the Organization on December 1, 1992, right after it became independent. From early days, as a member state, Tajikistan tried to build historic, cultural and religious relations with other Muslim states. The country built broad and diverse cooperation with other members of the OIC and its special bodies and connects its national interests with the Organization and protects them. The delegation of Tajikistan with the initiative of the Head of state Emomali Rahmon participated in the OIC Summit on December 13-15 in 1994 in Casablanca, Kingdom of Morocco. It is worth mentioning, that participation of Tajikistan's delegation in that Conference and bilateral meetings with the other head of member states played a key role in the recognition of the country among the Islamic World.

Further, Tajikistan actively participated in gatherings of this authoritative Organization. Delegation of Tajikistan under the leadership of the President of the country also attended the work of two Summits of the Organization (in 2005 in Mecca and in 2007 in Senegal). In his speech, the President of the country brought into consideration the united useful cooperation of Muslim world as it is said in Holy Qur'an "all Muslims are brothers" and recommended his useful ideas and recommendations, which were welcomed by the participants of the summit:

- Developing and making the long term development Program and Strategy for the Muslim States.
- Establishment of the OIC Science and Technology Fund with wide and active network accross world;
- Drafting Common Conception on cooperation and joint actions of the member states against new treats and challenges.

As a result of constant activity and positive results of the foreign policy, realized by the President of the country, for the first time in the history of Tajikistan and Central Asia one of the most important international events in the framework of the Organization of the Islamic Conference – the 37th Session of the Islamic Council of Foreign Ministers under the motto "Shared Vision of a More Secure and Prosperous Islamic World" on 18-20 May 2011 held in Dushanbe and chairmanship of the Council has been handed over to Tajikistan.

More than 100 delegations including 57 delegation of member states, 5 delegation of observer nations and delegation from different international and regional organizations, as well as other guests – in total 700 participants took part at the 37th Session of the Islamic Council of Foreign Ministers. Participants considering a wide range of political, economical, humanitarian, scientific, technologic, cultural, judicial, administrative, financial and other issues which were subject of interest, have adopted appropriate resolutions and decisions. For instance, the ICFM resolutions related to important issues such as situation in the Middle East, in particular in Palestine, Iraq and Afghanistan, situation concerning Muslim minorities in the OIC non-member countries, implementation of the Ten-Year Program of Action have been adopted. The ICFM has also considered a draft resolution on establishment of the Permanent Commission on the Human Rights. The ICFM stressed the importance of establishment of a Specialized Organization for Women Development in the OIC Member States to promote implementation of related the OIC Summit and CFM resolutions.

The Council commended the Government of Tajikistan for organizing special brainstorming session on the theme of "Central Asia and the Muslim World: Strategic Vision for Solidarity" with active participation of the Member States and adopted resolution there on. The Council also appreciated the OIC Secretariat for its praiseworthy initiatives and concrete proposals in the concept paper, which was widely discussed in the margins of the Session. The Session highlighted the contribution of Central Asia, which is an integral part of the Islamic world, to the enrichment of the

- Таҳия ва қабули Барнома ва Стратегияи дарозмуддати рушди кишварҳои исломӣ,
- Таъсиси Бунёди рушди илм ва фанноварихои навин бо шабакаи васеъ ва фаъол дар саросари ҷаҳони ислом;
- Таҳияи Консепсияи ягонаи мукаммал ба манзури ҳамоҳангӣ ва фаъолияти дастаҷамъии давлатҳои аъзо ба муқобили хатару таҳдидҳои муосир.

Дар натиҷаи фаъолияти пайгирона ва муваффақона амалӣ намудани сиёсати хориҷии Президенти ҷумҳурӣ бори аввал дар таърихи Тоҷикистон ва Осиёи Марказӣ яке аз муҳимтарин чорабиниҳои байналмилалии Созмони Конфронси Исломӣ – ҷаласаи 37-уми Шӯрои вазирони корҳои хориҷии кишварҳои узви он таҳти шиори "Бо назари ҳамоҳанг барои амният ва шукуфоии ҷаҳони ислом" рӯзҳои 18-20 майи соли 2010 дар шаҳри Душанбе баргузор гардида, раёсати даврии яксолаи ин Шӯро ба ӯҳдаи Тоҷикистон вогузор карда шуд.

Дар рафти ҷаласаи 37-уми Шӯрои вазирони корҳои хориҷӣ беш аз 100 ҳайати гуногунпоя - 57 ҳайати кишварҳои узви Созмон, 5 ҳайати кишварҳои нозир, ҳайатҳои созмонҳои мухталифи минтақавию байналмилалӣ ва меҳмонон – ҷамъ зиёда аз 700 нафар иштирок карда, доираи васеи масъалаҳои муҳими сиёсӣ, иқтисодӣ, гуманитарӣ, илмию технологӣ ва фарҳангию иттилоотӣ, ҳуқуқӣ, маъмурию молиявӣ ва дигар мавзӯъҳои мавриди таваҷҷӯҳи ҷонибҳоро баррасӣ намуда, роҷеъ ба онҳо қарору қатъномаҳои дахлдор қабул карданд. Аз ҷумла, қатъномаҳои ШВКХ дар хусуси чунин масъалаҳои умдаи дар назди СКИ истода, ба монанди вазъият дар Ховари Миёна, бахусус вазъи Фаластин, Ироқ ва Афғонистон, вазъияти ақаллиятҳои мусулмон дар кишварҳои ғайриаъзои СКИ, татбиқи Барномаи даҳсолаи амал ва ғайра. ШВКХ ҳамчунин лоиҳаи қатъномаро дар хусуси таъсиси Комиссияи доимии мустақил оид ба ҳуқуқи инсон баррасӣ намуда, аҳамияти таъсиси Раёсати оид ба корҳои оилаи Котиботи СКИ-ро бахри татбиқи қатъномаҳои дахлдори Саммити СКИ ва ШВКХ таъкид намуд.

ШВКХ аз Ҳукумати Тоҷикистон барои ташкили ҷаласаи махсус дар мавзӯи "Осиёи Марказӣ ва олами ислом: Нигоҳи стратегӣ ба ҳамраъйӣ" бо иштироки фаъоли кишварҳои узв изҳори

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳамроҳи меҳмонони Ҷаласаи 37-уми Шӯрои вазирони корҳои хориҷии СКИ ҳангоми ташриф ба намоишгоҳи бахшида ба «Пойтахти фарҳанги исломӣ» эълон шудани шаҳри Душанбе. Душанбе, 18 майи соли 2010.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳамроҳи меҳмонони Ҷаласаи 37-уми Шӯрои вазирони корҳои хориҷии СКИ ҳангоми ташриф ба намоишгоҳи бахшида ба «Пойтахти фарҳанги исломӣ» эълон шудани шаҳри Душанбе. Душанбе, 18 майи соли 2010.





Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Дабири кулли Созмони Конфронси исломӣ Экмелиддин Иҳсаноғлу. Макка, 8 декабри соли 2005.

The President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon and the Secretary General of the Organization of the Islamic Conference Ekmeleddin Ehsanoglu. Mecca, Saudi Arabia. December 8, 2005.

universal culture and civilization and human thought. Discussing the natural resources potential and shared difficulties in the economic, social and development fields, it was emphasized that the development of cooperation and the promotion of commercial exchanges can contribute to the intensification of relations between the region and other countries of the Muslim world.

It is worth mentioning, that two resolutions proposed during the Session at the initiative of Tajikistan have been agreed by the participants for adoption.

Following the 37th ICFM Session, participants have adopted a Final Declaration, which reflects the key outcomes of its work as an official document of the OIC.

One of the integral and important parts of activity realized during the Chairmanship of Tajikistan in ICFM was the OIC Secretariat's further promotion of the OIC values. This aim demands Tajikistan as Chairman of the ICFM to react on all international initiatives proposed by the OIC and member states, as well as to take concrete measures on their implementation. Necessary measures were implemented to execute responsibilities related to the Chairmanship of Tajikistan in the ICFM and to coordinate implementation of activities elaborated in the framework of this Session.

The UN General Assembly adopted on December 16, 2010 its resolution under the title "Cooperation between the United Nations and Organization of the Islamic Conference" which was proposed by Tajikistan as a Chairman of the OIC Group in the UN on behalf of the 57 member states. The resolution was unanimously adopted. Belarus, Bosnia and Herzegovina, Philippines, Thailand and Montenegro were among the cosponsors of this resolution. Our side introduced the draft resolution before its adoption to the session of the General Assembly. The draft emphasized, that the UN and the OIC will contribute to the further cooperation in the political, economic, social, humanitarian, cultural and scientific fields. The OIC is the main partner of the UN in peacekeeping and promotion of culture of peace in the world. It was mentioned that both organizations were agreed to cooperate in conflict prevention, peace building, fight against international terrorism, religious extremism, human rights protection and basic freedoms, humanitarian aid, effectiveness of election procedures and developing new tools for future cooperation.

сипос намуда, дар ин хусус қатъномаи махсусро қабул кард. Шӯро ҳамчунин ба Котиботи СКИ барои ташаббусҳои арзанда ва пешниҳодҳои мушаххасаш нисбати санади консептуалии ин ҷаласа, ки дар асоси он баррасии мавзӯи зикргардида сурат гирифт, изҳори миннатдорӣ кард. Ҷаласаи махсуси зикргардида ба саҳми арзандаи Осиёи Марказӣ, ки ҷузъи таркибии олами ислом мебошад, дар ғанӣ гардондани фарҳангу тамаддуни умумиинсонӣ равшанӣ андохт. Дар рафти баррасии имкониятҳои захираҳои табиӣ ва иқтидорҳои минтақа, инчунин мушкилоти пешорӯи кишварҳои он дар соҳаҳои рушди иқтисодию иҷтимоӣ таъкид гардид, ки тавсеаи ҳамкорӣ ва ҳавасмандгардонии мубодилаи тиҷоратӣ метавонад дар рушди муносибатҳои минтақа бо дигар кишварҳои мусулмон саҳми назаррас гузорад.

Дар ҷаласаи 37-уми ШВКХ бо ташаббуси Тоҷикистон ду қатънома пешниҳод гардид, ки онҳо мавриди мувофиқаи иштирокчиёни ҷаласа қарор гирифтанд.

Дар фароварди ҷаласаи 37-уми Шӯрои вазирони корҳои хориҷӣ иштирокчиёни он ба ҳайси санади расмии СКИ Эъломияи хотимавиро қабул карданд, ки хулосаҳои калидии ин ҷаласаро инъикос менамояд.

Яке аз қисмҳои таркибӣ ва муҳими фаъолият дар давраи раисии ҷониби Тоҷикистон дар Шӯрои вазирони корҳои хориҷӣ ин дар якҷоягӣ бо Котиботи СКИ ҳамоҳанг кардан ва пешбурди фаъолияти Созмон маҳсуб меёфт. Ин амр тақозо мекард, ки ҷониби Тоҷикистон ба сифати раиси Шӯрои вазирони корҳои хориҷӣ нисбати тамоми иқдомҳои байналмилалии мавриди эҳтимоми Созмони конфронси исломӣ ва кишварҳои аъзои он вокуниш зоҳир карда, дар танзим ва татбиқи амалии чорабиниҳои муҳими он фаъолона иштирок намояд. Бо мақсади дар сатҳи шоиста ба анҷом расондани вазифаҳои ниҳоят масъулиятноки раёсати даврии ҷониби Тоҷикистон дар Шӯрои вазирони корҳои хориҷии Созмони Конфронси Исломӣ ва омодагии саривақт ба ҳамоҳангсозии раванди амалӣ гардондани чорабиниҳои дар чорчӯбаи он ба нақша гирифташуда, тадбирҳои зарурӣ андешида шуданд.

16 декабри 2010 Маҷмаи Умумӣ лоиҳаи қатъномаи таҳти унвони «Ҳамкорӣ байни Созмони Милали Муттаҳид ва Созмони Конфронси Исломӣ», ки онро Тоҷикистон, ба сифати раиси Гурӯҳи Созмони Конфронси Исломӣ дар СММ, аз номи 57 кишвари узви СКИ пешниҳод карда буд, бо иттифоқи оро қабул намуд. Беларус, Босния ва Ҳерсеговина, Филиппин, Таиланд ва Черногория ба рӯйхати бониёни лоиҳаи қатънома ҳамроҳ шуданд. Қабл аз қабул шудани қарор ҷониби мо лоиҳаи қатъномаи мазкурро дар иҷлоси Маҷмаи Умумӣ муаррифӣ намуд. Лоиҳаи қатънома таъкид менамояд, ки СММ ва СКИ ба идома додани ҳамкорӣ дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, гуманитарӣ, фарҳангӣ ва илмӣ саъй менамоянд. СКИ шарики муҳими СММ дар амри нигаҳ доштани сулҳу амният ва ташвиқ намудани фарҳанги сулҳ дар сатҳи ҷаҳонӣ арзёбӣ шудааст. Қайд гардидааст, ки ҳар ду созмон ба мувофиқат расидаанд, ки ҳамкориро дар пешгирӣ ва ҳалли низоъҳо, ҳифз ва истиқрори сулҳ, мубориза бо терроризми байналмилалӣ, нораводории динӣ, аз ҷумла исломситезӣ, ҳимоя ва ташвиқи ҳуқуқи инсон ва озодиҳои асосӣ, расонидани ёрии башардӯстона, зарфиятсозӣ дар баргузор намудани интихобот ва такмили афзори фаъолияти баъдӣ идома диҳанд.

Иқдомҳои зикргардида намунаи қадамҳои муҳиме мебошанд, ки аз лиҳози шиносоии бештари олами ислом бо шароиту фазои фарҳангӣ ва иқтисодии Тоҷикистон муфид буда, барои тавсеаи минбаъдаи муносибатҳои мутақобилан судманди тиҷоратию иқтисодӣ ва фарҳангии миёни Тоҷикистону мамлакатҳои мусулмон заминаи мусоид фароҳам меоранд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон иштироки фаъол дар ин Созмонро яке аз ҷанбаҳои муҳими сиёсати хориҷии худ муқаррар кардааст. Дар ин замина Тоҷикистон дар таҳкими нақши он дар ҳаллу фасли масъалаҳои мубрами минтақавию байналмилалӣ манфиатдор монда, саъю талошҳои созандаро, ки ба ҳамкориҳои беш аз пеш густарда миёни кишварҳои аъзо нигаронда шудаанд, дастгирӣ менамояд. Дар робита ба ин, ҷавҳари мавқеи принсипиалии Тоҷикистонро он воқеият ташкил медиҳад, ки тадбирҳои дар чорчӯбаи ин Созмон андешидашаванда пеш аз ҳама бояд ба ҳаллу фасли масъалаҳои умдаи мардум дар кишварҳои мусулмон, инчунин ноил гаштан ба рушди босубот ва инкишофи онҳо аз тариқи ба роҳ мондани сатҳи нави робитаҳои мутақобила миёни кишварҳои аъзои он нигаронида шуда бошанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчунин бо зерсохтор ва институтҳои СКИ ҳамкории фаъолро ба роҳ мондааст. Дар ҷараёни ҷаласаи 21-уми Шӯрои вазирони корҳои хориҷии кишварҳои узви СКИ, ки 25 апрели соли 1993 дар Исломобод баргузор гардид, Тоҷикистон низомномаи Со-

Mentioned initiatives are the evident of important measures which benefit better understanding by the Islamic World the cultural and economic life of Tajikistan and provide basis for further development of fruitful cooperation in trade, economics and culture between Tajikistan and Islamic countries.

The Republic of Tajikistan considers its active participation in the frame of the OIC as an important segment of its foreign policy. In this connection, Tajikistan benefiting of Organization's strengthened role in resolving regional and international problems, supports all efforts aimed at extended cooperation among member states. Therefore, the main point of Tajikistan's position is based on a principal understanding of necessity adopted by the OIC decision to benefit important goals of peoples in the Muslim countries, to achieve sustainable development and fostering such development trough new relations among member states.

The Republic of Tajikistan has established fruitful cooperation with affiliated bodies of the OIC. During the 21st Session of the ICFM held on April 25, 1993 in Islamabad, Tajikistan signed the Statute of the Islamic Educational, Scientific and Cultural Organization (ISESCO) and became a member of this Organization. The ISESCO is one of the affiliated bodies of the OIC which Tajikistan has active cooperation with. During the 17th Session of the ISESCO Executive Committee (December 1996) representative of Tajikistan has been elected as a member of this Committee. As a result of such cooperation, for the first time in Asia the capital of Tajikistan – Dushanbe city has been announced as capital of Islamic culture for 2010. The relevant decision has been adopted during the 4th Conference of the OIC Ministers of Culture (Algeria, 15-16 December 2004). At the initiatives of Tajikistan a large number of events have been conducted:

Аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон Дабири кулли Созмони Конфронси Исломӣ Акмалиддин Эҳсонуғлӣ ва Мудири кулли Созмони исломии илму фарҳанг ва маориф (ИСЕСКО) Абдулазиз ибни Усмон Ат-твайҷирӣ бо ордени Исмоили Сомонӣ дараҷаи 1 сарфароз гардонида шуданд.

The President of the Republic of Tajikistan has granted the order of Ismoil Somoni first degree to the Organization of Islamic Conference Secretary-General Ekmeliddin Ihsanoglu and the Director-General of Islamic Science, Education and Culture Organization (ISESCO) Abdelaziz bin Usman At-twaijiri.



змони исломии илм, фарҳанг ва маориф (ИСЕСКО)-ро имзо карда, ҳамин тариқ инзимоми Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба ин Созмон таъмин кард. ИСЕСКО яке аз сохторҳои СКИ мебошад, ки бо он Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолона ҳамкорӣ менамояд. Дар ҷаласаи 17-уми Кумитаи иҷроияи ИСЕСКО (моҳи декабри соли 1996) намояндаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аъзои он Кумита интихоб шуд. Натиҷаи ҳамкориҳои зичи Тоҷикистон бо ИСЕСКО пойтахти фарҳанги исломӣ дар қитъаи Осиё эълон гардидани шаҳри Душанбе дар соли 2010 мебошад, ки қарор дар ин маврид соли 2004 дар Конфронси 4-уми вазирони фарҳанги СКИ (Алҷазоир, 15-16 декабри соли 2004) қабул шуд. Дар ин робита бо ибтикори Ҳукумати Тоҷикистон як қатор чорабиниҳо барпо карда шуданд, аз ҷумла:

- дар сатҳи умумимиллӣ баргузоршавии ҷашнвораҳои абармардони фарҳангу рисолати исломӣ Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Носири Хусрав, Абӯҳомид Муҳаммади Ғазолӣ, Имом Бухорӣ;
- эҳёи ёдгориҳои таърихии Ҳулбук, Кӯлобу Истаравшан, Панҷакенту Ҳисор, Рӯшону Мӯминобод;
- тарҷума ва нашри Қуръони маҷид ба забони тоҷикӣ ҳамчун ҳадя ба ҳар хонадон, нашри осори бузургони ҷаҳони ислом;
- соли бузургдошти Имоми Аъзам эълон намудани соли 2009;
- ба таъминоти давлатӣ гузаронидани Донишкадаи исломии Тоҷикистон ва таъсиси Маркази исломшиносии назди Президенти Тоҷикистон;
- оғози корҳо оид ба бунёди калонтарин масҷиди ҷомеъ дар шаҳри Душанбе ва тадбирҳои дигар барои ҳимоя ва густариши арзишҳои волои исломӣ ва ҳифзи сарватҳои маънавии ниёгон дар кишвар.

Тоҷикистон дар сохтори дигари СКИ – Кумитаи доимӣ оид ба ҳамкории иқтисодӣ ва тиҷоратӣ (КОМСЕК), ки таҳти раёсати Туркия фаъолият мекунад, фаъолона кор мебарад. Ҳайати Тоҷикистон дар ҷаласаҳои 19-ум ва 20-уми Конфронси ҳамкории иқтисодӣ ва тиҷоратӣ, ки дар Стамбул солҳои 2003 ва 2004 баргузор шуда буданд, фаъолона иштирок кард. Дар ҳошияи он ҷаласаҳо масъалаҳои тағйирёбии иқтисоди ҷаҳон, омодагӣ ба гуфтушунидҳо дар

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳамроҳи иштирокчиёни дигари саммити 10 - уми Созмони ҳамкории иқтисодӣ. Теҳрон, 11 марти соли 2009.

The President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon and other participants of the 10th Summit of ECO. Tehran, March 11, 2009.



- Celebration of famous personalities in Islamic culture as Mir Said Ali Hamadoni, Nosiri Khusrav, Abuhomid Mahammadi Gazzoli, Imom Bukhori have been conducted at international level;
- Reconstruction of historical sites Hulbuk, Kulob, Istaravshan, Panjakent, Hisor, Rushon and Muminobod;
- Translation and edition of the Holy Qur'an in Tajik as a gift for each family, publication of other great figures of the Islamic world;
- Announcement of 2009 as a Year of Imam Azam;
- Providing state support for the Islamic University of Tajikistan and establishment of the Center for Islamic studies under the President of Tajikistan;
- Commencement of construction of the biggest mosque in Dushanbe and other initiatives aimed at protection and fostering the Islamic values and spiritual heritage in the country.

Tajikistan actively cooperates with the other OIC affiliated body – the Standing Committee for Economic and Commercial Cooperation, chaired by Turkey. Delegation of Tajikistan actively participated in the 19th and 20th Sessions of the Conference for Economic and Trade Cooperation held in 2003 and 2004 in Istanbul. During these sessions, different issues including situation in the world economics, negotiations in the field of trade, accession process to the World Trade Organization, e-trade and new information technologies for trade development have been discussed. During the 14th -24th Sessions of the Conference for Economic and Trade Cooperation COMCEC, draft resolutions concerning economic assistance for Tajikistan have been adopted.

During the 21st meeting of the Islamic Bank's Governor Council held on 25-26 November 1996 in Konakri (Guinea), upon the decision of the Governors, Tajikistan has been accessed as permanent member.

With a growing role of the OIC and its member states in the system of international relations and economic cooperation, the Parliament of Tajikistan joined the OIC Parliamentary Union during the 9th Session of the Union held on 15-16 February 2007 in Kuala-Lumpur.

**Economic Cooperation Organization (ECO)**

Republic of Tajikistan pays special attention to the development and expansion of partnership with the Economic Cooperation Organization (ECO).

This organization was established in 1985 by the Islamic Republic of Iran, the Republic of Turkey and the Islamic Republic of Pakistan on the basis of Regional Cooperation for Development (RCD), which remained in existence from 1964 to 1979, after signing Treaty of Izmir (amended).

With the end of the «Cold War» new realities arose, that made possible the geographic expansion through joining to the organization of the Central Asian countries - Azerbaijan and Afghanistan. These changes have transformed the ECO into regional Organization with the special geo-strategic significance and economic potential. The Organization represents a uniform link of three subregions of Asia - Central, West and South Asia being based between Europe and Asia.

With joining of new state-members to the Organization, the representatives of Afghanistan, Azerbaijan, Kyrgyzstan, Kazakhstan, Tajikistan, Turkmenistan and Uzbekistan have signed Optional protocol to the Izmir Treaty in Islamabad on November 28th, 1992 and this day has been declared as «ECO Day». Since September 28th, 1993 ECO has an observer status at the United Nations and the Organization of the Islamic Conference.

Signing ceremony of the New Izmir Treaty - the Charter of the Organization and Agreements on legal status of ECO took place on September 14th, 1996 .

On may 21st, 1998 Majlisi Oli of Republic of Tajikistan ratified the new Izmir Treaty and officially confirmed Tajikistan's accession to the ECO.

A number of documents were signed and ratified by the Republic of Tajikistan within the Organization.

Goals and objectives stated in fundamental documents of the Organization - Izmir Treaty (Statute of ECO), Almaty Plan for transportation sector development, Ashgabat Declaration of extraordinary ECO Summit on transport and communication infrastructure development and transnational pipelines development and Strategy of economic cooperation in the ECO region envisage comprehensive development of market economy among member states and the rapid integration to the world economy. These objectives correspond to the course approved by the Republic of Tajikistan,

соҳаи савдо, ҷараёни пайвастани кишварҳои аъзо ба Созмони умумиҷаҳонии савдо ва истифодаи тиҷорати электронӣ ва фанноварихои иттилоотӣ дар рушди савдои байни кишварҳои узв баррасӣ шуданд. Дар ҷаласаҳои 14 - 24-уми Конфронси ҳамкории иқтисодӣ ва тиҷоратӣ лоиҳаи қатъномаҳои КОМСЕК доир ба кӯмаки иқтисодӣ ба Тоҷикистон қабул гардиданд.

Дар ҷаласаи 21-уми Шӯрои мудирони Бонки рушди исломӣ (БРИ), ки 25-26 ноябри соли 1996 дар Конакри ( Гвинея) гузашт, бо қарори Шӯрои мудирон Тоҷикистон аъзои доимии он интихоб шуд.

Бо баланд шудани нақши СКИ ва кишварҳои узви Созмон дар системаи ҳамкории байналмилалӣ ва иқтисодии имрӯза, бо қарори парлумони ҷумҳурӣ Тоҷикистон ба Иттифоқи парлумони кишварҳои узви СКИ дар ҷараёни иҷлоси 9-уми Иттифоқ, ки дар Куала-Лумпур 15-16 феврали соли 2007 барпо гардид, ҳамроҳ шуд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушду тавсеаи ҳамкориҳо бо **Созмони ҳамкории иқтисодӣ** (СҲИ) аҳамияти хоса медиҳад.

Ин созмон соли 1985 аз ҷониби Ҷумҳурии Исломии Эрон, Ҷумҳурии Туркия ва Ҷумҳурии Исломии Покистон дар асоси Созмони ҳамкории минтақавӣ барои рушд, ки аз соли 1964 то 1979 арзи вуҷуд доштааст ва бар мабнои Паймони Измир (1977) таъсис ёфта буд. Бо поён ёфтани «ҷанги сард» воқеиятҳои нав дар минтақаи Осиёи Марказӣ буруз намуданд, ки васеъшавии ҷуғрофиро барои созмон аз ҳисоби кишварҳои минтақа, Озарбойҷон ва Афғонистон имконпазир гардонидаанд. Тағйироти мазкур СҲИ-ро ба ташкилоти минтақавии дорои аҳамияти хоссаи геостратегӣ ва имкониятҳои бузурги иқтисодӣ табдил дод. Созмон ба масобаи ҳалқаи ягонаи се минтақаи Осиё – Миёна, Ғарбӣ ва Ҷанубӣ ва сарпул байни Аврупо ва Осиё мебошад.

Бо дохил шудани давлатҳои нави аъзо ба Созмон (28 ноябри соли 1992), намояндагони Афғонистон, Озарбойҷон, Қирғизистон, Қазоқистон, Тоҷикистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон дар Исломобод Афзунаи Паймони Измирро имзо намуданд, ки он рӯз "Рӯзи СҲИ" эълон гардид.

СҲИ аз 28 сентябри 1993 дорои мақоми нозир дар СММ ва Созмони Конфронси Исломӣ мебошад. 14 сентябри соли 1996 дар шаҳри Измир маросими имзои Паймони нави Измир – Оинномаи СҲИ ва Созишнома оид ба мақоми ҳуқуқии он баргузор шуд. 21 майи соли 1998 Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Паймони нави Измирро тасдиқ намуда, дохил шудани Тоҷикистонро ба СҲИ ба расмият даровард.

Дар чаҳорчӯби Созмон аз ҷониби Тоҷикистон як қатор ҳуҷҷатҳо тасдиқ гардида, ба имзо расиданд.

Мақсаду вазифаҳои дар асноди асосии Созмон дар Паймони Измир (Оинномаи СҲИ), Барномаи алматогии рушди бахши нақлиёт, Эъломияи ашқободии вохӯрии ғайринавбатии сарони давлатҳо ва ҳукуматҳои узви СҲИ дар бораи рушди зербинои нақлиёту коммуникатсия ва шабакаи хатҳои қубури фаромиллӣ дар минтақаи СҲИ ва Стратегияи ҳамкории иқтисодӣ дар минтақаи СҲИ инъикос шудаанд. Тибқи ин аснод рушди ҳамаҷонибаи иқтисодӣ ва ҳамгироии босуръати давлатҳои узви СҲИ ба низоми хоҷагидории ҷаҳонӣ пешбинӣ шудааст. Ҳадафҳои зикршуда пурра бо раванди интихобнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, яъне бо ислоҳоти иқтисодии кишвар мувофиқат намуда, ба амалӣ кардани Барномаи ислоҳоти иқтисодии ҷумҳурӣ, ки ба рушди босуръати иқтидори содиротӣ, танзими сохтори воридот, баландбардории сифати маҳсулоти корхонаҳо, рушди шаклҳои гуногуни соҳибкории муштарак ва ғайра равона гардидааст, мусоидат мекунад.

Масъалаҳои ташкили системаи ҳамлу нақли бехатар, осон намудани қоидаҳои тиҷорат, ҳавасмандкунонии тиҷорати наздисарҳадӣ, истифодаи самараноки захираҳои обию энергетикӣ, ташкили системаи ягонаи энергетикӣ, ҳаракати озоди қувваи корӣ ва молҳо, инчунин ташкил намудани ҳудуди ягонаи иқтисодӣ сиёсати имрӯзаи СҲИ-ро ташкил медиҳанд.

Ҳамагӣ дар чаҳорчӯби Созмон 11 мулоқот дар сатҳи олӣ гузаронида шудааст: мулоқоти аввал – дар Теҳрон 16-17 феврали 1992, дувум – дар Стамбул 5-7 июли 1993, сеюм – дар Исломобод 13-15 марти 1995, чаҳорум – дар Ашқобод 13-14 майи 1996, панҷум – дар Алмато 10-11 майи 1998, шашум – дар Теҳрон 20 июни 2000, мулоқоти якуми ғайринавбатии СҲИ – дар Ашқобод 14 майи 1997, ҳафтум – дар Стамбул 14 октябри 2002, мулоқоти ҳаштуми Сарони

i.e. on socio-economic transformation of national economy and promote realization of the program of economic transformations of the country which is directed on the accelerated development of an export potential, regulation of structure of import, improvement of enterprises product quality, developments of various kinds of joint business and etc.

Issues of establishment of reliable transport-transit system, simplification of procedure of trade, encouragement of a border trade, effective use of hydro-energy resources, creation of an integrated energy system, free movement of a labor and goods, as well as Common Economic Space determine today's policy of the ECO.

11 high level meetings have been held within the Organization: 1st ECO Summit in Tehran on February 16-17, 1992; 2nd ECO Summit in Istanbul on July 5-7, 1993; 3rd ECO Summit in Islamabad on May 14-15, 1995; 4th ECO Summit in Ashgabat on May 14, 1996; the First Extraordinary ECO Summit held on May 14, 1997 in Ashgabat; 5th ECO Summit in Almaty on May 11, 1998; 6th ECO Summit in Tehran on June 20, 2000; 7th ECO Summit in Istanbul on October 14, 2002; 8th ECO Summit in Dushanbe on September 14, 2004; 9th ECO Summit in Baku on May 5, 2006; 10th ECO Summit in Tehran on March 11, 2009 and the 11th ECO Summit held in Istanbul on December 23, 2011.

At the 8th Summit of the heads of the ECO states (September 14, 2004 in Dushanbe), heads of delegations pointed out the importance of sustainable cooperation of the ECO member states in all priority areas of economy and have expressed support to further development of cooperation for achieving economic prosperity in the region and successful integration to the world economy. Dushanbe Declaration was adopted at the end of the 8th ECO Summit.

Within the Organization framework, Tajikistan has established the expanded cooperation and actively participates in its work with the purposes of the regional development making recommendations and offers, supporting organization initiatives. For example, the 11th ECO Summit was held in December 22-23, 2010 in the city of Istanbul, Turkey. Official delegation of Republic of Tajikistan headed by the President of the country Emomali Rahmon attended the summit. The issues

Вохӯрии навбатии сарони давлатҳои аъзои Созмони ҳамкории иқтисодӣ (ЭКО). Ашқобод, 15 майи соли 1994.

Meeting of Heads of Member-States of Economic Cooperation Organization (ECO). Ashgabad, 15 May 1994.



давлатҳо – дар Душанбе 14 сентябри соли 2004, нуҳум – дар Боку соли 2006, даҳум – дар Теҳрон моҳи марти 2009 ва ёздаҳум дар Истамбул 22-23 декабри 2011.

Дар Мулоқоти ҳаштуми сатҳи олии СҲИ (14 сентябри 2004, Душанбе) роҳбарони ҳайатҳо аҳамияти ҳамкории устувори кишварҳои узви СҲИ-ро дар тамоми соҳаҳои авлавиятноки иқтисодиёт таъкид намуда, дастгирии худро ба рушди бештари ҳамкорӣ ҷиҳати расидан ба шукуфоии минтақа ва ҳамгироии бомуваффақияти он ба низоми иқтисодии ҷаҳон изҳор карданд. Дар натиҷаи кори мулоқоти 8-уми СҲИ Эъломияи Душанбе қабул гардид.

Тоҷикистон дар чаҳорчӯби созмон ҳамкориҳои густардаро ба роҳ мондааст ва мунтазам дар кори он фаъолона иштирок дошта, бахри рушди минтақа таклифу пешниҳод намуда, аз иқдомҳои созмон пуштибонӣ мекунад. Чунончӣ, рӯзҳои 22 ва 23 декабри соли 2010 дар шаҳри Истамбули Ҷумҳурии Туркия ҳамоиши 11–уми сарони давлатҳои кишварҳои узви Созмони ҳамкории иқтисодӣ (СҲИ) баргузор гардид. Дар он ҳайати расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ширкат варзид. Масоили ҳамкории иқтисодӣ-тиҷоратӣ, нақлиётию коммуникатсионӣ ва энергетикӣ аз ҷумлаи мавзӯъҳои меҳварии он ҳамоиш буданд. Пешниҳодҳои ҷониби Тоҷикистон дар бораи пайвастани роҳҳои нақлиётии Чин, Қирғизистон,Тоҷикистон, Афғонистон, Эрон ва Туркия ва ҳамчунин зарурати пурра истифода намудани потенсиали гидроэнергетикии минтақа ва ҳарчӣ зудтар татбиқ намудани лоиҳаи «CASA-1000» барои ба ҳам пайвастани шабакаҳои энергетикии Қирғизистон, Тоҷикистон, Афғонистон ва Покистон дар матни санади ниҳоии нишаст “Эъломияи Истамбул” инъикос ёфтанд.

Дарҷ гардидани пешниҳодҳои Тоҷикистон дар матни Эъломияи Истамбул далели рӯшани афзоиши эътибору манзалати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ, эътирофи сиёсати созандаи дохиливу хориҷии давлату Ҳукумати Тоҷикистон бо роҳбарии Президенти он аз ҷониби кишварҳои узви СҲИ мебошад.

Аз рӯзҳои аввали истиқлолияташ Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсатеро пеш гирифт, ки он ба самти рушди устувори иқтисодиёт, инчунин таъмини рушду тавсеаи иқтисодӣ дар сатҳи муосир ва табдил ёфтани кишвар ба қисми ҷудонопазири сохтори иқтисодии ҷаҳонӣ равона шуда буд.

Созишнома оид ба савдои транзитии СҲИ, Созишномаи сиғавӣ оид ба ҳамлу нақл дар минтақаи СҲИ ва Созишномаи тиҷоратии СҲИ, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон имзо ва тасдиқ шудааст, барои рушди тиҷорат ҳамчун ҷузъи асосии ҳамкории минтақавӣ, нақши муҳим мебозанд.

Рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии ҳар як минтақа аз бисёр ҷиҳат ба ҳолати зерсохтори нақлиётии он, ки дар таъмини ҳамкориҳо миёни кишварҳои минтақа нақши муҳим мебозад, вобаста аст. Созишномаи Сиғавӣ оид ба ҳамлу нақл ҳамчун стратегияи босамар ҷиҳати тавсеаи тиҷорат тавассути рушди ҳамкориҳои минтақавӣ дар соҳаи ҳамлу нақл арзёбӣ карда мешавад.

Нақшаи асосии рушди соҳаи нақлиёт дар минтақаи СҲИ ва Изҳороти ашқободии Мулоқоти ғайринавбатӣ дар сатҳи олӣ оид ба рушди зерсохтори нақлиётӣ ва коммуникатсионӣ ва хатҳои об дар минтақаи СҲИ, ки дар чаҳорчӯби Созмон қабул шудаанд, барои ҳамаи кишварҳои минтақа, аз ҷумла Тоҷикистон, ки дастрасӣ ба баҳр надорад, аҳамияти хоса доранд. Дар арафаи Саммити 4-уми сарони кишварҳои СҲИ (13 майи соли 1996) Роҳи оҳани Сарахс-Теҷен-Машҳад ифтитоҳ гардид, ки Аврупо ва Осиёро бо роҳи кӯтоҳтарин ба ҳам пайваста, имкониятҳои Созмонро дар арсаи байналмилалӣ афзун кард. Роҳи оҳани мазкур як шохаи Шоҳроҳи оҳани трансосиёии Нақшаи асосии рушди соҳаи нақлиёт мебошад. Интиқоли бор бо масирҳои имрӯзаи нақлиётӣ, лағви саддҳои ғайритарофавӣ ва коҳиши мунтазами тарофаҳо дар мӯҳлатҳои мувофиқашуда имкон медиҳад, ки тиҷорати транзитӣ дар тамоми минтақаи СҲИ рушд ёбад, ба тиҷорати наздисарҳадӣ мусоидат карда шавад, инчунин хароҷоти интиқоли бор коҳиш ёбад. Кишварҳои узв имкон доранд, зерсохтори ягонаи нақлиётии пайваст ба баҳрро таъсис диҳанд. Ин иқдом дар шароити тавсеаи равобити байналмилалии иқтисодӣ хеле муҳим мебошад. Дар ҳолати набудани имкониятҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ барои баромадан ба бандарҳои баҳрӣ, эҷоди коридори умумӣ такони бузурге барои таҳкими аҳамияти геополитикӣ ва тиҷоратӣ-иқтисодӣ хоҳад шуд.

of economy, trade, transportation, communication and energy cooperation were in the spotlight of this conference. Proposals of Tajikistan to provide the road connectivity with China, Kyrgyzstan, Tajikistan, Afghanistan, Iran and Turkey and the necessity of efficient use of a hydro-energy potential of the region, as well as the prompt realization of the «CASA-1000» project to connect energy networks of Kyrgyzstan, Tajikistan, Afghanistan and Pakistan have been reflected in the text of the final document of the meeting «Istanbul Declaration».

Inclusion of proposals of Tajikistan in the text of the Istanbul Declaration is the bright proof of increase of authority and the status of Republic Tajikistan on the international arena, recognition of internal and foreign policy of the State and the Government of Tajikistan by the ECO member states.

Since the first days of independence, Tajikistan has chosen a policy that plays a pivotal role in ensuring the steady and rapid economic development, ensuring the transformation of the country as an integral part of the global economic system.

Socio-economic and commercial development of any region depends on the state of its transport infrastructure, which plays a key role in ensuring a multi-faceted cooperation between regional states. Framework Agreement on Transit Transport is regarded as an effective strategy for trade expansion through the development of the regional transit transport cooperation.

Basic Plan of development of transport sector in the ECO region adopted in the framework of the Organization and the Ashgabat Declaration of the Extraordinary ECO meetings on the development of transport and communication infrastructure and a network of transnational pipelines in the ECO region are highly relevant to all member states including Tajikistan, which is a landlocked country.

Opening the Trans-Asiatic Railway Serahs-Tedzhen-Meshhed on the eve of 4th Ashgabat ECO Summit (on May 13th, 1996), connecting Europe and Asia in the shortest way, has considerably

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Дабири кулли Созмони ҳамкории иқтисодӣ Яҳё Маъруфӣ. Душанбе, 18 майи соли 2010.

The President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon and the Secretary-General of the Economic Cooperation Organization Yahya Marufi. Dushanbe, May 18, 2010.





Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Дабири кулли НАТО Яап де Хооп Схеффер. Брюссел, 11 феврали соли 2009.

The President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon and the Secretary General of NATO Jaap de Hoop Scheffer. Brussels, February 11, 2009.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо баъзе кишварҳои узви Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ дар масъалаи таҳияи тарҳҳои роҳҳои автомобилгард ва роҳи оҳан, ки дар доираи Созишнома барои бехтар гардонидани робитаҳои нақлиётӣ нигаронида шудааст, ҳамкории зич дорад. Чунин тадбирҳо бо аҳдофи Даҳсолаи нақлиёт ва коммуникатсия (солҳои 2007-2015) низ пурра тавъам мебошанд. Дар баробари ин Ҷумҳурии Тоҷикистон талошҳои худро барои бунёд намудани роҳи оҳан, ки Тоҷикистонро бо роҳи оҳани Афғонистону Эрон, аз як тараф, ва Қирғизистону Чин аз тарафи дигар мепайвандад, кӯшиш ба харҷ медиҳад.

Гомҳои муштарак дар масъалаҳои захираи барқ, истифодаи манбаъҳои алтернативии энергетикӣ метавонанд дар ҳалли масъалаҳои мубрам ва истифодаи босамари захираҳои обӣ ва энергетикӣ саҳми беназире дошта бошанд. Аз ин лиҳоз, лоиҳаи СҲИ ва БРИ оид ба муттаҳидсозӣ ва фаъолияти муштараки системаи энергетикии минтақаи СҲИ авлавиятнок буда, Тоҷикистон оғози омӯзиши иқтисодӣ-техникии онро ҳамаҷониба дастгирӣ менамояд.

Барои роҳандозии ҳамкорӣ дар соҳаи мубориза бар зидди гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир дар Котиботи СҲИ мақоми ҳамоҳангсоз оид ба назорати маводи мухаддир ташкил ёфтааст. Дар чаҳорчӯби ҳамкории СҲИ бо дигар созмонҳои байналмилалӣ, ҳамкории Созмон бо Раёсати СММ оид ба пешгирии ҷиноятҳо ва назорати маводи мухаддир хеле босамар аст.

Тараққиёти кишоварзӣ барои пешравии иқтисодӣ ва коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ нақши муҳим мебозад.

Бо ин мақсад якчанд машварати вазирони кишоварзии давлатҳои узви СҲИ баргузор гардид. Зимни онҳо ду санади муҳим – эъломияҳои Исломобод ва Анатолия, ки дар онҳо чаҳорчӯби умумӣ ва самтҳои авлавиятноки ҳамкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ муайян карда шудаанд, қабул шуд. Машваратҳо вазъияти соҳаи кишоварзии минтақаро ҷиҳати муайян кардани самтҳои дорои манфиати муштарак баррасӣ менамояд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари масъалаҳои зикргардида, ҳамчунин дар чаҳорчӯби созмон ҳамкориҳои густардаеро бо кишварҳои узв дар соҳаҳои саноат, телекоммуникатсия,

increased potential possibilities of the Organization in international scene. The given line is only a part of the Trans-Asiatic railway network of the Basic plan for development of transport sector. Realization of carriages on existing transport corridors, removal of non-tariff barriers and gradual decrease in tariffs in optimum terms will allow to develop effective transit trade in all ECO space, to encourage trade on border crossing points and also to minimize expenses on transportation of consignments and goods. ECO member states have possibility to co-operate in creating an integrated transport infrastructure with an exit to the sea.

This initiative is very important in the context of growing international economic relations. In the absence of direct exit for the Central Asian countries to seaports, the establishment of a common transport corridor would be a powerful impetus to strengthen the geopolitical, trade and economic importance of the region as a whole.

The Republic of Tajikistan has close co-operation with some member states of the Economic Cooperation Organization concerning preparation of projects for automobile and railways, which are envisaged in the framework of the Agreement on improvement of transport communications. These activities fully combine with actions of Decade of transport and communications. Republic of Tajikistan also makes efforts for building the railway, which on one hand would connect Tajikistan with Afghanistan and Iran, and on the other hand with Kyrgyzstan and China.

Joint efforts on energy conservation, use of alternative sources of energy may have significant importance in the solution of the issues and effective water and energy resources management. Therefore, the ECO and IDB project to unite efforts towards co-operation on the energy system of the ECO region. Tajikistan fully supports a start of project feasibility study.

With the view to cooperate in fighting against drug trafficking, the ECO Secretariat established Coordination Body for Drug Control. Within the framework of cooperation of the ECO with other international organizations, it is necessary to note a fruitful interaction of the ECO with United Nations Office on Drugs and Crime (UNODC).

Agricultural development plays an important role in economic development and poverty reduction. A number of meetings of ministers of agriculture of the ECO member states have been conducted for this purpose. Two important documents are approved - the Islamabad and Anatolia Declarations identifying the general frameworks and priority areas of cooperation in the field of agriculture.

The Republic of Tajikistan within the framework of this organization has established close cooperation with all member states in industrial, telecommunication, cultural and educational areas that testifies comprehensive collaboration of the country within this the Organization.

**The North-Atlantic Treaty Organization (NATO)** is an alliance that plays an important role in ensuring peace and security in the Euro-Atlantic Continent. The cooperation of the Republic of Tajikistan with the Euro-Atlantic Partnership Council (EAPC) and the NATO's Partnership for Peace (PfP) Programme has commenced and developed since signing of the NATO PfP Framework Document by Tajikistan in February 2002 which had arose a positive response of partner countries.

In March 2003, the "Review Document" of the Republic of Tajikistan had been submitted to the NATO Secretariat. This document contained the objectives and main directions of cooperation within Partnership for Peace (PfP) framework which laid a foundation for cooperation between Tajikistan and this organization. An Individual Partnership Programme (IPP) was drafted in early 2004 which laid out the programme of key areas of cooperation and adoption of specific measures for the subsequent years. Since the beginning of cooperation with the EAPC, the Tajik delegation headed by President Emomali Rahmon has participated in the NATO Summits three times: Washington Summit (April 1999) which commemorated the Fiftieth Anniversary of the NATO; Prague Summit (November 2003) where such important documents as the Action Plan Against Terrorism and General Results of EAPC Activities were adopted, as well as the Istanbul Summit (July 2004) which focused on the problems of long-term cooperation in the field of the fight against terrorism and the strengthening cooperation between the NATO and Partner countries of the South Caucasus and Central Asia.

For Tajikistan it is very important to cooperate with the NATO in the area of timely response to the security threats and challenges.

Using the NATO instruments like Individual Partnership Action Plan (IPAP), the Partnership Action Plan against Terrorism (PAP-T) as well as the Partnership for Peace Planning and Review

фарҳанг ва маориф ба роҳ мондааст, ки гувоҳи ҳамкориҳои фарогири кишвар дар чаҳорчӯби созмон мебошад.

**Созмони Аҳдномаи Атлантикаи Шимолӣ** (СААШ/НАТО) созмонест, ки дар таъмини сулҳ ва амният дар қаламрави Аврупову Атлантика нақши муҳим мебозад. Ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Шӯрои ҳамёрии аврупоӣ-атлантикӣ (ШҲАА) ва барномаи «Ҳамёрӣ бахри сулҳ» (ҲБС)-и СААШ баъди аз ҷониби Тоҷикистон ба имзо расидани Санади сиғавии Барномаи СААШ «Ҳамёрӣ бахри сулҳ» дар моҳи феврали соли 2002, ки аз тарафи кишварҳои ҳамёр хуш пазируфта шуд, густарда гардиданд.

Моҳи марти соли 2003 «Санади гузоришӣ»-и Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баррасӣ ба Котиботи СААШ пешниҳод гардид. Дар санади мазкур ҳадафҳо ва самтҳои асосии ҳамкорӣ бо СААШ/ҲБС дарҷ ёфтаанд ва бо имзо шудани он давраи расмии ҳамёрии Тоҷикистон бо Созмон оғоз гардид. Дар аввали соли 2004 Барномаи инфиродии ҳамёрӣ (БИҲ) таҳия шуда, дар он самтҳои асосии ҳамкорӣ матраҳ ва чорабиниҳои мушаххас барои солҳои минбаъда тарҳрезӣ шудаанд.

Аз оғози ҳамкорӣ бо СААШ/ШҲАА ҳайати Тоҷикистон таҳти сарварии Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон се маротиба дар кори Саммити СААШ ширкат варзидааст: Саммити Вашингтон (апрели соли 1999) бахшида ба 50-солагии ташкилёбии СААШ; Саммити Прага (ноябри 2002), ки дар он ҳуҷҷатҳои муҳим аз қабили «Нақшаи амали ҳамёрӣ дар мубориза алайҳи терроризм» ва «Хулосаи умумии фаъолияти ШҲАА» қабул гардида буданд; инчунин Саммити Истамбул (июни соли 2004), ки дар он диққати асосӣ ба масъалаи ҳамкориҳои дарозмуддати байналмилалӣ дар самти мубориза алайҳи терроризм ва таҳкими ҳамкорӣ миёни СААШ ва кишварҳои ҳамёри Қафқози Ҷанубӣ ва Осиёи Марказӣ равона гардида буд.

Барои Тоҷикистон ҳамкорӣ бо СААШ дар самти вокуниши саривақтӣ ба хатар ва таҳдид ба амният муҳим мебошад.

Истифодаи афзорҳои СААШ ба монанди Барномаи инфиродии амали ҳамёрӣ (IPAP), Нақшаи амали ҳамёрӣ оид ба мубориза алайҳи терроризм (PAP-T) ва ҳамчунин Раванди банақшагирӣ ва таҳлил (PARP), ки ба таҳияи асосҳо оид ба муайян намудани ҳайат ва воситаҳое, ки барои гузаронидани машқҳо, омӯзишҳо ва амалиётҳо дар сатҳи бисёрмиллӣ дар ҳамкорӣ бо нерӯҳои СААШ равона шудааст, барои Тоҷикистон муҳим мебошад.

Дар шароити ҳозира Тоҷикистон ба ҳамкорӣ бо СААШ дар чаҳорчӯби низоми «ПРАЙМ» таваҷҷӯҳи бештар зоҳир менамояд.

Барномаи инфиродии ҳамёрӣ миёни Тоҷикистон ва СААШ ҳуҷҷати асосии барномавӣ буда, танзими ҳамкории СААШ-ро бо Тоҷикистон дар самти омӯзишҳои забонӣ, низомӣ ва машқ, ҳамкорӣ дар соҳаи мубориза бар зидди терроризми байналмилалӣ, амнияти сарҳадӣ ва мубориза алайҳи қочоқи моводи мухаддир, банақшагирии фавқулодаи шаҳрвандӣ, сиёсати дифоӣ ва стратегӣ, амали глобалӣ бар зидди мина ва фаъолияти сулҳҷӯёна дар бар мегирад.

Боиси зикр аст, ки ҳамкории СААШ бо Тоҷикистон дар таъмин ва пойдории сулҳ дар кишвари ҳамсоя Афғонистон роҳандозӣ гардида, дар мулоқотҳои сатҳи олӣ мавриди баррасӣ қарор мегирад. Чунончи, моҳи феврали соли 2009 дар шаҳри Брюссел собиқ Котиби генералии СААШ Яап де Хооп Схеффер дар рафти мулоқот бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба нақши Тоҷикистон дар минтақа ва сатҳи ҳамкории он бо нерӯҳои СААШ дар Афғонистон баҳои баланд дод.

Дар чаҳорчӯби ҳамкорӣ Шартномаи бехатарӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва НАТО ба тавсиб расидааст. Бо мақсади татбиқи муқаррароти он шартнома якчанд сафари кории намояндагони созмони ёдшуда ба кишвар танзим гардидаанд. Дар рафти ин сафарҳо мулоқотҳои намояндаҳои НАТО бо масъулини мақомотҳои марбутаи ҷумҳурӣ баргузор шуданд ва дар рафти онҳо масъалаҳои ҳамкорӣ дар соҳаи мубориза алайҳи терроризм ва тундгароии динӣ мавриди музокира қарор гирифтанд.

Илова бар ин, пайваста ҷонибҳо раванди ҳамкориҳоро дар чаҳорчӯби барномаи "Ҳамёрӣ бахри сулҳ" мадди назар қарор додаанд.

Қобили зикр аст, ки бо иқдоми созмон дар Маркази таҳқиқоти масъалаҳои амният ба номи Ҷорҷ Маршал (ш.Обераммергау, Олмон) намояндагони кишвар пайваста дар машғулиятҳо, симпозиумҳо ва конфронсҳо ширкат меварзанд. Иштирокчиён оид ба нақши созмон дар шароити кунунӣ, вокуниши он ба чолишҳои ҷадид ва авлавиятҳои ҳамкориҳоро миёни кишварҳои иштирокчию ҳамёр мавриди арзёбӣ қарор медиҳанд.




Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар байни иштирокчиёни саммити Созмони Аҳдномаи Атлантикаи Шимолӣ. Истанбул, Туркия, июни соли 2004.

The President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon among participants of NATO summit. Istanbul, Turkey, June 2004.

Process (PARP), determining forces and means of trainings, courses and activities that are delivered on a multinational level in the line of the NATO activities is very helpful for Tajikistan.

In this context, Tajikistan places particular emphasis on cooperation with the NATO within the framework of the PRIME. An Individual Partnership Programme for Tajikistan is a fundamental policy document which includes a procedure for the NATO's cooperation with Tajikistan in the following areas: language courses, military courses and trainings, cooperation in combating international terrorism, border security and counternarcotics actions, civil emergency planning, defense and strategic policy, global mine actions and policy of peace.

It stands to mention that cooperation between the NATO and Tajikistan in ensuring peace and stability in the neighboring Afghanistan is carried out and its issues are solved at the high-level meetings. Thus, in February 2009 in the Brussels Mr. Jaap De Hoop Scheffer, the former Secretary General of the NATO during a meeting with President of the Republic Tajikistan Emomali Rahmon expressed a positive opinion of the role of Tajikistan in the region and its cooperation with the NATO units in Afghanistan.

The Security Agreement between the Republic of Tajikistan and the NATO found support within the framework of cooperation. The representatives of the mentioned organization had visited Tajikistan on several occasions in order to implement the provisions of this Agreement. In the course of these visits there were held a number of meetings of the NATO's representatives with the relevant authorities. The issues of cooperation in the field of the fighting international terrorism and religious radicalism were discussed during the meetings.

In addition, both sides had appraised development of cooperation within the Partnership for Peace program. It is worth noting, that at the initiative of the George C. Marshall European Center for Security Studies (Garmisch-Partenkirchen, Germany), Tajikistan's representatives regularly attend trainings, workshops and conferences. Participants discuss the role of the Alliance in the current context, response to the new threats and challenges, as well as priority areas of cooperation between member states and partner countries.



Бо имзо шудани Созишнома байни Ҷумҳурии Халқии Хитой, Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мустаҳкам намудани чораҳои боварӣ дар соҳаи ҳарбӣ ва дар минтақаи сарҳадӣ «Форуми Шанхай» ба вуҷуд омад, ки пас аз панҷ сол ба СҲШ табдил ёфт. Шанхай, апрели соли 1996.

With signing “Agreements between the People’s Republic of China, the Russian Federation, the Republic Kazakhstan, the Republic of Kyrgyzstan and the Republic of Tajikistan on confidence building measures trust in militaryand border areas”, “Shanghai Forum” emerged, which in five years was transformed to SCO. Shanghai, April 1996.

Ба таври умум, муносибатҳои Тоҷикистонро бо САҲШ метавон рӯ ба густариш арзёбӣ намуд. Бидуни тардид, заминаҳо ва имконоти рушди чунин муносибатҳо ба шарофати истиқлолияти давлатии Тоҷикистон фароҳам омада, ба ҳамгироии рӯзафзуни кишвари мо бо ҷаҳони имрӯз мусоидат мекунанд.

Дар сиёсати хориҷии Тоҷикистони соҳибистиқлол яке аз самтҳои муҳим роҳандозӣ намудани ҳамкориҳои фаъол ва судманд бо **Созмони ҳамкории Шанхай** маҳсуб мешавад.

Чунон, ки маълум аст, барои таъсис додани Созмони ҳамкории Шанхай (СҲШ) пеш аз ҳама фаъолияти «Панҷгонаи Шанхай» чун таҳкурсии асосӣ хизмат намуд. Дар навбати худ ин «панҷгона» дар соли 1996 дар асоси Созишномаи байни Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Халқии Хитой, Ҷумҳурии Қирғизистон, Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мустаҳкам намудани чораҳои боварӣ дар соҳаи ҳарбӣ дар минтақаҳои сарҳадӣ таъсис ёфта буд. Азбаски санади мазкур дар рафти вохӯрии сарони давлатҳо дар Шанхай ба имзо расида буд, ин механизм номи «Панҷгонаи Шанхай»-ро гирифт. Баъди як сол, 27 апрели соли 1997 дар рафти вохӯрии сарони давлатҳо Созишнома дар бораи ихтисори муштараки қувваҳои мусаллаҳ дар минтақаҳои сарҳадӣ ба имзо расид, ки он созишномаи қаблии соли 1996-ро боз ҳам мушаххастар намуда, ба мустаҳкам намудани чораҳои боварӣ дар соҳаи амният мусоидат намуд.

Дар вохӯрии сеюми Сарони давлатҳои «панҷгона», ки 3 июли соли 1998 дар Ҷумҳурии Қазоқистон баргузор гардид, Эъломияи Алмато қабул гардид. Дар Эъломия қайд гардид, ки

Generally, relations between the Republic of Tajikistan and the North-Atlantic Treaty Organization can be considered as making good headway. Undoubtedly, the foundation and opportunities of such relationship that resulted from Tajikistan's independence promote the increasing integration of our country into the world community.

Strengthening of active and beneficial cooperation with **the Shanghai Cooperation Organization** is one of the most important directions of foreign policy of independent Tajikistan.

As is known, first of all the activity of "Shanghai Five" served as foundation for formation of SCO. In its turn, this "Group of five" was formed in 1996 in accordance with the Agreement between the Republic of Kazakhstan, the People`s Republic of China, the Kyrgyz Republic, the Russian Federation and the Republic of Tajikistan on strengthening of confidence in military field and in border areas. Due to the fact that this document was signed during a Summit in Shanghai, this mechanism has gained the name «Shanghai Five». After one year, in April 27, 1997 on the margins of meeting of the Heads of State it has been signed the Agreement on Mutual Reduction of Military Forces in Border Areas, which made the original agreement of 1996 more concrete and lead to strengthening of confidence in the field in security.

The Almaty Declaration was adopted during the third meeting of the Heads of State of «Group of five», which has been held in 1998 in the Republic of Kazakhstan. In the Declaration it is stressed that strengthening of bilateral and multilateral cooperation of five countries are the main factor of stability, security and development in all Asia.

The fourth meeting of the Heads States of "Shanghai Five" was held in August 1999 and the «Bishkek Declaration» was signed during this meeting. In this document it was pointed out that all of sides after the Summit of Shanghai in 1996, express their satisfactory on cooperation of five countries and value practical initiative on strengthening of regional security and cooperation, as well as again express that this cooperation in the scope of «Shanghai Five» is open and is not against any state.

In the meeting of the Heads of States of «Shanghai Five», which was held in Dushanbe in July 5, 2000, the sides exchanged their opinions about regional situation and international problems of

Иштирокчиёни ҷаласаи 8 - уми Шӯрои сарони давлатҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай. Душанбе, 28 августи соли 2008.

Participants of the 8th session of the heads of states of the SCO. Dushanbe, August 28, 2008.



тавсеа ва мустаҳкам намудани ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи панҷ кишвар омили фаъоли субот, амният, рушд ва тараққиёти ҳамаи Осиё ба шумор меравад.

Дар моҳи августи соли 1999 вохӯрии чоруми роҳбарони Панҷгонаи Шанхай баргузор гардид, ки дар он «Изҳороти Бишкек» ба имзо расид. Дар ин санад қайд гардидааст, ки ҳамаи ҷонибҳо аз натиҷаҳои ҳамкориҳои панҷ давлат баъди вохӯрии Шанхай дар соли 1996 изҳори қаноатмандӣ намуда, иқдомҳои амалиро оид ба мустаҳкам намудани амнияти минтақавӣ ва ҳамкорӣ баҳои баланд дода, бори дигар изҳор менамоянд, ки ин ҳамкорӣ дар доираи «Панҷгонаи Шанхай» кушода буда, ба муқобили ягон давлат равона нашудааст.

Дар вохӯрии Сарони давлатҳои «Панҷгонаи Шанхай», ки 5 июли соли 2000 дар Душанбе баргузор гардид, ҷонибҳо оид ба вазъият дар минтақа ва масъалаҳои байналмилалии мавриди манфиати мутақобила мубодилаи афкор намуда, инчунин «оид ба ҳамдигарфаҳмӣ нисбат ба сохтмони бинои бузурги дӯстии ҳамҷаворӣ ва ҳамкории сулҳомез дар асри XXI ба мувофиқат омаданд».

15 июни соли 2001 дар Шанхай вохӯрии Сарони давлатҳо баргузор гардид, ки дар он изҳороти муштарак дар бораи қабули Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба «Панҷгонаи Шанхай» ва **Эъломия дар бораи таъсиси Созмони ҳамкории Шанхай ва Конвенсияи Шанхай дар бораи мубориза ба муқобили терроризм, сепаратизм ва экстремизм ба имзо расиданд.** Тибқи ин санадҳо, яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти СҲШ муборизаи муштарак бо таҳдидҳои нав – терроризм, сепаратизм, экстремизм ва маводи нашъадор муайян гардиданд.

Созмони ҳамкории Шанхай, ки қаламрави бузург ва доираи васеи ҳамкориҳои минтақавиро дар бар мегирад, шакли нави ҳамкории давлатҳои аз нуқтаи назари иқтидори иқтисодӣ, сохти сиёсӣ, дороиҳои фарҳангӣ гуногун ба шумор меравад.

Имрӯз бо боварии тамом метавон гуфт, ки раванди ташаккулёбии СҲШ ба итмом расида, сохторҳои доимоамалкунандаи он – Котибот ва Сохтори зиддитеррористӣ пурра фаъолият менамоянд.

Сарони давлатҳои аъзои СҲШ рафти машқҳои ҳарбии муштараки зиддитеррористии «Рисолати сулҳ - 2007» - ро назарат мекунанд. Машқгоҳи ҳарбии Чебаркул, вилояти Челябинск, Россия, 18 августи соли 2007.

Heads of states of the SCO observe the process of joint antiterrorist trainings “Peaceful Mission 2007”. Chebarkul military training ground, Chelyabinsk Oblast, Russia, August 18, 2007.






Сарони давлатҳои аъзои Созмони Ҳамкории Шанхай ҳангоми имзокунии ҳуҷҷати ниҳоии Шӯрои навбатии сарони давлатҳои аъзои СҲШ дар шаҳри Остонаи Ҷумҳурии Қазоқистон. Остона, 15 июни соли 2011.
The heads of the member states of the Shanghai Cooperation Organization during the signing of the final document of the regular Council of Heads of Member States of SCO in Astana of the Republic of Kazakhstan. Astana, June 15, 2011.

mutual interest, as well as «agreed on mutual understanding on good neighbourly relations and peaceful cooperation in XXI century».

During the meeting of the Head of States on 15th of June 2001 in Shanghai there were adopted a Joint Declaration on Uzbekistan's entering accession to «Shanghai Five», **Declaration about formation of Shanghai Cooperation Organization as well as Shanghai Convention** about combating against of terrorism, separatism and extremism. In accordance with this act, one of the priority directions of activity of SCO would be joint combating with new threats – terrorism, separatism, extremism and narcotics.

The Shanghai Cooperation Organization with its huge territory and wide sphere of regional cooperation is a new kind of cooperation of countries with regard to their economic capacity, political system and variety of culture.

Now with confidence one can say that the process of formation SCO is completed and its standing structures – the Secretariat and the Antiterrorist structure are fully in action.

From geographic strategy point of view participation of the Republic of Tajikistan is important not only because that neighboring countries are involved in the SCO, but also because that two countries – Russia and China, which have nuclear energy, are permanent members of the United Nation Security Council. On the other hand, it is not only background for building of security in Central Asia, but in all Asia and Pacific Ocean region as well.

In January 2004, for the purposes of stable activity and deliberating in combating against terrorism, separatism and extremism a new permanent body of the SCO - Antiterrorist structure was formed in Tashkent. The main obligations of this structure are coordinating of activities of state-members in combating against terrorism, separatism and extremism. The structure consists of boards - Council and Executive committee. The heads of authorized organs of state-members are included as members of the Council.

Аз ҷиҳати геостратегӣ иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он ҷиҳат муҳим аст, ки ба СҲШ на танҳо давлатҳои дар маҷмӯъ ҳаммарз аъзоянд, балки ду давлати дорои нерӯи ҳастаӣ ва аъзои доимии Шӯрои амнияти Созмони Милали Муттаҳид – Россия ва Хитой шомили он мебошанд. Аз тарафи дигар ин на танҳо таҳкурсии бунёди низоми амниятӣ дар Осиёи Марказӣ, балки дар минтақаи Осиё ва Уқёнуси Ором низ ба шумор меояд.

Бо мақсади фаъолияти бонизом ва мақсаднок дар соҳаи мубориза ба муқобили терроризм, сепаратизм ва экстремизм Сохтори минтақавии зиддитеррористӣ – мақоми дигари доимоамалкунандаи СҲШ таъсис дода шуд, ки он дар ш. Тошканд ҷойгир буда, аз январи соли 2004 фаъолият дорад. Ба ӯҳдаи Сохтор дар ҳамоҳангсозии фаъолияти давлатҳои аъзо дар мубориза бо терроризм, сепаратизм ва экстремизм гузошта шудааст. Сохтор аз мақомоти роҳбарикунанда - Шӯро ва Кумитаи иҷроия иборат мебошад. Ба ҳайати Шӯро роҳбарони мақомотҳои салоҳиятдори давлатҳои аъзо дохил мешаванд.

Дар доираи СҲШ пайваста машқҳои зиддитеррористӣ гузаронида мешаванд, ки дар такмили усулҳои муштараки мубориза бо терроризм нақши муҳим дорад. Яке аз ин гуна машқҳои фармондеҳӣ-ситодӣ таҳти унвони “Норак – зиддитеррор” дар таърихи 17-19 апрели соли 2009 дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат гирифт, ки дар он авиатсия ва техникаи вазнини ҳарбӣ истифода гардида, баланд бардоштани малакаи касбӣ ва ҳарбӣ, мубодилаи таҷриба сурат гирифт, омодагии минбаъда бамубориза бо терроризм, экстремизм ва сепаратизм такмил дода шуд.

СҲШ нияти ба блоки ҳарбӣ мубаддал гаштанро надошта, мақсади он танҳо мубориза бо падидаҳои хавфноки замони муосир мебошад.

Узвият дар СҲШ дар баробари Россия ва Чин кафолати онро медиҳад, ки манфиатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар масъалаҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ аз ҷониби ин ду давлат, ки нуфуз ва обрӯи баланди байналмилалӣ доранд, дастгирӣ хоҳанд ёфт.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки марзи тӯлонӣ ва аз ҷиҳати ҷуғрофӣ басо мушкилеро бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дорад, дар самти мубориза ба муқобили гардиши ғайриқонунии маводи нашъадор саҳми бузург мегузорад. Бо назардошти таҷрибаи пешқадами кишвари мо дар ин соҳа, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуда буд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Маркази СҲШ оид ба гардиши ғайриқонунии маводи нашъадор таъсис ёбад. Дар ҷаласаи охирони Шӯрои Сарони давлатҳои СҲШ, ки 15 июни соли 2011 дар ш. Остона баргузор гардид, Стратегия зиддитеррористии СҲШ барои солҳои 2011-2016 ва Барномаи татбиқи он қабул гардид, ки ин боз як қадами пеш дар ҷодаи амалӣ гаштани ҳадафҳои созмони мазкур мебошад.

СҲШ инчунин имкониятҳои густурдаи ҳамкории бисёрҷонибаро дар самти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ба миён меорад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олӣ дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 апрели соли 2011 таъкид намуд: «Чун сухан дар бораи минтақа рафт, **ташкилоти калонтарини он - Созмони ҳамкории Шанхай ба мадди назар меояд, чунки он аз рӯзи таъсисаш барои ҳаллу фасли масоили минтақавӣ, ташкили ҳамкориҳои иқтисодии кишварҳои узв дар асосҳои усулан нав ва дигар бахшҳои ҳамкорӣ, ки тадриҷан тамоми соҳаҳои ҳаёти ҳамарӯзаи моро дарбар мегиранд, корҳои зиёдеро анҷом додааст.** Дар доираи фаъолияти созмони мазкур дар кишвари мо лоиҳаҳои зиёди дорои хислати умумимиллӣ бунёд шудаанд. Аз ин ҷост, ки мо фаъолияти худро дар чаҳорчӯбаи он густариш дода, муносиботи худро бо аъзои он ва қабл аз ҳама, бо **Ҷумҳурии Халқии Хитой** тақвият хоҳем бахшид, ки албатта дар бахши равобити дуҷониба ҳаҷму мазмуни васеътаре хоҳад гирифт».

Дар ин гуфтаҳои Сардори давлат баҳои воқеӣ ба фаъолияти Созмони ҳамкории Шанхай ва муносибати Тоҷикистон ба он дода шудааст.

Воқеан ҳам иштироки Хитой дар созмон ва кӯшишҳои ин кишвар баҳри сохтмони шабакаҳои роҳҳои оҳан ва автомобилӣ барои рушди ҳамкории давлатҳои аъзо дар минтақаи СҲШ заминаҳои мусоид фароҳам меоварад.

Бисёриҳо бар он ақидаанд, ки фаъолияти СҲШ асосан ба масъалаҳои сиёсӣ равона гардида, робитаҳои иқтисодӣ ва энергетикӣ дар доираи Созмон ба дараҷаи лозимӣ рушд наёфтаанд. Вале бо итминони комил метавон гуфт, ки фаъолияти давлатҳои аъзо дар ин самт

Conducting of permanent joint antiterrorist exercises within the scope of the SCO plays an important role in improvement of joint methods of combating against terrorism. One of this commands - staff exercise named as "Norak-antiterror" was conducted in Tajikistan in April, 17-19th 2009. It is worth to mention that during this exercise that was used aviation and heavy military techniques, it was improved the professional military skills, exchanged their experiences and got further readiness against terrorism, extremism and separatism.

The SCO does not have intention to form into military bloc and its only goal is combating against modern threats.

Membership in the SCO with Russia and China provides Tajikistan a guarantee that its interest in political and economical issues will be supported by these two states of high international reputation.

The Republic of Tajikistan which from geographical point of view has long and difficult border with the Islamic Republic of Afghanistan plays an important role in combating against illegal drug trafficking. With regard to rich experience of our country in this sphere, the President of the Republic of Tajikistan H.E. Emomali Rahmon has proposed to establish the Centre of the SCO on illegal drug trafficking in Tajikistan. Antiterroristic Strategy of the SCO for 2011-2016 and the Program of its implementation, which have been accepted at the last session of the Council of Heads of state-members of the SCO, on June, 15th 2011 in Astana, seems to be one more step forward in realization of principles of organization.

The SCO also provides a possibility in multilateral cooperation in socio-economical sphere. The President of the Republic of Tajikistan H.E. Emomali Rahmon in his addres to Majlisi Oli from April 20, 2011 about the main direction of interior and foreign policy indicated that: "As we are talking about region, we consider a big organisation – the SCO, Since from the date of its formation it made a lot in resolving regional issues, on the basis of new methods provided economic and other field of cooperation among state-members, which is necessary for our daily life. In the frame of

Иштирокчиёни ҷаласаи Шӯрои вазирони корҳои хориҷии давлатҳои аъзои СҲШ. Варзоб,Тоҷикистон, 25 июли соли 2008.

Participants of the session of Council of the Ministers of Foreign Affairs of the states-members of SCO. Varzob, Tajikistan, July 25, 2008.






Иштирокчиёни ҷаласаи Шӯрои сарони давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди давлатҳои мустақил. Душанбе, 5 октябри соли 2007.

Participants of session of the Council of Heads of the states-participants of the Commonwealth of Independent States. Dushanbe, October 5, 2007.

ботадриҷ тавсеа ва ривоҷ ёфта истодааст. Дар доираи Созмон Нақшаи ҳамкории дарозмуддати иқтисодӣ байни давлатҳои аъзо қабул шудааст, ки мақсади он то соли 2020 таъмин намудани гардиши озоди мол, хизматрасонӣ ва технологияҳо дар байни шаш давлати аъзо ба ҳисоб меравад. Бо тадриҷ ҳамкориҳо дар соҳаи фарҳанг, маориф, илм ва техника, кишоварзӣ, гумрук, нақлиёт ва коммуникатсия, мубориза ба муқобили ҷинояткорӣ ва тандурустӣ ривоҷ меёбанд.

Дар тӯли 10 соли фаъолияти хеш сатҳи ҳамгироии давлатҳои аъзо ривоҷ ёфта, гардиши мол дар дохили СҲШ 7 маротиба афзоиш ёфт.

Яке аз дастовардҳои ҳамкорӣ дар доираи СҲШ ин таъсиси Донишгоҳи шабакавии СҲШ мебошад, ки 53 донишгоҳи маъруфи давлатҳои аъзоро дар бар гирифтааст. Аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба он Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. Осимӣ шомил мебошанд.

Дар давоми даҳ соли мавҷудияти хеш СҲШ худро ҳамчун фазои босамари мубодилаи афкор, таҳияи мавқеъҳои муштарак ва ҳамоҳанг сохтани нуктаи назари гуногун нишон дод. Албатта СҲШ аз рӯи ченаки байналмилалӣ ҳоло созмони ҷавон аст ва аз ин ҷиҳат на ҳама нақшаҳо ва барномаҳои он ҷомаи амал пӯшидаанд. Вале барномаҳо ҳамоҳанг гардидаанд ва Нақшаи ҳамкории дарозмуддати иқтисодӣ байни давлатҳои аъзо то соли 2020 қабул шудааст, ки татбиқи онҳо гарави рушди ҳамкориҳои иқтисодии минтақаи СҲШ мебошад.

Фаъолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сохторҳои Созмон, хосатан дар Шӯрои бозоргонӣ ва Иттиҳодияи байнибонкии СҲШ назаррас буда, пайваста дар онҳо масъалаҳои татбиқи лоиҳаҳои инвеститсионӣ баррасӣ мегарданд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ дар ҷаласаи Сарони давлатҳои аъзои ҳамкории Шанхай, ки 15 июни соли 2011 дар ш. Остона баргузор гардида буд, пешниҳод намуд, ки барои рушди минбаъдаи СҲШ Стратегияи он қабул гардад ва дар таҳияи он, дар баробари давлатҳои аъзо, давлатҳои нозир ва давлатҳои шарик оид бо му-

the Organisation many national projects has been implemented in our country. Therefore, we will develop our activity in the frame of this organisation and strengthen our relation with other members and first of all with China, which certainly will assist in developing of bilateral relations".

In his statement, the Head of the state assesses reality of activity of the SCO and relations of Tajikistan with this organisation.

Certainly China's participation in the Organization and its efforts in building rail roads and automobile roads will create a favourable condition in the SCO region for development of cooperation among member states.

Many people think that activity of the SCO aimed mainly on political issues and economic and energy relations are not properly developed. But with full confidence one can say that the activity of Member States in this sphere are gradually expanding and developing. In the frame of the Organization a Plan it has been adopted for a long-term economic cooperation between Member States, which it aims till 2020 to ensure free movement of goods, services and technologies between the six member states. The cooperation in the field of culture, education, science and technology, agriculture, customs, transport and communication, health and struggle against crimes are developing step by step.

During its 10 years of activity the level of cooperation of Member States has developed and trade turnover among SCO increased 7 times.

One of the successful cooperation within the SCO framework is establishing the Network University of the SCO, which includes 53 famous universities of the Member States. The Tajik National University and the Technological University of Tajikistan named after academician M. Osimi are included in this University.

During of ten years of its existence, the SCO demonstrated itself as a favourable ground of exchanging views, creating joint positions and coordinating of various point of views. Certainly, from international point of view, the SCO is a young organization and that's why not all its plans and programs are implemented yet. But the programs are agreed and long-term plans for economic cooperation between member states till 2020 are adopted and their implementations are key to economic cooperation development in SCO region.

Activity of the Republic of Tajikistan in the structures of the Organization mainly in Business Council and Interbank Association of SCO is obvious and constantly a lot of issues with regard to implementation of investment projects are considered in it.

In his speech at the summit of the SCO member states which was held in Astana on 15th of June 2011, the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon has proposed that for further development of the SCO, a Strategy should be adopted and along with other Member States he also invited state observers and state partners to participate in its discussion. We can confidently say that the preparing of such kind of document will serve as pioneer of Organization for the future of ten years.

Republic of Tajikistan maintains multidimensional cooperation at diverse areas within **the Commonwealth of Independent State (CIS)** as the regional organization which was established right after the Soviet Union's break-up.

The purpose of founding the Commonwealth of Independent State which Tajikistan enjoys its full membership in, is the establishment and intensification of comprehensive mutually beneficial cooperation in the spheres of policy, economy, trade, culture, environmental protection, organization of common economic space, securing human rights and freedom according to the principles of international law and the OSCE acts, cooperation among the CIS members on international peace and stability and broad interaction in other fields. There are 78 high inter-state and intergovernmental institutions responsible for various aspects of activity and cooperation established under the CIS.

An implementation of these objectives, which reflects a current status of cooperation within the framework of the CIS, is linked with the development of multilateral relationship among the CIS members. In 2011, Tajikistan as a presiding country at the Council of heads of states, governments, foreign ministers, Economic Council and CIS Economic Commission has executed its duties in accordance with adopted acts and a Concept of the Presidency of Tajikistan.

зокирот низ иштирок намоянд. Бо боварӣ метавон гуфт, ки таҳияи чунин як санад роҳнамои Созмон барои даҳсолаи оянда хоҳад буд.

Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи **Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил** (ИДМ), ки ҳамчун ташкилоти минтақавӣ баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ таъсис ёфтааст, дар самтҳои мухталиф ҷараён мегиранд.

Ҳадаф аз таъсиси Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, ки Тоҷикистон иштирокчии комилҳуқуқи он аст, ба роҳ мондан ва инкишоф додани робитаҳои мутақобилаи фарогир дар соҳаҳои сиёсат, иқтисоду тиҷорат, фарҳанг, беҳдошти муҳити зист ва ташкили фазои ягонаи иқтисодӣ, таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон тибқи принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва санадҳои САҲА, ҳамкорӣ миёни давлатҳои Иттиҳод оид ба таъмини сулҳу суботи байналмилалӣ ва ҳамкориҳои густурда дар соҳаҳои дигар мебошад. Дар чаҳорчӯби ИДМ то ба имрӯз 78 мақоми байнидавлатӣ ва байниҳукуматӣ оид ба паҳлӯҳои гуногуни фаъолияту ҳамкориҳо ташкил дода шудааст.

Амалӣ шудани ҳадафҳо, ки аз он вазъи кунунии ҳамкориҳо дар доираи ИДМ шаҳодат медиҳанд, ба рушди муносибатҳои давлатҳои аъзои ИДМ дар самтҳои мухталиф пайвастагӣ доранд. Соли 2011 Тоҷикистон ҳамчун раисшаванда дар Шӯрои Сарони давлатҳо, ҳукуматҳо, Вазирони корҳои хориҷӣ, Шӯрои иқтисодӣ ва Комиссияи иқтисодии ИДМ фаъолияти кории худро мувофиқи санадҳои қабулшуда, дар доираи ИДМ ва Консепсияи раисии Тоҷикистон амалӣ мегардонад.

Дар давраи раисии Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар ба масъалаҳои баланд бардоштани мафҳуми Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ҳамчун ташкилоти минтақавӣ ва вазифаҳои самараноки он, мустаҳкам намудани муносибатҳои ҳамсоягӣ байни давлатҳои аъзо, татбиқи ҳамкориҳои иқтисодӣ дар доираи санадҳои баимзорасида ва рушди муносибатҳои гуманитарӣ аҳамияти аввалиндараҷа дода мешаванд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаҳои иштироки худ дар фаъолияти **Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ** (СААД) аҳамияти афзалиятнок медиҳад. Ҳамкорӣ дар доираи ин Созмон ҷавобгӯи манфиатҳои миллии Тоҷикистон аст ва он имкон медиҳад, ки бар зидди терроризми байналмилалӣ, ифротгароӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва аслиҳа, муҳоҷирати ғайриқонунӣ ва умуман ба хотири таъмини амният ва субот дар тамоми минтақаи Аврупо ва Осиё ва инчунин ҳимояи тамомияти арзӣ ва истиқлолияти давлатҳои аъзо фаъолона тадбирҳои зарурӣ андешида шаванд. Тоҷикистон манфиатдори он аст, ки СААД дар амал ба омили муҳими таъмини амнияти ҷаҳонию минтақавӣ мубаддал гардад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои фаъол намудани раванди ҳамгироии ҳарбию сиёсии давлатҳои аъзо ва ҳамоҳангсозии иқтидори онҳо, такмили соҳаи сиёсати ҳарбӣ ва рушди минбаъдаи ҳамкориҳои ҳарбию техникии давлатҳои аъзоро вазифаҳои наздиктарин ва муҳимтарини Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ меҳисобад.

Дар раванди мутобиқ намудани фаъолияти СААД ба талаботи замони муосир самтҳои аввалиндараҷаи фаъолияти Созмон инчунин бояд масъалаҳои муқовимат намудан бар таҳдидҳои муосир, беш аз ҳама, бар зидди терроризми байналмилалӣ, экстремизм, ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ, қочоқи маводи мухаддир ва аслиҳа бошанд.

Тоҷикистон, бо назардошти ин масъалаҳо ва вазъияти дар минтақа ҷойдошта, таҳкими минбаъдаи фаъолияти Созмонро дар таъмини муттаҳиди амнияти сарҳади берунаи СААД дар минтақаи Осиёи Марказӣ зарур медонад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон тарафдори принсипҳои рушди ҳамкории судманд дар доираи ташкилотҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ буда, ба масъалаҳои баланд бардоштани самаранокии низоми вокуниши бӯҳронӣ, мақоми нерӯ ва воситаҳои низоми амнияти дастаҷамъӣ, ҳамкории ҳарбӣ-иқтисодӣ аҳамияти хоса медиҳад.

Ҳамкорӣ дар доираи **Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё** (ЕврАзЭС) яке аз самтҳои авлавиятноки сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад.

ЕврАзЭС ташкилоти байналмилалӣ буда, аз тарафи Сарони кишварҳои Ҷумҳурии Белорус, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Қирғизистон, Федератсияи Россия дар заминаи Иттиҳоди гумрукӣ соли 1996 ташкил гардида буд. Ҷумҳурии Тоҷикистон 28 майи соли 1998 ба Иттиҳоди гумрукӣ шомил гардид.

During the period of a presidency of Tajikistan, the primary attention will be given most of all to increasing an image of the CIS as the regional organization, improvement of the efficiency of its duties, strengthening good neighborliness relations among the member-states, an implementation of economic cooperation within the signed agreements and intensification of humanitarian relationship.

Republic of Tajikistan attaches an utmost importance to its engagement in the activity of Collective Security Treaty Organization (CSTO). Cooperation within the framework of this Organization is in line with the national interests of Tajikistan and it allows to actively undertake necessary measures in fighting international terrorism, extremism, illicit drug trafficking and weapons smuggling, curb illegal migration and in general to step up efforts for establishing lasting peace and security overall Eurasian continent as well as promote protection of territorial integrity and independence of member states. Tajikistan stands ready to facilitate the CSTO in turning it into a key tool of global and regional security.

Republic of Tajikistan considers military and political integration of member states and coordination of their potential, as well as improvement of a military policy and further development of military and technical cooperation of member states as major and the most important objectives of the Collective Security Treaty Organization.

In the process of an adaptation of the CSTO's activity to the requirements of the modern world, the most significant directions of the Organization's activity should include addressing modern threats and challenges, fighting against international terrorism, extremism, transnational organized crime, drug trafficking and weapons smuggling.

Tajikistan given these issues and a current reality in the region, believes it is important to further strengthen the Organization's activity in joint security of external borders of the CSTO in Central Asia.

Иштирокчиёни вохӯрии ғайрирасмии сарони давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди давлатҳои мустақил. Сочи, маҷмааи туристии «Чайные домики», 2 августи соли 2001.

Participants of an informal meeting of the heads of the states-participants of the Commonwealth of Independent States. Sochi, tourist compound "Chainie Domiki" (Tea houses), August 2, 2001.





Сарони давлатҳои аъзои Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ дар рафти мулоқоти навбатӣ. Варзоб, Тоҷикистон, 28 апрели соли 2003.

The heads of the states-members of the CSTO during the next meeting. Varzob, Tajikistan, April 28, 2003.

Шартнома ҷиҳати таъсис додани Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё 10 октябри соли 2000 дар ш. Остона ба имзо расид ва баъди ба тасвиб расидани он, аз ҷониби панҷ давлати аъзо, 30 майи соли 2001 эътибор пайдо кард.

Мақсаду вазифаҳои асосии Иттиҳод таҳрик бахшидан ба равандҳои ташаккулёбии Иттиҳоди гумрукӣ ва Фазои ягонаи иқтисодӣ муқаррар шудааст. ЕврАзЭС инчунин вазифадор аст барои наздикшавии бештар ва ба як шакл даровардани қонунгузории миллӣ, гузаронидани чорабиниҳое, ки барои зиёд кардани иқтидори иқтисодии кишварҳои аъзо ва бозсозии сохтории мувофиқашудаи иқтисоди онҳо равона шудаанд, кӯмак расонад

Тоҷикистон аз рафти пайгиронаи рушди муносибатҳои байни давлатҳои аъзои ЕврАзЭС қаноатманд аст. Мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба самтҳои асосии рушди минбаъдаи созмон дар маҷмӯъ бо мавқеи дигар давлатҳои аъзо мувофиқ мебошад.

Ҳамзамон, чи хеле ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон зикр кардааст, Тоҷикистон ба ташаккулёбии минбаъдаи низоми комили савдои озод ва ҳалли ҷиҳатҳои қонунии он дар чорчӯбаи Иттиҳод таваҷҷӯҳи зиёд дорад. Чунин масъалаҳо, аз қабили амалисозии чорабиниҳо бо мақсади андешидани чораҳои муштарак дар соҳаҳои иқтисод, андоз, бонкӣ ва дигарҳо дар маркази диққати Тоҷикистон қарор доранд.

Аз муҳимтарин дастовардҳои фаъолияти ЕврАзЭС таъсиси қаламрави ягонаи гумрукии ИГ Ҷумҳурии Беларус, Ҷумҳурии Қазоқистон ва Федератсияи Россия мебошад, ки Тоҷикистон низ пайвастан ба онро марҳилаи муносиб ва ҷавобгӯи манфиатҳои иқтисодии худ медонад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз имкони ҳамкориҳо дар **Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё** (МҲТБО) истифода мебарад. Шурӯъ аз саммити нахустини он, ки 3-5 июни соли 2002 дар шаҳри Алмато баргузор гардида буд, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар кори он иштироки фаъолона дорад. Шоистаи ёдоварист, ки дар саммити нахустини МҲТБО ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳбарии Президент Эмомалӣ Раҳмон иштирок карда буд.

Republic of Tajikistan is a strong advocate of the principles of development of mutually beneficial cooperation within the international and regional organizations and places a particular emphasis on the issues related to the improvement of efficiency of crisis response, reinforcement of potential and facilities of the system of collective security as well as military and economic cooperation.

Cooperation within **the EurAsEC** is considered as a priority direction of the Tajik foreign policy.

The EurAsEC is an international organization that was established by heads of the Republic of Belarus, the Republic of Kazakhstan, the Republic of Kyrgyzstan and the Russian Federation on the basis of the Customs Union in 1996. The Republic of Tajikistan joined the EurAsEC in May 28, 1998.

The Agreement on establishing the EurAsEC was signed in October 10, 2000 in Astana and entered into force in May 30, 2001 when the five member-states ratified the agreement.

The Organization is mainly aimed at boosting establishing the Customs union and the common free market zone. It is also designed to unify national legislations and carry out events aimed at strengthening economic capacity of the member-states as well as structural reconstruction according to the achieved arrangements.

Tajikistan is satisfied with the continued development of relations with the EurAsEC member-states. Tajikistan and the other member-states, generally, share close views on further major development directions of the organization.

At the same time, as mentioned by the President Emomali Rahmon of the Republic of Tajikistan, we pay high attention to further development of the common free market zones and managing with its legal aspects within the framework of the EurAsEC. Tajikistan is always focused on such issues as carrying out joint measures in economy, taxes, banking system as well as some other areas.

Establishing the Customs Union is the most significant progress made by the EurAsEC and Tajikistan considers joining to the Union as a step that meets its economic interests.

Republic of Tajikistan uses the opportunities of cooperation at **the Conference on Interaction and Confidence Building Measures in Asia (CICA)**. Republic of Tajikistan takes active part in the work

Иштирокчиёни ҷаласаи Шӯрои байнидавлатии Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё дар сатҳи сарони давлатҳо. Москва, 4 феврали соли 2009.

Participants of the Interstate Council of the Euroasian Economic Community (EurAsEc). Moscow, February 4, 2009.






Иштирокчиёни нахустин саммити Машварат оид ба ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё. Алмаато, июни соли 2002.
Participants of the first summit of Conference on Interaction and Confidence Building Measures in Asia (CICA). Almaty, June 2002.

Лозим ба таъкид аст, ки дар доираи фаъолият оид ба густариши раванди МҲТБО, бо ташаббуси ҷониби Тоҷикистон, ки он аз тарафи дигар давлатҳо дастгирӣ ёфта буд, бо назардошти вазъияти баамаломада дар минтақаи Осиёи Марказӣ, ба масъалаҳои мубориза бо хатарҳои нав – терроризм, экстремизм, қочоқи яроқ ва моводи мухаддир, ҷиноятдкории муташаккилона аҳамияти ҷиддӣ дода мешавад.

Бо назардошти ҳодисаҳое, ки дар фазои Осиё рӯй медиҳанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон иқдоми Президенти Қазоқистонро ҷиҳати даъвати МҲТБО ҳамчун амали саривақтӣ ва бисёр муҳим баҳо дода, онро чун раванде мешуморад, ки ба ҳамаи иштирокчиёни он имконияти ҳамзистии мусолиматомез, ҳамкории мутақобилан судманд ва пурсамар медиҳад.

Дастгирии ҳамаҷонибаи ғояи таҳкими тадбирҳои боварӣ ва амният дар қитъа, ширкати фаъолона дар пеш бурдани он далели баҳои баланде мебошад, ки аз тарафи роҳбарияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иқдоми Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон дода мешавад.

Тоҷикистон бо табиати ғанию нотакрори худ, аз ҷумлаи пиряххои бузург дар кӯҳсори зебоманзар ва кӯлу дарёҳои пуртуғён бо оби мусаффо, ки дар маҷмӯъ захираҳои фаровони (60%) обии минтақаи Осиёи Марказиро ташкил медиҳад, дар самти беҳдошти муҳити зист, ҳифзи экологии минтақавӣ ҳамвора фаъолияти густурдае ба роҳ мондааст. Кӯшишу иқдомҳо ва ташаббусҳои пайвастаи роҳбарияти Тоҷикистон ҷиҳати тавсеаи ҳамкориҳои мутақобилан судманд ва фарогири манфиатҳои ҳамаи кишварҳои Осиёи Марказӣ, ки дар доираи Бунёди байналмилалии наҷоти Арал (ББНА) татбиқ мешавад, таҷассумгари сиёсати хайрхоҳона ва ҳусни ҳамҷаворист.

Ҳамин буд, ки Тоҷикистон аз рӯзи аввали (26-уми марти с.1993) таъсисёбии ББНА ҳамчун кишвари ташаббускор дар қатори дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ узви фаъоли ин созмон аст. Қобили зикр аст, ки аз ибтидо мақсад аз таъсис додани ББНА пеш аз ҳама бартарафсозии бӯҳрони экологӣ ва беҳдошти вазъи иҷтимоию иқтисодӣ дар ҳавзаи баҳри Арал буд, ки ба тадриҷ пастшавии сатҳи оби он, аз сӯи ҷомеаи ҷаҳонӣ яке аз фоҷеаҳои асри XX арзёбӣ гардидааст.

of this forum since its first Summit which was held on June 3 – 5, 2002 in Almaty. It is worth noting, that the delegation of the Republic of Tajikistan headed by President Emomali Rahmon has attended the first summit of CICA.

It should be emphasized, that within the frames of actions focused on the development of the CICA, Tajikistan proposed initiatives which were widely supported by other nations, including given the current situation in Central Asia to give the most significant attention to issues of curbing new challenges – terrorism, extremism, weapons smuggling, illicit drug trafficking and transnational organized crime.

Taking into account events and developments which happen in the space of Central Asia, Republic of Tajikistan highly praised a call of the President of the Republic of Kazakhstan to the CICA and regarded it as timely and crucial act, which creates opportunities for all its participants for peaceful coexistence and mutually beneficial effective cooperation.

Comprehensive support of an idea for strengthening confidence measures and security in the region, as well as active involvement in promoting the confidence are the evidences which reflect high appraisal of the leadership of the Republic of Tajikistan towards the initiative of the President of the Republic of Kazakhstan.

**Tajikistan and the International Fund for Saving the Aral Sea**

Tajikistan is a rich in terms of having beautiful nature, highest mountains, glaciers, rushing mountainous rivers, crystal lakes and alpine meadows. Moreover, Tajikistan accumulates significant amount of the total regional water resources (60% of water resources in Central Asia). Tajikistan is

Иштирокчиёни вохӯрии навбатии сарони давлатҳо - муассисони Бунёди байналмилалии наҷоти Арал. Алмаато, 28 апрели соли 2009.

Participants of the meeting of the heads of the founder states of the International Fund for Saving the Aral Sea. Almaty, April 28, 2009.



Фаъолияти ин созмон, махсусан дар солҳои 2002-2008 пурсамар арзёбӣ мегардад, ки раисии онро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ӯҳда дошт. Дар ин марҳила ББНА фаъолияти худро ҳамчун як сохтори ҳамоҳангсози байнидавлатӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ идома дода, барои ҳалли масъалаҳои мубрами минтақавӣ ва татбиқи нақшаҳои тарҳрезишуда, инчунин таҳкими ҳамкориҳо байни кишварҳои Осиёи Марказию созмонҳои байналмилалӣ ва институтҳои молиявӣ кӯшишу иқдомҳои зиёд ба харҷ дода шуд.

Умуман, дар давраи раисии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ББНА санадҳои зиёди дорои аҳамияти муҳим ба имзо расонида шуд. Масалан, Эъломияи Душанбеи сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ (6 октябри с.2002) бо чунин бандҳои муҳим имзо гардид:

- Солимгардонии минбаъдаи иҷтимоию экологӣ ҷиҳати беҳдошти аҳолии минтақаи соҳили баҳри Арал;
- Баланд бардоштани нақши Кумитаи иҷроияи ББНА ва ҷалби донорҳо барои татбиқи лоиҳаю барномаҳо;
- Фароҳамсозии шароити мусоид барои ҷалби созмонҳои байналмилалӣ, институтҳои молиявӣ ва татбиқи амалии барномаҳои ба нақша гирифташуда;
- Таъсиси Комиссияи махсуси СММ ва ҳамоҳангсозӣ бо созмонҳои байналмилалӣ ва кишварҳои донор барои ҳалли масъалаҳои ҳавзаи баҳри Арал.

Ҳамчунин бо қарори сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ оид ба "Раванди амалисозии барномаи беҳтар намудани муҳити экологӣ ва иҷтимоию иқтисодии ҳавзаи баҳри Арал дар давраи солҳои 2003-2010", 6 октябри с.2002 санад ба имзо расид. Барномаи мазкур аз 14 авлавият иборат буда, чор қисмро муттаҳид менамояд: хоҷагии об, соҳаи иҷтимоию иқтисодӣ ва мониторинги муҳити атроф.

Дар ин марҳила бо ташаббуси Кумитаи иҷроияи ББНА ва қарори Раёсати он, аз 28-уми августи соли 2003 Маркази минтақавии гидрологӣ ташкил шуд, ки фаъолияти он ҷиҳати беҳтар намудани сохти мониторинги захираҳои обии панҷ давлати Осиёи Марказӣ ва мувофиқи стандартҳои байналмилалӣ равона шудааст. Ғайр аз ин, байни ББНА ва Комиссияи аврупоӣ оид ба иқтисоди СММ ва Комиссияи иқтисодию иҷтимоии СММ дар Осиё ва Уқёнуси Ором, 3-юми июни соли 2004 меморандум оид ба ҳамдигарфаҳмӣ қабул гардид.

Ҳамин тариқ, Кумитаи иҷроияи ББНА дар доираи ҳамкориҳои бисёрҷонибаи худ санадҳо оид ба ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамкорӣ бо Институти байналмилалии раёсати захираҳои об (9 январи с.2004), Кумитаи иҷроияи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (16 сентябри с.2004) ва Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё (ЕврАзЭС) (17-уми ноябри с.2004), ба имзо расонидааст. Ҳамчунин дар моҳи июни соли 2008 Кумитаи иҷроияи ББНА аъзои Шӯрои оби ҷаҳонӣ гардид.

Дастовардҳои бузурги Тоҷикистон дар самти мазкур ин бешубҳа бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси вақти ББНА Э.Раҳмон эълон гардидани соли 2003 чун Соли байналмилалии оби тоза ва Даҳсолаи байналмилалии «Об барои ҳаёт (2005-2015)» мебошад, ки аз ҷониби Ассамблеяи кулли СММ ва ҷомеаи ҷаҳонӣ дастгирии комил ёфт.

Ҳамчунин ҷиҳати татбиқи амалии ин ташаббусҳои муҳим, дар марҳилаҳои гуногун чорабиниҳои байналмилалии зерин доир гардид:

- Конфронси байналмилалӣ оид ба оби тоза (ш.Душанбе, 29 август – 1 сентябри с. 2003);
- Конфронси байналмилалии ҳамкории минтақавӣ оид ба дарёҳои фаромарзӣ (ш.Душанбе, 30 май - 1июни с. 2005);
- Конфронси байналмилалӣ оид ба бартараф намудани фоҷеаҳои марбут ба об (27-28 июни с. 2008);
- Конфронси байналмилалӣ дар доираи даҳсолагии «Об барои ҳаёт 2005-2015» (ш. Душанбе 8-10 июни соли 2010).

Ҳуҷҷатҳое, ки дар давраи раисии Тоҷикистон дар ББНА қабул шудаанд, бешубҳа ба ҳалли мушкилоти обии минтақавӣ ва зерминтақавӣ нигаронида шудаанд. Ин ҳуҷҷатҳо кишварҳои минтақаро ба ҳамкорӣ даъват мекунанд, зеро ҳамкорӣ роҳи ягонаи ҳалли мушкилоти обӣ дар минтақа ба шумор меояд.

very active in promoting in this area aimed at conservation and sustainable use of water resources, environment protection and sustainable social development in the region.

Tajikistan's intention aimed at mutual cooperation and respect of interests between the countries of Central Asia as part of IFSA is an illustration of the benevolent policy of good neighborly relations.

Tajikistan since the early days (March 26, 1993) of establishment of the International Fund for Saving the Aral Sea (IFAS) being an initiator along with other Central Asian states actively participates in the work of the organization. It should be noted that the IFAS is primarily aimed at overcoming environmental crisis and improving socio-economic situation in the Basin of the Aral Sea that is recognized by the international community as a biggest disasters of the XX century.

The activity of this organization was particularly highly appreciated in 2002-2008, when the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon chaired the IFAS. At this stage, IFAS continued its activities as one of the structures of inter-State coordination in Central Asia in managing with most regional challenges and on major plans, in particular strengthening of cooperation between Central Asian countries and various international organizations and financial institutions.

In general, significant of legal documents were signed during the Presidency of the Republic of Tajikistan in IFAS. In particular, the Dushanbe Declaration of Heads of Central Asia (October 6, 2002), that included points as follows:

• Enhancement of socio-ecological conditions in the region and improvement of living conditions of the population of the Aral Sea

• strengthening the role of the Executive Committee of IFAS for coordination of donors activities and attraction of funds for implementation of projects and programs;

• creating necessary conditions for international organizations and institutions in their activities on attracting funds for implementation of projects and programs;

• The need for establishing a special UN commission being responsible for coordination of international organizations and donor countries in resolving the Aral Sea Basin.

In particular the Heads of Central Asian states approved the Program on «Main Directions of the Program on Specific Actions for Improving the Ecological and Socioeconomic Situation in the Aral Sea basin for the period of 2003-2010.» (October 6, 2002). The main directions of this program were broken down into four components:

Water management; social and economical; ecological; and environmental monitoring.

Holding on the initiative of Committee of IFAS and decision of the IFAS Board created a Regional Centre of Hydrology (RCH) on 28 August 2003. Its activities are aimed at improving water resources monitoring system of five Central Asian countries in accordance with international standards. In addition, a Memorandum of mutual understanding was signed between IFAS, UN European Economic Commission, Economic and Social Commission for Asia and the Pacific (June 3, 2004). In particular, the IFAS entered into the World Water Council in June 2008.

Achievement of Tajikistan in this field is undoubtedly illustrated by the initiative of President of the Republic of Tajikistan, President of IFAS Emomali Rahmon to declare 2003 the International Year of Fresh Water and the International Decade for Action «Water for Life (2005-2015)» which were maintained by the UN General Assembly .

In particular, following international events were carried out for the implementation of the important goals:

The International Fresh Water Forum (Dushanbe, 29 August-1 September 2003);

International Conference on Regional Cooperation in Transboundary River Basins (Dushanbe, May 30-June 1, 2005);

International Conference on Disaster Reduction, to water (27-28 June 2008);

International Conference of the Decade for Action «Water for Life» 2005-2015, (Dushanbe, June 8-10, 2010).

Ҳамрохон Зарифӣ,
Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон

# СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ДАВЛАТИ ТОЗАИСТИҚЛОЛ

Ҳангоми соҳиб шудан ба истиқлолияти миллӣ барои давлати навбунёди Тоҷикистон сиёсати хориҷӣ аз ҳама самтҳои мураккаб ва печида буд.

Дар даврони шӯравӣ Тоҷикистон чун яке аз ҷумҳуриҳои иттифоқӣ роҷеъ ба идораи самтҳои мухталифи хоҷагии халқ таҷрибаи муайяне дошт, вазорату муассисаҳо ва ташкилотҳо кор мекарданд, вале дар самти сиёсати хориҷӣ ҷумҳурӣ аз ваколату салоҳияти лозимӣ бархӯрдор набуд. Ҳарчанд моҳи майи соли 1944 Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон таъсис ёфта бошад ҳам, дар ин муассиса теъдоди маҳдуди кормандон кор мекард ва вазифаҳояш низ аз ҳалли баъзе масъалаҳои ҷузъӣ ва иҷрои чорабиниҳои ташрифотӣ фаротар намерафт.

Моҳи сентябри соли 1991 - вақте, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқлолияти комили давлатӣ ба даст овард, таҳия ва амалӣ намудани сиёсати хориҷӣ барояш самти тамоман нав буд. Сароғоз аз охири соли 1991 давлатҳои хориҷӣ пайи ҳамдигар ба эътироф намудани истиқлолияти давлатии Тоҷикистон пардохтанд, моҳи январи соли 1992 дар Душанбе нахустин сафорати кишвари хориҷӣ ба фаъолият шурӯъ намуд, дар муддати кӯтоҳ ҷумҳурӣ узви Созмони Милали Муттаҳид ва Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо гардид. Вале сарфи назар аз ҳамаи ин бетаҷрибагии сиёсӣ дар баробари омилҳои дигар боиси сар задании ҷанги шаҳрвандӣ дар кишвар шуд.

Моҳи ноябри соли 1992 дар Хуҷанд дар иҷлосияи 16 Шӯрои Олии Тоҷикистон, дар шароите, ки дар марказ ва ҷануби кишвар ҷанг идома дошт, вазъияти баамаломада дар ҷумҳурӣ мавриди баррасӣ қарор гирифт. Дар ин иҷлосия Эмомалӣ Раҳмон Раиси Шӯрои Олии Тоҷикистон интихоб гардид. Қарорҳои иҷлосия барои пешрафти кишвар, аз ҷумла, дар самти сиёсати хориҷӣ аҳамияти хосса доштанд.

Шурӯъ аз соли 1993 роҳбарияти ҷумҳурӣ ҷиддан ба таҳия ва татбиқ намудани сиёсати хориҷии давлат пардохт. Роҳбари давлат Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии худ дар иҷлосияи 18 Шӯрои Олии Тоҷикистон дар бораи зарурати таҳияи консепсияи сиёсати хориҷии давлат ибрози андеша ронда, панҷ минтақаи манфиатҳои Тоҷикистонро зикр намуд: Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Осиёи Марказӣ, кишварҳои форсизабони ҳамсоя, кишварҳои исломии Шарқ ва ҷомеаи ҷаҳонӣ. Сарвари давлат ҳифзи манфиатҳои миллии кишварро ҳамчун мақсади ниҳоии сиёсати хориҷӣ муайян кард.

Дар он шабу рӯз масъалаи аз ҳама муҳим дар сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлат ба ҷои муқимии худ баргардонидани гурезаҳо ва муҳоҷирони иҷборӣ, барқарор намудани манзилу маскани дар натиҷаи ҷанг харобгардидаи онҳо ва фурӯ нишондани оташи ҷанги дохилӣ буд. Бо назардошти имкониятҳои маҳдуди ҷумҳурӣ роҳбарияти давлат аз ҷомеаи ҷаҳонӣ ва созмонҳои байналмилалию минтақавӣ низ ёрӣ пурсид. Дар натиҷа, аз соли 1993 раванди бозгашти шаҳрвандон ба ҷойҳои зисти доимии худ, бахусус аз Афғонистон шурӯъ шуда, дар давоми ду сол комилан ҳалли худро пайдо кард.

Раванди музокироти сулҳи тоҷикон низ яке аз саҳифаҳои ибратомӯз дар таърихи сиёсати дохилӣ ва хориҷии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Даври нахустини музокирот бо иштироки ҳайатҳои ҳукумати Тоҷикистон ва Иттиҳоди мухолифини тоҷик моҳи апрели соли 1994 дар Москва баргузор гардида, ин раванд бо имзо шудани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон 27 июни соли 1997 дар пойтахти Россия анҷом пазируфт. Ба мақсади иҷрои ҳуҷҷатҳои имзошуда бо иштироки баробари намояндагони ҳукумат ва мухолифин Комиссияи оштии миллӣ таъсис ёфт, ки тайи солҳои 1997-2001 кулли масъалаҳои ҷойдоштаро ҳаллу фасл намуд.

Дастовардҳои музокироти сулҳи тоҷикон барои пешрафти сиёсати хориҷии Тоҷикистон заминаи муносиб фароҳам оварданд, зеро вазъи номуътадил ва номусоиди кишвар барои ҳамкорӣ бо давлатҳои хориҷӣ, бахусус дар бахши ҷалби сармояи хориҷӣ ба иншоотҳои муҳим халали ҷиддӣ эҷод мекард.

Ҳамзамон ба анҷом ёфтани музокирот ва барқарор шудани сулҳу оштӣ дар кишвар таваҷҷӯҳи ҳамёрони хориҷӣ ба Тоҷикистон ба маротиб зиёд шуд.

Hamrokhon Zarifi
Minister of Foreign Affairs of the Republic of Tajikistan

# THE FOREIGN POLICY OF NEWLY INDEPENDENT STATE

Foreign policy was the most complicated and intricate directions when a newly established state gained its independence.

During Soviet period, Tajikistan being a country within the Soviet Union had certain experience in varied economic management, there were some ministries, agencies and organizations, but the nation was not duly authorized to conduct foreign policy. Despite the fact that Ministry of Foreign Affairs of Tajikistan was established in 1944, it had a limited number of employees and their obligations were mainly limited by certain issues and implementation of protocol functions.

In September 1991, when the Republic of Tajikistan obtained its independence, developing and conducting foreign policy happened which was completely new direction for Tajikistan. At the outset, late 1991, foreign countries started recognizing the independence of Tajikistan and in January 1992 the first foreign embassy was opened in Dushanbe. Thus, within a very short period of time, Tajikistan has become a member of the UN and the OSCE. However, lack of political experience as well as some other factors caused a spark that set off a civil war in the country.

In 1992 the 16th session of the Supreme Council of the country was held in Khujand which focused on a discussion of situation in central and southern parts of Tajikistan. During the session, Emomali Rahmon was elected as a chairman of the Supreme Council. Resolutions adopted by the session have further become of vital importance for foreign policy of the country.

Since 1993 the government of the country has seriously launched development and implementation of the foreign policy of the country. During his speech at the 18th session of the Supreme Council, head of state Emomali Rahmon expressed his view on the need for working out a Foreign Policy Concept of the country and identified five areas of the Tajik interest, including the Commonwealth of Independent States, Central Asia, Persian speaking neighboring countries, Oriental Islamic countries and the international community. The head of state identified protection of national interests of the country as a final goal of the foreign policy.

Bringing refugees back, restoration of their houses that were destroyed during the war and ending the civil war were among the most vital challenges for internal and foreign policy. Taking into account limited opportunities of the country, the Government called on the world community and international and regional organizations for assistance. Thus, the process of bringing the citizens back home, particularly, from Afghanistan was launched in 1993 and the goal was completely achieved during next two years.

Peace negotiation process is another special page in the history of domestic and foreign policy of Tajikistan. The first round of talks was started in Moscow in April 1994 that led to the final round followed by signing the General Agreement on the Establishment of Peace and National Accord signed in Moscow on June 27, 1997. National Reconciliation Commission consisted of representatives of the Government and the opposition was established to ensure the implementation of documents which were signed by both parties and the Commission was engaged in addressing with existing challenges from 1997 to 2001.

Progress made within the peace negotiation process provided us with favorable conditions for further enhancement of the foreign policy of Tajikistan, since unstable and unsafe environment used to cause obstacles for cooperation with foreign countries, particularly, for attracting foreign investments in vital projects.

Moreover, the progress in talks and restoration of peace led to significantly greater attention attached to Tajikistan by our foreign partners.

At the same time, the theoretical and legal framework of the Tajik foreign policy has been developed and improved during the aforesaid period, thus, following moving towards global trends.

The foreign policy was set within the Constitution of the Republic of Tajikistan as well as the authority of state bodies within the legislation. New documents were adopted and signed including

Дар баробари ин пойгоҳи назариявӣ ва ҳуқуқии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккул ёфта, ҳамқадам бо равандҳои тағйирпазири ҷаҳонӣ такмилу тавсеа меёфт. Сиёсати хориҷӣ дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷои худро ёфт, салоҳияти мақомоти давлатӣ дар ин маврид муайян гардид, Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо дар бораи хизмати дипломатӣ ва созишномаҳои байналмилалии Тоҷикистон қабул шуданд ва чанд фармони Президент ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон салоҳияту ваколатҳои Вазорати корҳои хориҷии кишвар, сафорату консулгариҳо дар кишварҳои хориҷӣ ва намояндагиҳои ҷумҳуриро дар назди созмонҳои байналмилалӣ муайян намуданд.

Дар давоми даҳ соли охир ба мақсади муваффақона баргузор намудани чорабиниҳои байналмилалӣ бо назардошти қабули меҳмонони олиқадр ва ҳайатҳои хориҷӣ, таъмини шароити кору истироҳати онҳо, дар сатҳи баланд доир намудани чорабиниҳои ташрифотӣ, мулоқоту гуфтушунидҳо дар шаҳри Душанбе имкониятҳои зарурӣ фароҳам оварда шуданд. Қасри Миллат дар маркази пойтахт, Кохи Сомон дар бӯстонсарои шаҳрии ҳукуматӣ, қасрҳои боҳашамат дар бӯстонсарои берунишаҳрии «Варзоб», ки тайи чанд соли охир бо истифода аз дастовардҳои меъмории миллӣ сохта шудаанд, барои доир намудани саммиту конфронсҳои байналмилалӣ, гуфтушунидҳои дуҷонибаву бисёрҷониба бисёр мувофиқанд ва сатҳи баргузории чунин чорабиниҳо инро аллакай собит сохт. Баргузор гардидани саммитҳои ИДМ, СААД, Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё, СҲШ, ҷаласаи Шӯрои вазирони корҳои хориҷии давлатҳои аъзои СКИ, конфронсҳои байналмилалӣ бахшида ба об ва даҳҳо чорабиниҳои сатҳи байналмилалӣ гувоҳи онанд, ки Тоҷикистон тадриҷан ба яке аз марказҳои доир гардидани ҳамоишҳои байналмилалӣ табдил меёбад.

Барои ҷалби бештари ҷомеаи ҷаҳонӣ барои ҳамкорӣ, аз ҷумла, дар самти табодули мол, татбиқи лоиҳаҳои муштарак ва ғайра охири соли 2002 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон сиёсати «дарҳои боз»-ро эълом дошт. Равиши минбаъдаи ҳамкориҳо бо ҷомеаи ҷаҳонӣ дурустӣ ва манфиатнок будани ин самтро нишон дод. Тоҷикистон дар доираи ин сиёсат метавонад бо тамоми кишварҳои узви СММ дар асоси баробарӣ, дахолат накардан ба корҳои дохилии ҳамдигар ва умумияти манфиатҳо ҳамкорӣ намояд.

Ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ворид шуда, Тоҷикистон наметавонад аз он равандҳое, ки ба вазъи минтақа ё ҷаҳон таъсир доранд, бетараф бошад. Аз ин хотир, Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон роҷеъ ба чандин масъалаи муҳимтарини ҷаҳони муосир ибрози андеша намуда, роҷеъ ба ҳаллу фасли онҳо таклифҳо пешниҳод намуда буд. Яке аз чунин мавзӯъҳои муҳим ба эътидол овардани вазъият дар Афғонистон мебошад. Дар баробари андешидани тадбирҳо ба хотири кумак ба ин кишвари ҷангзада, Роҳбари Тоҷикистон дар бораи ба вуҷуд овардани «камарбанди амниятӣ» дар атрофи Афғонистон ба мақсади ҷилавгирӣ намудан аз қочоқи маводи мухаддир ва яроқ аз ин кишвар, таҷдиди иқтисодиёти он, ки яке аз шартҳои муҳимтарини рушди ин кишвар мебошад, дар назди ҷомеаи ҷаҳонӣ борҳо масъалагузорӣ карда буд.

Мубориза алайҳи чунин хатару чолишҳои ҷаҳони муосир, ба мисли терроризм, тундгароӣ, гардиши маводи мухаддир мавзӯъҳое мебошанд, ки ҳамеша дар гуфтушунидҳои роҳбарияти Тоҷикистон бо ҳамтоёни хориҷӣ ва ҳангоми ширкат дар ҳамоишҳои байналмилалӣ мавриди баҳсу баррасӣ қарор мегиранд.

Ташаббусҳои Тоҷикистон тайи чанд соли охир дар самти истифодаи оқилона ва сарфакоронаи захираҳои об, ҷилавгирӣ аз офатҳои табиии марбут ба об, ҳифзи пиряххо, ки сарчашмаи оби тоза мебошанд, аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид ҷонибдорӣ ёфтанд. Дар асоси қатъномаҳои қабулнамудаи СММ тибқи пешниҳодҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳоло Даҳсолаи амал «Об барои ҳаёт» 2005-2015 идома дошта, соли 2013 Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об эълон гардидааст.

Имрӯз сиёсати хориҷӣ яке аз самтҳои бобарори фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Сарфи назар аз имкониятҳои маҳдуд ва вазъияти мураккаби дохилӣ, Тоҷикистон дар муддати кӯтоҳ бо истифода аз роҳу равиши муносиби ҳамкорӣ бо ҷомеаи ҷаҳонӣ тавонист, ки мушкилоти дохилиро тариқи сулҳу салоҳ ҳаллу фасл намояд, бо доираи васеи кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалию минтақавӣ робитаҳои худро таҳкиму тавсеа бахшад.

То имрӯз Тоҷикистон бо 123 кишвари хориҷӣ муносибати дипломатӣ барқарор кардааст, ки бо аксари онҳо созишномаҳои дуҷониба ба имзо расонида, ҳамкориҳоро фаъолона ривоҷ медиҳад, бо қисми дигар робитаҳо дар ҳолати ташаккулёбӣ қарор доранд. Ҳоло дар Душанбе сафоратҳои 20 кишвари хориҷӣ фаъолият намуда, 65 давлати дигар сафирони худро дар Тоҷикистон тариқи ғайримуқим таъин кардаанд, намояндагиҳои аксари созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ва институтҳои молиявии ҷаҳонӣ дар кишвари мо амал мекунанд.

Дар навбати худ, дар кишварҳои хориҷӣ 23 сафорати Тоҷикистон, 5 консулгарии генералӣ ва 3 консулгарӣ, дар назди СММ, САҲА, ИДМ, СҲШ, СААД, Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё, СҲИ

the Foreign Policy Concept of the Republic of Tajikistan, Law on Diplomatic Service and international agreements. The Decree by the President and the resolution by the Government identified the authority of the Foreign Ministry, Consulate offices abroad and our missions to international organizations.

Necessary facilities have been created over the past decade in Dushanbe to ensure international event be successfully held giving consideration to receiving high-rank guests and foreign delegations, ensuring favorable working and resting conditions, and high organizational level for protocol events, talks and meetings. The Palace of Nation in the central part of the capital, Somon Palace in the State Guest Complex, grand buildings in the Varzob valley that were put in commission with all national architectural achievements being used in over the past years are very convenient for convening international summits and conferences, bilateral and multilateral talks and the organizational level provided for such events has already proved the aforesaid. The summits of the CIS, the CSTO, the EurAsEC, the SCO, session of the Council of Foreign Ministers of the OIC, international water conferences and dozens of other international events are all an illustration of the fact that Tajikistan has become a central place for holding international events.

Late 2002, the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon has declared "open doors" policy with the view to closer cooperation with the world community, including, in domain of commodity turnover, implementation of joint projects and etc. Further approach of cooperation with international community has proved rightness and effectiveness of this way. Tajikistan within this policy can cooperate with all UN member states on the basis of equality, non-interference in internal affairs of each other and respect for common interests.

Being an integral part of the global community, Tajikistan cannot stand aside of processes which effect the situation in the region or entire world. Therefore, the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon has repeatedly expressed his view in regard to several major issues of modern world and made proposals for their solution. One of such important issues is a stabilization of situation in Afghanistan.

Along with undertaking measures aimed at helping this war-torn country, the leadership of Tajikistan had put issues in front of the global community several times on the establishment of "security belt" around Afghanistan for the prevention of illegal drug trafficking and weapon smuggling from this country and boost economic rehabilitation which is one of the key terms of this nation's development.

Addressing of such modern threats and challenges as terrorism, extremism and illicit drug trafficking is a subject which is always in the spotlight of negotiations of Tajikistan's leadership with its foreign colleagues and major agenda of the international conferences.

Tajikistan's initiatives have been widely supported by the United Nations over last years in the field of rational and effective use of water resources, prevention of water-related natural disasters, preservation of glaciers, which are the springs of fresh water. Pursuant to Resolutions adopted by the UN GA in accordance with the proposals of the Republic of Tajikistan, the International Decade for Action "Water for Life" 2005 – 2015 is currently under way and 2013 is proclaimed as the International Year of Water Cooperation.

Today, foreign policy is one of the priority guidelines of the activity of the Government of the Republic of Tajikistan. Despite limited opportunities and difficult internal situation, Tajikistan within short span of time through reliable approach and suitable ways of cooperation with the global community could address domestic challenges by peaceful means and expand its relationship with a large number of countries as well as international and regional organizations.

Tajikistan established diplomatic relations with 123 foreign nations so far, with a big majority of those signed bilateral agreements and intensifies cooperation. It sets relationship with the rest of the nations. Currently embassies of 20 foreign countries function in Dushanbe, 65 other states appointed their respective non-resident ambassadors to Tajikistan, representatives of majority influential international organizations and global financial institutions successively perform their missions in our country.

In its turn, 23 embassies, 5 Consulate General offices and 3 Consulate Offices of the Republic of Tajikistan work abroad and permanent missions of the country to the UN, OSCE, CIS, SCO, SCTO, Eurasian Economic Community, ECO and other international and regional organizations function. With the aim of strengthening and expanding cooperation and maintenance of continuous interaction with international community, Tajikistan is committed to gradually increase a number of its missions abroad.

ва дигар созмонҳои байналмилалию минтақавӣ намояндагиҳои доимии кишвари мо амал мекунанд. Ба хотири таҳкиму тавсеа бахшидан ба ҳамкориҳо ва дар тамоси доимӣ қарор доштан бо ҷомеаи ҷаҳонӣ, Тоҷикистон мақсад дорад, ки тадриҷан теъдоди намояндагиҳои хориҷии худро зиёд намояд.

Ҳоло Тоҷикистон бо Россия, Украина, Беларус, Озарбойҷон, Арманистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон, Туркманистон ва дигар кишварҳои пасошӯравӣ, давлатҳои осиёӣ – Хитой, Афғонистон, Эрон, Покистон, Ҳиндустон, Япония, Туркия, Кореяи Ҷанубӣ, давлатҳои арабӣ – Арабистони Саудӣ, Қатар, Аморoти Муттаҳидаи Араб, Миср, Иттиҳоди Аврупо ва кишварҳои аврупоӣ – Олмон, Белгия, Австрия, Британияи Кабир, Фаронса, Италия, Латвия, ҳамчунин Штатҳои Муттаҳидаи Америка ва дигар давлатҳои дӯст муносибату ҳамкориҳои гуногунсамтаро ба роҳ монда, сол то сол онҳоро таҳкиму тавсеа мебахшад. Тоҷикистон ҳар сол бо беш аз сад кишвари ҷаҳон табодули мол сурат дода, доираи ҳамкориҳоро дар самтҳои дигар, қабл аз ҳама, дар бахши иқтисод, ҷалби сармоягузорӣ, илм, маориф, фарҳанг, сайёҳӣ ва ғайра тадриҷан васеъ мекунад.

Ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалӣ яке аз самтҳои самараноки сиёсати хориҷии ҷумҳурист. Тоҷикистон дар таъсис додани чанд созмони минтақавӣ, аз қабили ИДМ, СААД, СҲШ, инчунин Бунёди байналмилалии наҷоти Арал чун муассис саҳм гузошта, пайваста роҷеъ ба фаъол намудани онҳо кӯшиш ба харҷ медиҳад. Зиёда аз ин, бо дарназардошти вазъияти тағйирпазири ҷаҳони муосир, равандҳои ҷаҳонишавӣ ва мушкилоти бамиёномада роҳбарияти Тоҷикистон борҳо дар бобати ислоҳоти сохтории СММ ва САҲА масъалагузорӣ намуда буд.

Соли 2010 раёсат дар шӯрои вазирони корҳои хориҷии давлатҳои аъзои Созмони конфронси исломӣ ба Тоҷикистон гузашт ва дар охири соли зикршуда дар саммити навбатии ИДМ раисии он ба кишвари мо вогузор шуд.

Дар шароити кунунӣ яке аз самтҳои муҳими сиёсати хориҷии Тоҷикистон фароҳам овардани шароит барои рушди иқтисоди кишвар, қабл аз ҳама мусоидат намудан дар ҳаллу фасли се масъалаи стратегӣ – таъмини истиқлолияти энергетикӣ, раҳоӣ ёфтан аз бунбасти коммуникатсионӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ мебошад. Дар ин росто дипломатияи иқтисодии кишвар ба хотири роҳандозии лоиҳаҳои гуногун беш аз пеш қувват мегирад. Ҳоло дар Тоҷикистон бо иштироки сармояи хориҷӣ даҳҳо иншоотҳои бузургу миёна, аз қабили нерӯгоҳҳои барқӣ, хатҳои интиқоли нерӯи барқ, роҳу пулҳо сохта мешаванд, ки дар ояндаи наздик имкониятҳо ва нерӯмандии иқтисодии кишварро бамаротиб боло хоҳанд бурд.

Қасри Миллат. Бори нахуст маросими истиқболи роҳбари давлати хориҷӣ аз ҷониби Президенти Тоҷикистон дар ин ҷо моҳи августи соли 2008 баргузор гардид. Акнун доир гардидани чунин чорабиниҳои муҳим аз қабили маросими истиқболи роҳбари давлати хориҷӣ, гуфтушунидҳо дар сатҳи олӣ дар ин бинои бошукӯҳ ба анъана табдил ёфтааст.

The Nation's Palace. In August 2008, this became the first venue to host the President of the Republic of Tajikistan receiving the head of a foreign state. Today, the palace has become a traditional meeting place for important events, including meetings of foreign countries' presidents, as well as high-level negotiations.



Tajikistan established multifaceted relationship and fruitful cooperation with Russia, Ukraine, Belarus, Azerbaijan, Armenia, Kazakhstan, Kyrgyzstan, Uzbekistan, Turkmenistan and other former Soviet countries, among Asian countries with China, Afghanistan, Iran, Pakistan, India, Japan, Turkey, South Korea, among Arab nations with Saudi Arabia, Qatar, United Arab Emirates, Egypt, among European Union and European countries with Germany, Belgium, Austria, Great Britain, France, Italy, Latvia as well as the United States of America and other friendly countries. It enhances and strengthens these ties with each passing years.

Tajikistan maintains bilateral trade and commercial relations with over hundred countries across the world every year and step-by-step promotes a range of cooperation in other fields, including in economy, investments, science, education, culture, tourism and etc.

Cooperation with international organizations is one of the major impactful directions of the country's foreign policy. Tajikistan as a co-founder had contributed to the establishment of a several regional organizations, like CIS, CSTO, SCO, as well as International Fund for Saving the Aral Sea and consistently makes every effort possible to their revitalization.

Moreover, given a rapid changing situation in the modern world, as well as globalization processes and challenges which are emerged, Tajikistan's leadership has repeatedly made emphasize on structural reform of the UN and OSCE.

Chairmanship in the OIC Council of Foreign Ministers in 2010 has been handed over to Tajikistan and during CIS Summit late 2010 our country has took over the presidency in this organization.

In current conditions, creating favorable environment for national economy development, including promotion in addressing three strategic issues – ensure of energy independence, break of communication deadlock and food security is one of the key directions of Tajikistan's foreign policy. In this context, with the view of implementing diverse projects, economic diplomacy of the country gains significant momentum.

Nowadays, dozens of great and medium scale facilities, including hydro-power plants, power transmission lines and bridges are being constructed in Tajikistan by foreign investment which in near future will allow remarkably expand economic opportunities and intensify the economic might of the country.

Дар толорҳои барҳавои «Кохи Сомон» саммитҳои душанбегии ИДМ, ИИАвруОсиё, СААД дар моҳи октябри соли 2007 ва саммити СҲШ, мулоқоти сеҷонибаи сарони давлатҳои Тоҷикистон, Афғонистон ва Эрон дар моҳи августи соли 2008 баргузор гардиданд.

In spacious halls of «Kohi Somon» there were held Dushanbe summits of the CIS, EAEC, CSTO in October 2007, Summit SCO, a tripartite meeting of heads of Tajikistan, Afghanistan and Iran in August 2008.



# ТАШАББУСҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН



Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба баррасии фарогири миёнамуҳлати татбиқи Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт» 2005-2015 дар шаҳри Душанбе. Кохи Борбад, 8 июни соли 2010.

The speech of the President of the Republic of Tajikistan in the High-level International Conference on Comprehensive Midterm Review of the Implementation of the International Decade for Action «Water for life» 2005-2015 in Dushanbe. Kokhi Borbad, June 8, 2010.

Ба арсаи байналмилалӣ чун давлати соҳибистиқлол қадам ниҳода, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари ҳаллу фасли мушкилоти дохилӣ тадриҷан таваҷҷӯҳи ҷаҳониёнро ба масъалаҳое ҷалб намуд, ки дар таъмини амният ва суботи ҷаҳон, вазъи муҳитзистӣ, пешомадҳои рушди иқтисод ва дигар самтҳои ҳаёти умумибашарӣ аҳамияти хосаро бархӯрдоранд.

Дар ин росто ташаббусҳои Тоҷикистон дар бобати истифодаи оқилонаи захираҳои об ба манфиати халқҳо ва кишварҳо бидуни зарар овардан ба табиат ва муҳити зист аҳамияти калон дошта, аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамовозӣ ва дастгирии ҷиддӣ ёфтанд. Ҷумҳурӣ ба ҳалли масъалаҳои минтақавӣ дар соҳаи об ба усулҳои эътирофшудаи байналмилалӣ оид ба истифодаи одилонаю оқилона ҷонибдор буда, пайваста ҳамчун ташаббускори пешниҳодҳо, тарафдори такмил додани низоми минтақавии марбут ба шабакаҳои идоракунии муштараки захираҳои об баромад мекунад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон 1 октябри соли 1999 дар Иҷлосияи 54-уми Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид зимни суханронии худ пешниҳод кард, ки соли 2003 - Соли оби тоза эълон гардад. Дар асоси ин ташаббус 20 сентябри соли 2000 дар Иҷлосияи 55-уми Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид соли 2003 ҳамчун Соли байналмилалии оби тоза эълон карда шуд.

# TAJIKISTAN'S INTERNATIONAL INITIATIVES

Having entered the international scene as an independent state, Republic of Tajikistan, while solving internal affairs and difficulties, consistently began to draw the attention of the international community to the issues that have a significant impact on the world's peace and stability, living environment, economic growth and other aspects of humanity's life.

Thereby, the initiatives of Tajikistan related to the effective water resources management for the benefit of the people and countries, with no harm for the nature and environment, have a great importance and have been supported by the international community. In finding solution to regional water issues, Tajikistan promotes internationally recognized principles and approaches of equitable and rational use of water resources. Being initiator of numerous proposals in this area, it calls for regional system on an integrated water resources management network.

On October 1, 1999, the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon in his address to the 54th Session of the UN General Assembly proposed to declare the year 2003 as the International Year of Fresh Water. Based on this initiative, on September 20, 2000, the year 2003 at the 55-th Session of the UN General Assembly was declared as the International Year of Fresh Water.

Within the framework of arrangements devoted to the International Year of Fresh Water International Forum on fresh water was held in Dushanbe on August 29 - September 1, 2003. The President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon proposed during this Forum to declare the years 2005-2015 as the International Decade for Action "Water for life". This initiative was highly supported by the participants of the Forum. On December 23, 2003, based on Dushanbe Declaration, the UN General Assembly adopted a respective Resolution and announced 2005-2015 as the International Decade for Action "Water for life".

On the basis of the mentioned Resolution, the Government of Tajikistan in cooperation with the UN institutions and other international organizations held International Conference on Regional Cooperation in Trans-boundary River Basins on May 30 – June 1, 2005. This Conference became a good linking device between two important events – the 3rd World Water Forum in 2003 in Kyoto and the 4th World Water Forum in 2006 in Mexico. Republic of Tajikistan, as a country that was an initiator of two significant Resolutions of the UN General Assembly declaring the International Year of Fresh Water and the International Decade for Action "Water for life" (2005-2015), has shown serious commitment to the successful implementation and promotion of objectives of the Decade.

Nowadays, the increase of water related natural disasters has become a serious challenge. In order to draw the attention of governments, international organizations and donors to this problem, the Government of Tajikistan held International Conference on Water Related Disasters Reduction within the framework of the Decade on 27-29 June, 2008. In the process of discussion and considerations which took place during the Conference, new suggestions and recommendations were made and enshrined in the final document – Dushanbe Declaration 2008.

Along with this, it should be mentioned that the initiative of the Republic of Tajikistan on devoting the second part of the International Decade for Action "Water for life" (2005-2015) to the increase of assistance to poor and developing countries was widely supported by the participants. Proposal on ensuring fresh drinking water supply to the countries of Central Asia through establishing International Consortium on utilization of waters of Sarez Lake met support as well.

In the 60th Session of the UN General Assembly it was proposed that the International Conference in Tajikistan, as in the country – initiator of the declaration of the International Decade for Action "Water for life" (2005-2015), the Conference should be held and used for assessment of the results of actions taken, review of the International Decade and dissemination of information about the achievements of the Decade for encouraging the international community.

Thereupon, on December 21, 2009 UN General Assembly adopted another Resolution on the necessity of conducting midterm review of the implementation of the International Decade for Action "Water for life"2005-2015.

This initiative of Tajikistan was supported and on 8-10 June, 2010 the High Level International Conference on midterm comprehensive review of the implementation of the International Decade

Дар чаҳорчӯби чорабиниҳои марбут ба Соли байналмилалии оби тоза рӯзҳои 29 август - 1 сентябри соли 2003 дар шаҳри Душанбе Форуми байналмилалӣ оид ба оби тоза баргузор гардид, ки дар он аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ғояи эълон кардани солҳои 2005-2015 ҳамчун Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои ҳаёт" пешниҳод гардид. Ин ташаббусро иштирокчиёни Форум дастгирӣ намуданд. 23 декабри соли 2003 Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид дар асоси Эъломияи Душанбе Қатъномаи дахлдорро қабул карда, солҳои 2005-2015-ро ҳамчун Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои ҳаёт" эълон кард.

Дар такя ба ин қатънома Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷоя бо ниҳодҳои СММ ва дигар созмонҳои байналмилалӣ 30 май - 1 июни соли 2005 дар шаҳри Душанбе Конфронси байналмилалӣ доир ба ҳамкории минтақавӣ дар ҳавзаи дарёҳои фаромарзиро баргузор кард. Чорабинии мазкур дар байни ду рӯйдоди бузург - Форуми 3-юми Ҷаҳонии Об дар соли 2003 дар ш. Киото ва Форуми 4-уми Ҷаҳонии Об дар соли 2006 дар ш. Мехико як риштаи васлкунандаи хубе гардид. Ҳамчун кишвари ташаббускори ду қатъномаи басо муҳими Маҷмаи Умумии СММ доир ба эълон намудани Соли оби тоза (2003) ва Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт» (2005-2015), Ҷумҳурии Тоҷикистон дар татбиқи бомуваффақият ва пешравиҳои ҳадафҳои ин Даҳсола ба таври ҷиддӣ алоқамандии худро нишон дод.

Ҳамчунин болоравии шумораи ҳодисаҳои офатҳои табиии марбут ба об имрӯз ба проблемаи ҷиддӣ мубаддал шудааст. Бо мақсади ҷалби таваҷҷӯҳи ҳукуматҳо, созмонҳои байналмилалӣ ва сарпарастҳо ба ин мушкилот Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чаҳорчӯби Даҳсолаи об рӯзҳои 27-29 июни соли 2008 дар шаҳри Душанбе Конфронси байналмилалӣ доир ба коҳиш додани офатҳои табиии марбут ба обро баргузор намуд. Дар рафти муҳокима ва музокираҳо дар ин Конфронс пешниҳодот ва тавсияҳои нав манзур гаштанд, ки ҳамаи онҳо дар ҳуҷҷати ниҳоӣ - Эъломияи Душанбе инъикоси худро ёфтанд.

Дар ин замина метавон зикр кард, ки ташаббусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба истифода намудани қисмати дуввуми Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт» барои зиёд кардани кумак ба кишварҳои қашшоқ ва рӯ ба тараққӣ дар ҳалли мушкилоташон аз ҷониби иштирокдорон дастгирӣ ёфт. Инчунин пешниҳод барои таъмини кишварҳои Осиёи Марказӣ бо оби тозаи нӯшокӣ тавассути таъсис додани Консортсиуми байналмилалӣ доир ба истифодаи оби кӯли Сарез низ ҷонибдорӣ пайдо кард.

Дар Иҷлосияи 60-уми Маҷмаи Умумии СММ пешниҳод гардид, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари ташаббускори Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт» - 2005-2015, Конфронси байналмилалие, ки баргузор мегардад, ба мақсади баҳогузории самаранокии амал, натиҷагирӣ аз Даҳсолаи байналмилалӣ ва барои паҳн намудани иттилоот оид ба комёбиҳо ҷиҳати ҷалби таваҷҷӯҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ бояд истифода карда шавад.

Дар робита ба ин 21 декабри соли 2009 аз ҷониби Маҷмаи Умумии СММ қатъномаи нав доир ба зарурати амалӣ кардани таҳлили миёнамӯҳлати гузаронидани Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт» - 2005-2015 қабул гардид.

Ҳамин тариқ ташаббуси Ҷумҳурии Тоҷикистон дастгирӣ ёфт ва 8-10 июни соли 2010 дар шаҳри Душанбе Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба таҳлили иҷрои миёнамӯҳлати амал «Об барои ҳаёт» баргузор гардид, ки мақсад аз он арзёбии пешравиҳо дар муддати тайшуда дар самти татбиқи ҳадафҳои Даҳсолаи байналмилалии об ва муайян намудани вазифаҳои актуалӣ дар давраи қисмати дуввуми Даҳсола буд.

Дар чаҳорчӯбаи омодагӣ ба Конфронси байналмилалӣ ва бахшида ба Даҳсолаи байналмилалӣ оид ба об 22 марти соли 2010 дар шаҳри Нью-Йорк таҳти сарпарастии СММ муколамаи интерактивии сатҳи баланд гузаронида шуд, ки дар он ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳбарии Сарвазири кишвар Оқил Оқилов ширкат варзид.

Бояд зикр намуд, ки Тоҷикистон ба ҳалли мушкилоти об назари фарогир дошт, ки дар форумҳои байналмилалӣ пайгирона пешниҳод мешуданд ва мақсад аз онҳо ҳарчи бештар коҳиш додани мушкилоти ҷойдошта буд. Масалан, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Форуми 5-уми Ҷаҳонии об, ки 20-22 марти соли 2009 дар Стамбули Туркия баргузор шуда буд, суханронӣ намуда, пешниҳод кард, ки санадҳои асосии ҳуқуқии байналмилалӣ дар соҳаи идоракунии захираҳои об бо назардошти талабот ва таҳдидҳои муосир мутобиқ карда шаванд.



Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва роҳбарони ҳайатҳои Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба баррасии фарогири миёнамуддати татбиқи Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт» 2005-2015 ҳангоми аксбардорӣ, Кохи Борбад, Душанбе, 8 июни соли 2010.

President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon and Heads of delegations of the High Level International Conference on the Midterm Comprehensive Review of the Implementation of the International Decade for Action «Water for Life» 2005-2015 pose at the photo session, Kokhi Borbad, Dushanbe, June 8, 2010.

for Action "Water for Life" 2005-2015 was held in Dushanbe. The main objective of this event was assessment of achievements of the first half of the Decade in the path of an implementation of goals for the Decade for Action and determination of further tasks and priorities to be implemented in the second half of the Decade.

In the course of preparations for this International Conference, High Level Interactive Dialogue was held in New York on 22 March, 2010, in which delegation of the Republic of Tajikistan headed by the Prime-Minister OqilOqilov took active part.

It should be mentioned that Tajikistan had a comprehensive approach to solution of water issues that has been continuously proposed in international Forums. The main goal of this approach was to reduce existing difficulties. For example, in the 5-th World Water Forum that took place in Istanbul, Turkey on March 20-22, 2009, the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon suggested to bring the main international acts regulating water resources management in compliance with the demands and challenges of our day.

Another initiative of the President of Tajikistan related to cooperation in water issues that was supported by the international community was declaration of the year 2013 as the Year of International Water Cooperation by the UN Resolution adopted on December 20, 2010. This initiative shall focus on strengthening cooperation and streamlining relationship and is far ahead than its usual obsolete, classic understandings. It stipulates dialogues based on existing experience to solve disputes or conflicts, including, water resources management in trans-boundary rivers. This initiative may lead to substantial and broad cooperation and drafting of enhanced agreements on basins of trans-boundary rivers in various regions of the world. The President of the Republic of Tajikistan underlined the utmost importance of this aspect not only in terms of achievements of objectives of the International Decade for Action "Water for Life" 2005-2015, but also as essential aspect of success in terms of implementation of the Millennium Development Goals (MDGs).




Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Форуми 3-юми Ҷаҳонӣ доир ба иқлим. Женева, 4 сентябри соли 2009.

The address of the President of the Republic of Tajikistan in the third World Forum on Climate Change. Geneva, September 4, 2009.

Ташаббуси дигари Президенти Тоҷикистон роҷеъ ба ҳамкорӣ дар соҳаи об низ аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ дастгирӣ ёфта, 20 декабри соли 2010 Созмони Милали Муттаҳид тибқи қатъномае, ки дар ин асос қабул кард, соли 2013-ро Соли байналмилалии ҳамкориҳо дар соҳаи об эълон намуд. Ин ташаббус ба таҳкими ҳамкориҳою танзими муносибатҳо нигаронида шуда, аз чаҳорчӯбаи фаҳмиши классикии ақибмондаи собиқи он раҳоӣ меёбад, раванди муколама дохил карда мешавад ва аз таҷрибаи пешрафта дар ҳалли масъалаҳои баҳсноку низоъангез, аз ҷумла, идоракунии захираҳои оби дарёҳои фаромарзӣ истифода карда мешавад. Ин иқдом метавонад ба ҳамкориҳои ҷиддии васеъ ва таҳия гардидани созишномаҳои одилона ва оқилона дар робита ба ҳавзаҳои дарёҳои фаромарзӣ дар минтақаҳои гуногуни дунё оварда расонад. Президенти Тоҷикистон бағоят муҳим будани ин масъаларо на танҳо ҷиҳати дастёбӣ ба ҳадафҳои Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт» 2005-2015 ҳамчун омили пешбаранда таъкид намуд, балки барои расидан ба Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола низ омили ҳалкунанда шуморид.

Албатта, бо чунин ташаббус баромад кардан заминаҳои худро дорад. Беш аз нисфи захираҳои оби равони ҳавзаи баҳри Арал дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуҷуд меоянд. Ҷумҳурӣ ҳамеша барои дар ҳолати қаноатбахш нигоҳ доштани иншоотҳои воқеъ дар соҳилҳои дарёҳои дохили марзи худ корҳои хизматрасонӣ ва техникӣ ба анҷом мерасонад ва бо ин роҳ кишварҳои поёнобро бо захираҳои оби зарурӣ таъмин менамояд. Вале ин гуна хизматрасониҳо ҷуброн намешаванд ва ҳаққи Тоҷикистон аз ҷониби кишварҳои поёноб риоя

Certainly, carrying this kind of initiatives has its own reasons. More than half of the water resources of Aral Sea are generated in the territory of Tajikistan. Hence, it ensures maintenance of constructions that are situated on the Tajikistan's shores of Aral Lake by providing technical assistance and services and in this way secures necessary water supply to downstream countries of the region. Yet, these services are not financially covered and supported by downstream countries that also use the Lake's water. Meanwhile, as one of the founders and active members of the International Fund for Saving Aral Sea, Tajikistan continuously promotes the policy of cooperation with the countries in the region of Amu and Sir rivers.

Moreover, the President of Tajikistan Emomali Rahmon in his address to Majlisi Oli (Parliament) in 2011 has once again stressed the significance of cooperation in this area.

Another line of Tajikistan's positioning at the international arena is on climate change and melting of glaciers. The President of Tajikistan, defining the problem of climate change as the main threat to water resources, proposed to establish an International Fund for Saving Glaciers at the 3rd World Forum on Environmental Issues (August 31 - September 4, 2009) in Geneva, and later at the 15th Conference of the member-states of the UNFCC (7-18 December 2009) in Copenhagen, Denmark.

At the very moment, besides the Aral Sea's tragedy, there is another crucial threat brewing in Central Asia - catastrophic situation of the Sarez Lake. The World Bank and United Nations Development Program have done a research and proposed a report with recommendations on how to reduce the threat of Sarez Lake. Taking into account these difficulties, Tajikistan, while participating at the International Conference on Water related Disaster Reduction (Dushanbe, 2008) and International Conference on the issue of Sarez Lake (Norak, 02.04.2009), proposed to establish International Consortium on utilization of water of Sarez Lake and providing the population of countries of the region with safe drinking water.

In the light of water resources shortage, the above mentioned Consortium may not only ensure clean drinking water supply to the population of countries of the region, but can also exclude the




Дар қароргоҳи СММ таҳти раисии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Финляндия Таря Халонен Чорабинии сатҳи олӣ бахшида ба Ҳадафҳо дар бахши рушди Эъломияи Ҳазорсола доир гардид. Ню - Йорк, 25 сентябри соли 2008.

High level event devoted to the Millenium Development Goals took place by the joint chairmanship of the President of the Republic of Tajikistan of E. Rahmon and the President of Finland T. Halonen in the UN head-quarters. New York, September 25, 2008.

намегардад. Дар ҳоле, ки Тоҷикистон ҳамчун яке аз бунёдгузорон ва аъзои фаъоли Бунёди Байналмилалии Наҷоти Арал пайваста сиёсати ҳамкорӣ ва ҳамгироиро дар байни кишварҳои ҳавзаи дарёҳои Ому ва Сир пеш мебарад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии ҷумҳурӣ дар соли 2011 зарурати ҳамкориро бори дигар таъкид намуд.

Самти дигари мавзеъгириҳои Тоҷикистон ба масъалаи тағйирёбии иқлим ва коҳишёбии пиряххо вобастагӣ дорад. Президенти Тоҷикистон масъалаи тағйирёбии иқлимро ҳамчун таҳдиди асосӣ ба захираҳои об арзёбӣ намуда, дар Форуми 3-юми Ҷаҳонӣ доир ба иқлим 31 август -4 сентябри соли 2009 дар Женева, сипас дар Конфронси 15-уми ҷонибҳои Конвенсияи СММ оид ба тағйироти иқлим дар Копенгаген, Дания (7-18 декабри соли 2009) пешниҳод намуд, ки Бунёди байналмилалии ҳифзи пиряххо таъсис дода шавад.

Айни замон барои минтақаи Осиёи Марказӣ дар баробари фоҷиаи баҳри Арал таҳдиди дигар - хатари марбут ба кӯли Сарез вуҷуд дорад. Бонки Ҷаҳонӣ ва Барномаи рушди СММ тадқиқоти махсусеро гузаронида, ҳисоботи ҳандасӣ ва тарҳи байналмилалиро доир ба паст кардани хатарҳои кӯли Сарез пешниҳод намуданд. Ин мушкилиро ба ҳисоб гирифта, Тоҷикистон дар Конфронси байналмилалӣ нисбати коҳиш додани офатҳои табиии марбут ба об (Душанбе, 2008) ва Конфронси байналмилалӣ оид ба проблемаи кӯли Сарез (Норак, 02-04.2009) дар бораи таъсис додани Консортсиуми байналмилалӣ доир ба истифодаи оби кӯли Сарез ва таъмини аҳолии кишварҳои минтақа бо оби тозаи нӯшокӣ пешниҳод манзур намуд.

Консортсиуми мазкур дар шароити камбуди рӯзафзуни об на танҳо аҳолии кишварҳои минтақаро бо оби тозаи нӯшокӣ таъмин карда метавонад, балки эҳтимоли хатари рахнаёбии сарбанди Усой ва таҳдиди онро ба 5,5-6 млн. нафар аҳолии Тоҷикистон, Афғонистон, Ӯзбекистон ва Туркманистон, ки шумораи умумиаш қариб 60 миллион нафар мебошад, аз байн бардорад.

Лозим ба ёдоварист, ки чун идомаи ин ташаббус дар соли 2011 таҳти сарпарастии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кӯмаки молии баъзе созмонҳои байналмилалӣ дар ш. Душанбе бахшида ба 100-солагии пайдоиши кӯли Сарез баргузории Конфронси байналмилалӣ дар назар аст.

Доираи дигари ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон ҳалли масъалаҳои амниятӣ, мубориза бо таҳдиду чолишҳои замони муосир, аз ҷумла терроризм, тундгароӣ ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддирро дар бар мегирад. Дар ин самт яке аз масъалаҳои муҳимтарин таъмини амният ва сулҳу субот дар кишвари ҳамсоя – Ҷумҳурии Исломии Афғонистон аст.

Дар робита ба пешниҳодоту ташаббусҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини амну субот дар Афғонистон бояд зикр кард, ки сарҳади он бо Тоҷикистон қариб 1400 км дарозӣ дорад. Аз ин лиҳоз таъмини сулҳу субот дар ин давлати ҳамсоя яке аз омилҳои хеле муҳими амнияти кишварҳои ҳамсоя, аз ҷумла Тоҷикистон мебошад. Бо дарназардошти он, ки чандин сол инҷониб дар Афғонистон ноороми ва муқовимати яроқнок ҳукмфармост ва танҳо бо роҳҳои низомӣ ҳал намудани мушкилоти ин кишвар ғайриимкон аст, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон таваҷҷӯҳи ҷомеаи ҷаҳониро ба таҷдиди иқтисодӣ-иҷтимоии кишвари ҳамсоя ҷалб намуд. Дар ин ҷода қабл аз ҳама Тоҷикистон бо кори амалӣ натиҷаи чунин ташаббусҳоро нишон доданӣ шуд. Дар дарёи сарҳадии Панҷ бо маблағгузории Созмони Оғохон ва Ҳукумати ШМА пайи ҳам панҷ пули хурду бузург сохта шуд, ки дар ҳаллу фасли мушкилоти аҳолии ноҳияҳои наздисарҳадии Афғонистон, аз ҷумла, дарёфти ҷои кор, хариди маводи ғизоӣ ва рӯзгор, доруворӣ, гирифтани муолиҷа дар шифохонаҳои ноҳияҳои сарҳадии ҷониби Тоҷикистон ва ғайра нақши муҳим мебозанд. Бо сохта шудани ин пулҳо дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ҳамчунин бозорҳои наздисарҳадӣ ташкил ёфтанд, табодули мол бамаротиб афзуд. Хусусан баъд аз мавриди истифода қарор гирифтани пули бузурги мошингузари Панҷи Поён – Бандари Шерхон (соли 2007) табодули мол миёни Тоҷикистону Афғонистон чанд маротиба афзоиш ёфт.




Вохӯрии Президентҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, Ҷумҳурии Исломии Афғонистон Ҳамид Карзай ва Ҷумҳурии Исломии Эрон Маҳмуд Аҳмадинажод. Теҳрон, 5 августи соли 2010.
The meeting of the Presidents of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon, the Islamic Republic of Afghanistan Hamid Karzay and the Islamic Republic of Iran Mahmud Ahmadinejad.
Tehran, August 5, 2010.

probability of bursting of Usoy dam and its threat to about 5,5 – 6 mln population of Tajikistan, people of Afghanistan, Uzbekistan and Turkmenistan, that compose in total 60 mln.

It is worth mentioning that International Conference dedicated to 100 anniversary of Sarez Lake, initiated under the auspices of the Government of the Republic of Tajikistan and financial support of a number of international organizations is foreseen for 2011 in Dushanbe.

Another scope of international initiatives by Tajikistan is a solution for security issues, fight against modern threats and challenges as terrorism, extremism and drug trafficking. Maintaining peace and security in a neighboring country – Islamic Republic of Afghanistan – is one of the most important matters in this scope.

In the framework of proposals and initiatives of the President of the Republic of Tajikistan on restoring  peace and security in Afghanistan, it has to be noted that border between Tajikistan and Afghanistan compose almost 1400 km of length. Hence, establishing peace and stability in this neighboring country is one of the main factors of maintaining security in countries of the region, such as Tajikistan. Taking into account the fact, that Afghanistan has been long prevailed by conflict and clashes between belligerent parties and solution of the problem of this country by military means is not possible, the President of the Republic of Tajikistan has drawn the attention of the international community to economic and social reconstruction of the neighboring country. Tajikistan aimed at illustrating achievements in this direction by practical results. Five small and large bridges have been constructed with the support of Agha-Khan Foundation and the Government of the USA on Pjanj river that play significant role in finding solution to difficulties of Afghan population residing in border

Дар тақвияти чунин нақшаҳо Тоҷикистон чанд лоиҳаи минтақавии коммуникатсионӣ пешниҳод кардааст, ки онҳо дар ҳолати амалӣ шуданашон Афғонистонро тавассути роҳҳои мошингарду оҳан бо кишварҳои ҳамсоя мепайванданд ва озодона ба ҷанубу шимол, хусусан ба бандарҳои баҳрӣ роҳ мекушоянд.

Дар баробари ин иқдомҳо соли 2010 ҷониби Тоҷикистон бо маблағгузории Бонки рушди Осиё сохтмони хати баландшиддати интиқоли баркро (220 кВт) аз Тоҷикистон то сарҳади Афғонистон ба анҷом расонид ва ҳоло идомаи сохтмон дар дохили марзи Афғонистон то Пули Хумрӣ ҷараён дорад ва соли 2011 ба анҷом мерасад. Дар натиҷа як қисми самти шимоли кишвари ҳамсоя бо барқ таъмин мегардад.

Пешниҳоди дигари Президенти Тоҷикистон вобаста ба Лоиҳаи энергетикии минтақавии CASA-1000 (CASAREM) мебошад, ки он соли 2007 дар Исломобод байни 4 давлати Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ - Қирғизистон, Тоҷикистон, Афғонистон ва Покистон ба имзо расид ва сохтмони он дар наздиктарин мӯҳлатҳо, қабл аз фарорасии соли 2014 бояд шурӯъ шавад. Ба ин лоиҳа Россия низ барои шомил гардидан омодагӣ изҳор намудааст. Тибқи ин лоиҳа барқ ба Афғонистон ва Покистон содир карда мешавад, ки он хусусан барои таъмини сулҳу субот ва эҳёи ҳаёти осоишта ва иқтисоди кишвари ҳамсоя хизмат хоҳад кард.

Қобили зикр аст, ки Тоҷикистон ташаббусҳои кишварҳои дигарро низ дар бобати дастгирии Афғонистон мепазирад ва аз онҳо пуштибонӣ мекунад. Ин аст, ки бо пешниҳоди Тоҷикистон ҷаласаи панҷуми Конфронси байналмилалӣ барои ҳамкории минтақавии иқтисодӣ бо Афғонистон соли 2011 дар Душанбе баргузор ҳоҳад шуд.

Як нуктаи хеле муҳимро низ бояд ёдрас шуд, ки ҳанӯз моҳи июни соли 1998 дар Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҷомеаи ҷаҳонро даъват намуда буд, то барои гирифтани пеши роҳи интиқоли маводи мухаддир ва паҳн шудани он берун аз дохили марзи Афғонистон дар атрофи ин кишвар садди шикастнопазире бо номи “минтақаи амният” ё “тасмаи амниятӣ” бунёд карда шавад.

Бояд зикр кард, ки дар чаҳорчӯби Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА) низ Тоҷикистон нисбати дастгирии Афғонистон, ки бо кишварҳои ҷанубии иштирокчии ин со-

Расми пули «Дӯсти» дар болои дарёи Панҷ дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон.
The photo of bridge «Dusti» on the Panj River in the border of Tajikistan and Afghanistan.



areas, including finding jobs, having better access to food products, medicine, and getting treatment in hospitals and clinics of border territory in Tajikistan. After construction of these bridges, markets in border areas of Badakhshan Autonomois region of Tajikistan have been opened and increased considerably exchange of goods.Particularly after launching a large motor bridge "Panji Poyon – Bandari Sherkhon" (2007) commodity turnover between Tajikistan and Afghanistan increased in several times.

For an implementation of such visions, Tajikistan has proposed a number of regional communication projects that their realization shall link Afghanistan with neighboring countries through motor and railways, and will easily open ways to south and north, particularly to the gulfs.

Along these initiatives, in 2010 Tajikistan accomplished the construction of high-voltage power transmission line (220 kilowatt) from Tajikistan to the border of Afghanistan with the financial support of Asian Development Bank. Today further construction of this electricity line through the territory of Afghanistan to "Puli Khumri" is continuing and has to be finished in 2011. In the result, part of northern area of neighboring country has been provided by electricity.

Another proposal of the President of Tajikistan is related to regional energy project CASA-1000 (CASAREM) that was signed by four Central and South Asian countries - Kyrgyzstan, Tajikistan, Afghanistan and Pakistan in 2007. Its construction has to be started prior to 2014. Russia has also expressed a willingness to join this project. In the scope of this project electricity shall be exported to Afghanistan and Pakistan that serves, first of all, the aim of establishing peace, stability, wellbeing and economic restoration in neighboring country.

It is worth noting, that Tajikistan also welcomes the initiatives of other countries in supporting Afghanistan and backs them. This is why, the proposal of Tajikistan on conducting the Fifth Session of the Internaitonal Conference on regional economic cooperation on Afghanistan was supported and shall take place in Dushanbe in 2011.

It should be recalled, that back in 1998 the President of Tajikistan Emomali Rahmon, delivering a speech at the UN General Assembly session, encouraged the world community to build unbreakable obstruction titled "security area" or "security belt" around Afghanistan to prevent illicit drug trafficking and its distribution beyond the border of this country.

It has to be underlined, that Tajikistan makes also suggestions on supporting Afghanistan in the framework of the Organization for Security and Cooperation in Europe (OSCE), southern participating-states of which share border with Afghanistan. Tajik President has repeatedly emphasized that encouraging Afghanistan in the OSCE activities is essential for providing more assistance in restoring peace and stability in this country. In the result of efforts taken by the leadership of the country, today Afghanistan takes part in the OSCE activities as a partner state.

In order to improve the situation in Afghanistan it was suggested that OSCE participating-states take active part in securing the border between Afghanistan and Tajikistan. As an outcome, OSCE Border Management Staff College was established in Dushanbe. Law Enforcement Officers of Afghanistan take part in the training programs of this college. In the scope of these training programs practical exercises are also conducted in the area of "Panji Poyon" bridge with participation of relevant bodies of Afghanistan.

Moreover, Republic of Tajikistan, as a member-state of the Shanghai Cooperation Organization, pays particular attention to participation of Afghanistan as an invited country in SCO sessions at the level of experts, foreign ministers, prime-ministers and presidents.

On the initiative of the President of the Republic of Tajikistan new format of cooperation between Tajikistan, Afghanistan and Iran was formed and summits of this "trio" consider the difficulty of Afghanistan as highest priority.

In order to enhance efforts on restoration of lasting peace and overall stability in Afghanistan and cooperation with this country, the first meeting of heads of states of Tajikistan, Russia, Afghanistan and Pakistan ("Dushanbe Quadrilateral Summit") was held in Dushanbe in 2009. Prior to this, a joint meeting of leaders of Tajikistan, Afghanistan and Pakistan, first of all, aimed at seeking additional ways to influence finding solution to the issue of Afghanistan, took place.

змон ҳамсарҳад аст, таклифҳо манзур карда буд. Аз ҷониби Президенти Тоҷикистон пайваста таъкид карда мешуд, ки бо мақсади расонидани кӯмаки бештар ба раванди истиқрори амну субот дар Афғонистон, ҷалби ин кишвар дар фаъолияти САҲА зарур аст. Дар натиҷаи ҷидду ҷаҳди роҳбарияти кишвар, Афғонистон ба ҳайси кишвари шарик дар фаъолияти САҲА иштирок менамояд.

Бо мақсади ба эътидол овардани вазъи Афғонистон пешниҳод гардида буд, ки кишварҳои иштирокчии САҲА барои таҳкими сарҳади Афғонистону Тоҷикистон саҳм гиранд. Дар натиҷа, дар шаҳри Душанбе Коллеҷи олии идораи сарҳад таъсис дода шуд. Дар барномаҳои таълимии он коллеҷ кормандони ниҳодҳои қудратии Афғонистон ширкат меварзанд. Дар доираи барномаҳои таълимӣ машғулиятҳои амалӣ бо иштироки сохторҳои марбутаи Афғонистон дар пули “Панҷи Поён” низ баргузор мегарданд.

Мисли ҳамин Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси узви Созмони ҳамкории Шанхай аз вақти таъсисёбии он ҳамеша барои иштироки Афғонистон ба ҳайси кишвари даъватшаванда дар ҷаласаҳои Созмони ҳамкории Шанхай дар сатҳи коршиносон, вазирони корҳои хориҷӣ, сарвазирон ва президентҳо эътибори махсус медиҳад.

Бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон формати нави ҳамкории Тоҷикистон, Афғонистон ва Эрон ташаккул ёфт ва дар саммитҳои ин “сегона” баррасии мушкилоти Афғонистон моҳияти аввалиндараҷа дорад.

Ба мақсади муассиртар сохтани тадбирҳо барои таъмини сулҳу субот дар Афғонистон ва ҳамкориҳо бо он бо ташаббуси Тоҷикистон соли 2009 дар шаҳри Душанбе мулоқоти нахустини сарони давлатҳои Тоҷикистон, Россия, Афғонистон ва Покистон (“Чоргонаи Душанбе”) баргузор гардид. Гузашта аз ин бо ташаббуси Тоҷикистон мулоқотҳои якҷояи роҳбарони Тоҷикистон, Афғонистон ва Покистон баргузор шуда буданд, ки ҳадаф аз онҳо қабл аз ҳама ҷустуҷӯи роҳҳои иловагии таъсиррасонӣ ба ҳалли мушкилоти Афғонистон буд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон чун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ нисбати равандҳое, ки боиси нигаронии аҳли башарият мегарданд, хусусан хатару таҳдидҳои нав, фалокатҳои экологӣ ва зуҳуроти манфии вобаста ба ҷараёни ҷаҳонишавӣ бетараф буда наметавонад. Аз ин хотир, пешниҳоду ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон аксаран дар ду самт сурат мегирифтанд. Ҷалб намудани таваҷҷӯҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба мушкилоти ҷаҳонӣ ва минтақавӣ, ҷустуҷӯи роҳҳои коҳиш додан ё бартараф намудани онҳо тавассути ҳамдастӣ ва ҳамкорӣ самти асосии чунин мавзеъгириҳост. Ҳамчунин, аз дигар тараф Тоҷикистон борҳо пофишорӣ намудааст, ки механизмҳои ҷаҳонӣ ва минтақавии ҳалли масъалаҳои фарогир, шурӯъ аз Созмони Милали Муттаҳид, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо бояд ба талаботи замон мувофиқ гардонида шаванд. Ба ин хотир, Роҳбари Тоҷикистон роҷеъ ба ислоҳоти сохторӣ ва фаъолияти СММ, бахусус Шӯрои Амнияти он, САҲА ва дигар созмонҳои байналмилалию минтақавӣ мавқеи кишвари худро манзур карда буд.

Мақсад аз чунин ташаббусҳо пеш аз ҳама ба вуҷуд овардани шароити хуби зист барои башарият, таъмини сулҳу субот ва амният дар кишварҳо, ривоҷ додани ҳамкориҳо ва муносибатҳои самарабахш, саривақт ҷилавгирӣ намудан аз зуҳуроти манфии раванҳои иҷтимоӣ ва табиӣ ва ғайра мебошад. Шоёни зикр аст, ки аксари кулли ташаббусҳои Тоҷикистон аз ҷониби кишварҳои дигар дастгирӣ ёфтаанд ва амалӣ мешаванд. Беҳуда нест, ки 20 сентябри соли 2010 дар Ню-Йорк дар Маҷлиси умумии  сатҳи олии Маҷмаи Кулли Созмони Милали Муттаҳид бахшида ба масъалаҳои Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола пас аз суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон Муовини Дабири Кулли СММ Ша Тсу Кан бо назардошти дастовардҳои намоёни Тоҷикистон ва ташаббусҳои ҷаҳонии роҳбари он оид ба масоили об изҳор дошт: «Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон – чемпиони ҷаҳон дар ҳалли масоили глобалии вобаста ба об аст».

Тоҷикистон бо истифода аз мақому манзалати худ, ки дар сиёсати ҷаҳонӣ сол то сол мустаҳкам мешавад, минбаъд низ дар ин самт корро фаъолтару васеътар пеш хоҳад бурд.



Вохӯрии чорганаи сарони давлатҳои Ҷумҳурии Исломии Афғонистон Ҳомид Карзай, Ҷумҳурии Исломии Покистон Асиф Алӣ Зардорӣ, Федератсия Россия Дмитрий Медведев ва Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон. Сочи, 18 августи соли 2010.

Quadrilateral meeting of the presidents of the Islamic Republic of Afghanistan Hamid Karzai, Islamic Republic of Pakistan Asif Ali Zardari, Russian Federation Dmitry Medvedev and Republic of Tajikistan Emomali Rahmon. Sochi, August 18, 2010.

Republic of Tajikistan, as a full-fledged member of the international community, can not stand aside from concerns of humanity, particularly new threats and challenges, ecological disasters and negative consequences of globalization. Due to this, proposals and international initiatives of Tajikistan are mostly lead into two directions. Drawing attention of the international community to global and regional issues, seeking the ways of their minimization or elimination through joint efforts and cooperation are main directions of Tajikistan's positioning. On the other hand, Tajikistan has repeatedly insisted that existing global and regional mechanisms for solution of large-scale issues, starting from the UN and OSCE have to correspond modern realities. Due to this, leader of Tajikistan stated position of his country on the UN structural and functional reform, particularly UN Security Council, reform of the OSCE and other international and regional organizations.

The purpose of such initiatives is, first of all, ensuring good living conditions for humanity, establishing peace, stability and security in countries, enhancing cooperation and beneficial relations, timely preventing negative consequences of social and natural processes. It is worth mentioning, that the majority of Tajikistan's initiatives have been supported by other states and are being implemented. Furthermore, 20 September 2010 following the speech of the President of the Republic of Tajikistan at High Level Meeting of the UN General Assembly dedicated to MDGs, the UN Under-Secretary General Sha Zukang, noting outstanding achievements of Tajikistan and global initiatives of its leader on the issues of water, underlined that "the President of Tajikistan Emomali Rahmon is a world champion in solving global water issues."

Exploiting its place and role that is strengthening in world politics year by year, Tajikistan shall further enhance its activities in this direction.

# ҲАМКОРИИ ИҚТИСОДИИ ТОҶИКИСТОН БО КИШВАРҲОИ ҶАҲОН ВА СОЗМОНҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Тоҷикистон ҳамчун узви фаъоли эътирофшуда ва соҳибэҳтироми ҷомеаи ҷаҳонӣ мақоми шоистаи худро дар олами зудтағйирёбандаи муосир таҳким бахшида, ҳама гуна ҳамкориҳои судмандро бо кишварҳои минтақа ва ҷаҳон ҷонибдорӣ менамояд.

Дар тули 20 соли соҳибистиқлолӣ яке аз дастовардҳои муҳим дар ҷодаи сиёсати иқтисодии хориҷии кишвар ин эътироф шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлолу демократӣ дар арсаи байналмилалӣ, барқарор намудани муносибатҳои дипломативу тиҷоратӣ бо мамлакатҳои ҷаҳон, узвият дар созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ва минтақавӣ маҳсуб меёбад. Имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда бо 100 кишвари дунё робитаҳои тиҷоратию иқтисодиро барқарор намудааст.

Тайи 20 соли соҳибистиқлолӣ сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ ба бунёди муҳити созгор ва ҷолиби сармоягузорӣ, зина ба зина идома додани раванди озодкунии савдо, кам кардани монеаҳои тарифӣ ва аз байн бурдани монеаҳои ғайритарифӣ дар савдои хориҷӣ, мусоидат ба рушди тиҷорат, ҳаллу фасли мушкилоти ҳамлу нақл ва интиқоли транзитии молҳо ҷиҳати мусоидат намудан ба рушди бемайлони тиҷорат равона гардидааст.

Дар шароити ҷаҳонишавии бозорҳо ва пайваста таҳким ёфтани ҳамгироии иқтисодиёти кишварҳои олам дар доираи созмону ташкилотҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ ҳеҷ як давлати дунё наметавонад аз ин равандҳо дар канор монад. Дар ин замина корҳои зиёд барои ҳамгироии кишварамон дар доираи созмонҳои минтақавӣ ва махсусан бо Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё (ЕврАзЭС), Созмони Ҳамкории Шанхай (СҲШ) ва Созмони ҳамкории иқтисодӣ (СҲИ) ба анҷом расонида шуданд.

Самти муҳимтарин ва авлавиятноки сиёсати байниминтақавии мо густариш ва рушди минбаъдаи робитаҳои мутақобилан судманд бо кишварҳои аъзои Созмони Ҳамкории Шанхай (СҲШ) мебошад.

Тоҷикистон ҳамкории худро ҳам дар чаҳорчӯбаи ин сохтор ва ҳам мустақиман бо ҳар як кишвари узви он рушду нумӯъ мебахшад ва ҷонибдори таҳкими ин робитаҳо мебошад.

Бахусус сатҳ ва мӯҳтавои робитаҳои Тоҷикистон бо ҳамсояи бузурги худ - Ҷумҳурии Халқии Хитой боло рафт ва дар самти муҳимтарин лоиҳаҳои ҳамкории барои Тоҷикистон муфиду пурсамар ғанӣ гашт.

Бо имзои Аҳдномаи ҳусни ҳамҷаворӣ, дӯстӣ ва ҳамкории миёни ду кишвар ҳангоми нахустин сафари давлатии Президенти Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Халқии Хитой марҳалаи сифатан нави равобит ва шарикии минтақавӣ оғоз гардид.

Тӯли солҳои сипаришуда ба Тоҷикистон муяссар гардид, ки механизми самараноки ҳамкориҳои иқтисодиро дар чаҳорчӯбаи ин созмон ташаккул дода, самтҳои афзалиятноки ҳамкориҳои мутақобиларо муайян намояд. Аз ҷумлаи муҳимтарин дастовардҳо дар доираи СҲШ ин қабули Барномаи ҳамкориҳои бисёрҷонибаи тиҷоратию иқтисодии давлатҳои аъзои СҲШ мебошад. Айни ҳол, дар доираи фаъолияти СҲШ масоили муҳими иқтисодию иҷтимоӣ, аз қабили муҳокима ва интихоби лоиҳаҳои инвеститсионӣ дар соҳаҳои энергетика, нақлиёт, коммуникатсия ва технологияҳои иттилоотӣ, фаъолияти Шӯрои корӣ ва Иттиҳодияи байнибонкии СҲШ, вазъи корҳо вобаста ба таъсиси Фонди рушди СҲШ қарор доранд.

Бояд қайд намуд, ки баргузории Саммити навбатии сарони кишварҳои аъзои Созмони Ҳамкории Шанхай дар шаҳри Душанбе ва натиҷаҳои он ҷиҳати густариши ҳамкориҳои ҳаматарафа дар чаҳорчӯбаи ин созмон мусоидат хоҳад намуд.

Дар рафти Шӯрои Сарони Ҳукуматҳои (сарвазирони) давлатҳои аъзои СҲШ, ки 25 ноябри соли 2010 дар шаҳри Душанбе баргузор гардид масъалаҳои ҳамкориҳои бисёрҷониба дар доираи СҲШ дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла, бартараф намудани оқибатҳои бӯҳрони молия-

# TAJIKISTAN'S ECONOMIC COOPERATION WITH THE COUNTRIES OF THE WORLD AND INTERNATIONAL ORGANIZATIONS

Tajikistan being an active recognized and respected member of the world community continually strengthens its worthy place in a rapidly changing world and it supports beneficial cooperation with countries of the region and the world.

As in terms of foreign economic activity, Tajikistan's recognition as an independent and democratic state and establishing diplomatic and trade relations with the countries of the world as well as membership within the influential institutions is among key achievements made by Tajikistan over the past 20 years. Today, Tajikistan enjoys trade and economic relations with more than 100 countries from all-over the world. Over the past period, the governmental policy in Tajikistan has been mainly aimed at providing favorable investment climate, further simplifying trade conditions, decreasing tariff barriers and removing on-tariff barriers in foreign trade, promoting trade, managing with communication challenges and transit of cargoes as well as continually contributing to trade at large.

Given the globalization process and enhancing economic integration among countries that is ensured within international and regional organizations and institutions there is no state that could stand apart aside the trend.

In this regard, significant measures have been taken to promote Tajikistan's engagement in regional organizations, namely, the EurAsEC, the SCO and ECO.

Development and further enhancement of mutually beneficial cooperation between Tajikistan and the SCO member-states is among key and priority directions of our interregional policy.

Tajikistan promotes its relations both within the aforesaid organization and directly with its member-states as well, and it stands for further strengthening these relations.

In this regard, special emphasize should be made of the level and content of relations between the Republic of Tajikistan and the People's Republic of China that is our great neighbor as we could succeed having key joint economic projects that are of mutual benefit.

The Agreement on Good-Neighborliness, Friendship and Cooperation between the two countries signed during the first state visit by the President Emomali Rahmon paid to the People's Republic of China has launched a qualitatively new stage in regional partnership.

Over the period, Tajikistan succeeded to work out efficient beneficial economic cooperation mechanisms within the organization as well as to identify priority mutually beneficial cooperation areas. Multilateral Trade and Economic Cooperation Program adopted by the SCO member-states is a critical progress made within the organization. Thus, the organization is now focused on selection of investment projects that are expected to be implemented in energy, transport, communications, information technologies as well as the work conducted by the Working Council, the SCO Inter-Bank Union and preliminary works on establishing the SCO Development Fund.

It should be said that the founding of the Regular Summit of the heads of SCO member-states in Dushanbe and the results of it became a significant factor for development thorough cooperation within the scope of this organization.

During the Council of the heads of goverments of SCO member-states, which was held on November 25th, 2010 in Dushanbe, the problems of versatile cooperation within the SCO in various fields, including the prevention of the aftereffects of world depression, improvement of transport and communication infrastructure, rational use of water resources, the development of frontier trade were examined.

For the purpose of the implementation of major projects which are of profitable regional significance, the Government of the People's Republic of China presented the assignment of lax credits for the SCO member-states, including Tajikistan.

вии ҷаҳонӣ, такмили инфрасохтори нақлиётӣ ва коммуникатсионӣ, истифодаи самараноки захираҳои обӣ,ривоҷи савдои наздисарҳадӣ баррасӣ ва муҳокима гардиданд.

Бо мақсади амалигардонии лоиҳаҳои афзалиятнок, ки моҳияти судманди минтақавӣ доранд, Ҳукумати Ҷумҳурии Халқии Хитой ҷудо намудани қарзи имтиёзнокро барои давлатҳои аъзо аз ҷумла барои Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод кард.

Ин пешниҳодро тарафҳо ҷонибдорӣ намуда, лоиҳаҳои худро барои баррасӣ намудан ба ҷониби Хитой ироа намуданд.

Самти дигар ва авлавиятноки сиёсати байниминтақавии Тоҷикистон густариш ва рушди робитаҳои мутақобилан судманд бо кишварҳои аъзои Созмони ҳамкории иқтисодӣ (СҲИ) мебошад. Минтақаи Созмони ҳамкории иқтисодӣ яке аз минтақаҳои бузурги иқтисодии дунё ба ҳисоб меравад, ки дар маркази Осиёву Аврупо ҷойгир шудааст. Дар ин минтақа яке аз тамаддунҳои қадими ҷаҳон арзи вуҷуд дорад.

Қобили таъкид аст, ки сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Исломии Эрон ва иштироки пурмаҳсули ӯ дар саммити 11-уми Созмони ҳамкории иқтисодӣ, ки моҳи марти соли 2009 дар шаҳри Теҳрон баргузор гардид, инчунин дар саммити 12-ум дар Ҷумҳурии Туркия, ки моҳи декабри соли 2010 баргузор гардид, дар таърихи муносибатҳои рушдёбандаи Тоҷикистон бо давлатҳои минтақа марҳилаи сифатан навро ибтидо гузоштанд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши ин саммитҳоро дар таҳкими мавқеи Созмони ҳамкории иқтисодии минтақавӣ, хусусан дар замони бӯҳрони ҷаҳонии молиявию иқтисодӣ муҳим арзёбӣ карда, пешниҳод намуд, ки ислоҳоти куллии СҲИ на аз соли 2015, балки аз ҳозир оғоз карда шавад.

Тоҷикистон ҳамчун кишваре, ки ба бандарҳои баҳрӣ роҳи баромад надорад, сиёсатеро пайгирона мавриди татбиқ қарор додааст, ки ба таъмини равандҳои ҳамгироӣ, озодии тиҷорати хориҷӣ ва рушди ҳамкориҳои мутақобилан судманд бо кишварҳои минтақаи Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ нигаронида шудааст.

Вазифаҳои асосӣ дар самти рушди робитаҳои иқтисодии хориҷӣ, истифодаи самараноки воситаҳои тиҷорати байналмилалӣ ва таҳкими нерӯи транзитии кишвар мебошанд, ки бо мақсади таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ амалӣ карда мешаванд. Барои ба ин ҳадафҳо расидан дар марҳилаи хеле кӯтоҳ корҳои зиёд ба анҷом расонида шуданд.

Ҳоло кишварҳои аъзои Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ шарикони муҳимтарини тиҷоратии Тоҷикистон мебошанд ва саҳми онҳо зиёда аз 35-40 фисади ҳаҷми умумии муомилоти тиҷорати хориҷиро ташкил медиҳад.

Чи тавре, ки дар Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2015 омадааст, яке аз қисматҳои муҳимтарини ҳамкории минтақавӣ ҳамгироӣ бо иқтисоди ҷаҳонӣ ва рушди тиҷорати байналмилалӣ мебошад.

Тибқи барномаи зикршуда пешбинӣ гардидааст, ки содда гардонидани расмиёти тиҷоратӣ аз тариқи кам кардани монеаҳои техникӣ, ҳамоҳангсозии равандҳои маъмурии гумрукӣ ва барасмиятдарории гумрукии молҳо, рушди инфраструктураи бозаргонӣ ба василаи бунёди шоҳроҳҳои минтақавии нақлиётӣ, густариши тиҷорати транзитӣ ва такмили низоми тиҷорати наздисарҳадӣ, таъмини шаффофият ва мувофиқати расмиёт ва стандартҳои тиҷоратӣ таъмин карда мешавад.

Яке аз роҳҳои қобили қабули расидан ба ин ҳадафҳо, ташкил кардани минтақаҳои озоди иқтисодӣ мебошад, ки омили муҳимтарини рушд эътироф гардидаанд. Ҳоло дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ду минтақаи озоди иқтисодӣ таъсис дода шуд ва дар робита ба эҷоди ду минтақаи дигар заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ фароҳам оварда мешаванд. Бояд зикр кард, ки ҳамаи ин минтақаҳо дар назди марзҳои мо бо кишварҳои аъзои Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ қарор доранд. Аксари кишварҳои аъзои Созмон дар ин самт дорои таҷрибаи кофӣ мебошанд ва мо онҳоро барои иштироки фаъол дар татбиқи лоиҳаҳои худ даъват менамоем.

Тадбирҳое, ки Созмон пешбинӣ намудааст, ба ҳадафҳои мо дар мавриди баланд бардоштани самараи ҳамкориҳои байнидавлатии иқтисодӣ, инчунин мутобиқати онҳо ба шароити имрӯза пурра рост меояд.

Рушди бозаргонӣ бештар ба вазъи инфраструктураи он марбут аст, ки дар таъмини ҳамкориҳои бисёрсамтаи миёни кишварҳои мо нақши муҳим мебозад. Вобаста ба ин, эътибор пайдо намудани Созишномаи меъёрӣ оид ба ҳамлу нақли транзитӣ, ки барои сабук гар-



Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Халқии Хитой дар Тоҷикистон Тсзо Сюелян ва роҳбари Ширкати сохтмони роҳу пулҳои ин кишвар дар маросими расмии ба истифода додани нақби мошингарди Шаршар иштирок карданд.

The President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon with the Ambassador Extraordinary and Plenipotentiary of the People's Republic of China in Tajikistan Tzo Syuelyan and the head of Company on construction of roads and bridges in the country took part in the official ceremony of putting in commission of the automobile tunnel Sharshar.

This proposal was accepted by the parties, and they have presented their projects to Chinese representatives.

Another preferred area of Tajik international policy is the development of mutually beneficial relations between the Tajikistan and ECO (Economic Cooperation Organization) member-states. The region of Economic Cooperation Organization is considered one of great economical regions of the world, among the regions situated in the Center of Asia and Europe. This place is home for one of ancient world civilizations.

We should also mention that the official visit of the President of the Republic of Tajikistan to the Islamic Republic of Iran and his efficient participation in the 11th summit of Economic Cooperation Organization, which was held in March 2009 in Tehran, also in 12th summit held in the Republic of Turkey in December 2010 opened a new chapter in the history of increasing relations of Tajikistan with the countries in the region.

The President of the Republic of Tajikistan, considering the role of these summits in the strengthening of Regional Economic Cooperation Organization, proposed the drastic changes of the ECO to start not from the year 2015, but from now.

Tajikistan, being a country without connections to the seacoast, pursues a policy which is directed at the provision of integration processes, liberty of foreign trade and the development of mutually beneficial cooperation with the Economic Cooperation Organization states.

The major objectives in the field of development of foreign economic relations are the rational use of the means of international trade and strengthening of the country's transit powers, which are pursued in order to the provision of strong economical growth and decrease in poverty level. In order to achieve these goals, many measures were taken in a short time.

At present, the ECO member-states are Tajikistan's valuable economical partners, and their contribution comprises more than 35-40 percent of of foreign trade turnover.

As it is mentioned in the National Development Strategy until the year 2015, one of the most significant fields of regional cooperation is the integration with world economy and the growth of international trade.

донидани боркашонӣ ва хизматрасониҳо дар минтақа нигаронида шудааст, аҳамияти хоса пайдо мекунад.

Тоҷикистон аз ҷониби худ барои рушди ин инфраструктура кӯшишу талошҳо ба харҷ медиҳад, ки ба он, қабл аз ҳама, сохтмони пулҳо дар дарёи марзии Панҷ, азнавсозӣ ва пайвастани роҳҳои нақлиётии кишвар бо Афғонистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон ва Хитой мансубанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон талошҳои худро барои бунёд намудани роҳи оҳан, ки Тоҷикистонро бо роҳи оҳани Афғонистону Эрон, аз як тараф ва Қирғизистону Хитой, аз тарафи дигар мепайвандад, идома дода истодааст.

Қайд кардан бамаврид аст, ки Тоҷикистон дар рушди ҳамкориҳои фарохи минтақавӣ ва ҳамгироӣ дар ҳама самтҳо бо СҲИ манфиатдор аст. Соҳаи муҳимтарини ҳамкориҳои байнидавлатӣ ин ҳамоно истифодаи оқилона ва пурсамари захираҳои обии минтақа аст. Рушди бемайлони майдони обёришаванда, азхудкунии заминҳои нав ва тадриҷан афзудани теъдоди аҳолӣ қазияи таъмини обро тезутунд кардаанд. Дар ин маврид таъкид кардан ба маврид аст, ки бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 2005-2015 аз тарафи ҷомеаи ҷаҳонӣ ва Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид «Даҳсолаи байналмилалии амал об барои ҳаёт» эълон гардидааст. Зиёда аз 60 фисади захираҳои обии минтақаи Осиёи Марказӣ аз кӯҳсори Тоҷикистон сарчашма мегирад. Ривоҷи истифодаи самараноки ин захираҳои обӣ, танзими масъалаи истифодаи сарфакоронаи ҳавзаи обӣ ва ташкили механизми дурусти обёрии заминҳои корам дар минтақа, ба сохтмони яке аз обанборҳои калони Ҷумҳурии Тоҷикистон - Роғун вобастагӣ дорад.

Барои пешгирии оқибатҳои фоҷиабор лозим аст, ки бо саъю кӯшиши кишварҳои минтақа ва созмонҳои байналмилалии дахлдор нақшаи мушаххаси чорабиниҳо ҷиҳати истифодаи оқилона ва ҳифзи захираҳои обӣ таҳия ва татбиқ гардад.

Кишварҳои мо захираҳои кофии ҳамгироиро дар соҳаҳои илму технология ва маориф низ доранд. Истифодаи муштараки захираҳои маъданиву ашёи хом, энергияи гению биотехнологӣ, коркарди кимиёвии ашёи карбогидратӣ, табдили нерӯи офтоб ва ғайраҳо метавонанд самти афзалиятноки ҳамкориҳо бошанд.

Афзоиши истихроҷи нафту газ ва зиёдшавии саҳми он дар тиҷорати ҷаҳонӣ, тадриҷан тавсеа ёфтани шабакаҳои интиқоли нафту газро чӣ дар дохили минтақа ва чӣ дар хориҷ аз он тақозо мекунад, Тоҷикистон манфиатдор аст, ки бо кишварҳои СҲИ дар мавриди аз худ кардани конҳои нафту газ ва коркарди муштараки онҳо ҳамкориҳои судманд дошта бошад. Аз тарафи Тоҷикистон ба лоиҳаи Созишномаи ҳамкориҳои иқтисодӣ дар соҳаи нақлиёт ва алоқа, ки барои кишварҳои СҲИ муҳим аст, ҷиҳати гузаронидани хатти интиқоли нафту газ тариқи қисмати ҷанубии Тоҷикистон таклифҳо пешниҳод шуда буд.

Ба таври мусбат ҳал шудани ин масъала ба ҷумҳурии мо имконият медиҳад, ки қазияи таъминот бо барқу маводи сӯхтро ҳал намояд.

Фаъолияти муштарак дар доираи амнияти иқтисодиву экологӣ низ метавонад яке аз бахшҳои махсуси ҳамкориҳо гардад. Ин қазияҳо аз ҳудуди як давлат берун мебарояд.

Тоҷикистон бо баъзе шарикони худ аз СҲИ дар масъалаи таҳияи лоиҳаҳои роҳҳои автомобилгард ва роҳи оҳан ҳамкории зич дорад ва ин тадбирҳо бо аҳдофи Даҳсолаи нақлиёт ва коммуникатсия барои солҳои 2007-2015 низ пурра мувофиқ мебошанд.

Тоҷикистон иқдоми мақомоти СҲИ-ро ҷиҳати рушди савдои минтақавӣ ва ҳамоҳангсозии расмиёти гумрукӣ ҷонибдорӣ менамояд. Аз ҷумла, сухан дар бораи маҷмӯи созишномаҳои марбутае меравад, ки мувофиқасозии онҳо ба анҷом расидааст ё дар марҳилаи ҳаллу фасл қарор доранд.

Тоҷикистон ҷонибдори ҳамкориҳои фаъоли кишварҳои аъзо ҷиҳати таъмини амнияти ғизоӣ, аз ҷумла аз тариқи татбиқи барномаҳои марбутаи минтақавӣ мебошад.

Яке аз самтҳои муҳими ҳамгироӣ дар доираи СҲИ соҳаи энергетика мебошад.

Дар ин ҷода Лоиҳаи CASA -1000, ки ҳадафи татбиқи он ба ҳам пайвастани шабакаҳои барқии Тоҷикистон, Қирғизистон, Афғонистон ва Покистон аст, аҳамияти фавқулода муҳим дорад.

Дар робита ба ин, бояд ба инобат гирифт, ки минтақаи мо дорои захираҳои нодири манбаъҳои гуногуни энергетикӣ мебошад ва азхудкунии онҳо нерӯи муштараки моро афзун хоҳад намуд.

According to the mentioned program, it is planned to simplify trade formalities by diminishing technical obstacles, coordinating administrative customs processes and customs legalizing of goods, progress of commercial infrastructure and founding regional transport highways, as well as providing conformity with trade standards.

One of the ways of achieving these goals is to create the free economic spaces which are considered as the major factor of the development. Nowadays, in Tajikistan two free economic spaces are created and the other administrative and legal bases are provided. It should be stated that all these spaces near our territory were founded by Economic Cooperation Organization member-states. The majority of the Organization members have best practices in this field, and we invite them for active participation in the implementation of our projects.

Measures taken by the Organization conform fully to our goals in the improvement of international economic cooperation, including their correspondence to modern facility.

Economic progress rather relates to the infrastructure which plays a major role in the provision of all-round cooperation between our countries. Relating to this, the implementation of Regulatory Agreement on transit freight, which is directed towards the facilitation of cargo carriage and facility of the region, has considerable importance.

Tajikistan, on its part, makes efforts for the development of this infrastructure, including the construction of bridges on frontier river Panj, renewal and construction of country's motor roads to Afghanistan, Kyrgyzstan, Uzbekistan and China.

The Republic of Tajikistan continues to apply force in the construction of railway, which is going to link Tajikistan with the railways of Afghanistan and Iran on the one part and the ones of Kyrgyzstan and China on the other part.

It should be also remarked that Tajikistan is interested in the development of broad regional cooperation and all-round integration with the SCO. Undoubtedly, the most important field of interstate cooperation is rational use of water resources in the region. Steady increase of irrigated area, land development and gradual population growth has heightened the water provision problem. Concerning this matter, it should be said that under the initiative of the President of the Republic of Tajikistan the period of the years 2005-2015 was announced by world society and the UN General Assembly to be the "Water for Life Decade". More than 60 percent of Central Asia water resources originate in Tajik mountains. The progress in rational use of these water resources, resolving of problems related to thrifty use of water basin and creating the right mechanism of cropland irrigation in the region depend on the construction of one of the biggest reservoirs of Tajikistan – The Roghun.

In order to prevent tragic consequences, a special plan of measures to be taken on the matter of rational use and protection of water resources has to be drawn.

Our countries have integrated potential in the fields of science, technology and education as well. Sharing of minerals and stock, genetic and biotechnological energy, chemical treatment of carbohydrate material, use of solar energy and the others can become fruitful areas of the cooperation.

Raising of oil and gas production and the increase of its contribution in world trade and gradual construction of oil and gas pipelines both inside and outside of the country requires Tajikistan to have strong economical cooperation concerning mastering of oil and gas fields and their sharing. Tajikistan made some proposals concerning the field of transport and network, which is important to the ECO countries, as well as oil and gas pipelining in the south part of Tajikistan.

Positive result of this solving gives to our republic an opportunity to resolve problems of electricity and fuel provision.

Collaboration in economic and ecological safety can also become one of special objectives of cooperation. These problems all originate from one country.

Tajikistan has close collaboration with some of its ECO partners in the implementation of highway and railway projects, and these measures conform fully to the goals of Transport and Communications Decade for the years 2007-2015 as well.

Соҳаи дигари афзалиятноки ҳамкориҳои мо туризм ба ҳисоб меравад. Табиат ва иқлими нотакрор, чашмаҳои шифобахш, захираҳои бузурги оби нӯшокӣ, меваҳои болаззат ва аз лиҳози экологӣ тозаи Тоҷикистон барои рушди туризм, бахусус туризми кӯҳӣ ва солимгардонӣ фавқулода мусоид аст.

Тоҷикистон барои фароҳам овардани инфраструктураи зарурӣ бо иштироки сармоягузорони хориҷӣ фаъолона кор мебарад. Ба ин раванд ҳамроҳ гардидани давлатҳои СҲИ мутақобилан судманд хоҳад буд.

Тоҷикистон ба оянда и ҳамкориҳо дар доираи СҲИ назари нек дорад.

Таҷрибаи гузаштаро ҷамъбаст ва пешомадро таҳлил намуда, Тоҷикистон боварии комил дорад, ки фаъолияти СҲИ ба ғояҳои давраи нави рушд, манфиатҳои воқеии ҳамаи кишварҳои аъзои созмони мазкур ҷавобгӯ хоҳад буд.

Дар тӯли 20 соли Истиқлолият дар самти дигари муҳими сиёсати хориҷӣ - равобити васеъ ва мутақобилан судманд бо кишварҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, қабл аз ҳама кишварҳои аъзои Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё ва Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ муваффақиятҳои назаррас ба даст омаданд. Ин қабл аз ҳама ба муносибатҳои мо бо кишварҳои ҳамсояи Осиёи Марказӣ марбут аст.

Бояд қайд намуд, ки солҳои охир дар иқтисодиёти миллии давлатҳои узви Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё тамоюли рушди устувор, динамикаи мусбати фаъолияти сармоягузорӣ, ҳаҷми гардиши савдои хориҷӣ назаррас гардиданд. Ин ҳама боиси самаранок истифода бурдани манбаъҳо ва имкониятҳои ҳамгироӣ мебошад.

Маврид ба зикр аст, ки ҷаласаи Шӯрои сарони давлатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, ки бо ташаббус ва сиёсати дурандешонаи Сардори Давлат дар моҳи октябри соли 2007 дар шаҳри Душанбе баргузор гардида буд, ба боз ҳам баланд гардидани обрӯву эътибори Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ мусоидат намуд. Ҳоло дар доираи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил стратегияи рушди иқтисодии ИДМ таҳия гардидааст, ки он яке аз ҳуҷҷатҳои асосӣ дар соҳаи иқтисоди давлатҳои аъзои ИДМ ба шумор меравад.

Тоҷикистон дар солҳои Истиқлолият дар бахши ҳамгироии бештар дар чорчӯбаи созмонҳои умумиҷаҳонӣ низ қадамҳои устувор гузошт.

Яке аз воситаҳои ҳамгироӣ ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ шомил шудан ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо мебошад. Соли даҳум аст, ки Тоҷикистон дар Созмони Умумиҷаҳонии Савдо ҳамчун кишвари нозир эътироф гардидааст.

Дохилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин созмон яке аз вазифаҳои стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Узвият дар СУС имкон медиҳад, ки дар Тоҷикистон низоми шаффоф, пешгӯишаванда ва муҳимтар аз ҳама, ба талаботҳои ҷаҳонӣ ҷавобгӯи тиҷорат барқарор гардида, муаммоҳои бозорёбӣ ва рақобатпазирии молу маҳсулоти дар дохили кишварамон истеҳсолшуда то як андоза ҳаллу фасл гардад. Дар ин маврид, иқлими мусоиди сармоягузории холис аз ҳама гуна дискриминатсия озод гардида, монеаҳои роҳи рушди тиҷорат чӣ дар дохили кишвар ва чӣ берун аз он бардошта хоҳанд шуд.

Дар баробари касби имтиёзҳо узвият дар ин Созмон инчунин масъулияти баланди риояи қонунҳои байналхалқӣ ва созишномаҳою санадҳои меъёрии дар чаҳорчӯбаи он қабулшударо тақозо менамояд.

Дар як муддати кӯтоҳ тибқи талаботу муқаррароти СУС ба қонуну меъёрҳои амалкунандаи кишварамон тағйироту иловаҳои дахлдор ворид гардида, шумораи зиёди санадҳои нави меъёрӣ қабул гардиданд.

Тоҷикистон имрӯз ба марҳилаи нисбатан ҳассос ва ҳалкунандаи раванди дохилшавӣ ба СУС ворид шудааст. Вобаста ба ин зарур аст, ки вусъати ислоҳоти амалишаванда ва такмили қонунгузорӣ бештар гардида, ба ин раванд тамоми мақомоти иҷроияи давлатӣ, парламент, доираи соҳибкорон, воситаҳои ахбори омма ҷалб карда шаванд.

Дар айни ҳол корҳо дар самти дохилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба СУС идома доранд ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои суръат бахшидан ба раванди дохилшавӣ ба СУС, бартараф намудани тамоми монеаҳои мавҷуда, мутобиқ намудани қонунгузории ҷорӣ ба талаботҳои системаи бисёрҷонибаи савдо ва анҷом додани музокиротҳои дуҷониба тадбирҳои мушаххас андешида истодааст, ки онҳо аз ҷониби кишварҳои узви ин созмон мусбат арзёбӣ мешаванд.

Tajikistan supports activity of the ECO bodies in the field of regional trade development and coordination of customs formalities. For example, it is being said about the agreements whose implementation is already finished or is pending.

Tajikistan supports active collaboration of member-states in the problems of food safety, including the realization of pertinent regional programs.

One of important fields of cooperation within the ECO is energy.

In this sphere, the CASA-1000 Project, having a goal to unite the electricity networks of Tajikistan, Kyrgyzstan, Afghanistan and Pakistan, is of great importance.

Thereupon, we should take into consideration the fact that our country possesses great resources of various energy sources, and their development can raise our joint potential.

Another prevalent field of our cooperation is tourism. Inimitable nature and climate, salubrious springs, great sources of drinking water, delicious fruits and ecological cleanness of Tajikistan is utterly suitable for the development of tourism, especially mountaineering and health improvement.

Tajikistan takes active steps in the provision of necessary infrastructure with the help of foreign investors. The support of this process by the ECO member-states is hoped to be mutually beneficial.

Tajikistan has an optimistic view on the future collaboration within the ECO.

Summarizing the records of the past and analyzing the future, Tajikistan is in the firm belief that the ECO activity meets the new ideas of development and real profit of all Organization's member-states.

During 20 years of Independence, considerable achievements were made in the other important field of foreign policy – mutually beneficial relations with the CIS member-states, first of all Eurasian Economic Community and Collective Security Treaty Organization member-states.

Маросими ифтитоҳи пули «Дӯсти» дар болои дарёи Панҷ дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон бо иштироки Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, Президенти Афғонистон Ҳамид Карзай ва Вазири савдои ШМА Карлос М. Гутеррес. Панҷи Поён, Тоҷикистон, 26 августи соли 2007.

Opening ceremony of bridge «Friendship» across the Panj river on the Tajik-Afghan border with participation of President of Tajikistan E. Rahmon, President of Afghanistan H. Karzay and Minister of Trade of the Trade Minister of the USA Carlos M. Gutierrez. Panji Poyon, Tajikistan, August 26, 2007.



Дар солҳои Истиқлолият дар баробари ривоҷи ҳамкориҳои бисёрҷониба ҷиҳати ҳамгироии бештари Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ, муносибатҳои дуҷонибаи тиҷоратию иқтисодӣ бо кишварҳои хориҷаи дуру наздик, таҳкими пояи шартномавию ҳуқуқии ин муносибатҳо, муайян намудани самтҳои афзалиятноки ҳамкориҳо ва таҳкими робитаҳо бо соҳибкорону корчаллонҳои ин кишварҳо пешравиҳои зиёде ба даст омадаанд.

Дар тӯли солҳои сипаришуда сафарҳои расмии Президенти мӯҳтарами Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Австрия, Ҷумҳурии Чехия, Ҷумҳурии Фаронса,Ҷумҳурии Федеративии Олмон, Ҷумҳурии Полша, Ҷумҳурии Латвия, Ҷумҳурии Литва, Ҷумҳурии Эстония, Ҷумҳурии Хорватия, Шоҳигарии Белгия, Шоҳигарии Бруней, Ҷумҳурии Сингапур, Ҷумҳурии Индонезия, Ҷумҳурии Малайзия, Япония, Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, Ҷумҳурии Исломии Эрон, Ҷумҳурии Исломии Покистон, Ҷумҳурии Туркия, Давлати Қувайт, Мамлакати Арабистони Саудӣ, Аморати Муттаҳидаи Араб, Қатар, Сурия, Миср, Ҷумҳурии Халқӣ Демократии Алҷазоир, Ҷумҳурии Ҳиндустон, Ҷумҳурии Халқии Хитой, Ҷумҳурии Корея, Шоҳигарии Таиланд, баргузор гардиданд, ки барои амиқ ва пурмазмун гардидани робитаҳои дуҷониба заминаи мусоиди ҳуқуқию шартномавӣ ва сиёсӣ фароҳам оварданд ва дар рафти ин сафарҳо созишномаҳо дар бахшҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ ба имзо расиданд.

Ҳамзамон сафарҳои расмии Президенти мӯҳтарами Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷумҳуриҳои Россия, Беларус, Украина, Озарбойҷон, Арманистон, Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон ва Туркманистон сурат гирифт, ки ба муносибатҳои дуҷонибаи байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ин кишварҳо такони нав бахшид.

Рушди равобити судманд ва муосир бо кишварҳои пешрафтаи ғарбӣ, пеш аз ҳама Фаронса, Олмон, Британия, Италия, ҳамчунин давлатҳои Аврупои Шарқӣ ва Ҷанубу Шарқӣ самти муҳими сиёсати иқтисоди хориҷии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Бо аксари мутлақи онҳо равобити созандаи иқтисодӣ ҷараён дорад, мубодилаи тиҷоратӣ босуръат афзоиш меёбад ва ҳиссаи содиротии кишварамон бештар мегардад.

Тоҷикистон имкони амалӣ дорад, ки сатҳи баланди ҳамкориро бо кишварҳои алоҳидаи Аврупо ва Иттиҳоди Аврупо ҳамчун воҳиди хос ва бонуфузи муносибатҳои байналмилалӣ таъмин намояд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рафти сафари худ ба давлатҳои Аврупо моҳи октябри соли 2004 дар Брюссел Созишнома оид ба ҳамкорӣ ва шарикӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупоро ба имзо расонид, ки саҳифаи нави ҳамкориро дар доираи ин Созмон дар таърихи ҷумҳурӣ боз намуд. Созишномаи мазкур аз ҷониби Парламенти Иттиҳоди Аврупо ба тасвиб расида ба ҳукми амал даромад.

Чӣ тавре, ки қайд шуд, Тоҷикистон бо Иттиҳоди Аврупо Созишномаи шарикӣ ва ҳамкорӣ дорад ва таҳкими муносибатҳо бо ин Иттиҳод, инчунин тавсеаи беш аз пеши онҳо ба манфиати ҳамагон хоҳад буд.

Дар ин раванд Тоҷикистон муносибати дуҷонибаи иқтисодӣ ва равобити шарикиро бо ҳамаи кишварҳои Иттиҳоди Аврупо инкишоф хоҳад дод.

Бо назардошти ба ҳукми амал даромадани Созишномаи шарикӣ ва ҳамкорӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо Комиссияи байниидоравӣ ташкил карда шуд. Ҷаласаи якуми Кумитаи ҳамкорӣ байни Иттиҳоди Аврупо ва Ҷумҳурии Тоҷикистон 16 марти соли 2011 дар шаҳри Душанбе баргузор гардид, ки дар рафти он доираи васеи масъалаҳои ҳамкории тарафайн дар соҳаи иқтисодиёт ва энергетика мавриди муҳокима қарор гирифт.

Муносибатҳои Тоҷикистон бо созмонҳои байналмилалии молиявӣ, аз ҷумла Бонки ҷаҳонӣ, Хазинаи Байналмилалии Асъор, Бонки таҷдиду рушди Аврупо, Бонки осиёии рушд, Бонки рушди исломӣ ва як теъдод хазинаву фондҳои кишварҳои мухталиф хеле созандаву муваффақона сурат мегиранд.

Имзои як қатор ҳуҷҷатҳои ҳамкориҳои дуҷониба бо кишварҳои Туркия, Хитой, Ҳиндустон, Сурия, Миср, Қатар, Аморати Муттаҳидаи Араб, Афғонистон, Қазоқистон, Россия ва Эрон аҳамияти муҳимро дороянд. Тибқи муқаррароти ин ҳуҷҷатҳо масалан, ҷониби Россия тасмим гирифтааст, ки дар соҳаҳои саноат ва энергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ намояд. Ҳамчунин, Ҳукумати Ҷумҳурии Исломии Эрон дар самти сармоягузории сохтмони Нерӯгоҳи обию барқии «Сангӯда-2» ва пурра ба анҷом расонидани нақби «Анзоб» саҳм гирифтааст. Айни замон сохтмони НОБ-и «Сангтӯда-1» ба итмом расид ва мавриди истифодабарӣ

It should be stated that during the last years steady rising tendency, positive dynamics of investment activities and scope of foreign trade turnover became noticeable. All this is the reason for rational use of sources and possibilities of the integration.

We also have to mention that meeting of the heads of the CIS member-states, which was held under the initiative of the Head of the Country in October, 2007 in Dushanbe, helped to lifted Tajikistan in the world's eyes. At present, within the scope of Commonwealth of Independent States, a strategy of economic development of the CIS, which is considered as one of the basic documents in the field of economy of the CIS member-states, is being implemented.

During the years of its Independence, Tajikistan has made resolute steps in better integration within the activity of world organizations as well.

One of the means of integration is joining into World Trade Organization. It has been ten years since Tajikistan is reputed as observer country in World Trade Organization.

The joining of Tajikistan this Organization is one of the strategic goals of Government of the Republic of Tajikistan.

Membership in the WTO gives an opportunity to restore its economic order, which is transparent, predictable and, first of all, meets the world requirements. With respect to this, favorable climate will become free from any type of discrimination, and the obstacles in the way of commerce progress, both inside and outside of the country, will be eliminated.

Alongside with obvious advantages, provided by membership in this Organization, it is also required to responsibly comply with international laws, as well as agreements and normative documents accepted within the scope of these laws.

At short notice, according to the requirements of WTO, many laws and orders of our country have been relatively changed, thus helping lots of new normative documents to become implemented.

Today Tajikistan is in the period of entering the WTO, which is tangible and decisive. With respect to this, it is needed to expand the scope of implemented reforms and attract all types of state executive bodies, parliament, entrepreneurs and news media to this process.

Right now the activity in respect of Tajikistan's entering to the WTO is in progress and the Government of the Republic of Tajikistan is doing its best to speed up the process of entering World Trade Organization.

During the years of Independence great achievements concerning better integration of the Republic of Tajikistan with world economy, bilateral economy and trade relations with far and neighboring foreign countries, foundation of contractual and legal basis of these relations and creating new relations with entrepreneurs and business owners of these countries were reached.

During these years official visits of the President of the Republic of Tajikistan were paid to the Republic of Austria, Czech Republic, French Republic, Federal Republic of Germany, the Republic of Poland, the Republic of Latvia, the Republic of Lithuania, the Republic of Estonia, the Republic of Croatia, the Kingdom of Belgium, the Kingdom of Brunei, the Republic of Singapore, the Republic of Indonesia, the Republic of Malaysia, Japan, Islamic Republic of Afghanistan, Islamic Republic of Iran, Islamic Republic of Pakistan, the Republic of Turkey, Kuwait, Saudi Arabia, United Arab Emirates, Qatar, Syria, Egypt, People's Democratic Republic of Algeria, the Republic of India, People's Republic of China, the Republic of Korea and the Kingdom of Thailand. These duty calls have provided appropriate legal, contractual and political basis; in the process of these visits many economic, political and social agreements were adopted.

At the same time, duty calls of the President of the Republic of Tajikistan to Russia, Belarus, Ukraine, Azerbaijan, Armenia, Uzbekistan, Kazakhstan, Kyrgyzstan and Turkmenistan were made, and these visits have strengthened bilateral relations between the Republic of Tajikistan and these countries.

The progress of beneficial and modern relations with advanced Western countries, above all, France, Germany, Britain, Italy, as well as the countries of Eastern and Southeastern Europe, is considered as an important area of Tajik foreign policy. With their absolute majority, creative

қарор дорад ва сохтмони НОБ-и «Сангтӯда-2» бо муваффақият давом дорад. Сармоягузорони Ҷумҳурии Туркия низ як қатор лоиҳаҳоро, ба мисли сохтмони маркази тиҷоратии «ВЕФА», сохтмони тарабхонаҳо амалӣ гардониданд. Илова бар ин, ҷониби Туркия тасмим гирифтааст, ки сохтмони якчанд меҳмонхонаҳои замонавии панҷситорадорро дар шаҳри Душанбе ба анҷом расонад. Сармоягузорони Давлати Қатар низ тасмим гирифтаанд, ки дар сохтмони якчанд меҳмонхонаҳои замонавии панҷситорадор, маркази тиҷоратӣ, масҷиди замонавии калон ва дар соҳаҳои саноат, энергетика ва кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми назарраси худро гузоранд.

Бунёди якчанд меҳмонхонаҳои замонавӣ дар пойтахти мамлакат имкон медиҳад, ки чорабиниҳо ва ҷамъомадҳои ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ дар сатҳи баланд баргузор гарданд ва дар айни замон ба рушди соҳаи туризм заминаи воқеӣ фароҳам оварда шавад.

Бо таҳкими суботи иқтисодӣ дар Тоҷикистон тамоюли афзоиши бемайлони ҳаҷми савдои хориҷии кишвар ба назар мерасад. Ба ин омил сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба озод кардани раванди савдои хориҷӣ ва кам намудани монеаҳои рушди соҳибкорӣ мусоидат намуданд.

Тоҷикистон аз дидгоҳи сиёсати хориҷии «дарҳои кушода» омодагии худро ба густариши бештари муносибатҳои ҳамкорӣ бо кишварҳои Ғарбу Шарқ ва олами ислом таъкид намуда буд.

Тоҷикистон барои афзоиши ҳаҷми сармоягузориҳои кишварҳои Россия, Хитой, Америка, Аврупо, ҷаҳони ислом ва дигар давлатҳо саъю талош намуда, хоҳони густариши равобити устувори дуҷониба ва бисёрҷонибаи байнидавлатӣ бар пояи прагматизми иқтисодӣ ва ҳусни тафоҳум мебошад.

Аз оғози даврони истиқлолият рушду густариши минбаъдаи равобити ҳамаҷониба, амиқтар сохтани ҳамкориҳои иқтисодии густурдатар ва пайвандҳои илмию техникӣ ва алоқаҳои гуманитарӣ бо Федератсияи Россия аз ҳадафҳои умдаи Тоҷикистон маҳсуб мешавад.

Робитаҳои ҳамаҷонибаи мо бо Федератсияи Россия дар натиҷаи талоши фаъолонаи ҳарду ҷониб ба шарикии стратегии дорои хислати мутавозин ва мазмуни фарогири манфиатҳои дарозмуддати миллии ҳарду кишвар табдил ёфт. Онҳо дар солҳои охир густариш ва тақвияти тоза пайдо намуданд.

Робитаҳои васеъ ва ҳамкории рушдёбанда бо Штатҳои Муттаҳидаи Америка аз дастовардҳои муҳими сиёсати иқтисоди хориҷии Тоҷикистон дар давраи Истиқлолият аст. Робитаҳои иқтисодии Тоҷикистон бо ин кишвари абарқудрати ҷаҳон дар чаҳорчӯби асноди дуҷониба ва бисёрҷониба рушд ёфта, тадриҷан бахшҳо ва соҳаҳои навро фаро мегиранд.

Робитаҳои иқтисодӣ бо Япония ва кишварҳои дигари Осиёи Ҷанубу Шарқӣ дар солҳои Истиқлолият бо маром идома дошта, дар сиёсати иқтисодии хориҷии кишварамон минбаъд низ нақши фаъол хоҳад дошт.

Дар шароити рушди босуръати иқтисодии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ҳиндустон заминаҳои мусоид барои сатҳи нави ҳамкории иқтисодӣ, техникӣ ва технологӣ миёни ду кишвар, қабл аз ҳама дар бахши истифодаи шабакаҳои пешрафтаи компютерӣ ва иттилоотӣ фароҳам омаданд, ки онҳо ба нафъи давлатҳои бо ҳам дӯст мебошанд.

Тоҷикистон дар муддати нисбатан кӯтоҳ бо Ҷумҳурии Исломии Покистон равобити созанда ва муфидро ба роҳ монд. Татбиқи барномаҳои ҳамкории Тоҷикистон, пеш аз ҳама дар арсаҳои гидроэнергетика ва инфраструктура ба таҳкими бештари ин робитаҳо мусоидат хоҳад намуд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз оғози истиқлоли худ бо Ҷумҳурии Туркия робита ва ҳамкории муфиди иқтисодию тиҷоратӣ барқарор намуд, ки онҳо тадриҷан мазмуни баланд касб намуданд. Дар ҷараёни муколамаҳои сатҳи олӣ силсилаи асноди ниҳоят муҳим дар мавриди ҳамкории васеи ду кишвар ва субъектҳои он имзо гардиданд, ки татбиқи онҳо сатҳи баланд ва фарогирии бештари ҳамкориҳои дуҷонибаро тадриҷан таъмин менамоянд.

Ҳамкориҳои марҳилаи сифатан нави Тоҷикистон бо кишварҳои пешрафта ва босуръат рушдёбандаи Осиёи Шарқӣ ва Ҷанубу Шарқӣ - Япония, Ҷумҳурии Корея, Сингапур, Малайзия, Индонезия, Тайланд ва Бруней Доруссалом тавсеа ва густариш меёбанд.

economic relations gain strength, commercial exchange increases rapidly and our country's export grows as well.

Tajikistan has practical possibility to ensure high level of cooperation with individual countries of Europe and European Union as important part of international relations.

The President of the Republic of Tajikistan, during his visit to European countries in October, 2004 in Brussels, has signed an Agreement on the cooperation and comradeship between the European Union and the Republic of Tajikistan, which has turned over a new page in Tajikistan cooperation within this Organization. The mentioned Agreement, being signed by the Parliament of European Union, was put into practice.

As we have said above, Tajikistan has a Partnership and Cooperation Agreement with the European Union, and strengthening of relations with this Union is equally advantageous for all.

In this process, Tajikistan is hoping to develop bilateral economic friendly relations with all European Union countries.

In consideration of the implementation of Agreement on the cooperation and comradeship between the European Union and the Republic of Tajikistan inter-departmental commission was created. First meeting of the Committee for Cooperation between European Union and the Republic of Tajikistan was held on March 16th, 2011 in Dushanbe. During this meeting many issues of mutual cooperation in the field of economics and energy were discussed.

Tajikistan's relations with international financial organizations, including the World Bank, International Monetary Fund, European Bank for Reconstruction and Development, Asian Development Bank, Islamic Development Bank and a number of various countries' funds are progressing very constructively and successfully.

The adoption of many documents on bilateral collaboration with Turkey, China, India, Syria, Egypt, Qatar, United Arab Emirates, Afghanistan, Kazakhstan, Russia and Iran have great importance. According to these documents, Russia, for example, made a decision to invest in the fields of industry and energetics of the Republic of Tajikistan. Also, the Government of the Islamic Republic of Iran decided to invest in the construction of Sangtuda-2 Hydropower Station and complete construction of Anzob tunnel. Today the construction of Sangtuda-1 hydro plant is finished and it is being used, and the construction of Sangtuda-2 is in progress. The investors of the Republic of Turkey have also decided to construct a number of contemporary five-star hotels, shopping center, and big modern mosque and to contribute in industry, energy and agriculture fields of the Republic of Tajikistan.

Inauguration of several modern hotels in the capital of the country gives a possibility to hold republican, regional and international meetings and conferences at a high level, at the same time laying real groundwork for the development of tourism industry.

By strengthening economical potential, growth trend of country's trade volume begins to show. This factor is supported by the Government of the Republic of Tajikistan policy on the liberation of foreign trade process and decrease of drags on the enterprise development.

Within the context of foreign open door policy, Tajikistan had confirmed its preparedness for further development of collaboration with Western, Eastern countries and Islamic world.

Tajikistan, showing zeal in order to increase investments of Russia, China, America, Europe, Islamic world and other countries, is a supporter of development of strong bilateral international relations on the basis of mutual understanding.

From the beginning of the Independence, gradual progress of all-round relations, more profound and transparent cooperation and humanitarian relations with Russian Federation are considered as some of the most important goals of Tajikistan.

Our all-round relations with the Russian Federation were changed into strategic comradeship as a result of both sides' active effort. During the past years and until now they are seriously developed and being supported.

Wide relations and developing collaboration with United States of America is an important achievement of Tajik foreign policy during the period of Independence. Tajikistan's economic

Тоҷикистон талош меварзад, ки аз тариқи эҳёи равобити суннатӣ ва қадим бо кишварҳои мусулмонӣ, мамолики араб ва манотиқи дигари дунё муносибатҳои хуб дошта бошад. Дар байни онҳо метавон Ҷумҳурии Исломии Эрон, Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, Ҷумҳурии Туркия, Ҷумҳурии Исломии Покистон, Арабистони Саудӣ, Миср, Қатар, Ҳиндустон ва Японияро ном гирифт.

Натиҷаи он кӯшишҳо буд, ки соли 2010, дар шаҳри Душанбе ҷаласаи Шӯрои Вазирони корҳои хориҷии Созмони Конфронси Исломӣ баргузор гардид. Ин нахустин ҳамоиши бузурги созмони бонуфузи исломӣ дар минтақа ва фазои пасошӯравӣ буд ва на танҳо барои боз ҳам баландтар шудани эътибори байналмилалии Тоҷикистон хидмат намуд, балки василаи хубе барои ҳаллу фасли мушкилоти сершумори олами ислом гардид.

Боиси таъкид аст, ки дар доираи ҷаласаи Шӯрои Вазирони корҳои хориҷии Созмони Конфронси Исломӣ Анҷумани 2-уми соҳибкорони Созмони Конфронси Исломӣ, вохӯрии 13-уми бахши хусусӣ барои мусоидат ба тиҷорат ва сармоягузории корхонаҳои муштарак байни кишварҳои исломӣ баргузор гардид.

Беҳуда нест, ки чун боздеҳи он талошҳо зимни баргузории ин иҷлос шаҳри Душанбе бо қарори Созмони исломии илму фарҳангу маориф (ИСЕСКО) пойтахти фарҳанги исломӣ эълон гардид.

Тоҷикистон аз рӯзҳои нахустини соҳибистиқлолии хеш ҳамкориҳои босамари худро бо кишварҳои форсизабон таҳким бахшида, барои сулҳу субот ва пешрафти иқтисодии Афғонистони бародар ҳамаҷониба мусоидат менамояд. Аз ин рӯ, мусоидат дар роҳи ба эътидол овардани вазъи кунунии. Ҳақиқате мусаллам аст ва ҳеҷ ҷои шакку шубҳа нест, ки амнияти минтақаи Осиёи Марказӣ бо амну амонӣ дар Афғонистон пайванди ногусастанӣ дорад.

Тоҷикистон, ки ҳанӯз солҳои ҷанги шаҳрвандии кишвар, сарфи назар аз душвориҳои худ, ҳамеша барои Афғонистони осоишта, сулҳхоҳ ва рушдёбанда садо баланд мекард, имрӯз низ аз паи ин ҳадафҳо мебошад.

Сохтмони роҳу пулҳо ба сӯи Афғонистони ҳамсоя, нақшаҳои боз ҳам бузургтари бунёди хатҳои барқ, роҳҳои оҳану автомобилгард, ки василаи густаришу рушди босуръати пайвандҳои Тоҷикистон бо мардуми ин давлати дӯст хоҳанд буд, мисоли қавлу амали ягонаи кишварамон мебошад.

Дар ин раванд аҳамияти беш аз пеш касб намудани густариши ҳамаҷонибаи равобити созанда ва ҳамкориҳои судманди иқтисодӣ бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон мавриди таъкид мебошад.

Тоҷикистон айнан худи ҳамин усулро нисбат ба равобити худ бо кишварҳои дигари олам татбиқ менамояд: яъне ҷонибдори ҳамкориҳои иқтисодиву тиҷоратии созанда бо ҳар кишваре мебошад, ки барои чунин робитаҳо бо мо тайёр бошад.

Рушди равобити иқтисодии Тоҷикистонро дар солҳои Истиқлолият қабл аз ҳама санадҳои оморӣ ба субут мерасонанд. Аз ҷумла, дар соли 2010 гардиши савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, якҷоя бо қувваи барқ ва гази табиӣ 3853,1 млн.доллари ИМА-ро ташкил дод, ки ин нишондод нисбати соли 2009-ум 7,6 фоиз ё 273,1 млн. доллар зиёд аст. Аз маблағи умумии 3853,1 млн.доллари ИМА 1195,3 млн.доллари ИМА ба содирот ва 2657,8 млн.доллари ИМА ба воридот рост меояд.

Тарози савдои хориҷӣ манфӣ буда, маблағи 1462,5 млн. доллари ИМА – ро дар бар мегирад, ки нисбат ба соли 2009 ба маблағи 96,2 млн. доллари ИМА камтар мебошад.

Таҳлили гардиши савдои хориҷӣ дар соли 2010 нишон медиҳад, ки гардиши савдои хориҷӣ нисбат ба ҳамин давраи соли 2009 ба 7,7% ва ё 274,4 млн.доллари ИМА, содироти мол аз қаламрави ҷумҳурӣ ба 18,3% ва ё ба маблағи 185,3 млн.доллари ИМА зиёд гашта, воридоти мол бошад, ба 3,5 % ва ё ба маблағи 89,1 млн.доллари ИМА афзудааст.

Гардиши савдои хориҷӣ дар давраи соли 2009 ба маблағи 3578,7 млн.доллари ИМА, аз он ҷумла содирот 1010,0 млн.доллари ИМА ва воридот 2568,7 млн.доллари ИМА- ро ташкил дода буд.

relations with this powerful country, being developed within the scope of bilateral and multilateral documents, gradually involve new parts and fields.

Economical relations with Japan and other Southeastern countries in the years of Independence also play active role in the foreign policy of our country.

Under the conditions of rapid economic development of Tajikistan and the Republic of India, proper groundwork for the new level of economic, technical and technological cooperation was laid, first of all in the field of the use of modern computer and information networks.

In a relatively small period of time, Tajikistan created efficient and advantageous relations with the Islamic Republic of Pakistan. The adoption of Tajikistan cooperation programs, first of all in the field of hydropower engineering and infrastructure, helped better strengthening of these relations.

From the beginning of its independence, the Republic of Tajikistan has restored advantageous economic and trade relations with the Republic of Turkey. In the process of high-level meetings a series of quite significant documents concerning wide cooperation of two countries and their parties was adopted. The adoption of these documents gradually ensures the high level and larger scope of bilateral relations.

Tajikistan's qualitatively new level cooperation with developed countries and rapidly developing Eastern and Southeastern Asia – Japan, Republic of Korea, Singapore, Malaysia, Thailand and Brunei are progressing steadily.

By reviving traditional and ancient connections, Tajikistan exerts effort to have good relationship with Islamic countries, Arabian nations and other regions of the world. Among them we can name Islamic Republic of Iran, Islamic Republic of Afghanistan, Republic of Turkey, Islamic Republic of Pakistan, Saudi Arabia, Egypt, Qatar, India and Japan.

As a result of this effort, Council of Ministers of Organization of the Islamic Conference meeting took place in 2010 in Dushanbe. Being the first great Islamic workshop in the region, this meeting not only raised the international influence of Tajikistan, but also became a good opportunity of solving numerous hardship of the Islamic world.

It should be said that, within the scope of Council of Ministers of Organization of the Islamic Conference meeting, 2nd conference of the entrepreneurs of Organization of the Islamic Conference, 13th special meeting on trade and joint ventures among Islamic countries took place.

Not without reason, as a result of its effort, Dushanbe was announced by decision of Islamic Educational, Scientific and Cultural Organization - ISESCO to be a cultural capital of Islam.

From the very first days of its independence, Tajikistan had strengthened its relationships with Farsi-speaking countries and comprehensively helps to provide peace and economical development of fraternal Afghanistan. It is indisputable fact that the safety of Central Asia region has a close link to tranquility in Afghanistan.

The construction of routes and bridges to neighboring Afghanistan, great construction projects of power lines, highways and railways, which help rapid development of Tajikistan relations to the people of this friendly country, – all this is an example of our country's unique character.

In this process the importance of greater all-round development of efficient economic relationship with Islamic Republic of Afghanistan is being examined.

Tajikistan implements a similar method concerning its relations with other countries: it is a supporter of productive economic and trade collaboration with every country which is ready for such a relationship with our country.

The development of Tajikistan economic relations in the years of Independence is first of all shown by statistical data. For example, in 2010, foreign trade turnover of the Republic of Tajikistan, alongside with electricity and natural gas, made up 3853.1 million US dollars, which is 7.6 percent or 273.1 million US dollars greater than the one of 2009. From the gross sum of 3853.1 million US dollars 1195.3 million USD is of export and 2657.8 million USD is of import.

Trade balance, being positive, makes up 1462.5 million USD, which is 96.2 million USD smaller than the one of 2009.

**Гардиши савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2010 нисбат ба соли 2009**

(млн.доллари ИМА)

| Номгӯи амалиёт | соли 2009 | | соли 2010 | | Тамоил, | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | +,- | % |
| Гардиши савдои хориҷӣ, аз ҷумла | 3578,7 | 100,0 | 3853,1 | 100 | 274,4 | 107,7 |
| Содирот | 1010,0 | 28,2 | 1195,3 | 31,0 | 185,3 | 118,3 |
| Воридот | 2568,7 | 71,8 | 2657,8 | 69,0 | 89,1 | 103,5 |
| Тарози савдо | -1558,7 | - | -1462,5 | - | 96,2- | - |

Айни замон, дар содирот ҳиссаи ашёи хом ва маҳсулоти коркарди аввалия ва пеш аз ҳама, алюминийи аввалия ва нахи пахта афзалият доранд. Ҳиссаи содирот дар муомилоти савдои хориҷӣ дар соли 2010 андозаи 31,0%-ро ташкил дод ва вазни хоси он нисбати ҳамин давраи соли гузашта 2,8% зиёд гардида, индекси афзоиш ба 1,09 баробар мебошад.

Ҳиссаи воридот дар муомилоти савдои хориҷӣ дар ин давра 69,0%- ро ташкил дода, дар вазни хос нисбати соли гузашта 2,8% (тавозуни содирот) кам гардид.

Дар сохтори воридот ҳиссаи маҳсулоти нафтӣ – 16,4%, гилхок – 12,0 %, воситаҳои нақлиёти заминӣ – 9,9%, дегҳо ва таҷҳизот – 6,6%, металлҳои сиёҳ – 4,6%, чӯб ва маҳсулот аз он – 4,6 %, равғани растанию чорво - 2,5%, орд – 3,7% ва гандум – 3,1% -ро ташкил намуданд.

Дар айни замон, воридоти маҳсулоти тайёр аз орду гандум – 56,7 млн.долл. ИМА, равғани растанӣ 67,0 млн.доллари ИМА, қанд ва маҳсулоти қаннодӣ – 59,8 млн.доллари ИМА, инчунин маҳсулоти нафтӣ – 435,2 млн.доллари ИМА, металҳои сиёҳ – 121,9 млн.доллари ИМА, гилхок – 318,9 млн.доллари ИМА, маҳсулоти фармасевтӣ – 115,8 млн.доллари ИМА ва семент – 51,4 млн.доллари ИМА-ро дар бар мегирад.

Маълумотҳои пешниҳодшуда шаҳодат медиҳанд, ки дар соли таҳлилшавандаи 2010 нисбат ба соли 2009 содироти алюминийи аввалия аз рӯи ҳаҷм ба 10,9 ҳазор тонна кам ва аз рӯи нархи миёна ба 487 доллари ИМА барои 1 тонна афзоиш ёфтааст. Аз ҳамин сабаб маблағи ба даст омада аз содироти алюминийи аввалия низ ба маблағи 146,0 млн.доллари ИМА афзудааст.

Содироти нахи пахта 8,4 ҳазор тонна зиёд шуда, нархи миёнаи содиротиаш ба 958 доллари ИМА барои як тонна зиёд гардидааст. Маблағи ба даст омада аз содироти нахи пахта дар ин давра нисбат ба ҳамин давраи соли 2009 ба маблағи 101,3 млн доллари ИМА афзоиш ёфтааст.

Содироти маҳсулот аз меваю сабзавот аз қаламрави ҷумҳурӣ нисбат ба соли 2009 аз рӯи ҳаҷм ба 69,1 ҳазор тонна зиёд шуда, аз рӯи нархи содиротӣ ба 18 доллари ИМА барои 1 тонна коҳиш ёфта, маблағи ба даст омада аз содироти ин маҳсулот ба 11,7 млн. доллари ИМА зиёд шудааст.

Дар давраи ҳисоботӣ муомилоти савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо 100 мамолик, аз он ҷумла бо 10 мамолики ИДМ ва бо 90 мамолики хориҷи дур сурат гирифт.

Шарикони асосии содиротии Тоҷикистон давлатҳои Чин 47,3 %, Туркия 25,2%, Русия 8,5 %, Эрон 4,2 %, Афғонистон 4,6 %, Қазоқистон 1,5%, Италия 1,3% мебошанд.

Воридоти мол асосан аз мамлакатҳои Русия 32,5%, Қазоқистон 9,3%, Чин 8,4%, Украина 6,3%, Эрон 5,4%, ИМА 5,4%, Ӯзбекистон 3,3%, Афғонистон 1,9% ва Беларус 1,8% интиқол мегардад.

Дар гардиши савдо афзоиши содирот нисбат ба воридот аз ҷониби Чин 188,0 млн.доллари ИМА, Туркия 130,0 млн.доллари ИМА, Италия 5 млн. долл. ИМА ва Афғонистон 1,9 млн. доллари ИМА иҷро шудааст.

The analysis of foreign trade turnover in the year 2010 shows that foreign trade turnover, relative to the same period of 2009, became 7.7% or 274.4 million USD, national export became 18.3% or 185.3 million USD greater and import went up by 3.5% or 89.1 million USD.

Foreign trade turnover in the period of 2009 formed 3578.7 million USD, from among which the export was 1010.0 million USD, and the import made up 2568.7 million USD.

**Foreign trade turnover of the Republic of Tajikistan in 2010 compared to 2009**

(million USD)

| Type of operation | 2009 | | 2010 | | Tendency | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | +,- | % |
| Foreign trade turnover, particularly | 3578,7 | 100,0 | 3853,1 | 100 | 274,4 | 107,7 |
| Export | 1010,0 | 28,2 | 1195,3 | 31,0 | 185,3 | 118,3 |
| Import | 2568,7 | 71,8 | 2657,8 | 69,0 | 89,1 | 103,5 |
| Balance of trade | -1558,7 | - | -1462,5 | - | 96,2- | - |

Today, the major part of export is occupied by raw materials and primary conversion product, first of all, primary aluminum and cotton fibre. The export share in foreign trade operations in 2010 made up 31.0%, its unit weight relative to the same period of past year increased by 2.8% and its advance index is equal to 1.09.

The import share, making up 69.0% of foreign trade operations, its unit weight relative to the past year decreased by 2.8% (export weight).

In the import structure, the share of oil products made up 16.4%, plastic clay – 12.0%, means of surface transportation – 9.9%, vessels and equipment – 6.6%, ferrous materials – 4.6%, wood and wooden products – 4.6%, vegetable and animal oil – 2.5%, flour – 3.7% and wheat – 3.1%.

Right now, the import of finished commodity of flour and wheat makes up 56.7 million USD, vegetable oil – 67.0 million USD, sugar and confectionery – 59.8 million USD, including oil products – 435.2 million USD, ferrous materials – 121.9 million USD, plastic clay – 318.9 million USD, pharmaceutical product – 115.8 million USD and cement – 51.4 million USD.

According to the provided information, in the analyzed year of 2010, relative to 2009, the export of primary aluminum has decreased to 10.9 thousand tons by the volume and increased to 487 USD for 1 ton by the average price. That's why the amount received from the export of primary aluminum was also increased to 146.0 million US dollars.

The export of cotton fibre, being increased by 8.4 thousand tons, its average price became 958 USD per ton. The amount received from the export of cotton fibre relative to the same period of 2009 increased by 101.3 million US dollars.

The export of fruits and vegetables from the Republic, relative to 2009, increased by 69.1 thousand tons by the volume and decreased by 18 USD per ton. The amount received from the export of these products was increased by 11.7 million US dollars.

In the analyzed period, trade operations of the Republic of Tajikistan were carried out with 100 countries, including 10 CIS and 90 foreign countries.

Primary export partners of Tajikistan are these: China – 47.3%, Turkey – 25.2%, Russia – 8.5%, Iran – 4.2%, Afghanistan – 4.6%, Kazakhstan – 1.5%, and Italy – 1.3%.

Generally, the import comes from Russia – 32.5%, Kazakhstan – 9.3%, China – 8.4%, Ukraine – 6.3%, Iran – 5.4%, USA – 5.4%, Uzbekistan – 3.3%, Afghanistan – 1.9%, and Byelorussia – 1.8%.

In the trade turnover, the increase of export relative to import was 188.0 million USD from China, 130.0 million USD from Turkey, 5 million USD from Italy and 1.9 million USD from Afghanistan.

# МУЗОКИРОТИ СУЛҲИ ТОҶИКОН



Маросими ба имзо расонидани Созишномаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва роҳбари Иттиҳоди мухолифини тоҷик Саид Абдулло Нурӣ оид ба натиҷаҳои мулоқот дар Москва. 23 декабри соли 1996.

Ceremony of signing Agreement between the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon and the Head of United Tajik Opposition Said Abdullo Nuri on the outcomes of Moscow meeting. December 23, 1996.

Аз санаи комёб шудан ба истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон 20 сол пур мешавад. Дар ин давра рӯйдодҳои зиёдеро номбар кардан мумкин аст, ки барои таъмини истиқлоли воқеӣ ва пешрафти кишвар дар шароити нав нақши калидӣ доранд. Бешубҳа, яке аз муҳимтарин равандҳои даврони истиқлолият музокироти сулҳи тоҷикон ва тавассути он соҳиб шудан ба сулҳу оштӣ ва ризоияти миллӣ дар кишвар буд.

Дастрасӣ ёфтан ба сулҳу осоиш барои пешрафти дипломатияи тоҷик дар самтҳои гуногун, бахусус дар рушди ҳамкориҳои иқтисодӣ бо кишварҳои ҷаҳон, афзоиш додани табодули мол ва ҷалби сармояи хориҷӣ ба соҳаҳои гуногун, бо шумули сохтмони роҳҳо, нерӯгоҳҳои барқии обӣ ва хаттҳои интиқоли барқ шароитҳои мусоид ба вуҷуд овард.

Муқовимати ҳизбу ҳаракатҳои оппозитсионӣ бо роҳбарияти вақти ҷумҳурӣ ва гирдиҳамоиҳои тӯлонӣ дар соли 1992 оқибат ба хунрезӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ оварданд. Таъсис додани «Ҳукумати муросои миллӣ» дар моҳи майи соли 1992 ва ба он ворид намудани намояндагони оппозитсия вазъиятро муташаниҷтар сохт: вилоятҳои Кӯлобу Ленинобод ҳукумати навро расман напазируфтанд. Дар баробари яроқнокшавии гурӯҳҳои алоҳида ва задухӯрдҳои

# TAJIK PEACE NEGOTIATIONS PROCESS

Now it is the 20th year Tajikistan has its state independence. Many great events could be named here that are of key importance in ensuring real independence and progress in the country giving the new reality. Undoubtedly, the peace negotiation process, peace and national accord that followed the process are very crucial among such events.

Achieving peace has provided favorable conditions for overall development of Tajik diplomacy, namely to increasing foreign trade turnover and attracting foreign investments to different areas including construction of roads, hydropower plants and power transmission facilities.

Confrontation between opposition parties and movements, on the one hand, and then government of the country as well as continued demonstration in 1992 finally led to bloodshed and civil war. Establishment of a "Government of National Reconciliation" in May 1992 and engaging the opposition representatives had deteriorated the situation: Kulob and Leninobod regions did not recognized the new Government. Terroristic acts started committing against certain politicians as separate opposition groups started getting armed and spark of armed clashes flashed. Paralyzed state bodies led to lose of control over the situation. Thus, the president was forced by armed groups to step down and southern and central parts of the country have been drawn into the whirlpool of civil war.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва раиси Комиссияи оштии миллӣ Саид Абдулло Нурӣ ҳангоми ҷашнгирии Наврӯз пас аз имзо шудани Созишномаи сулҳ. Душанбе, 21 марти соли 1998.

The President of the Republic of Tajikistan E. Rahmon and the Chairman of the National Reconciliation Compromission S. A. Nuri in Navruz festival after signing the Peace Agreement. Dushanbe, March 21,1998.



мусаллаҳона террори шахсиятҳои сиёсӣ оғоз ёфт. Фалаҷ гардидани сохторҳои давлатӣ ба он овард, ки вазъият аз зери назорат баромад, Президенти ҷумҳурӣ аз тарафи гурӯҳи яроқнок маҷбуран ба истеъфо фиристода шуд ва тадриҷан ҷанубу маркази кишварро оташи ҷанги ҳамватанӣ фаро гирифт.

Дар чунин шароити ниҳоят мураккабу печида моҳи ноябри соли 1992 дар шаҳри Хуҷанд иҷлосияи 16 Шӯрои Олии Тоҷикистон баргузор гардид. Вазъият дар пойтахт чунон хатарнок буд, ки дар он ҷо доир намудани иҷлосияи парлумон аз имкон берун гардид.

Дар рафти иҷлосия таҳлилу баҳодиҳии вазъияти баамаломада дар ҷумҳурӣ сурат гирифта, барои аз байн бурдани бӯҳрон чораҳои қатъӣ пешбинӣ шуданд. Яке аз чунин қадамҳои ҷиддӣ интихоби роҳбарияти нави ҷумҳурӣ ба шумор меравад. Раиси Шӯрои Олии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, ки дар ин сессия ба ин вазифа интихоб шуда буд, дар нутқи худ изҳор дошт: «Ман кори худро аз барқарор намудани сулҳ оғоз мекунам. Ман тарафдори давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд ҳастам. Мо бояд дар бобати ба эътидол овардани вазъият якдил бошем. Ман ҳам дар ин роҳ он чи аз дастам ояд, иҷро мекунам».

Дар он шабу рӯз бӯҳрони сиёсӣ тамоми шохаҳои ҳокимиятро фаро гирифта, онҳоро фалаҷ намуда буд. Бар асари ҷанги дохилӣ қариб як миллион нафар аз ҷойҳои доимии зисташон кӯчиданд, ҳазорҳо нафари дигар тарки ватан карданд, беш аз панҷоҳ ҳазор қурбонӣ шуда ё бедарак ғайб заданд, ба хоҷагии халқи кишвар ба маблағи беш аз 7 млрд. доллари ШМА зарари моддӣ расид. Албатта, зарари сиёсие, ки ба имиҷи давлат расид ва то имрӯз зудуда нашудааст, ё зиёни зеҳнию маънавие, ки сокинони кишвар бар асари бедодгариҳо ва қонуншиканиҳо ҳис карданд, ба меъёри ченак намеғунҷад.

Роҳбарияти нави Тоҷикистон ба мақсади берун овардани кишвар аз бӯҳрони фарогир кори мақсаднокро оғоз карда, ба мақсади ҳаллу фасли мушкилоти ҷойдошта тадбирҳои зиёде андешид. Хотима бахшидан ба ҷанги шаҳрвандӣ ва бозгардондани гурезаҳо аз вазифаҳои маркази сохторҳои марбутаи давлатӣ буданд. Аз рӯзҳои аввал кор дар самти ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалӣ дар бобати расонидани ёрии башардӯстона ба гурезаҳо, тадриҷан баргардонидани онҳо ба ҷойҳои зист, барқарор кардани хонаҳои харобу валангоршуда, шиносоӣ бо вазъи зисти фирориёни тоҷик дар Афғонистон шурӯъ гардид.

Дар баробари ин ба хотири сари мизи гуфтушунид нишастан бо мухолифин ва паст кардани муқовимати силоҳнок низ корҳо оғоз шуданд. Дар соли 1993 аллакай роҷеъ ба музокироти миёни ҳукумат ва мухолифин таклифу пешниҳодҳо мавриди баррасӣ қарор доштанд ва ҷониби мухолифин низ ин заруратро эътироф мекард. Ҳарду ҷониб – Ҳукумат ва мухолифин моҳияти гуфтушунидро дарк карда буд, зеро ба таври возеҳ медонистанд, ки ҷуз сулҳу ризоият роҳи дигаре нест.

Барои роҳандозӣ намудани ин нақшаҳо бо Созмони Милали Муттаҳид, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, дигар созмонҳои байналмилалӣ ва давлатҳои дӯст, аз ҷумла, Россия, Эрон, Афғонистон, кишварҳои Осиёи Марказӣ барои миёнҷигарӣ вохӯрию гуфтушунидҳо сурат гирифтанд, ки натиҷаҳои мусбат доштанд. Дар ин мулоқотҳо масъалаҳои бо роҳи осоишта, сиёсӣ ва тариқи гуфтушунид ҳал кардани ихтилофи мавҷуда муҳокима шуданд. Дар асоси мувофиқаҳои ҳосилшуда барои оғоз намудани раванди музокироти сулҳи тоҷикон дар сатҳҳои гуногун кор оғоз ёфт. Аз ҷониби худ роҳбарияти сиёсии мухолифин низ ба ин раванд тайёрӣ медид.

Гуфтушунидҳои миёни тоҷикон байни ҳайатҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди мухолифини тоҷик (ИМТ) таҳти сарпарастии Созмони Милали Муттаҳид сурат гирифтанд. Дар ин раванди мураккаб Намояндаи махсуси Дабири Кулли СММ оид ба Тоҷикистон хизматҳои миёнаравӣ мерасонд, инчунин бо хоҳиши ҷонибҳои алоқаманд дар ҷаласаҳо раисӣ мекард. Дар вохӯриҳо намояндагони кишварҳо ва созмонҳои байналмилалии алоқаманд ба сифати нозир ширкат меварзиданд.

Дар кишварҳое, ки даврҳои музокирот баргузор гардиданд, роҳбарони ин давлатҳо дар ҷараёни мулоқот кумаки калон ва хизматҳои миёнҷигарӣ пешкаш карданд. Дар ҷойҳои баргузории гуфтушунидҳо барои муваффақона гузаронидани онҳо тамоми шароитҳо ба вуҷуд оварда шуда буданд.

Ҳамин тариқ, дар айни амалиётҳои ҷангӣ раванди мураккабу бисёрдавраи гуфтушуниди миёни тоҷикон 5 апрели соли 1994 оғоз ёфта, 27 июни соли 1997 бо имзо шудани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон анҷом ёфт. Дар ин миён

The 16th session of the Supreme Council of Tajikistan was held in November 1992 during very complicated and strained situation. The situation in the capital was so dangerous that there was no possibility to hold the session of the Parliament.

The session was focused on assessment of the situation in the country and, thus, urgent measures aimed at overcoming the challenge were adopted as an outcome of the session. Electing a new head of state was a kind of measures mentioned above. Emomali Rahmon who was elected as the Chairman of the Supreme Council during the session declared as follows: «I will start my job with restoring peace. I am for democratic and constitutional state. We have to be united in stabilizing the situation. I will do my utmost to achieve this goal».

All power branches were covered by political crisis those days. Almost one million people had to leave their home including thousand ones who fled for foreign countries. More than fifty thousand people were killed or disappeared and the material damage for national economy exceeded 7 billion USD. Political damage caused to the image of the country still need to be managed with and there is no possibility to assess intellectual and moral damage inflicted to the people of the country as the consequences of the turmoil and violence.

The new Tajik Government launched taking purposeful efforts aimed at bringing the country out of the overall crisis and managing with all existing difficulties. Ceasing the civil war and bringing the refugees back to Tajikistan used to be a key goal of the corresponding governmental bodies. Since the very first days the Government started cooperation with international organizations in order to provide humanitarian assistance to refugees, bring them gradually back to their homes, restore their destroyed houses and get information about Tajik refugees in Afghanistan.

At the same time, certain works have been launched with the view to starting talks with the opposition and defusing armed tensions. There were some proposals under consideration on talks between the Government and the opposition back in 1993 and the opposition was also recognizing

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва роҳбари Иттиҳоди мухолифини тоҷик Саид Абдулло Нурӣ. Техрон, июли соли 1995.

The President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon and the Head of United Tajik Opposition (UTO) Said Abdullo Nuri. Tehran, July 1995.



имзо шудани «Созишнома дар бораи оташбаси муваққатӣ ва дигар амалҳои душманона дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон ва дохили кишвар дар давраи гуфтушунидҳо» дар Теҳрон 17 сентябри соли 1994 низ дар роҳи ба даст овардани сулҳ қадами ҷиддие гардид.

Раванди бисёрдавраи гуфтушунид, ки дар пойтахти Россия оғоз гардид, минбаъд бонавбат дар Теҳрон, Исломобод, Ашқобод, Алмаато, Бишкек, Машҳад, Хосдеҳ (шимоли Афғонистон) идома ёфта, дар Москва ба анҷом расид.

Таҷрибаи ҳосилшуда нишон дод, ки гуфтушунидҳо дар се зина доир гардиданд.

1. Гуфтушунидҳои ҳайатҳои ҷонибҳо, ки дар онҳо ҳамаи аъзои ҳайатҳо – 7-10 нафарӣ аз ҳар ду ҷониб иштирок мекарданд. Ҷузъ аз иштирокчиён ба ҳар ҳайат 3-5-тогӣ маслиҳатчӣ шомил буд.

Дар доираи ин гуфтушунидҳо усулҳои зерини баррасии масъалаҳо мавриди истифода қарор доштанд: а) машварати намояндагони СММ бо роҳбари ҳайати як ҷониб; б) машварати намояндагони СММ бо намояндагони як ҷониб; в) машварати намояндагони СММ бо роҳбарони ҳайатҳои ҳарду ҷониб; г) машварати чорҷониба миёни намояндагони СММ, кишвари қабулкунанда, роҳбарони ҳайатҳои ҷонибҳо; д) машварати тарафи қабулкунанда бо ҳайати яке аз ҷонибҳо; е) машварати намояндагони ҷонибҳо; ж) мулоқоти машваратӣ бе иштироки намояндагони кишварҳои нозир; з) ҷаласаи машваратӣ бо иштироки намояндагони кишварҳои нозир.

Аз рӯи натиҷаҳои музокирот брифингу нишастҳои матбуотӣ барои хабарнигорон доир мегардид.

2. Вохӯриҳои баландпоя (машваратҳои сатҳи баланд), ки дар онҳо роҳбарон ва теъдоди маҳдуди аъзои ҳайатҳо иштирок мекарданд.

3. Мулоқотҳои сатҳи олӣ, ки дар онҳо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Роҳбари Иттиҳоди мухолифини тоҷик иштирок мекарданд.

Барои доир намудани мулоқотҳои сатҳи олӣ маъмулан гурӯҳи корӣ таъсис дода мешуд, ки маводро барои муҳокима омода мекард. Ба гурӯҳи корӣ ва ҳайати расмӣ ҳамчунин шахсоне шомил карда мешуданд, ки узви ҳайати музокирот набуданд.

**Даври якуми музокирот.** Ҳамин тариқ, бо хоҳиши Федератсияи Россия ва миёнаравии Созмони Милали Муттаҳид даври якуми музокироти сулҳ 4-18 апрели соли 1994 дар шаҳри Москва баргузор гардид. Дар ин гуфтушунидҳо ба ҳайати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров – Вазири меҳнат ва шуғли аҳолии ҷумҳурӣ ва ба ҳайати Иттиҳоди мухолифини тоҷик Отахон Латифӣ - раиси Кумитаи ҳамоҳангсозии нерӯҳои демократии Тоҷикистон дар кишварҳои ИДМ роҳбарӣ мекарданд. Намояндаи махсуси Дабири Кулли СММ Рамиро Пирис-Баллон хизматҳои хайрхоҳонаи миёнҷигариро ба ҷо меовард. Ба сифати намояндаи кишвари мизбон дар маросими ифтитоҳи музокирот Вазири корҳои хориҷии Федератсияи Россия Андрей Козирев суханронӣ намуд.

Дар ин давр ҳамчунин намояндагони СММ, САҲА, СКИ, Комиссариати олии СММ оид ба корҳои паноҳандагон ва давлатҳои нозир (Британияи Кабир, ШМА, Афғонистон, Россия, Эрон, Ӯзбекистон, Қазоқистон, Покистон, Қирғизистон, Туркманистон) иштирок доштанд.

Масъалаи асосӣ барои муҳокима - тасдиқ намудани рӯзномаи гуфтушунидҳо буд. Ба рӯзнома се маҷмӯи масъалаҳо, ки ба ноил шудан ба оштии миллӣ дахл доранд, дохил карда шудаанд:

- чораҳое, ки ба ҳалли сиёсии вазъияти Тоҷикистон равона карда шудаанд;
- ҳалли масъалаҳои марбут ба гурезаҳо ва муҳоҷирони иҷборӣ;
- масъалаҳои аслии сохтори конститутсионӣ ва муттаҳидии давлатдории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар натиҷаи муҳокимарониҳо ва баҳсу мунозира ҳуҷҷатҳои зерин қабул гардиданд:

1. Рӯзномаи музокироти байни тоҷикон оид ба оштии миллӣ (12 апрели соли 1994).

2. Протокол дар хусуси ташкили Комиссияи муштарак оид ба масъалаи гурезаҳо ва муҳоҷирони иҷбории Тоҷикистон (19 апрели соли 1994).

3. Изҳороти муштараки иштирокчиёни музокироти байни тоҷикон «Дар бораи масъалаи нигоҳдории мамнӯъгоҳи «Бешаи палангон» (16 апрели соли 1994).

4. Баёнияи муштарак дар бораи ҷамъбасти давраи аввали гуфтушуниди байни тоҷикон оид ба оштии миллӣ (19 апрели соли 1994).

the need for such talks. Both parties had realized the substance of talks as they were aware of the fact that there was no other way but peace and accord.

Certain mediatory meetings were held with the representatives of the UN, the OSCE, and other friendly international organizations and states, including Russia, Iran, Afghanistan, Central Asian countries that all had positive follow-up. The aforesaid meetings were focused on possible ways to discuss existing challenges through peaceful, political means and negotiations. The Inter-Tajik Peace Negotiation Process at various levels was launched as an outcome of the meetings. The opposition leadership was also called for preparing to the process.

Talks between the delegations of the Government of the Republic of Tajikistan and United Tajik Opposition (UTO) were started under the auspieces of the UN. The UN Secretary General's Special Representative for Tajikistan used to be a mediator during that complicated process and chaired the meetings.

Representatives from many countries and international organizations participated in those meetings as political observers.

Heads of the countries where the negotiations had progressed extended great help and warm-heated services. Negotiating venues had all necessary conditions for successful implementation of negotiations.

Thereby, starting during the hostilities on April 5th, 1994, difficult and multiphase process of talks between the Tajiks ended on June 27, 1997 by the signing of General agreement on the strengthening of peace and national reconciliation in Tajikistan. Over this period the signing of "Agreement on provisional truce and other hostile acts at the Tajik-Afghan border and in country's territory during the negotiations" in Tehran on September 17, 1994 was also a significant step forward in the peace-building.

The multiphase negotiation process, which had started in the capital of Russia, continued alternately in Tehran, Islamabad, Ashgabat, Almaty, Bishkek, Meshhed, Khosdeh (north of Afghanistan) and has ended in Moscow.

Gained experience has shown that the talks were held in three levels.

1. The negotiations of parties consisting of 7 to 10 members. Besides the members each side had 3 to 5 juries.

Within the scope of these negotiations the following methods of questions examination were used: a) conference of the UN members with the staff head of each party; b) conference of the UN members with the representatives of one party; c) conference of the UN members with the staff heads of each party; d) four-way talks between the representatives of the UN, receiving country and parties' staff heads; e) conference of the receiving party with the staff of one party; f) the conference of the parties' representatives; g) consultative meeting without the representatives of receiving countries; h) consultative meeting with the participation of the representatives of receiving countries.

At the end of negotiations, briefings and press-conferences tookplace for the journalists took place.

2. High-level meetings (high-standard negotiations) in which the heads and limited number of staff members took part.

3. High-level negotiations, in which the President of the Republic of Tajikistan and the Head of United Tajik Opposition took part.

Generally, in order to hold top-level meetings, a working team was establilshed which prepared the sources for the discussion. The working team consisted of the men who weren't the members of the commission.

First round of negotiations. Thereby, at the discretion of Russian Federation and mediation of the UN, first stage of peace negotiations was held on April 4th-18th, 1994 in Moscow. During these negotiations the Government of the Republic of Tajikistan was lead by Shukurjon Zuhurov - Secretary of Labor and Population Employment of the country, and United Tajik Opposition was headed by Otakhon Latifi – the President of the coordination of Tajik democratic forces in CIS. Special representative of the UN Secretary General Ramiro Piris-Ballon has made an invaluable contribution tothe process of negotiations. Andrei Kozyrev the Foreign Minister of the Russian Federation spoke in the opening ceremony of negotiations as the representative of host country.

5. Изҳороти муштараки Намояндаи махсуси Дабири Кулли СММ дар Тоҷикистон Сафир Рамиро Пирис-Баллон ва иштирокчиёни гуфтушуниди байни тоҷикон оид ба оштии миллӣ.

Натиҷаи муҳимтарини ин даври музокирот сари як миз нишастани ду ҷониб буд. Пас аз баҳсҳои тӯлонӣ, бо душвориҳои зиёд бошад ҳам, ба имзо расидани ҳуҷҷатҳои номбурда дастоварди ҷиддие буд, зеро ин қадами аввал нишон дод, ки роҳи ҳалли сиёсии мушкилоти тоҷикон вуҷуд дорад. Ду ҷониб алоқамандии худро ба ҳалли сиёсии масъала тариқи муколама чун воситаи ягонаи комёб шудан ба оштии миллӣ таъкид намуда, ин принсипро дар Баёнияи муштараки худ дохил карданд. Ин қадами нахустин ва мушкилтарин дар роҳ ба сӯи сулҳ буд, вале монеа бартараф гардид ва мақсади асосии музокирот ба даст омад: ҷонибҳо пушти мизи гуфтушунид нишастанд, муколамаи душвори сиёсӣ байни Ҳукумати Тоҷикистон ва мухолифин оғоз ёфт.

Рӯзномаи музокироти байни тоҷикон оид ба оштии миллӣ, ки дар ин гуфтушунидҳо қабул гардид, барои даврҳои минбаъдаи музокирот роҳнамо гардид.

**Даври дуюм.** Даври дуюми музокирот 18–26 июни соли 1994 дар шаҳри Теҳрони Ҷумҳурии Исломии Эрон сурат гирифт. Дар ин гуфтушунидҳо ҳайатҳои иштирокчии вохӯрии аввал ширкат варзиданд. Дар маросими ҳусни оғоз бахшидан ба вохӯрӣ Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Исломии Эрон Алӣ Акбар Вилоятӣ суханронӣ намуд. Ин гуфтушунидҳо низ дар шароити мураккаб баргузор гардиданд. Аз ин сабаб ҳуҷҷати ягонае, ки қабул гардид – Баёнияи муштарак оид ба натиҷаи давраи дуюми гуфтушуниди байни тоҷикон оид ба оштии миллӣ буд.

Бояд зикр кард, ки ба иштирокчиёни музокирот ҳайати ҳукуматӣ лоиҳаи Созишнома дар бораи оташбас ва қатъи дигар амалиёти душманона дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистонро пешниҳод карда буд. Бо ҳамин ном лоиҳаи худро СММ паҳн намуд. Зиёда аз ин СММ лоиҳаи протоколеро дар бораи комиссияи муштарак оид ба амалӣ кардани созишномаи зикршуда пешниҳод кард.

**Мулоқоти аввалини баландпоя.** 12–17 сентябри соли 1994 вохӯрии ҷонибҳо дар сатҳи боло дар пойтахти Ҷумҳурии Исломии Эрон – шаҳри Теҳрон сурат гирифт. Дар ин мулоқот Намояндаи махсуси Дабири Кулли СММ Рамиро Пирис–Баллон нақши миёнҷигариро иҷро менамуд, ба ҳайати ҳукуматӣ А. Достиев – Муовини аввали Раиси Шӯрои Олии ҷумҳурӣ, ба ҳайати мухолифин А. Тураҷонзода – муовини аввали роҳбари Иттиҳоди мухолифини тоҷик роҳбарӣ мекарданд.

Ин дафъа ҳамоҳангии тарафҳо баҳри расидан ба натиҷаҳои мушаххаси сулҳофаринӣ эҳсос карда мешуд. Вохӯрии намояндагони ҳукумати ҷумҳурӣ бо роҳбари Иттиҳоди мухолифини тоҷик С.А. Нурӣ ва иштироки Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Исломии Эрон А. Вилоятӣ, ки дар оғози ин вохурӣ суханронӣ кард, аз моил будани тарафҳо ба қадамҳои ҷиддитар гувоҳӣ медоданд.

Дар натиҷаи машваратҳо ду ҳуҷҷати муҳим – Баёнияи муштарак ва Созишнома дар бораи оташбаси муваққатӣ ва қатъи дигар амалиёти душманона дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон ва дохили кишвар дар давраи гуфтушунид ба имзо расид. Бояд зикр намуд, ки Созишномаи зикршуда дар раванди сулҳ нақши махсус дошта, барои тадриҷан барқарор кардани оромӣ ва шароит фароҳам овардан барои даврҳои минбаъдаи музокирот хизмати босазо кардааст.

Ҷонибҳо дар ин Созишнома расман зери мафҳуми «қатъ кардани амалиёти душманона» иҷроиши шартҳои зеринро дохил намуданд:

- аз ҳар ду ҷониб қатъ кардани амалиёти ҷангӣ, ба шумули ҳар гуна сарҳадвайронкунӣ дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон, амалиётҳои ҳуҷумоварӣ дар дохили кишвар, зери тирборон қарор додан аз он самти ҳудуд, ташкили ҳар навъ машқи ҳарбӣ, ҷойгардон кардани сохторҳои доимӣ ва муваққатии ҳарбӣ дар Тоҷикистон, ки сабаби ихлол дар ин Созишнома мешавад;
- аз ҳар ду ҷониб қатъ кардани амалиёти террористӣ ва вайронкорӣ дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон, дохили ҷумҳурӣ ва кишварҳои дигар;
- роҳ надодани ҳар ду ҷониб ба куштор, гаравгонгирӣ, ҳабсу нигоҳдории ғайриқонунӣ, ғорати аҳолии осоишта ва ҳарбиён дар ҷумҳурӣ ва кишварҳои дигар;

The representatives of the UN, OSCE, OIC, UN High Commissariat for Refugees and observer countries (Great Britain, USA, Afghanistan, Russia, Iran, Uzbekistan, Kazakhstan, Pakistan, Kyrgyzstan and Turkmenistan) attended negotiations as well.

The main open question was the confirmation of the agenda for negotiations. Three types of questions related to the realization of peace were included to the agenda:

- steps to the political decision of the situation in Tajikistan;
- refugees and compelled migrants related issues settlement;
- main issues of the constitutional system and the unity of the statehood of the Republic of Tajikistan.

As a result of discussions and debates, the following documents were adopted:

1. Agenda for negotiations between Tajiks for the national reconciliation (April 12th, 1994).
2. Record in respect of the organization of Joint Committee for refugees and compelled migrants of Tajikistan (April 19th, 1994).
3. Joint declaration of the parties at the talks on the preservation of "Tiger Gully" natural reserve (April 16th, 1994).
4. Joint declaration on ending the first round of negotiations on the national reconciliation between the Tajiks (April 19th, 1994).
5. Joint declaration of the Special representative of the UN Secretary General in Tajikistan, Ambassador Ramiro Piris-Ballon and the parties at the talks on the national reconciliation between the Tajiks.

The major outcome of this stage of talks was that both negotiating parties were sitting together. In spite of long debates and great difficulties, the signing of the mentioned documents was a considerable achievement, since the first step had shown that there exists a way to political decision of Tajiks' hardship. The two sides, confirming that their relationship to political decision of the issue through dialogue is the only way to achieve national reconciliation, added this principle to their Joint declaration. This was the first and the most difficult step towards peace, but the obstacle was removed and the primary aim of negotiations was reached: the sides came to the negotiating table and difficult political talks between Tajik Government and the Opposition has started.

The agenda for negotiations on national reconciliation between the Tajiks, which was approved during these talks, became a guide for the next stages of the negotiations.

Second round of negotiations. Second stage of negotiations took place on June 18th-26th, 1994 in Tehran, the capital of Islamic Republic of Iran. Participants of the first meeting took part in these talks. The Foreign Minister of the Islamic Republic of Iran, Ali Akbar Viloyati took the floor from the beginning of the talks. These talks have also been held with difficulties. For this reason, the only signed document was the Joint Declaration on the results of the second round of negotiations on national reconciliation between the Tajiks.

It should be stressed, that the Government set forth to the parties at the talks a draft agreement about the cease-fire and other hostile acts at the Tajik-Afghan border. The UN distributed its draft with the same title. Moreover, the UN set forth a draft protocol about the Joint Commission for the implementation of mentioned agreement.

First high-level meeting. The high-level meeting of parties took place on September 12th-17th, 1994 in Tehran - the capital of the Islamic Republic of Iran. Special Representative of the UN Secretary General Ramiro Piris-Ballon acted as a mediator in this conference; the government members were headed by A. Dostiev, the first Deputy Chairman of the Supreme Council and the Opposition was lead by A. Turajonzoda, the first Deputy Head of United Tajik Opposition.

This time, concordance of the sides to succeed the concrete peacemaking outcomes was felt. The meeting of government representatives with the head of United Tajik Opposition S. A. Nuri and the participation of the Foreign Minister of the Islamic Republic of Iran A. Viloyati, who spoke in the beginning of this meeting, indicated that the sides were inclined to take more serious steps.

As a result of the conference, two important documents were signed – Joint Declaration and the Agreement on provisional truce and other hostile acts at the Tajik-Afghan border and in country's territory during the negotiations. It should be said, that the agreement, while playing a special role in the process of peace, made a valuable contribution to the step by step reestablishment of peace and providing conditions for the further negotiations.

- роҳ надодан ба муҳосираи маҳаллаҳои аҳолинишин, объектҳои хоҷагии халқ ва ҳарбӣ, инчунин ҳар навъи воситаҳои иртиботот;

- истифода набурдани воситаҳои алоқа ва ахбори омма дар вайрон кардани раванди мусолиҳаи миллӣ;

- истифода набурдани дин ва эҳсосоти мазҳабии мӯъминон, ҳама гуна идеология ба мақсадҳои душманона.

**Даври сеюми музокирот.** Даври сеюми гуфтушунидҳо 20 октябр – 1 ноябри соли 1994 дар шаҳри Исломобод - пойтахти Ҷумҳурии Исломии Покистон баргузор гардид. Намояндаи махсуси Дабири Кулли СММ Рамиро Пирис-Баллон хизматҳои хайрхоҳонаи миёнҷигариро ба ҷо меовард. Ба ҳайати ҳукуматӣ А. Достиев ва ба ҳайати мухолифин А.Тураҷонзода роҳбарӣ мекарданд. Дар ин вохӯрӣ ғайр аз намояндагони тарафҳо, ки дар вохӯрии дуюм ҳузур доштанд, намояндагони мухолифин Ш. Юсуфов ва Т. Абдуҷабборов иштирок намуданд. Мувофиқи формати қабулшуда дар музокирот намояндагони кишварҳои нозир (Афғонистон, Россия, Эрон, Ӯзбекистон, Қазоқистон, Покистон, Қирғизистон, Туркманистон) ва созмонҳои байналмилалӣ (САҲА, СКИ) иштирок доштанд. Дар ифтитоҳи вохурӣ Вазири корҳои хориҷии Покистон Сардор Юсуф Аҳмад Алӣ суханронӣ кард.

Дар натиҷаи ин нишаст ҳуҷҷатҳои зерин қабул гардиданд: Протокол дар бораи комиссияи муштарак оид ба татбиқи Созишнома дар бораи оташбаси муваққатӣ ва қатъи дигар амалиёти душманона дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон ва дохили кишвар; Баёнияи муштарак оид ба натиҷаҳои давраи сеюми гуфтушуниди байни тоҷикон барои оштии миллӣ (Ба ин ҳуҷҷат рӯйхати дастгиршудагон – аз ҳар ҷониб 27 нафарӣ барои табодул замима шуд).

Ин давраи гуфтушунидҳо бо душворӣ ҷараён гирифта, дар ҳалли масъалаҳои баррасишаванда баҳсу мунозираҳои зиёд ба миён омад. Сарфи назар аз ҳамаи ин дар Исломобод ба истиқболи сулҳу ризоияти миллӣ қадами наве гузошта шуд ва ҷонибҳо бо ҷамъбаст намудани даври сеюми музокирот ба фосилаи тӯлонитаре аз ҳам ҷудо шуданд.

Пас аз даври сеюм ҷонибҳо комиссияи муштарак оид ба татбиқи Созишнома дар бораи оташбаси муваққатӣ ва қатъи дигар амалиёти душманона дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон ва дохили кишвар таъсис доданд, ки дар ин самт корҳои зиёдеро ба анҷом расонид.

Дар ин миён дар ҷумҳурӣ воқеаҳои муҳими сиёсӣ ба вуқӯъ пайвастанд. 6 ноябри соли 1994 тариқи раъйпурсии умумихалқӣ Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардида, интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор шуд. Моҳи феврали соли 1995 бошад интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир гардид.

**Мулоқоти дуюми баландпоя.** Вохӯрии навбатӣ дар шакли машварати ҷонибҳо дар сатҳи болоӣ 9-26 апрели соли 1995 дар шаҳри Москваи Федератсия Россия баргузор гардид, ки дар он Рамиро Пирис-Баллон - Намояндаи махсуси Дабири Кулли СММ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаи миёнҷигариро ба ӯҳда дошт. Дар ин машварат роҳбарии ҳайати Ҳукумати Тоҷикистонро М. Убайдуллоев - муовини сарвазири ҷумҳурӣ ва роҳбарии ҳайати Иттиҳоди мухолифини тоҷикро А.Тураҷонзода ба ӯҳда доштанд. Дар вохӯрӣ ҳамчунин намояндагони 8 кишвари нозир ва созмонҳои байналмилалӣ (САҲА, СКИ, Комиссариати олии СММ дар умури паноҳандагон) ширкат варзиданд.

Аз рӯи натиҷаҳои машварат ду ҳуҷҷат - Тағироти ҷузъӣ ба Созишнома дар бораи оташбаси муваққатӣ ва қатъи дигар амалиёти душманона дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон ва дохили кишвар ва Изҳороти муштараки ҳайати Ҳукуматии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳайати мухолифини тоҷик қабул шуданд.

Аз оғози гуфтушунидҳо як сол сипарӣ шуд ва сарфи назар аз душвориҳои раванди музокирот дастовардҳо назаррас буданд. Дар кишвар бошад вазъият рӯ ба эътидол оварда, ояндаи он рушантар ба назар мерасид, мардум чорабиниҳои ҳукуматиро барои таъмини волоияти қонун, таъмини низоми дохилии кишвар ва сиёсати хориҷии он ҷонибдорӣ мекард. Дар баробари ин дар минтақаҳои алоҳида – Қаротегину доманакӯҳи Помир задухӯрдҳои алоҳида миёни қувваҳои ҳукуматӣ ва ҷангиёни мухолифин рух медоданд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хотири тезонидани муассиртар сохтани раванди музокирот дар баробари идома додани вохӯриҳои ҳайатҳо бо роҳбари Иттиҳоди мухолифини тоҷик С.А. Нурӣ вохӯрдан мехост. Дар ин самт корҳои омодагӣ сурат гирифтанд ва оқибат формати нави гуфтушунид - вохӯрӣ дар сатҳи олӣ баргузор гардид ва он ба раванди музокирот такони ҷиддӣ бахшид.

In that agreement, the parties have determined "cessation of hostile acts" as:

- mutual armistice, including border violation at the Tajik-Afghan border, domestic attacks, assaults across the border, arrangement of any kind of military exercises, regrouping of permanent and provisional military structures in Tajikistan which becomes backset to the Agreement;
- mutual cessation of terrorism and destructive acts at the Tajik-Afghan border, interior parts of Tajikistan and other countries;
- mutual prevention of murder, holding hostages, false arrests, plunder of civilian and military people in the Republic and other countries;
- prevention of encirclement of residential areas, agriculture and defense facilities, as well as any kinds of communication facilities;
- prevention of the use of communication facilities and news media for destruction of the process of national reconciliation;
- prevention of hostile use of religion and religious belief of Muslims and any kinds of ideology.

Third round of negotiations. Third round of talks was held on October 20th – November 1st, 1994 in Islamabad, the capital of the Islamic Republic of Pakistan. Special representative of the UN Secretary General Ramiro Piris-Ballon administered mediatory aid during the negotiations. The government delegation was headed by A. Dostiev and the Opposition was lead by A. Turajonzoda. In this meeting, except the members who had participated in the second round, Sh. Yusupov and T. Abdujabborov were included additionally to opposition delegation. According to the adopted format, the representatives of observer countries (Afghanistan, Russia, Iran, Uzbekistan, Kazakhstan, Pakistan, Kyrgyzstan and Turkmenistan) and international organizations (OSCE, OIC) took part at negotiations. Pakistan Foreign Minister Sardor Yusuf Akhmad Ali took the floor in the opening patt of the meeting.

As a result of this conference the following documents were adopted: Record about the Joint commission for implementation of the Agreement on provisional truce and other hostile acts at the Tajik-Afghan border and in country's territory; Joint Declaration on the results of the second round of negotiations on national reconciliation between the Tajiks (a list of detainees for interchange – 27 persons from each side had been attached to this document).

This period of negotiations, advancing with difficulties, brought many arguments and debates during the solution of concerned problems. Regardless of all these challenges, a new step towards peace and national consent was taken in Islamabad, and with the close of third round of negotiations the parties have drifted apart.

After the third round the parties established a Joint commission for implementation of the Agreement on provisional truce and other hostile acts at the Tajik-Afghan border and in country's territory, which accomplished many works in this direction.

Over this time, major political developments have occurred in the country. On November 6th, 1994 the Constitution of the Republic of Tajikistan was adopted by national public-opinion poll, and presidential elections were conducted. And in February, 1995 elections of the Supreme Council of the Republic of Tajikistan took place.

Second high-level meeting. The next high-level meeting in the form of the council was held on 9th-26 April, 1995 in Moscow, Russia. During that meeting, Ramiro Piris-Ballon, Special representative of UN Secretary General played a mediatory role. In this council the Government delegation was headed by M. Ubaydulloev, Deputy Prime-minister of the Republic of Tajikistan and the United Tajik Opposition was lead by A. Turajonzoda. The representatives of 8 observer countries and international organizations (OSCE, OIC, UN High Commissariat for refugees) took part in that meeting as well.

According to the results of the council, the partial variations on the Agreement on provisional truce and other hostile acts at the Tajik-Afghan border and in country's territory and Joint declaration of the members of the Republic of Tajikistan and the members of Tajik opposition were adopted.

It has been one year since the talks had started, and despite the difficulties in debates, the results were impressive. The situation in the country was stabilized and the future seemed clearer, the people took governmental actions for the provision of supremacy, domestic order and an implementation of the foreign policy of the country. At the same time, in certain regions – Qarotegin and the Pamirs foothills scattered clashes took place between the forces of government and the opposition.

**Мулоқоти нахустини сатҳи олӣ.** 17-19 майи соли 1995 дар шаҳри Кобул –пойтахти Афғонистон мулоқоти нахустини Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо роҳбари Иттиҳоди мухолифини тоҷик Саид Абдуллоҳи Нурӣ бо миёнҷигарии намояндаи махсуси Дабири Кулли СММ Рамиро Пирис-Баллон ва мусоидати фаъолонаи Президенти Давлати Исломии Афғонистон Бурҳонуддин Раббонӣ баргузор гардид.

Ин вохӯрӣ ба қабули Изҳороти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Ҳаракати наҳзати исломии Тоҷикистон Саид Абдуллоҳи Нурӣ анҷом ёфт. Дар Изҳорот гуфта мешавад, ки «ҳангоми мулоқот ҳарду ҷониб омодагии худро ба ҳаллу фасли масъалаҳои муҳимтарини кишвар – роҳ надодан ба муноқишаи беохири миёни тоҷикон ва ноил шудан ба ҳусни тафоҳуми комили онон, таъмини оташбас алҳол барои се моҳ, бозгашти ҳамаи муҳоҷирон ба ҷойҳои муқимии зист, эътидоли пурраи вазъияти сиёсии Тоҷикистон собит намуданд». Дар изҳорот азми қавии ҷонибҳо барои идома додани музокирот равшан ифода ёфта буд. Тарафҳо изҳор намуданд, ки «ба хотири рафъи низоъ аз тариқи сиёсӣ, тавассути музокирот, бунёди шароити сулҳи пойдор дар сарзамини тоҷикон тамоми ҷидду ҷаҳди хешро дареғ нахоҳанд дошт».

Ҳарду ҷониб аз аҳду паймони бадастомада қаноатманд буданд ва онҳоро барои музокироти минбаъда муфид арзёбӣ намуданд. Бо қабули изҳорот барои гуфтушунидҳои минбаъда заминаи нав эҷод карда шуд ва боварии ҷонибҳо барои дастрасӣ ёфтан ба сулҳу оштӣ қавитар гардид.

**Даври чоруми музокирот.** Даври навбатии гуфтушуниди тарафҳо аз 21 май то 1 июни соли 1995 дар шаҳри Алмаато - пойтахти Ҷумҳурии Қазоқистон бо миёнҷигарии Рамиро Пирис-Баллон - Намояндаи махсуси Дабири Кулли СММ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барпо гардид.

Вохӯрии охирини Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо роҳбарият ва аъзои Комиссияи оштии миллӣ. Душанбе, 31 марти соли 2000.

Last meeting of the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon with the leadership and members of the National Reconciliation Commission. Dushanbe, March 31, 2000.



The President of the Republic of Tajikistan, in order to speed up the efficiency of negotiations process, in addition to continuation of the members' meetings wished to meet the head of the United Tajik Opposition S. A. Nuri. The preliminary works took place in that direction, and as a result of those aspirations new negotiation format was implemented and it has given an earnest stimulus to negotiation process.

First high-level meeting. The first meeting of the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon and the head of United Tajik Opposition Said Abdullohi Nuri was held on May 17th-19th, 1995 in Kabul – the capital of Afghanistan. Special representative of the UN Secretary General Ramiro Piris-Ballon acted as a mediator and the President of the Islamic Republic of Afghanistan Burhonuddin Rabboni made an active contribution during this meeting.

This gathering has ended by the approval of Declaration of the President of Republic of Tajikistan Emomali Rahmon and the head of the Movement of Islamic Revival of Tajikistan Said Abdullohi Nuri. It was said in the Declaration, that "during the meeting, both parties demonstrated their readiness for the solution of country's major problems – prevention of endless conflict between Tajiks and attainment of their complete mutual understanding, ensuring of cease-fire for three months, return of all refugees to their permanent places of residence and achieving of political stability of Tajikistan". The sides' firm intention to continue the gathering was clearly set forth in the declaration. The sides have declared that "they willing to exert every effort in order to eliminate the political arguments".

Both sides were satisfied with the achieved agreement and estimated it useful for further negotiations. With the approval of this declaration, the basis for subsequent talks was formed and the sides' belief in the realization of peace and truce grew stronger.

Fourth round of negotiations. The next round of negotiations took place from May 21st till June 1st, 1995 in Almaty – the capital of the Republic of Kazakhstan. Special representative of the UN Secretary General Ramiro Piris-Ballon acted as a mediator during these talks.

During this meeting the government delegation was headed by M. Ubaydulloev, Deputy Prime-minister of the Republic of Tajikistan and the Opposition was lead by A. Turajonzoda, Deputy Head of the UTO. Traditionally, the representatives of observer countries and international organizations took part in the gathering. The Minister of Foreign Minister of the Republic of Kazakhstan Kasimjomart Tokaev acted as a representative of the host country. According to the agenda, basic issues of the constitutional system and statehood consolidation of the Republic of Tajikistan were discussed during these talks.

The negotiations ended with the approval of the Joint Declaration of Government members of the Republic of Tajikistan and members of the Tajik opposition on the result of the fourth round of talks on the national reconciliation between Tajiks.

Second high-level meeting. The meeting of the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon and the head of United Tajik Opposition Said Abdullohi Nuri was held on July 19th, 1995 in Tehran, the capital of Iran. Special representative of the UN Secretary General – Ramiro Piris-Ballon acted as a mediator during the meeting. President of the Islamic Republic of Iran Ali Akbar Hoshimi Rafsanjoni and the Foreign Minister Ali Akbar Viloyati took part in that meeting.

This meeting has also taken new steps towards the achieving peace and national reconciliation. The talks have ended with the approval of the Declaration of the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon and the head of Tajik Opposition Said Abdullohi Nuri. The document has enshrined an agreement in the following questions: a conduct of the meeting ceremony of Tajik people with the participation of the same number of parties' representatives in point of seeking a way to solve political and social crisis of the country; holding more talks at all levels, including high-level talks, until the final solution of the discussed problems, review of the prolongation of provisional truce agreement at the fifth round of negotiations; conduct of the fifth round of negotiations early August, 1995.

The results of these talks have shown that the arrival of President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon and his suggestions have convinced the opposition leaders that the supreme leader had set the restoration of peace and national accord as his objectives.

The signing of the first protocol on the general agreement. In August, 1995, when, according to the Declaration of July 19, it was time for the fifth round of negotiations, a serious incident took place in the process of negotiations. The talks were put off, but instead of negotiations, on August

Дар ин вохурӣ ба ҳайати ҳукуматӣ М. Убайдуллоев – муовини Сарвазири ҷумҳурӣ ва ба ҳайати мухолифин А. Тураҷонзода – муовини аввали ИМТ роҳбарӣ мекарданд. Дар вохӯрӣ чун анъана намояндагони кишварҳои нозир ва созмонҳои байналмилалӣ иштирок доштанд. Чун намояндаи кишвари мизбон дар мулоқот Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Қазоқистон Қосимжомард Токаев ширкат варзид. Дар ин музокирот мувофиқи рӯзнома масъалаҳои бунёдии сохтори конститутсионӣ ва тақвияти давлатдории Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Гуфтушунидҳо бо қабул шудани Изҳороти муштараки ҳайати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳайати мухолифини тоҷик роҷеъ ба натиҷаи давраи чоруми гуфтушуниди байни тоҷикон оид ба оштии миллӣ анҷом ёфтанд.

**Мулоқоти дуюми сатҳи олӣ.** 19 июли соли 1995 дар шаҳри Теҳрон – пойтахти Эрон вохӯрии навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва роҳбари Иттиҳоди мухолифини тоҷик, раиси Ҳаракати наҳзати исломии Тоҷикистон Саид Абдуллоҳи Нурӣ бо миёнҷигарии Намояндаи махсуси Дабири Кулли СММ Рамиро Пирис-Баллон баргузор гардид. Дар мулоқот Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон Алӣ Акбар Ҳошимӣ Рафсанҷонӣ ва Вазири корҳои хориҷии ин кишвар Алӣ Акбар Вилоятӣ ширкат варзиданд.

Ин вохӯрӣ низ дар роҳи расидан ба сулҳу оштии миллӣ қадамҳои нав гузошт. Мулоқот бо қабул намудани Изҳороти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва роҳбари мухолифини тоҷик Саид Абдуллоҳи Нурӣ анҷом ёфт. Дар ин ҳуҷҷат, аз ҷумла, роҷеъ ба масъалаҳои зерин мувофиқа ҳосил шуд: даъват намудани Анҷумани машваратии халқҳои Тоҷикистон бо иштироки баробари намояндагони тарафҳо ҷиҳати пайдо намудани роҳи ҳалли бӯҳрони сиёсӣ ва иҷтимоии кишвар; давом додани музокирот дар ҳамаи сатҳҳо, аз ҷумла, дар сатҳи олӣ то ҳалли ниҳоии масъалаҳои мавриди баҳс, муҳокимаи тамдиди мӯҳлати Созишномаи оташбаси муваққатӣ дар даври панҷум; дар аввали моҳи августи соли 1995 баргузор намудани даври панҷуми музокирот.

Натиҷаҳои ин мулоқот нишон доданд, ки бо ворид гардидани Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва таклифҳои ӯ роҳбарияти мухолифинро дилпур намуд, ки Роҳбари давлат роҳи устувори барқарор намудани сулҳ ва ризоияти миллиро мароми худ қарор додааст.

**Ба имзо расидани протоколи нахустини Созишномаи умумӣ.** Моҳи августи соли 1995, ки мебоист мувофиқи Изҳороти 19 июл даври панҷуми музокирот баргузор мегардид, дар ҷараёни гуфтушунидҳо рӯйдоди ҷиддие ба амал омад. Гуфтушунидҳо ба вақти дигар гузаронида шуданд, вале ба ҷои ин бо миёнаравии Намояндаи Дабири Кулли СММ Рамиро Пирис-Баллон 17 августи соли 1995 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Душанбе ва роҳбари мухолифини тоҷик Саид Абдуллоҳи Нурӣ дар Кобул ба ҳуҷҷати бисёр муҳим - Протокол дар бораи принсипҳои асосии барқарор кардани сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон имзо гузоштанд, ки дар он роҳу усулҳои ҳарчи зудтар расидан ба сулҳи комил пешбинӣ шуда буданд. Он ҳуҷҷате гардид, ки минбаъд ҳарду ҷониб амалҳои худро дар раванди барқарорсозии сулҳу оштии миллӣ бо он мувофиқ мегардониданд. Яке аз арзишҳои муҳиме, ки дар Протокол дарҷ ёфт, ҳал намудани масъалаҳои сиёсӣ бо роҳҳои мусолиматомез дар асоси қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон буд.  Дар оғози ҳуҷҷат омадааст: «Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон ва роҳбари оппозитсияи тоҷик А. Нурӣ барои риояи таъмини манфиатҳои олии халқи тоҷик нияти ҷиддӣ дошта, таъкид мекунанд, ки музокира ва ҳамкорӣ василаи зарурии дастрасӣ ба сулҳи устувор дар кишвар мебошад». Дар ин ҳуҷҷат омадааст, ки аз 18 сентябри соли 1995 сар карда, ба мақсади ҳарчи зудтар ба имзо расонидани Созишномаи умумӣ дар бораи барқарор кардани сулҳ ва оштии миллӣ дар Тоҷикистон давраи бетанаффуси музокирот ташкил карда шавад.

Протокол муқаррар намуд, ки Созишномаи умумии зикршуда аз протоколҳои ҷудогона оид ба гурӯҳи зерини проблемаҳо иборат мешавад:

«а) проблемаҳои сиёсӣ ба шумули Форуми Машваратии халқҳои Тоҷикистон, фаъолияти ҳамаи аҳзоби сиёсӣ ва ҷунбишҳои сиёсӣ ва иштироки намояндаҳои онҳо дар идораи ҳокимият, ҳамчунин амиқтар кардани раванди демократикунонии ҷомеаи тоҷик;

б) проблемаҳои ҳарбӣ, ба шумули ислоҳоти сохторҳои боиқтидори ҳукумат, барҳам до-

17th, 1995 the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon in Dushanbe and the head of Tajik opposition Said Abdullohi Nuri in Kabul have signed a major document – Protocol on the basic principles of establishment of peace and national reconciliation in Tajikistan. This document had provided for the ways of early peace. It has become a document which determined the actions of both sides in the process of restoration of peace and national reconciliation. One of the most important values mentioned in that Protocol was the solution of political problems by peaceful means on the basis of acting legislation of the Republic of Tajikistan. In the beginning of the document we can read: "The President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon and the Head of Tajik opposition A. Nuri, having serious intentions of the observance of Tajik people's supreme interests, emphasize that discussion and cooperation is a proper and necessary way for achieving a lasting peace in the country." It is said in the document that, a period of continuous negotiations should be announced starting from September 18th, 1995, for the purpose of a signing the General Agreement on the establishment of peace and national reconciliation in Tajikistan.

The Protocol has determined that the mentioned General Agreement consists of separate records about the following groups of problems:

a) political problems on the Public Council of Tajikistan, the activity of all political parties and political movements and the participation of their representatives in the public governance, as well as extending the process of democratization of Tajik society;

b) military problems, concerning the reforms of powerful governmental structures, liquidation of, disarmament and reintegration of the opposition armed forces with the government armed forces according to the schedule determined during the negotiations;

c) repatriation, safe and fair voluntary reintegration of refugees, concerning guarantee of their legal, economic and social protection;

d) commission on mutual observation and supervision of compliance with the General Agreement;

e) guarantee of the execution of General agreement, concerning the role of the UN, international countries and organizations, observers of inter-Tajik negotiations;

f) the conference of donor countries for the investments for the reintegration of refugees, compelled refugees, persons exempted from military service during the process of national reconciliation, including the help required for the rehabilitation of the country's agriculture which had come to ruin during the war."

As well it was ascertained that the Protocols on mentioned problems are part and parcels of the General Agreement, and the mentioned document is the first Protocol of negotiations. The other Protocols, which have been prepared and approved one by one, were done in compliance with the General Agreement on the establishment of peace and national reconciliation. These documents facilitated the safeguarding of peace and security in the country.

Fifth round of negotiations. As the Protocol had determined the basic principles of the establishment of peace and national reconciliation in Tajikistan, fifth round of continuous negotiations went on for the purpose of signing of General Agreement until the complete solution of the problems related to the achieving of peace and national reconciliation. Thereby, in the years 1995-1996, the fifth round of negotiations took place in Ashgabat, the capital of Turkmenistan in three phases. This round of negotiations lasted comparatively longer and the major problems related to the implementation of the progress made previously, particularly the Record of August, 17th, were resolved during the talks.

First stage of the fifthround of negotiations. The first stage of the fifth round of inter-Tajik negotiations took place from November 30th until December 22nd, 1995. The government delegation was headed by M. Ubaydulloev, Deputy Prime-minister of the Republic of Tajikistan and the opposition was lead by A. Turajonzoda, first Deputy Head of United Tajik Opposition. As he had before, Special Representative of the UN Secretary General Ramiro Piris-Ballon acted as a mediator at the meeting. The Foreign Minister of Turkmenistan B. Shikhmuradov took part in negotiations.

This round of negotiations allowed to review the third part of the agenda. They went on with difficulties and the result of discussions was the signing of two documents: joint declaration and a declaration of the chairman.

дан, халъи силоҳ ва реинтегратсияи сохторҳои мусаллаҳи мухолифин бо қувваҳои мусаллаҳи ҳукумат ё соҳаи мулкии кишвар дар асоси графике, ки ҳангоми музокирот муайян шудааст;

в) репатриатсия ва реинтегратсияи ихтиёрӣ, бехатар ва бошарафонаи гурезаҳо, ба шумули кафолати ҳимояи ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии онҳо;

г) комиссия оид ба мушоҳида ва назорати аз ҳар ду тараф риоя шудани Созишномаи умумӣ;

д) кафолати иҷрои Созишномаи умумӣ, ба шумули нақши эҳтимолии Созмони Милали Муттаҳид, мамолик ва созмонҳои байналмилалӣ – нозирони музокироти байни тоҷикон;

ж) конфронси донорҳо барои маблағгузории барномаҳо барои реинтегратсияи гурезаҳо, муҳоҷирони иҷборӣ, ашхоси дар раванди мусолиҳаи миллӣ аз аскарӣ ҷавоб шуда, ҳамчунин ёрии зарурӣ барои эҳёи хоҷагии халқи мамлакат, ки дар асари ҷанги гражданӣ хароб шудааст».

Ҳамчунин муқаррар гардид, ки протоколҳо оид ба маҷмӯи проблемаҳои зикршуда ҷузъи пайвастаи Созишномаи умумӣ мебошанд ва ҳуҷҷати мазкур аввалин Протоколи ин силсила аст. Протоколҳои дигар, ки аз ин пас пайи ҳам тахия ва қабул мешуданд, бо Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ҷамъбаст гардида, таъмини сулҳу субот дар кишвар тавассути онҳо сурат мегирифт.

**Даври панҷуми музокирот.** Тавре дар Протокол дар бораи принсипҳои асосии барқарор кардани сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон муайян шуда буд, ба мақсади ҳарчи зудтар ба имзо расонидани Созишномаи умумӣ даври панҷуми бетанаффуси музокирот бояд то ҳалли ниҳоии масъалаҳои вобаста ба комёб шудан ба сулҳ ва ризоияти миллӣ идома меёфт. Ҳамин тариқ, даври панҷуми музокирот бо се марҳала солҳои 1995-1996 дар шаҳри Ашқободи Туркманистон баргузор гардид. Гуфтушунидҳо дар ин давр нисбатан тӯлонӣ сурат гирифта, дар онҳо муҳимтарин масъалаҳои вобаста ба амалӣ намудани мувофиқаҳои қаблан ҳосилшуда, хусусан Протоколи 17 август ҳаллу фасли худро ёфтанд.

**Марҳалаи аввалини даври панҷум.** Аз 30 ноябр то 22 декабри соли 1995 дар Ашқобод марҳилаи нахустини даври панҷуми гуфтушунидҳои миёни тоҷикон доир гардид, ки дар он ба ҳайати ҳукуматӣ М. Убайдуллоев – Муовини аввали Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба ҳайати мухолифин А. Тураҷонзода – муовини аввали роҳбари Иттиҳоди мухолифини тоҷик роҳбарӣ мекарданд. Чун пештара Намояндаи махсуси Дабири Кулли СММ Рамиро Пирис-Баллон вазифаи миёнҷигариро ба ӯҳда дошт. Дар ҷаласаҳо Вазири корҳои хориҷии Туркманистон Б. Шихмурадов ширкат варзид.

Дар ин марҳила баррасӣ намудани қисми сеюми масъалаҳои рӯзномаи музокирот идома ёфт. Гуфтушунидҳо бо душворӣ ҷараён гирифтанд ва ин буд, ки дар натиҷаи муҳокимаи масъалаҳои баррасигардида ду ҳуҷҷат: изҳороти муштарак ва изҳороти Раис қабул гардиданд.

**Марҳалаи дуюм.** 26 январ – 19 феврали соли 1996 дар пойтахти Туркманистон марҳалаи дуюми даври панҷуми музокирот баргузор шуд. Аз ин марҳала сар карда, ба ҳайати ҳукуматӣ Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Талбак Назаров роҳбарӣ мекард, роҳбарии ҳайати мухолифинро А.Тураҷонзода ба ӯҳда дошт. Миёнҷигарӣ ба ӯҳдаи Рамиро Пирис-Баллон - Намояндаи махсуси Дабири Кулли СММ дар Тоҷикистон буд. Ҳамчунин нозирон аз 8 кишвар ва созмонҳои байналмилалӣ (САҲА, СКИ, Комиссариати олии СММ дар умури паноҳандагон) иштирок доштанд. Дар ҷаласаҳо Вазири корҳои хориҷии Туркманистон Б. Шихмурадов ширкат варзид.

Дар ин вақт вазъи сиёсӣ-иҷтимоии ҷумҳурӣ муташанҷ буд, аз ин сабаб мулоқотҳо низ бо мушкилиҳо ҷараён гирифтанд. Дар натиҷаи ин нишаст Эъломияи Ашқобод дар бораи ҷамъбасти марҳалаи дуюми гуфтушуниди байни тоҷикон оид ба оштии миллӣ зери сарпарастии СММ қабул гардид.

**Иҷлосияи махсуси парлумони Тоҷикистон.** Марҳалаи якум ва дуюми даври панҷуми гуфтушунидҳо нишон дод, ки оид ба ҳаллу фасли баъзе масъалаҳо, пеш аз ҳама, таъсис додани ниҳоди алоҳида дар давраи татбиқ намудани Созишномаи умумӣ назарҳои ҷонибҳо фарқ мекунанд. Масалан, ҳайати мухолифин пешниҳод намуд, ки як ниҳоди ба сохторҳои давлатӣ таъсиррасон бо ваколатҳои зиёд бо номи Шӯрои оштии миллии доимоамалкунанда таъсис дода шавад. Чунин масъалагузорӣ хилофи Конститутсияи Тоҷикистон буд. Ҷониби Ҳукумат



Роҳбари давлат, Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Роҳбари Намояндагии нозирони СММ дар Тоҷикистон Ливиу Бота дар назди дафтари намояндагӣ. Душанбе, 2 марти соли 1993.

The head of the state/Chairman of the Supreme Council of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon and the Head of United Nations Military Observers to Tajikistan (UNMOT) Liviu Botta at the office of the mission. Dushanbe, on March 2, 1993.

Second stage. The second stage of the fifth round of negotiations took place in the capital of Turkmenistan on January 26th – February 19th, 1996. Starting from this phase, the government delegation was headed by Minister of Foreign Affairs of the Republic of Tajikistan Talbak Nazarov and the opposition was lead by A. Turajonzoda. The mediatory role was played by Ramiro Piris-Ballon, the Special representative of the UN Secretary General in Tajikistan. Also the observers from 8 countries and international organizations (OSCE, OIC, UN High Commissariat for Refugees) took part in the meeting. Turkmenistan's Foreign Minister B. Shikhmuradov participated in the talks as well.

This time, political and social situation in the country was tense, and for that reason negotiations went on with difficulties. As a result of this gathering, Ashgabat Declaration on the closing of the second stage of inter-Tajik negotiations on the national reconciliation under the guidance of the UN was adopted.

Special parliamentary session of Tajikistan. First and second stages of the fifth round of negotiations have shown that, concerning the solution of certain problems, especially on forming certain bodies for an implementation of the General Agreement, the parties' viewpoints were not consolidated. For example, the opposition team proposed to create an influential state body with wide powers, called Permanent Council of the National Reconciliation. Such proposal contradicted the Constitution of Tajikistan. As for the Government delegation, it had an objective to create a Public Council of Tajikistan which was approved at top-level by both parties.

Since the parties didn't come to understanding of such major problems, the government saw fit to discuss the problem of Tajiks' negotiations in the parliament. To this effect and in order to prevent the friction between the parties, Special Session of the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan was convened on March 11th, 1996 with the participation of the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon, UN Under-Secretary-General I. Kittoni, Special representative of the UN Secretary General in Tajikistan Ramiro Piris-Ballon, representatives from Russia, Uzbekistan, Iran and Afghanistan. The head of the government delegation, Tajik Foreign Minister Talbak Nazarov delivered special report at the session.

The President of the Republic of Tajikistan in the course of delivering speech at the session has highly evaluated the importance of negotiations for addressing existing challenges: «This experience is rather unique in the political history of the world. We however initiated it with the view of ending any conflicts, for consolidation of our beloved nation and secure of well-being of the people». Head of state stressed that "call on the leadership of opposition is made only for one reason: since uninterrupted inter-Tajik negotiations have reached a deadlock, we decided in this session to openly talk with opposition's leadership with no diplomatic disquises…. We do hope and believe that current negotiations will enable to undo a knot of challenges which had been emerged».

The President expressed his commitment to way choosen that means peaceful setllment of differences and conflicts, while stressing: «we are ready to undertake any measures in order to eliminate difficultuies emerged in the negotiation process by peaceful means». Head of state offered

бошад таъсис додани Форуми машваратии халқҳои Тоҷикистонро, ки тарафҳо дар сатҳи олӣ маъқул дониста буданд, мувофиқи мақсад медонист.

Азбаски ҷонибҳо оид ба чунин масъалаҳои муҳим сари як фикр наомаданд, роҳбарияти ҷумҳурӣ зарур донист, ки масъалаи гуфтушуниди тоҷикон дар парлумони кишвар мавриди муҳокима қарор гирад. Ба ин хотир ва барои аз байн бурдани мухолифати тарафҳо 11 марти соли 1996 бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, муовини Дабири Кулли СММ И. Қиттонӣ,  Намояндаи махсуси Дабири Кулли СММ дар Тоҷикистон Р. Пирис-Баллон, намояндагони Россия, Ӯзбекистон, Эрон, Афғонистон иҷлосияи махсуси Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъват карда шуд. Дар иҷлосия бо маърӯзаи махсус роҳбари ҳайати ҳукуматӣ дар музокирот, вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Т. Назаров баромад кард.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни суханронии худ дар иҷлосия зарурати гуфтушунидҳоро барои ҳалли мушкилоти ҷойдошта муҳим арзёбӣ намуд: «Чунин таҷриба шояд дар таърихи сиёсии дунё камназир бошад. Вале мо ба хотири қатъи ҳама муноқишот, ба хотири сарҷамъии миллати азизамон ва таъмини осудагии рӯзгори мардум ба ин кор иқдом кардем». Роҳбари давлат иброз дошт, ки «ба иҷлосия даъват шудани роҳбарияти мухолифин танҳо як мақсад дорад: азбаски давраи бетанаффуси гуфтушуниди байни тоҷикон ба кӯчаи сарбаста ворид шуд, қарор додем, ки дар ин иҷлосия бо роҳбарияти мухолифин рӯ ба рӯ, ошкоро, бе пардапӯшиҳои дипломатӣ гуфтугӯ кунем…. Умед мекунем ва боварӣ дорем, ки гуфтугӯйи имрӯза гиреҳи мушкилоти пешомадаро боз менамояд».  Президент алоқамандии роҳбарияти кишварро ба роҳи пешгирифта, яъне тариқи мусолиматомез ҳаллу фасл намудани мухолифат изҳор дошта, таъкид кард: «мо тайёр ҳастем тамоми чораҳоро бинем, ки мушкилоти дар раванди музокирот ба вуҷудомада хушӣ ба хушӣ аз миён бардошта шавад». Сарвари давлат барои ба мақсад расидан истифодаи ду роҳро зикр намуд: якум - супориш додан ба комиссияи ҳукуматӣ барои гуфтушунидро давом додан ва пайдо кардани роҳи ҳалли масъалаҳо дар чорчӯбаи муайян, эҳтиром ва риояи Конститутсияи ҷумҳурӣ, дуюм – худи ҳозир бо мухолифин бе ҳеҷ гуна шарти пешакӣ имзо кардани Созишнома дар бораи сулҳи доимӣ.

Чунин мавзеъгирии роҳбарияти ҷумҳурӣ аз ҷониби вакилони халқ ва меҳмонони иҷлосия маъқул дониста шуд. Дар иҷлосия Қарори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гуфтушуниди байни тоҷикон оид ба созиши миллӣ таҳти сарпарастии Созмони Милали Муттаҳид» қабул гардид. Натиҷагирии муҳими иҷлосия, ки дар Қарори мазкур зикри худро ёфт, идома додани музокирот ва иҷрои мувофиқаҳои ҳосилшуда бо мухолифин буд.

**Марҳалаи сеюми даври панҷум.** 8-21 июли соли 1996 дар Ашқобод марҳалаи сеюми даври панҷуми музокирот доир гардид. Ба ҳайати ҳукуматӣ Т. Назаров – Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба ҳайати мухолифин А. Тураҷонзода – муовини аввали роҳбари Иттиҳоди мухолифини тоҷик роҳбарӣ мекарданд. Герд Дитрих Меррем - Намояндаи махсуси Дабири Кулли СММ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки моҳи май ба ин вазифа таъин шуда буд, дар гуфтушунидҳо миёнҷигарӣ мекард.  Дар ҷаласаҳо Вазири корҳои хориҷии Туркманистон Б. Шихмурадов, намояндагони 8 кишвари нозир ва созмонҳои байналмилалӣ иштирок доштанд.

Дар ҷараёни музокирот се ҳуҷҷат ба имзо расид: Изҳороти муштарак дар бораи қатъи амалиёти ҷангӣ ва риояи Созишномаи Теҳрон; Протокол дар бораи иҷрои амали башардӯстона роҷеъ ба табодули асирони ҳарбӣ ва маҳбусон; Баёнияи муштарак дар бораи ҷамъбасти марҳалаи сеюми гуфтушуниди байни тоҷикон дар Ашқобод.

**Вохӯрӣ дар Ғарм.** Тавре зикр гардид, гуфтушунидҳо бо мушкилиҳо ҷараён мегирифтанд ва дар баробари ин қувваҳои мухталиф чи дар дохил ва чи дар хориҷи кишвар раванди музокиротро халалдор кардан мехостанд. Амалҳои террористӣ, тахрибкорӣ, ҳодисаҳои вайрон кардани сарҳад дар он шабу рӯз бисёр рӯх медоданд. Бо вуҷуди ҳамаи ин моҳи сентябр дар минтақаи Рашт ҳодисае ба вуқӯъ пайваст, ки ба равандҳои гуфтушунид такони ҷиддӣ бахшид.

15-16 сентябри соли 1996 дар шаҳраки Ғарм вохӯрии роҳбарони мақомоти низомии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қумондонҳои саҳроии мухолифин барпо шуд. Фарқияти ин мулоқот дар он буд, ки иштирокчиёнаш аз ҷониби мухолифин дар амалиётҳои ҷангӣ дар

two ways for achieving this goal: the first – to instruct governmental commission to further keep on conducting negotiations and explore ways of addressing the issues within certain framework, display respect and observance of the Constitution of the country, the second – immediately sign Agreement on lasting peace with opposition with no preliminary terms.

Such approach of the leadership of the country had been widely accepted by the peoples' deputies and delegates of the session. A Decree of Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan "On inter-Tajik negotiations on national reconciliation under the umbrella of the United Nations" has been adopted at the session. The most important outcome of the session was a continuation of negotiations and the fulfillment of agreements achieved with the opposition.

Third stage of the fifth round: Third stage of the fifth round of negotiations was held on 8 – 21 July 1996 in Ashgabat. Governmental delegation was headed by Talbak Nazarov – Minister of Foreign Affairs of the Republic of Tajikistan and opposition group was lead by Akbar Turajonzoda – First Deputy Leader of United Tajik Opposition. Gerd Dietrich Merrem – UN Secretary General's Special Representative to the Republic of Tajikistan who had been appointed to this position in May, was mediating the negotiation processes. Minister of Foreign Affairs of Turkmenistan, representatives of 8 observer nations and international organizations were taking part in the meetings.

Three documents have been signed in the course of negotiations: Joint Declaration on suspension of hostilities and observance of Tehran Agreement; Protocol on the fulfillment of humanitarian act in regard to exchange of war captives and prisoners; Joint Declaration on the outcomes of the third stage of inter-Tajik negotiations in Ashgabat.

Negotiations in Gharm. As it was mentioned, negotiations have been taking place with big challenges, while alongside with this, different powers both inside and from outside the country wanted to impede the negotiation process. Terrorist and destructive acts, cases of breach of border rules had been occuring often those days. Despite this, event which was held in Rasht valley in September, gave a serious impetus to negotiation process.

On September 15 – 16, 1996, heads of law-enforcement and security agencies of the Government of the Republic of Tajikistan met field commanders of opposition in Garm. The difference of this meeting was the fact that participants of negotiations have been involved in hostilities and military operations within the country and the situation of Karoteqin area was depending on them.

Armed groups which were fighting against government forces at the foot of mountains in Qarotegin and the Pamirs, were major mount of opposition, since political leadership of opposition all used to live abroad and were deprived of opportunity to influence on internal situation. Therefore, the willingness of opposition field commanders in Qarotegin valley to talks has opened a new page in the process of inter-Tajik negotiations. Commanders recognized that continuation of battle in difficult and hard foothills conditions will yield dire consequences and moreover delaying peace process would not meet the interests of state and nation. As a result of this brave step, a Protocol of the meeting of delegations of the State Commission of the Republic of Tajikistan and Qarotegin area commanders was signed which have been held in Garm district on September 15 – 16, 1996and laid a solid ground for restoration of peace and stability in this region. Leaders of the opposition abroad in spite of ignoring the initiative of their descendants however had no other choice than to accept it.

Preperations for high-level meeting. Negotiations in Gharm and agreements achieved, gave a new impetus to the process of parties' negotiations. Following the meeting, parties have agreed to prepare high-level talks. Working group including the representatives from both sides has been established which immediately proceeded to the preparation of that meeting and necessary documents.

The meeting of this group was held in Tehran on October 8-18 through intermediary of the UN Secretary General's Special Representative in Tajikistan Gerd Ditrikh Merrem where representatives of Afghanistan, Russia, Iran and Uzbekistan took part. The issues related to upcoming negotiations have been discussed at the meeting. Tehran and Moscow were offered as a venue for the meeting of the President of the Republic of Tajikistan and the Leader of United Tajik Opposition however parties agreed to conduct their meeting in Hosdeh of Afghanistan. The parties in the margins of their meeting in Moscow have endorsed a document titled the Agreement between the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon and the Leader of United Tajik Opposition Said Abdullo Nuri.

дохили кишвар ширкат меварзиданд ва вазъияти минтақаи Қаротегин аз онҳо вобастагии калон дошт.

Дастаҳои силоҳнок, ки дар кӯҳу пуштаи Қаротегину доманакӯҳҳои Помир бар зидди нерӯҳои ҳукуматӣ мубориза мебурданд, такягоҳи асосии мухолифин ба ҳисоб мерафтанд, зеро роҳбарони сиёсии мухолифин ҳамагӣ дар хориҷи кишвар ба сар мебурданд ва имкони таъсиррасониро ба вазъи дохилӣ надоштанд. Бино бар ин, ба мулоқот рӯ овардани қумондонҳои саҳроии мухолифин дар водии Қаротегин дар раванди гуфтушуниди миёни тоҷикон мазмуни саҳифаи наверо боз кард. Қумондонҳо дарк карда буданд, ки дар шароитҳои вазнини кӯҳу пушта идома додани мубориза оқибати нек надорад ва зиёда аз ин кашол додани раванди сулҳ ба манфиати халқу давлат нест. Дар натиҷаи ин қадами ҷасурона Протоколи мулоқоти ҳайатҳои Комиссияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қумондонҳои ҷабҳаи Қаротегин, ки 15 ва 16 сентябри соли 1996 дар шаҳраки Ғарм баргузор гардид, ба имзо расида, барои барқарор намудани сулҳу субот дар ин минтақа заминаи устувор ба вуҷуд овард. Роҳбарони мухолифин дар хориҷа ин иқдоми пайравони худро маъқул нашуморида бошанд ҳам, вале ҷуз аз эътироф намудани он илоҷи дигаре надоштанд.

**Омодагӣ ба мулоқоти сатҳи олӣ.** Гуфтушунидҳо дар Ғарм ва мувофиқаҳои ҳосилшуда ба раванди музокирот ангезаи нав бахшиданд. Пас аз ин мулоқот ҷонибҳо ба мулоқоти сатҳи олӣ омодагӣ гирифтанд. Гурӯҳи корӣ бо намояндагӣ аз ҳарду ҷониб таъсис ёфта, ба омода карда-ни мулоқот ва ҳуҷҷатҳои лозимӣ пардохт. Мулоқоти ин гурӯҳ бо миёнҷигарии Герд Дитрих Меррем - Намояндаи махсуси Дабири Кулли СММ дар Тоҷикистон 8-18 октябр дар шаҳри Теҳрон баргузор гардид, ки дар он намояндагони Афғонистон, Россия, Эрон ва Ӯзбекистон низ иштирок доштанд. Дар вохӯрӣ масъалаҳои марбут ба мулоқоти қарибулвуқӯъ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Ҷойи вохӯрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳбари Иттиҳоди мухолифини тоҷик дар Теҳрону Москва пешниҳод гардид, вале оқибат деҳаи Хусдеҳи Афғонистон интихоб карда шуд. Ҷонибҳо ҳамчунин ҳуҷҷатеро бо номи Созишномаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов ва роҳбари Иттиҳоди мухолифини тоҷик С.А. Нурӣ зимни вохӯриашон дар Москва таъид карданд.

**Мулоқоти сеюми сатҳи олӣ.** 10-11 декабри соли 1996 дар деҳаи Хусдеҳ, воқеъ дар шимоли Афғонистон мулоқоти навбатии сатҳи олӣ баргузор гардид. Дар ин вохӯрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва роҳбари Иттиҳоди мухолифини тоҷик Саид Абдуллоҳи Нурӣ Намояндаи махсуси Дабири Кулли СММ дар Тоҷикистон Герд Дитрих Меррем вазифаи миёнҷигариро ба ӯҳда дошт.

Дар ин гуфтушунидҳо дар баробари масъалаҳои дигар аввалин маротиба дар бораи Комиссияи оштии миллӣ, вазифа ва салоҳияти он дар раванди сулҳ ва ризоияти миллӣ сухан рафт. Дар фарҷоми мулоқот Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳбари Иттиҳоди мухолифини тоҷик ба ду ҳуҷҷати муҳим имзо гузоштан: Протокол дар бораи танзими авзои ҳарбӣ-сиёсӣ дар минтақаҳои муқовимат; Изҳороти муштараки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмонов ва роҳбари Иттиҳоди мухолифини тоҷик С. А. Нурӣ.

Ин вохурӣ, ки дар минтақаи хатарнок ва шароитҳои номусоид баргузор гардида, як навъ имтиҳони ҷиддие барои устувории тарафҳо дар бобати идома додани мароми пешгирифта буд, барои давом додани гуфтушунидҳо заминаи устувор гузошт. Рафти мулоқот ва натиҷаҳои он нишон доданд, ки давраи мушкил дар гуфтушунидҳо паси сар шудааст ва ҷонибҳо баҳри зудтар комёб шудан ба сулҳу оштӣ азми қадамҳои ҷиддитарро гузоштан доранд. Дар он ҷонибҳо дар бораи дар рӯзҳои наздик баргузор намудани мулоқоти навбатӣ аҳд карданд. Омода кардани мулоқоти навбатӣ ва ҳуҷҷатҳои он оғоз ёфт.

**Мулоқоти чоруми сатҳи олӣ.** Пас аз чанд рӯз - 19-23 декабри соли 1996 дар шаҳри Москва мулоқоти навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон ва роҳбари Иттиҳоди мухолифини тоҷик С.А. Нурӣ бо миёнҷигарии Намояндаи махсуси Дабири Кулли СММ Г.Д. Меррем баргузор гардид. Дар мулоқот аз ҷониби Федератсияи Россия Раиси Ҳукумати Россия В. Черномирдин, Вазири корҳои хориҷии Россия Е. Примаков ва дигарон, намояндагони кишварҳои нозир ва созмонҳои байналмилалӣ ширкат варзиданд.

Мулоқот ба масъалае, ки дуру дароз мавриди баҳси тарафҳо қарор гирифта буд, яъне таъсис додани ниҳоди алоҳида ба мақсади амалӣ сохтани Созишномаи умумӣ равшанӣ андохт. Чунин ниҳод Комиссияи оштии миллӣ ном гирифта, доираи вазифаҳо ва ваколатҳои он дар доираи Сарқонуни Тоҷикистон муайян гардиданд.

Third high-level meeting. Next high-level meeting was held on 10-11 December 1996 in Hosdeh district, which is in the north of Afghanistan. The UN Secretary General's Special Representative for Tajikistan Gerd Ditrikh Merrem was vested a role of intermediary at the meeting of the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon with the Leader of United Tajik Opposition Said Abdullo Nuri.

Along with other major issues, these negotiations for the first time have discussed the matters on the National Reconciliation Commission, its objectives and mandate in the peace and reconciliation process. At the end of the meeting, the President of the Republic of Tajikistan and the Leader of United Tajik Opposition signed two important documents: Protocol on the regulation of military-political situation in the areas of conflict and Joint Statement of the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon and the Leader of United Tajik Opposition Said Abdullo Nuri.

That meeting, which had been held in an unsafe area and hard conditions was regarded as a kind of serious test for the sustainability of parties on following primary goals and had laid a solid ground for further negotiations. Negotiation process and their results have displayed that hard period of talks is passed and parties have made great strides to earliest establishment of peace and reconciliation. Parties pledged to convene next meeting within next few days. Parties proceeded to the arrangement of talks and preparation of documents.

Fourth high-level meeting. Few days later, on December 19 – December 23, 1996 a meeting of the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon and the Leader of United Tajik Opposition Said Abdullo Nuri was held in Moscow by the mediation of the UN Secretary General's Special Representative Gerd Ditrikh Merrem. Prime-minister of the Russian Federation Viktor Chernomyrdin, Minister of Foreign Affairs Evgeny Primakov, representatives of observer states and international organizations attended that meeting.

The meeting has facilitated the aspirations to identify and clear the most lasting challenge which was impeding the Parties' further iniatives in regard to establishing relevant authority for the implementation of the General Agreement on Peace. That institution was named as a National Reconciliation Commission and its objectives, liabilities and authorities under the Constitution of Tajikistan have been determined.

Negotiations resulted in signing the following documents: Protocol on major objectives and authorities of the National Reconciliation Commission; the Agreement of the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon and the Leader of United Tajik Opposition Said Abdullo Nuri on the meeting in Moscow; and the Address of Emomali Rahmon and Said Abdullo Nuri to fellow-citizens.

Sixth round of negotiations. The sixth round of inter-Tajik peace negotiations was held on 5 – 19 January 1997 in Tehran. The Governmental delegation was headed by the Minister of Foreign Affairs of Tajikistan Talbak Nazarov and the Opposition had been lead by First Deputy Leader of the United Tajik Opposition Akbar Turajonzoda. Gerd Dithrikh Merrem, UN Secretary General's Special Representative for Tajikistan was vested the intermediary role. The meeting was innaugurated with attendance of the Iranian Minister of Foreign Affairs Ali Akbar Velayati.

The elaboration of a Charter of the National Reconciliation Commission was in the spotlight of that meeting.

Following intense discussions in the course of those negotiations, a number of documents had been signed, including: Joint Statement of the delegation of the Government of the Republic of Tajikistan and the delegation of the United Tajik Oppositiion on the outcomes of negotiations on 5 – 19 January 1997 in Tehran and a Protocol on refugees.

Adoption of a Protocol on refugees, which was among the documents of the General Agreement, had been regarded as a remarkable achievement in the process of negotiations. The core content of that Protocol consisted of voluntarily and safe return of refugees and forced displaced and migrants back to home in cooperation with the United Nations and other international organizations. The Government of the country was obliged to secure reintegration of displaced people to place of their residence and provide financial, humanitarian aid as well as restore their rights and interests. The Protocol had envisaged that refugees shall not be brought to trial for their engagement in previous acts and events – demonstrations, political confrontations and civil war. That document enabled the

Дар натиҷаи гуфтушунидҳо ҳуҷҷатҳои зерин ба имзо расиданд: Протокол дар бораи вазифаҳо ва ваколатҳои асосии Комиссияи оштии миллӣ ; Созишномаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов ва роҳбари Иттиҳоди мухолифини тоҷик С.А. Нурӣ зимни вохӯриашон дар Москва; Муроҷиати Э.Ш. Раҳмонов ва С.А. Нурӣ ба ҳамватанон.

**Даври шашуми музокирот.** 5–19 январи соли 1997 дар шаҳри Теҳрон даври шашуми музокироти миёни тоҷикон барпо гардид. Ба ҳайати ҳукуматӣ Т. Назаров – Вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон, ба ҳайати мухолифин А. Тураҷонзода – муовини аввали роҳбари Иттиҳоди мухолифини тоҷик роҳбарӣ мекарданд, Г.Д. Меррем - Намояндаи махсуси Дабири Кулли СММ дар Тоҷикистон вазифаи миёнаравиро ба ӯҳда дошт. Ифтитоҳи ин вохӯрӣ бо иштироки Вазири корҳои хориҷии Эрон А. Вилоятӣ сурат гирифт.

Масъалаи асосии рӯзномаи ин вохӯрӣ таҳия намудани Низомномаи Комиссияи оштии миллӣ буд.

Дар рафти гуфтушунидҳо баъди муҳокимаи ҳамаҷониба ҳуҷҷатҳои зерин ба имзо расиданд: Изҳороти муштараки ҳайати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳайати Иттиҳоди мухолифини тоҷик дар бораи натиҷаи гуфтушуниди рӯзҳои 5-19 январи соли 1997 дар Теҳрон; Протокол оид ба масъалаҳои гурезаҳо.

Қабули Протокол оид ба масъалаҳои гурезаҳо, ки аз силсилаи ҳуҷҷатҳои Созишномаи умумӣ буд, боз як дастоварди муҳим дар раванди гуфтушунидҳо буд. Мазмуни асосии ин Протокол дар ҳамкорӣ бо намояндагони СММ ва дигар созмонҳои байналмилалӣ ба таври ихтиёрӣ, бехатар ва боиззат баргардонидани гурезаҳо ва муҳоҷирони иҷборӣ ба ҷойҳои зисти доимиашон буд. Ҳукумати ҷумҳурӣ ӯҳдадор гардид, ки реинтегратсияи гурезаҳоро ба ҷойи истиқоматашон таъмин намуда, ба онҳо ёрии молиявӣ, гуманитарӣ расонад, ҳуқуқу манфиатҳои онҳоро барқарор кунад. Дар Протокол пешбинӣ шуда буд, ки гурезаҳо барои иштирок дар ҳодисаҳои қаблӣ - тазоҳуротҳо, муқовимати сиёсӣ ва ҷанги гражданӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешаванд. Ин ҳуҷҷат имконият медод, ки гурезаҳо бе тарсу ҳарос ва оқибатҳои ногувор барояшон ба Ватан баргарданд ва ба меҳнату зиндагии осоишта машғул шаванд.

**Мулоқоти панҷуми сатҳи олӣ.** 21-22 феврали соли 1997 дар шаҳри Машҳади Ҷумҳурии Исломии Эрон вохӯрии навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо роҳбари Иттиҳоди мухолифини тоҷик Саид Абдуллоҳи Нурӣ бо иштироки намояндаи махсуси Дабири Кулли СММ Гердт Дитрих Меррем, намояндагони давлатҳои нозир ва созмонҳои байналмилалӣ баргузор гардид. Дар ҷаласаи хотимавӣ Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Исломии Эрон Алӣ Акбар Вилоятӣ иштирок кард.

Масъалаи асосии гуфтушунид баррасӣ ва қабули Низомномаи Комиссияи оштии миллӣ буд, ки ҳалли худро ёфт. Ғайр аз қабули Низомномаи Комиссияи оштии миллӣ ду ҳуҷҷати дигар ба имзо расид: Протоколи иловагӣ ба Протокол «Дар бораи вазифаҳо ва ваколатҳои асосии Комиссияи оштии миллӣ»; Изҳороти муштараки Э.Ш. Раҳмонов ва С.А. Нурӣ.

Бо қабул шудани ин ҳуҷҷатҳо ба масъалаҳои марказӣ – фаъолияти ниҳоди асосии амалисозии Созишномаи умумӣ – Комиссияи оштии миллӣ ва иштироки намояндагони мухолифин дар ҳокимияти давлатӣ равшанӣ андохта шуд. Дар онҳо иштироки баробари намояндагони мухолифин ва ҳукумат дар Комиссияи оштии миллӣ, ба намояндагони Иттиҳоди мухолифини тоҷик додани 30 фоизи мансабҳо дар сохторҳои ҳокимияти иҷроия, аз ҷумла, вазоратҳо, муассисаву ташкилотҳо, ҳокимиятҳои маҳаллӣ, мақомоти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқ пешбинӣ гардида буд. Ҳамчунин пешбинӣ гардид, ки Комиссияи оштии миллӣ аз чор зеркомиссия - доир ба масъалаҳои сиёсӣ; доир ба масъалаҳои ҳарбӣ; доир ба масъалаҳои гурезаҳо; доир ба масъалаҳои ҳуқуқӣ иборат мешавад.

Пас аз муваффақона анҷом пазируфтани мулоқоти сатҳи олӣ ҳайатҳо ба даври навбатии гуфтушунидҳо омодагӣ гирифтанд.

**Даври ҳафтуми музокирот.** Даври ҳафтуми гуфтушуниди тарафҳо аз 26 феврал то 8 марти соли 1997 дар шаҳри Москва баргузор гардид. Чун пештара ба ҳайати ҳукуматӣ Т. Назаров – Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба ҳайати мухолифин А. Тураҷонзода – муовини аввали роҳбари Иттиҳоди мухолифини тоҷик роҳбарӣ мекарданд, вазифаи миёнаравиро Г.Д. Меррем - Намояндаи махсуси Дабири Кулли СММ дар Тоҷикистон бар дӯш дошт. Дар

refugees and all other displaced people with no sense of fear and undirable consequences to return back to homeland and live and work with dignity.

Fifth high-level meeting. On February 21 – 22, 1997 a meeting of the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon and the Leader of United Tajik Opposition Said Abdullo Nuri was held in Meshhed of the Islamic Republic of Iran with the participation of the UN Secretary General's Special Representative Gerd Ditrikh Merrem, representatives of observer countries and international organizations. The Minister of Foreign Affairs of the Islamic Republic of Iran Ali Akbar Velayati attended the closing meeting.

The major agenda of negotiations was consideration and endorsement of a Charter of the National Reconciliation Commission which had been finally done. In addition to adoption of a Charter of the National Reconciliation Commission, two other documents were also signed: Optional Protocol to the Protocol "On major objectives and authorities of the National Reconciliation Commission" and the Joint Statement of Emomali Rahmon and Said Abdullo Nuri.

Adoption of these documents promoted clarification of key issues – activity of major implementing body of the General Agreement – the National Reconciliation Commission and participation of the representatives of opposition in state authority. Terms of equal representations of the opposition and the government in the National Reconciliation Commission and assignment of 30% of posts for the members of opposition in public governing authorities, including in ministries, organizations, associations, local governing bodies, judicial authority and law-enforcement agensies and etc. had been stipulated in those documents. They had also incuded the National Reconciliation Commission shall be consisted of four sub-commissions – on political affairs, on military issues, on refugees and on legal issues.

After successful conduct of high-level talks, the parties have proceeded to the arrangement of next round of negotiations.

Seventh round of negotiations. The seventh round of parties' negotiations was held on February 26 – March 8, 1997 in Moscow. As previous round of negotiations, the Governmental delegation was headed by the Minister of Foreign Affairs of Tajikistan Talbak Nazarov and the Opposition had been lead by First Deputy Leader of the United Tajik Opposition Akbar Turajonzoda. Gerd Ditrikh Merrem, UN Secretary General's Special Representative for Tajikistan was vested the intermediary role. The Russian Deputy Foreign Ministers I.Ivanov and B.Pastukhov, representatives of eight observer countries and of international organizations were presented at the negotiations.

This meeting had resulted in an adoption of one of the most important protocols among the General Agreement. The parties have adopted these documents following intense discussions and exchange of opinions: Protocol on military issues; Joint Statement of the delegation of the Government of the Republic of Tajikistan and the delegation of the United Tajik Opposition upon the conclusion of inter-Tajik negotiations, which were held from February 26 to March 8, 1997 in Moscow.

There was stated at the Protocol on military issues that reintegration, disarmament and disband of armed groups of the United Tajik Opposition shall be implemented step-by-step. In accordance with that document, at the initial step, the armed groups of the United Tajik Opposition shall be gathered in stationing points of Gharm, Komsomolobod, Vanj, Jirgatol, Rushon, Tavildara, Tojikobod districts, Khorugh town and Maghmurud village of Lenin district, shall be duely registered, go through medical surveillance, give weapons, guns and ammunitions for storing at relevant store facilities. At the same time, armed forces of the United Tajik Opposition will be gradually returned back to Tajikistan from Afghanistan to mentioned stationing points via Ishkoshim and Panji Poyon area. Terms for disarmament have been set forth.

In the second stage, after not less than a month of a deployment of armed forces of the United Tajik Opposition, they will be transformed in the stationing points to military bodies and included the law-enforcement and military authorities of the Republic of Tajikistan.

In the third stage, joint assessment commission will examine the personnel of reintegrated armed forces individually, shall identify their army service eligibility and propose for the leading and managerial positions.

In the fourth stage, the reintegrated armed forces of the United Tajik Opposition should be completely included to the law-enforcement and military structure of the Government and consist of its integral part. This process should be ended by 1 July 1998.

мулоқотҳо муовинони Вазири корҳои хориҷии Федератсияи Россия И. Иванов ва Б.Н. Пастухов, намояндагони 8 кишвари нозир ва созмонҳои байналмилалӣ ширкат варзиданд.

Дар ин мулоқот таҳия ва қабули яке аз протоколҳои муҳим аз силсилаи ҳуҷҷатҳои Созишномаи умумӣ сурат гирифт. Пас аз муҳокима ва табодули андеша тарафҳо ҳуҷҷатҳои зеринро қабул карданд: Протоколи масъалаҳои низомӣ; Изҳороти муштараки ҳайати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳайати Иттиҳоди мухолифини тоҷик роҷеъ ба ҷамъбасти гуфтушуниди байни тоҷикон, ки аз 26 феврал то 8 марти соли 1997 дар ш. Москва баргузор шуд.

Дар Протоколи масъалаҳои низомӣ дарҷ гардида буд, ки реинтегратсия, халъи силоҳ ва пароканда намудани гурӯҳҳои яроқноки Иттиҳоди мухолифини тоҷик давра ба давра амалӣ карда мешавад. Мувофиқи ин ҳуҷҷат дар давраи аввал гурӯҳҳои яроқноки ИМТ дар нуқтаҳои ҷамъоӣ дар ноҳияҳои Ғарм, Комсомолобод, Ванҷ, Ҷиргатол, Рушон, Тавилдара, Тоҷикобод, шаҳри Хоруғ ва қишлоқи Мағмуруди ноҳияи Ленин гирд меорад ва онҳо дар ин нуқтаҳо сабти ном шуда, аз муоинаи тиббӣ мегузаранд, яроқу аслиҳа, техника ва лавозимоти ҳарбӣ ба ҳисоб гирифта, дар биноҳои ҳифзшаванда нигоҳ дошта мешаванд. Ҳамзамон дар ин давра қувваҳои ҳарбии ИМТ аз ҳудуди Афғонистон ба ҳудуди Тоҷикистон ба нуқтаҳои ҷамъшавии зикргардида ба воситаи Ишкошим ва Панҷи Поён давра ба давра оварда мешаванд. Шартҳои супурдани яроқу аслиҳаашон низ пешбинӣ шуда буд.

Дар давраи дуюм, баъди на камтар аз як моҳи ҷо ба ҷо шудани қувваҳои ҳарбии ИМТ дар нуқтаҳои ҷамъгардонӣ аз онҳо сохторҳои низомӣ тартиб дода, ба ҳайати сохторҳои қудратии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда мешаванд.

Дар давраи сеюм комиссияи муштараки аттестатсионӣ ҳайати шахсии қувваҳои ҳарбии реинтагратсияшударо ба тариқи алоҳида аз комиссия гузаронида, масъалаи коршоям будани онҳоро барои хизмати ҳарбӣ муайян менамояд ва барои таъин намудан ба вазифаҳои роҳбарӣ пешниҳод мекунад.

Дар давраи чорум қувваҳои сохторҳои реинтегратсияшудаи ИМТ бояд пурра ба сохторҳои қудратии ҳукуматӣ ворид гардида, ба як ҷузъи он табдил ёбанд. Ин раванд бояд то 1 июли соли 1998 ба итмом расад.

**Мулоқоти машваратии вазирони корҳои хориҷӣ.** 5 апрели соли 1997 дар Душанбе мулоқоти машваратии вазирони корҳои хориҷии Россия, Қазоқистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон ва Тоҷикистон бо иштироки вазирони корҳои хориҷии Қазоқистон К. Токаев, Қирғизистон Р.И. Отунбаева, Тоҷикистон Т.Назаров, Ӯзбекистон А.Х. Комилов ва муовини аввали Вазири корҳои хориҷии Россия Б.Н. Пастухов баргузор гардид. Дар ин вохӯрӣ Г.Д. Меррем - Намояндаи махсуси Дабири Кулли СММ дар Тоҷикистон низ иштирок дошт. Иштирокчиёни мулоқот дар баробари муҳокимаи масъалаҳои рушду тавсеа бахшидан ба ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷониба, ба раванди музокироти тоҷикон таваҷҷӯҳи хоса зоҳир намуданд. Дар Изҳороти муштараки мулоқоти машваратии вазирони корҳои хориҷии кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Россия, ки дар фарҷоми ҳамоиш қабул гардид, аз ҷумла, зикр ёфтааст, ки иштирокчиёни вохӯрӣ кӯшишҳои роҳбарияти Тоҷикистон ва Иттиҳоди мухолифини тоҷикро барои мӯътадилсозии вазъият дар ҷумҳурӣ ва комёб шудан ба оштии миллӣ дастгирӣ мекунанд. Вазирон омодагии кишварҳои худро барои дастгирӣ намудани Тоҷикистон дар ҳалли масъалаҳои вобаста ба барқарор сохтани сулҳ ва ризоияти миллӣ, расонидани ёрӣ ба ҷумҳурӣ, мусоидат намудан дар татбиқи амалии мувофиқаҳои бадастомада миёни ҳукумат ва мухолифин, аз ҷумла, дар масъалаҳои ҳарбӣ изҳор намуданд.

**Даври ҳаштуми музокирот.** Даври охирин - ҳаштуми музокироти байни тоҷикон ба ду марҳала ҷудо мешавад.

**Марҳалаи якум.** 8-17 апрели соли 1997 дар шаҳри Теҳрон марҳалаи якуми даври ҳаштуми гуфтушуниди байни тоҷикон баргузор гардид. Ба ҳайати ҳукуматӣ Т.Назаров ва ба ҳайати мухолифин А.Тураҷонзода роҳбарӣ мекарданд, Г.Д. Меррем - Намояндаи махсуси Дабири Кулли СММ дар Тоҷикистон вазифаи миёнҷигариро иҷро мекард. Ҳангоми ифтитоҳи музокирот Вазири корҳои хориҷии Эрон А. Вилоятӣ иштирок дошт.

Масъалаи асосии ин вохӯрӣ баррасӣ намудани Протоколи масъалаҳои низомӣ буд.

**Мулоқоти шашуми сатҳи олӣ.** Вохӯрии навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва роҳбари Иттиҳоди мухолифини тоҷик Сайид Абдулло Нурӣ бо миёнҷигарии Намояндаи махсуси Дабири Кулли СММ дар Тоҷикистон Герд Дитрих Меррем ва иштироки намояндагони 8 кишвари нозир ва созмонҳои байналмилалӣ 16-18 майи соли

Consultative Meeting of Foreign Ministers. Consultative Meeting of the Ministers of Foreign Affairs of Russia, Kazakhstan, Uzbekistan, Kyrgyzstan and Tajikistan with the participation of the Foreign Ministers of Kazakhstan Kasymjomart Tokaev, of Kyrgyzstan Roza Otunbaeva, of Tajikistan Talbak Nazarov, of Uzbekistan A.Komilov and the first Deputy Minister of Foreign Affairs of Russia B.Pastukhov was held on April 5, 1997 in Dushanbe. Gerd Ditrikh Merrem – UN Secretary General's Special Representative for Tajikistan had also attended the meeting.

Along with the discussion of enahancement and expansion of bilateral and multilateral cooperation, delegates of the meeting have also made a special emphasis on the process of inter-Tajik negotiations. At the Joint Statement of the Consultative Meeting of the Ministers of Foreign Affairs of Central Asia and Russia which was adopted at the end of the meeting, it was also noted, that participants of the meeting hail and support the efforts of the leadership of Tajikistan and the United Tajik Opposition for bringing the situation in the country back to normal and achieving genuine peace and national reconciliation.

The Ministers have pledged the readiness of their countries to providing support and assistance to Tajikistan in restoration of lastring peace and national reconciliation, provide humanitarian aid to the country, facilitate an implementation of agreements reached between the government and opposition, including in military issues.

Eighth round of negotiations. The last – eighth round of inter-Tajik negotiations consisted of two stages.

First stage. The first stage of the eighth round of inter-Tajik negotiations was held on April 8 – April 17, 1997 in Tehran. Governmnt delegation was headed by Talbak Nazarov and Opposition was lead by Akbar Turajonzoda, while Gerd Ditrikh Merrem – UN Secretary General's Special Representative for Tajikistan was vested the role of intermediary in negotiations. The Minister of Foreign Affairs of the Islamic Republic of Iran Ali Akbar Velayati attended the meeting.

The core agenda of these negotiations was a Protocol on military issues.

Sixth high-level meeting. The meeting of the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon and the Leader of the United Tajik Opposition Said Abdullo Nuri was held in the capital of Kyrgyzstan - Bishkek on May16 – May 18, 1997 under the mediation of the UN Secretary General's Special Representative for Tajikistan Gerd Ditrikh Merrem and with the participation of the representatives of eight observer nations and international organizations. The President of the Kyrgyz Republic took part in the meeting.

Two important documents – Protocol on political issues and a Bishkek Memorandum have been adopted at the end of negotiations.

Protocol on political issues was extremely important document. Regulations on the National Reconciliation Commission, as well as Agreement and a Protocol which were signed in 1996 in Moscow have been recognized as the integral parts of the protocol.

The parties have agreed in a Protocol on a number of principal political issues. For example, it was stressed, that the President and the National Reconciliation Commission in the early days of the activity of Commission shall adopt an Act of Mutual Forgiveness as the initial political document and not later a month after the adoption of that document, a Law on Amnesty shall be enacted. It was also emphasized that in a transition period, the Central Committee on Elections and Referenda will be formed inclusive of 25% of the representatives of the United Tajik Opposition.

The document had envisaged that the reforms of the government will be implemented in places through involvement of the representatives of the United Tajik Opposition into governing authorities under the quota, including ministries, organizations, associations, local governing bodies, judicial authorities and law-enforcement agencies. Protocol has determined that halt and restriction of activity of those political parties and movements, as well as media which belong to the United Tajik Opposition will be removed by the governing bodies of Tajikistan after the completion of the second stage of a Protocol on military issues.

That meeting allowed parties to agree on deployment of 460 members of armed groups of the United Tajik Opposition in Dushanbe as well as 40 officers for the protection of the members of the National Reconciliation Commission. Parties have been also of common agreement that will settle the exchange of war-captives and prisoners in the course of further negotiations in Tehran and Moscow.

1997 дар пойтахти Қирғизистон – шаҳри Бишкек баргузор гардид. Дар мулоқот Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Аскар Акаев ширкат варзид.

Дар фарҷоми ин мулоқот ду ҳуҷҷати муҳим - Протокол оид ба масъалаҳои сиёсӣ ва Меморандуми Бишкек қабул гардиданд.

Протокол оид ба масъалаҳои сиёсӣ ҳуҷҷати басо муҳим буд. Низомнома дар бораи Комиссияи оштии миллӣ, инчунин Созишнома ва Протоколе, ки 23 декабри соли 1996 дар Москва ба имзо расида буданд, чун қисми таркибии ҳамин протокол пазируфта шуданд.

Дар Протокол ҷонибҳо доир ба чанд масъалаи усулии сиёсӣ мувофиқа ба даст овarданд. Аз ҷумла, муқаррар гардид, ки Президент ва Комиссияи оштии миллӣ дар рӯзҳои нахустини фаъолияти КОМ ба сифати аввалин ҳуҷҷати сиёсӣ Санади ҳамдигарбахширо қабул мекунанд ва на дертар аз як моҳи баъди қабул шудани Санад қонун дар бораи авф қабул карда мешавад. Ҳамчунин зикр шуд, ки дар давраи гузариш Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ бо шомил намудани 25% намояндагони Иттиҳоди мухолифини тоҷик ташкил меёбад. Ҳуҷҷат пешбинӣ намуд, ки ислоҳоти ҳукумат тавассути ворид намудани намояндагони ИМТ ба сохторҳои ҳокимияти иҷроия, бо шумули вазоратҳо, муассисаҳо, мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ, мақомоти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқ мувофиқи квота сурат мегирад. Протокол муайян намуд, ки манъ ва маҳдудсозии фаъолияти он ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ, ки ба ИМТ шомиланд, инчунин воситаҳои ахбори омма пас аз анҷом ёфтани марҳалаи дуюми амалӣ шудани Протокол боид ба масъалаҳои ҳарбӣ аз ҷониби мақомоти ҳокимияти Тоҷикистон аз байн бардошта мешавад.

Дар ин вохӯрӣ дар бобати дар Душанбе ҷойгир намудани гурӯҳҳои мусаллаҳи Иттиҳоди мухолифин иборат аз 460 нафар, инчунин 40 нафари дигар барои муҳофизати аъзои Комиссияи оштии миллӣ мувофиқа ҳосил шуд. Ҷонибҳо ҳамчунин бар он буданд, ки дар гуфтушунидҳои минбаъда дар Теҳрон ва Москва масъалаи табодули асирони ҳарбӣ ва маҳбусонро ҳаллу фасл хоҳанд кард.

**Марҳалаи дуюми даври ҳаштуми музокирот.** 22-28 майи соли 1997 дар шаҳри Теҳрон бо иштироки ҳайатҳои ду ҷониб, миёнҷигарии Намояндаи махсуси Дабири Кулли СММ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин ҳузури намояндагони кишварҳои нозир ва созмонҳои байналмилалӣ марҳалаи дуюми даври ҳаштуми музокирот барпо гардид.

Дар ин вохурӣ ду ҳуҷҷати муҳим қабул гардид: Протокол дар бораи кафилони татбиқи Созишномаи умумии барқарор кардани сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон; Декларатсияи Теҳрон.

Дар Протоколи кафилони сулҳи Тоҷикистон омадааст, ки кафолати муҳимтарини иҷроиши қатъии Созишномаи умумӣ иродаи неки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳбарияти Иттиҳоди мухолифини тоҷик, алоқамандиитҳои онҳо ба сулҳ ва ризоияти миллӣ мебошад. Дар ҳуҷҷат ҷонибҳо ба Созмони Милали Муттаҳид роҷеъ ба додани кафолатҳо мурожиат намуда, ҳамчунин иброз доштаанд, ки ҳукуматҳои Афғонистон, Эрон, Қазоқистон, Қирғизистон, Покистон, Россия ва Ӯзбекистон розӣ шуданд, ки ба сифати кафилони сиёсӣ ва маънавии иҷроиши Созишномаи умумӣ аз тарафи ҷонибҳо баромад мекунанд. Ҳамчунин ба мақсади назорати рафти иҷрои Созишномаи умумӣ аз тарафи ҷонибҳо, расонидани кумакҳои машваратӣ, коршиносӣ ва ғайра кишварҳои кафил розигӣ доданд, то дар давраи амалӣ шудани ҳуҷҷати зикршуда Гурӯҳи тамос таъсис диҳанд, ки дар Душанбе қарор дошта, аз намояндагони аккредитатсияшуда иборат хоҳад буд. Ба Гурӯҳи тамос ҳамчунин Намояндаи махсуси Дабири Кулли СММ дар Тоҷикистон, роҳбари Намояндагии САҲА дар Тоҷикистон ва намояндаи Созмони Конфронси исломӣ ворид мешавад. Намояндаи махсуси Дабири Кулли СММ дар Тоҷикистон вазифаи ҳамоҳангсози Гурӯҳи тамосро иҷро хоҳад кард

Дар Протокол ҳамчунин гуфта мешавад, ки САҲА тавассути намояндагии худ дар Душанбе ба амалишавии Созишномаи умумӣ дар масъалаҳои вобаста ба риояи ҳуқуқи инсон ва сохтмони институтҳои демократии сиёсӣ ва ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон мусоидат хоҳад кард.

Азбаски идома додани гуфтушунидҳо дар ин формат анҷом ёфт, дар ҳуҷҷати ниҳоӣ - Эъломияи Теҳрон дар баробари инъикоси натиҷаҳои вохӯрӣ ҷонибҳо ба давлати Эрон, ки дар раванди гуфтушунидҳо нақши бузурге бозида буд, миннатдорӣ изҳор намуданд.

Second stage of the eighth round of negotiations. The second leg of the eighth round of negotiations has been held on 22-28 May 1997 in Tehran with the participation of both delegations and by the intermediary role of the UN Secretary General's Special Representative for Tajikistan, as well as the attendance of representatives of observer countries and international organizations.

Two important documents were adopted in the margins of that meeting: Protocol on the guarantors of an implementation of the General Agreement of the establishment of Peace and National Accord in Tajikistan and Tehran Declaration.

A Protocol of the Tajik Peace Guarantors says, that a key guarantee of a strict implementation of the General Agreement is a good will of the Government of the Republic of Tajikistan and the Leader of the United Tajik Opposition, their commitment to peace and national reconciliation. Document had embraced an appeal of the parties to the United Nations on guarantees where they stressed that the Governments of Afghanistan, Iran, Kazakhstan, Kyrgyzstan, Pakistan, Russia and Uzbekistan agreed as political and moral guarantors of an implementation of the General Agreement by the parties.

With the aim of monitoring the course of the fulfillment of the General Agreement by the parties, provision of consultative and expert help, the country-guarantors agreed to establish a Contact group during the implementation of this document which to be stationed in Dushanbe and shall be consisted of accredited representatives. The Contact group will also include the UN Secretary General's Special Representative for Tajikistan, Head of the OSCE Office in Tajikistan and representatives of the Organization of the Islamic Conference. UN Secretary General's Special Representative for Tajikistan will assume a role of coordinator of Contact group.

The Protocol also mentioned that the OSCE through its representative office in Dushanbe shall assist in implementing the General Agreement upon the issues related to human rights and building political and legal democratic institutions in Tajikistan.

Since, the negotiations in that format had come to an end, the parties at final document – Tehran Declaration along with reflecting outcomes of the meeting, have also thanked Iran which played an outstanding role in the process of negotiations.

Thus, all documents which had been envisaged under the Protocol of August 17, 1995 as an integral part of the General Agreement were signed and delegations concluded negotiations in Tehran and proceeded to the preparation of final high level meeting.

Seventh (final) high level meeting. On 23-27 June 1997 the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon met with the Leader of the United Tajik Opposition Said Abdullo Nuri through the mediation of UN SC's Special Representative to Tajikistan Gerd Ditrikh Merrem. The meeting was also attended by the UN Under-Secretary-Generals, representatives of observer states – Ministers of Foreign Affairs of Afghanistan, Russia, Iran, Uzbekistan, Kazakhstan, Pakistan, Kyrgyzstan and Turkmenistan.

President Boris Yeltsin of the Russian Federation and Russian Prime-minister Viktor Chernomyrdin took part at the meeting.

A Protocol on Mutual Understanding was signed in Moscow at the special meeting (prior to signing General Agreement) between the President of Tajikistan Emomali Rahmon and the Leader of the United Tajik Opposition Said Abdullo Nuri. Parties have agreed in that document to conduct the first session of the National Reconciliation Commission in Moscow on July 7, 1997, to exchange 50 prisoneers of war and detainees, including those detained after February 1997.

At the historical meeting which was held in Kremlin, the most important document of inter-Tajik peace negotiations – the General Agreement on the establishment of peace and national reconciliation in Tajikistan has been signed. Signing of this document has provoked an end of negotiations between parties and created conducive conditions for further steps towards building lasting peace, accord and national reconciliation. The meeting was followed by signing the Moscow Declaration.

As the General Agreement sets, the President of Tajikistan and the Leader of UTO agreed by signing this Agreement they proceed to the stage of comprehensive realization of agreements achieved, to end fratricidal war in Tajikistan, secure mutual forgiveness and amnesty, start bringing refugees and displaced people back to their homes and shall make extensive efforts to create conditions for the democratic development of society, conduct of free elections and rehabilitation of war-devastated

Ҳамин тариқ, тамоми ҳуҷҷатҳое, ки дар Протоколи 17 августи соли 1995 чун қисми таркибии Созишномаи умумӣ пешбинӣ шуда буданд, ба имзо расиданд ва ҳайатҳо дар Теҳрон ба музокирот анҷом бахшида, аз пайи омодагӣ ба мулоқоти хотимавӣ дар сатҳи олӣ шуданд.

**Мулоқоти ҳафтуми (хотимавии) сатҳи олӣ.** 23-27 июни соли 1997 дар шаҳри Москва – пойтахти Федератсияи Россия мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва роҳбари Иттиҳоди мухолифини тоҷик Саид Абдулло Нурӣ бо миёнҷигарии Намояндаи махсуси Дабири Кулли СММ дар Тоҷикистон Герд Дитрих Меррем, иштироки муовинони Дабири Кулли СММ, намояндагони кишварҳои нозир - вазирони корҳои хориҷии Афғонистон, Россия, Эрон, Ӯзбекистон, Қазоқистон, Покистон, Қирғизистон, Туркманистон баргузор гардид.

Дар мулоқот Президенти Федератсияи Россия Борис Елтсин ва Сарвазири Россия Виктор Черномирдин иштирок карданд.

Дар Москва дар вохӯрии алоҳида (то имзо шудани Созишномаи умумӣ) Протоколи ҳамдигарфаҳмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Ш. Раҳмон ва роҳбари Иттиҳоди мухолифини тоҷик С.А. Нурӣ ба имзо расид. Дар ин ҳуҷҷат мувофиқа ба даст омад, ки то 7 июли соли 1997 дар Москва ҷаласаи нахустини Комиссияи оштии миллӣ баргузор карда шавад, то 15 июли соли 1997 аз ҳарду ҷониб табодули 50 нафарӣ аз шумори асирони ҳарбӣ ва маҳбусон, аз ҷумла, онҳое, ки пас аз феврали соли 1997 боздошт шудаанд, анҷом дода шавад.

Дар мулоқоти таърихие, ки дар қасри Кремл баргузор шуд, ҳуҷҷати аз ҳама асосӣ дар раванди сулҳи тоҷикон – Созишномаи умумии барқарор кардани сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ба имзо расид. Имзо шудани ин санад ба раванди музокироти байни тоҷикон хотима бахшида, барои қадамҳои минбаъда дар барқарор намудани сулҳу оштӣ ва ризоияти миллӣ шароити мусоид фароҳам овард. Дар ин мулоқот ҳамчунин Изҳороти Москва имзо шуд.

Тавре дар Созишномаи умумӣ зикр ёфтааст, Президенти Тоҷикистон ва роҳбари ИМТ аҳд карданд, ки бо имзо намудани ин Созишнома давраи иҷрои пурраи мувофиқаҳои ҳосилшуда сар шуда, ба муқовимати бародаркушӣ дар Тоҷикистон хотима мебахшад, ҳамдигарбахшӣ ва авфро таъмин мекунад, гурезаҳо ба ҷойҳои зисташон бармегарданд, барои рушди демократии ҷомеа, гузаронидани интихоботи озод ва барқарор кардани иқтисодиёти бар асари ихтилофи бисёрсола харобгардида шароит ба вуҷуд меорад. Дар ҳуҷҷат омадааст: «Сулҳ ва ягонагии ҳамаи тоҷикистониён сарфи назар аз мансубияти миллӣ, сиёсӣ, динӣ ва минтақавии онҳо авлавиатҳои олии миллии кишвар мебошанд».

Дар Изҳороти Москва хабар дода мешавад, ки дар Москва Созишномаи умумии барқарор намудани сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ба имзо расид ва ҳамин тариқ гуфтушунидҳои байни тоҷикон оид ба оштии миллӣ бомуваффақият анҷом ёфтанд. Дар ин ҳуҷҷат Президенти Тоҷикистон ва роҳбари ИМТ ба Созмони Милали Муттаҳид, ки таҳти сарпарастӣ ва миёнҷигарии он тайи се сол раванди музокирот идома дошт, сидқан сипосгузорӣ намуда, ибрози умедворӣ карданд, ки СММ минбаъд ҳам барои амалӣ сохтани мувофиқаҳои ҳосилшуда ба Тоҷикистон кумак хоҳад расонид. Онҳо ба давлатҳое, ки дар музокироти тоҷикон мақоми нозирро доштанд – Афғонистон, Эрон, Қазоқистон, Қирғизистон, Покистон, Россия, Туркманистон ва Ӯзбекистон барои кумаки беғаразонаашон дар солҳои барои халқи Тоҷикистон вазнин миннатдорӣ изҳор намуданд. Ба нақши САҲА ва Созмони конфронси исломӣ дар раванди музокирот баҳои баланд дода, боварӣ иброз шуд, ки онҳо низ дар амалӣ сохтани созишҳои бадастомада мусоидат менамоянд.

**Комиссияи оштии миллӣ.** Чуноне зикр гардид, ҳуҷҷати дахлдор дар бораи таъсис додани Комиссияи оштии миллӣ 23 декабри соли 1996 дар Москва ба имзо расида буд. Дар асоси ҳуҷҷатҳои имзошуда ва ба мақсади амалисозии муқаррароти Созишномаи умумии барқарор кардани сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон 4 июли соли 1997 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар бораи таъсис додани Комиссияи оштии миллӣ (КОМ) фармон имзо кард. Ба ҳайати он аз Иттиҳоди мухолифини тоҷик Саид Абдулло Нурӣ (Раис), аз Ҳукумат Абдулмаҷид Достиев (муовини Раис), инчунин аъзои комиссия аз Ҳукумат ва мухолифин шомил шуданд. Дар ҳайати КОМ 4 зеркомиссия ташкил ёфт.

Ҷаласаи якуми КОМ 7-10 июли соли 1997 дар шаҳри Москва дар «Президент-отел» баргузор гардид. Дар кори он инчунин Намояндаи махсуси Дабири Кулли СММ дар Тоҷикистон

economy. The document says: «Peace and the unity of all people in Tajikistan regardless of nationality, political, religious and regional affiliations are the supreme national priority of the country».

The Moscow Declaration informs, that the General Agreement of the establishment of peace and national reconciliation in Tajikistan was signed in Moscow and thus inter-Tajik peace negotiations on national reconciliation have successfully ended. At this document, the President of the Republic of Tajikistan and the Leader of UTO expressed profound gratitude and appreciation to the United Nations under whose patronage and mediation have conducted negotiations over three years and hoped the United Nations will further assist Tajikistan in an implementation of agreements achieved.

They also thanked nations who had been observers at inter-Tajik negotiations – Afghanistan, Iran, Kazakhstan, Pakistan, Russia, Turkmenistan and Uzbekistan for their selfless assistance during difficult years of the Tajik nation. The role of the OSCE and the Organization of the Islamic Conference was highly evaluated and parties expressed hope for these organizations support in the realization of agreements achieved.

| 29. | 2 ноябри соли 1995 | Созмони озуқаворӣ ва кишоварзӣ | Рим |
| | Бо қарори ҷаласаи 28 Конфронси СОК Ҷумҳурии Тоҷикистон 2 ноябри 1995 узви созмони мазкур шуд | | |
| 30. | 22 феврали соли 1996 | Созмони байналмилалии алоқаи спутникии «ИНТЕЛСАТ» | Вашингтон |
| | Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созишнома оид ба бунёди «ИНТЕЛСАТ» шомил шуд ва Созишномаи амалиро имзо кард ва ҳамин тавр 22 феврали 1996 узви созмони мазкур шуд | | |
| 31. | Ноябри соли 1996 | Бонки рушди исломӣ | Ҷидда |
| 32. | 1 июли соли 1997 | Созмони умумиҷаҳонии гумрук | Брюссел |
| 33. | 20 феврали соли 1998 | Бонки осиёии рушд | Манила |
| | Тоҷикистон соли 1998 узви БОР шуд. Намояндагии БОР дар Душанбе соли 2003 кушода шуд | | |
| 34. | 11 декабри соли 1999 | Суди байналмилалии ҷиноятӣ | Рим |
| | Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми СБҶ-ро, ки 17 июли 1998 дар Рим қабул карда шуд, тасвиб намуд ва аз 11 декабри 1999 Тоҷикистон узви СБҶ мебошад | | |
| 35. | 1 ноябри соли 2001 | Агентии байналмилалӣ оид ба энергияи атомӣ (МАГАТЭ) | Вена |
| | Парлумон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқӣ, аз он ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба амнияти радиатсиониро қабул карданд. Тоҷикистон аз соли 2001 узви МАГАТЭ мебошад | | |
| 36. | 7 ноябри соли 2008 | Созмони умумиҷаҳонии сайёҳӣ | Мадрид |
| | Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Оқилов О.Ғ. ба Котиботи СУС оид ба қабул кардани Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат кард. Дар рафти иҷлосияи 17 Маҷмааи Умумии СУС СММ Тоҷикистон кишварҳои узви СУС ташаббуси мазкурро дастгирӣ намуданд | | |
| 37. | Соли 1936 | Федератсияи байналмилалии ассотсиатсияи футболбозон | Тсюрих |

| | | | |
|---|---|---|---|
| **32.** | July 1, 1997 | World Customs Organization | Brussels |
| **33.** | February 20, 1998 | Asian Development Bank | Manila |
| | Tajikistan became a member of ADB in 1998. The ADB opened its office in Dushanbe in 2003. | | |
| **34.** | 11 December 1999 | International Criminal Court | Rome |
| | The Government of Tajikistan approved the status of the International Criminal Court, adopted on 17 July 1998 in Rome and became a member of this organization from December 11, 1999 | | |
| **35.** | November 1, 2001 | International Atomic Energy Agency (IAEA) | Vienna |
| | Parliament and the Government of Tajikistan ratified the Law on Radiation Safety. Tajikistan is a member of the IAEA since 2001 | | |
| **36.** | November 7, 2008 | World Tourism Organization (WTO) | Madrid |
| | The Prime Minister of Tajikistan Akil Akilov asked the Secretariat on the accession of the Republic of Tajikistan. During the 17th session of the General Assembly of the UN, WTO member-states supported the accession of Tajikistan | | |
| **37.** | 1936 | Federation Internationale de Football Association (FIFA) | Zurich |



# Рӯйхати намояндагиҳои дипломатии хориҷӣ дар Тоҷикистон

| | |
|---|---|
| 1 | Сафорати Ҷумҳурии Исломии Афғонистон |
| 2 | Консулгарии Генералии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар ш. Хоруғ |
| 3 | Сафорати Шоҳигарии Британияи Кабир ва Ирландияи Шимолӣ |
| 4 | Сафорати Ҷумҳурии Корея |
| 5 | Сафорати Ҷумҳурии Қазоқистон |
| 6 | Сафорати Ҷумҳурии Қирғизистон |
| 7 | Сафорати Ҷумҳурии Федеративии Олмон |
| 8 | Сафорати Ҷумҳурии Озарбойҷон |
| 9 | Сафорати Ҷумҳурии Исломии Покистон |
| 10 | Сафорати Федератсияи Россия |
| 11 | Консулгарии Генералии Федератсияи Россия дар Хуҷанд |
| 12 | Сафорати Ҷумҳурии Туркия |
| 13 | Сафорати Туркманистон |
| 14 | Сафорати Ҷумҳурии Ӯзбекистон |
| 15 | Сафорати Ҷумҳурии Фаронса |
| 16 | Сафорати Ҷумҳурии Халқии Хитой |
| 17 | Сафорати Ҷумҳурии Ҳиндустон |
| 18 | Сафорати Штатҳои Муттаҳидаи Америка |
| 19 | Сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон |
| 20 | Сафорати Япония |
| 21 | Сафорати Шоҳигарии Арабистони Саудӣ |
| 22 | Идораи Ҳамкории Швейтсария ва Оҷонсии Консулгарӣ |
| 23 | Намояндагии Ватикан (Курсии Расулӣ) |
| 24 | Намояндагии Комиссияи Аврупо |

# List of foreign diplomatic missions in Tajikistan

| | |
|---|---|
| 1 | The Embassy of the Islamic Republic of Afghanistan |
| 2 | General Consulate of the Islamic Republic of Afghanistan in Khorog |
| 3 | The Embassy of the United Kingdom of Great Britain & Northern Ireland |
| 4 | The Embassy of the Republic of Korea |
| 5 | The Embassy of the Republic of Kazakhstan |
| 6 | The Embassy of the Kyrgyz Republic |
| 7 | The Embassy of the Federal Republic of Germany |
| 8 | The Embassy of the Republic of Azerbaijan |
| 9 | The Embassy of the Islamic Republic of Pakistan |
| 10 | The Embassy of the Russian Federation |
| 11 | General Consulate of the Russian Federation in Khujand |
| 12 | The Embassy of the Republic of Turkey |
| 13 | The Embassy of Turkmenistan |
| 14 | The Embassy of the Republic of Uzbekistan |
| 15 | The Embassy of the French Republic |
| 16 | The Embassy of the People Republic of China |
| 17 | The Embassy of the Republic of India |
| 18 | The Embassy of the United States of America |
| 19 | The Embassy of the Islamic Republic of Iran |
| 20 | The Embassy of Japan |
| 21 | The Embassy of the Kingdom of Saudi Arabia |
| 22 | Swiss Cooperation Department & Consulate Agency |
| 23 | Representation of Vatican |
| 24 | Representation of European Commission |

# Рӯйхати намояндагиҳои дипломатии Тоҷикистон дар кишварҳои хориҷӣ

| № | Намояндагӣ дар кишвари хориҷӣ | Ҳамзамон |
|---|---|---|
| 1 | Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Федеративии Олмон, ш.Берлин | Ҷумҳурии Полша |
| 2 | Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Исломии Эрон, ш.Теҳрон | Намояндагии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ЭКО |
| 3 | Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Туркия, ш.Анкара | - |
| 4 | Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Австрия, ш.Вена | Намояндагии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар САҲА, АБЭА (МАГАТЭ) ва дигар созмонҳои байналмилалӣ дар Австрия |
| 5 | Намояндагии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Созмони Милали Муттаҳид, ш.Ню-Йорк | Ҷумҳурии Куба |
| 6 | Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Халқии Хитой, ш.Пекин | Намояндагии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар СҲШ |
| 7 | Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Исломии Покистон, ш.Исломобод | Давлати Қатар |
| 8 | Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Шоҳигарии Белгия, ш.Брюссел | Шоҳигарии Нидерланд, Гертсогии Бузурги Люксембург, Иттиҳоди Аврупо, ЮНЕСКО, СААШ |
| 9 | Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, ш.Кобул | - |
| 10 | Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Штатҳои Муттаҳидаи Америка, ш.Вашингтон | - |
| 11 | Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Ҳиндустон, ш.Ню-Деҳлӣ | - |
| 12 | Консулгарии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ш. Мазори Шарифи Ҷумҳурии Исломии Афғонистон | - |
| 13 | Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, ш.Риёз | Намояндагии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар СКИ |
| 14 | Консулгарии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ш. Дубайи Аморати Муттаҳидаи Араб | - |
| 15 | Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Япония, ш.Токио | - |

# List of diplomatic missions of Tajikistan abroad

| № | Mission abroad | Concurrently |
|---|---|---|
| 1 | The Embassy of the Republic of Tajikistan in the Federative Republic of Germany, Berlin | Poland |
| 2 | The Embassy of the Republic of Tajikistan in the Islamic Republic of Iran, Tehran | Representation of the Republic of Tajikistan in ECO |
| 3 | The Embassy of the Republic of Tajikistan in the Republic of Turkey, Ankara | - |
| 4 | The Embassy of the Republic of Tajikistan in the Republic of Austria, Vienna | Representation of the Republic of Tajikistan in OSCE, IAEA (International Atomic Energy Agency) and other international organizations in Austria |
| 5 | Permanent mission of the Republic of Tajikistan in the UN, New-York | Republic of Cuba |
| 6 | The Embassy of the Republic of Tajikistan in the People Republic of China, Beijing | Representation of the Republic of Tajikistan in SCO |
| 7 | The Embassy of the Republic of Tajikistan in the Islamic Republic of Pakistan, Islamabad | State of Qatar |
| 8 | The Embassy of the Republic of Tajikistan in the Kingdom of Belgium, Brussels | Kingdom of Netherlands, Grand Duchy of Luxembourg, EU, UNESCO, NATO |
| 9 | The Embassy of the Republic of Tajikistan in the Islamic Republic of Afghanistan, Kabul | - |
| 10 | The Embassy of the Republic of Tajikistan in the United States of America, Washington | - |
| 11 | The Embassy of the Republic of Tajikistan in the Republic of India, New-Delhi | - |
| 12 | Consulate of the Republic of Tajikistan in the Mazari Sharif of the Islamic Republic of Afghanistan | - |
| 13 | The Embassy of the Republic of Tajikistan in the Kingdom of Saudi Arabia, Riyadh | Representation of the Republic of Tajikistan in OIC |
| 14 | Consulate of the Republic of Tajikistan in Dubai of the United Arab Emirates | - |

| | | |
|---|---|---|
| 16 | Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Мисри Араб, ш.Қоҳира | Ҷамоҳирияи Бузурги Арабии Халқии Сотсиалистии Либия |
| 17 | Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Шоҳигарии Муттаҳидаи Британияи Кабир ва Ирландияи Шимолӣ, ш.Лондон | - |
| 18 | Намояндагии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди Шӯъбаи Созмони Милали Муттаҳид ва дигар ташкилотҳо дар Женева | Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Конфедератсияи Швейтсария, ш.Женева |
| 19 | Консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ш. Файзободи Ҷумҳурии Исломии Афғонистон | - |
| 20 | Консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ш. Қундузи Ҷумҳурии Исломии Афғонистон | - |
| 21 | Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Франсия (фаъолият намекунад) | - |
| 21 | Консулгарии генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ш. Истамбули Ҷумҳурии Туркия | - |
| 23 | Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Аморати Муттаҳидаи Араб (фаъолият намекунад) | - |
| 24 | Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Россия, ш.Москва | - |
| 25 | Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Қазоқистон, ш.Остона | - |
| 26 | Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Туркманистон, ш.Ашқобод | - |
| 27 | Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Беларус, ш.Минск | Намояндагии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ИДМ |
| 28 | Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ш.Тошканд | - |
| 29 | Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Қирғизистон, ш.Бишкек | - |
| 30 | Консулгарии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ш. Екатеринбурги Федератсияи Россия | - |
| 31 | Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Озарбойҷон, ш.Боку | - |
| 32 | Консулгарии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ш.Алмаатои Ҷумҳурии Қазоқистон | - |
| 33 | Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Украина, ш.Киев | - |
| 34 | Консулгарии генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ш. Уфаи Федератсияи Россия | - |

| | | |
|---|---|---|
| 15 | The Embassy of the Republic of Tajikistan in Japan, Tokyo | - |
| 16 | The Embassy of the Republic of Tajikistan in the Arab Republic of Egypt, Cairo | Great Socialist People's Libyan Arab Jamahiriya |
| 17 | The Embassy of the Republic of Tajikistan in the United Kingdom of Great Britain and Northern Ireland, London | - |
| 18 | Representation of the Republic of Tajikistan to the UN and other organizations in Geneva | The Embassy of the Republic of Tajikistan in the Swiss Confederation, Geneva |
| 19 | Consulate of the Republic of Tajikistan in Fayzabad of the Islamic Republic of Afghanistan | - |
| 20 | Consulate of the Republic of Tajikistan in Kunduz of the Islamic Republic of Afghanistan | - |
| 21 | The Embassy of the Republic of Tajikistan in the Republic of France (not available) | - |
| 21 | General Consulate of the Republic of Tajikistan in the Republic of Turkey, Istanbul | - |
| 23 | The Embassy of the Republic of Tajikistan in the UAE (not available) | - |
| 24 | The Embassy of the Republic of Tajikistan in the Russian Federation, Moscow | - |
| 25 | The Embassy of the Republic of Tajikistan in the Republic of Kazakhstan, Astana | - |
| 26 | The Embassy of the Republic of Tajikistan in Turkmenistan, Ashgabat | - |
| 27 | The Embassy of the Republic of Tajikistan in the Republic of Belarus, Minsk | Representation of the Republic of Tajikistan in the CIS |
| 28 | The Embassy of the Republic of Tajikistan in the Republic of Uzbekistan, Tashkent | - |
| 29 | The Embassy of the Republic of Tajikistan in the Republic of Kyrgyzstan, Bishkek | - |
| 30 | Consulate of the Republic of Tajikistan in Yekaterinburg of the Russian Federation | - |
| 31 | The Embassy of the Republic of Tajikistan in the Republic of Azerbaijan, Baku | - |
| 32 | Consulate of the Republic of Tajikistan in the Republic of Kazakhstan, Almaty | - |
| 33 | The Embassy of the Republic of Tajikistan in Ukraine, Kiev | - |
| 34 | Consulate of the Republic of Tajikistan in Ufa of the Russian Federation | - |

# Солномаи рӯйдодҳои муҳим дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон (1991-2011)

*1991*

*8-9 январ*
*Ҳайати ҳукуматии Ҷумҳурии Исломии Эрон бо роҳбарии муовини Вазири корҳои хориҷии ЧИЭ Аббос Маликӣ аз Тоҷикистон боздид ба амал овард.*

*4-8 март*
*Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Сотсиалистии Ветнам дар ИҶШС Нгуен Ман Кам ба Тоҷикистон ташриф овард.*

*5-11 апрел*
*Ҳайати ҳукуматии Ҷумҳурии Халқӣ-Демократии Корея таҳти роҳбарии муовини Вазири иқтисоди хориҷӣ Ким Ден У ба Тоҷикистон сафар кард.*

*13 май*
*Сафири Фавқулода ва Мухтори ШМА дар ИҶШС Ҷ. Мэтлок аз Тоҷикистон боздид ба амал овард.*

*19-20 апрел*
*Ҳайати ҳукуматии Ҷумҳурии Исломии Эрон бо роҳбарии Мушовири Президенти ҶИЭ Муҳоҷирӣ ба Тоҷикистон ташриф овард.*

*31 май - 2 июн*
*Сафири Фавқулода ва Мухтори Филиппин дар ИҶШС Хуан Хосе аз Тоҷикистон боздид ҷараён дод.*

*18-20 июн*
*Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Халқии Хитой дар ИҶШС Юй Хунлян ба Тоҷикистон ташриф овард.*

*12 август*
*Аҳднома дар бораи дӯстӣ ва ҳамкорӣ байни ҶШС Тоҷикистон ва ҶШС Туркманистон ба имзо расид.*

*19-21 август*
*Таъсисёбии Кумитаи Давлатии вазъияти фавқулода дар ИҶШС. Бӯҳрони августӣ ва тезонидани пошхӯрии ИҶШС.*
*29-31 август*
*Баргузор гардидани ҷаласаҳои иҷлосияи ғайринавбатии Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон даъвати 12-ум. 30 август Президенти ҷумҳурӣ Қ. Маҳкамов ба истеъфо рафт. Иҷлосия дар бораи иваз кардани номи ҶШС Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон қонун қабул кард.*

*9 сентябр*
*Иҷлосияи ғайринавбатии Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати 12-ум дар бораи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон изҳорот қабул кард. 9 сентябр Рӯзи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон шуд.*

*Октябр*
*Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Л. Қаюмов дар рафти боздиди Президенти ИҶШС Михаил Горбачев аз Мадрид ба ҳайати шӯравӣ шомил буд.*

*24 ноябр*
*Дар Тоҷикистон нахустин интихоботи умумихалқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид. Раҳмон Набиев Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шуд.*

*1-2 декабр*
*Ҳайати ҳукуматии Ҷумҳурии Исломии Эрон бо роҳбарии Вазири корҳои хориҷии ҶИЭ Алӣ Акбар Вилоятӣ аз Тоҷикистон боздид ба амал овард.*

*8-12 декабр*
*Дар Тоҷикистон ва шаҳри Москва чорабиниҳо бахшида ба 80-солагии зодрӯзи Мирзо Турсунзода – шоири халқии Тоҷикистон, Қаҳрамони меҳнати сотсиалистӣ, барандаи ҷоизаҳои Ленинӣ ва Давлатии ИҶШС, давлатии Тоҷикистон ба номи А. Рӯдакӣ, байналмилалии ба номи Ҷ. Неҳрӯ баргузор гардиданд.*

*8 декабр*
*Дар Беловежская пуща (Беларус) роҳбарони Ҷумҳурии Беларус, Федератсияи Россия ва Украина Созишнома дар бораи таъсиси Иттиҳоди давлатҳои мустақил (ИДМ)-ро имзо карданд.*

# A chronicle of the most important events in international activity of Tajikistan (1991-2011)

*1991*

*January 8-9*
*Representative delegation of the Islamic Republic of Iran headed by IRI deputy Minister of Foreign Affairs Abbos Maliki visited Tajikistan.*

*March 4-8*
*Ambassador Extraordinary and Plenipotentiary of Socialist Republic of Vietnam to the USSR Nguena Man Kama visited Tajikistan.*

*April 5-11*
*High-ranking delegation of the People's Democratic Republic of Korea headed by Deputy Minister of Foreign Economic Affairs Kim Den U visited Tajikistan.*

*May 13*
*US Ambassador Extraordinary and Plenipotentiary to the USSR J.Matlock visited Tajikistan.*

*April 19-20*
*Government delegation of the Islamic Republic of Iran headed by Iranian President Advisor Muhajeri visited Tajikistan.*

*May 31 – June 2*
*Ambassador Extraordinary and Plenipotentiary of the Philippines to the USSR Juan Jose visited the Republic of Tajikistan.*

*June 18-20*
*Ambassador Extraordinary and Plenipotentiary of the People's Republic of China to the USSR Yuy Junlyan in Tajikistan.*

*August 12*
*Signing Agreement about friendship and cooperation between Tajik SSR and Turkmen SSR.*

*August 19-21*
*Establishment of State Committee on Emergency Situations (SCES) in the USSR. August crisis and intensification of the USSR's break-up.*

*August 29-31*
*12th convocation of the Special session of Tajik SSR's Supreme Council. On August 30, President Qahhor Mahkamov resigned. The session adopted a law on changing the name of Tajik SSR into the Republic of Tajikistan.*

*September 9*
*12th convocation of the Special session of the Supreme Council of the Republic of Tajikistan adopted the Declaration on the state independence of the Republic of Tajikistan. Amendments were introduced to the Constitution of the Republic of Tajikistan.*
*September 9th was declared as the Independence Day of the Republic of Tajikistan.*

*October*
*Minister of Foreign Affairs of the Republic of Tajikistan L.Qayumov joined the Soviet delegation for the USSR President Michael Gorbachev's visit to Madrid.*

*November 24*
*Nation-wide elections of the President of the Republic of Tajikistan have been held. Rahmon Nabiev was elected as the President of the Republic of Tajikistan.*

*December 1-2*
*High-ranking delegation of the Islamic Republic of Iran headed by IRI Minister of Foreign Affairs Ali Akbar Vilayati visited Tajikistan.*

*December 8-12*
*Tajikistan and Moscow hosted events dedicated to 80th anniversary of Mirzo Tursunzoda – national poet of Tajikistan, Hero of Socialistic Labour, prizewinner of Lenin and State awards of the USSR, the national state award named after A.Rudaki and the international award named after J.Neru.*

*December 8*
*In Belovezhsky virgin forest (Belarus) Presidents of the Republic of Belarus, Russian Federation*

12-13 декабр
Ҳайати Тоҷикистон бо роҳбарии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Р. Набиев дар Ашқобод дар кори ҷаласаи сарони давлатҳои мустақили Осиёи Марказӣ иштирок кард.
21 декабр
Дар шаҳри Алмаато вохӯрии сарони 11 ҷумҳурии Иттиҳоди Шӯравӣ барпо гардид. Протокол ба Созишнома дар бораи таъсиси Иттиҳоди давлатҳои мустақил ба имзо расида, Эъломияи Алмаато қабул гардид.

24 декабр
Дар шаҳри Москва машварати якуми сарони ҳукуматҳои 11 кишвари таъсисдиҳандаи Иттиҳоди давлатҳои мустақил баргузор шуд.

25 декабр
Иҷлосияи Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қарор «Дар бораи ба тасвиб расондани Созишнома дар бораи таъсиси Иттиҳоди давлатҳои мустақил», ки дар Минск 8 декабри соли 1991 ба имзо расида буд, қабул намуд.

30 декабр
Дар шаҳри Минск вохӯрии сарони давлатҳои иштирокчии ИДМ барпо гардид. Роҳбарони давлатҳо як қатор ҳуҷҷатҳои муҳимро қабул карданд, ки мақсад аз онҳо ҳамоҳанг кардани фаъолияти иштирокчиёни ИДМ дар доираи иттиҳоди нав аст.

1992

9 январ
Бори нахуст дар Тоҷикистони соҳибистиқлол маросими ифтитоҳи сафорати кишвари хориҷӣ баргузор гардид. Сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Душанбе расман ба фаъолият оғоз кард.
21 январ
Аввалин бор Сафири давлати хориҷӣ ба роҳбари Ҷумҳурии Тоҷикистон эътимоднома супорид. Маросими супоридани эътимодномаи Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Исломии Эрон Алӣ Ашраф Муҷтаҳидӣ Шабистарӣ ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳмон Набиев баргузор гардид.

31 январ
Дар Душанбе Конфронси таъсисии Кумитаи миллии Олимпии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид. Оинномаи Кумитаи миллии Олимпии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шуд.

13-14 феврал
Котиби Давлатии ШМА Ҷеймс Бейкер бо сафари корӣ ба Душанбе ташриф овард.
26 феврал
Дохилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба созмони байналмилалӣ - Иҷлоси амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (ИАҲА).

2 март
Дохилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони Милали Муттаҳид.
Дар ҷаласаи машваратии иҷлосияи 46-уми Маҷмааи Умумӣ ҳашт давлати аъзои ИДМ - Озарбойҷон, Арманистон, Қазоқистон, Қиргизистон, Молдова, Тоҷикистон, Туркманистон, Ӯзбекистон ба узвияти Созмони Милали Муттаҳид қабул гардид. Дар маросими қабули Ҷумҳурии Тоҷикистон ба узвияти СММ Вазири робитаҳои берунии Ҷумҳурии Тоҷикистон Л.Қаюмов суханронӣ кард.

13 март
Дар Душанбе маросими ифтитоҳи Сафорати Ҷумҳурии Халқии Хитой дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.

11 март
Аввалин парвоз бо хатсайри Душанбе–Теҳрон сурат гирифт.

16 март
Дар Душанбе дар вазъияти мутантан маросими ифтитоҳи Сафорати Штатҳои Муттаҳидаи Америка дар Ҷумҳурии Тоҷикистон доир шуд.
22 март
Дар шаҳри Душанбе маросими ифтитоҳи Сафорати Ҷумҳурии Туркия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат гирифт.

16 июн
Дар Душанбе маросими ифтитоҳи Сафорати Ҷумҳурии Исломии Покистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуқӯъ пайваст.
Июн
Дар Душанбе Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Штатҳои Муттаҳидаи Америка дар бораи мусоидат кардан ба маблаггузорӣ имзо шуд.

*and Ukraine signed Agreement on establishing the Commonwealth of Independent State (CIS).*

*December 12-13*
*Tajikistan delegation headed by the President of the Republic of Tajikistan R.Nabiev took part in the meetings of heads of Central Asian independent countries.*

*December 21*
*The meeting of heads of 11 soviet countries in Almaty. Signing the Protocol to Agreement on establishing the Commonwealth of Independent States and adoption of Almaty Declaration.*

*December 24*
*The first meetings of the heads of governments of 11 countries that formed the Commonwealth of Independent States took place in Moscow.*

*December 25*
*Supreme Council Session of the Republic of Tajikistan adopted resolution «On ratification of Agreement on establishing the Commonwealth of Independent States», signed on December 8, in Minsk.*

*December 30*
*The meeting of heads of CIS member states took place in Minsk. Important documents were signed the objective of whose was directed at regulating the activity of CIS members within the frames of a new union.*

*1992*

*January 9*
*Opening ceremony of a foreign state Embassy took place for the first time in independent Tajikistan. The Embassy of the Islamic Republic of Iran was opened in Dushanbe.*

*January 21*
*For the first time, Ambassador of a foreign state presented credentials to the President of the Republic of Tajikistan.*
*Ceremony of presenting credentials of the IRI Ambassador Extraordinary and Plenipotentiary to the Republic of Tajikistan Ali Ashraf Mujtahidi to the President of the Republic of Tajikistan Rahmon Nabiev.*

*January 31*
*Founding conference of the National Olympic Committee of the Republic of Tajikistan in Dushanbe. Rules and regulations of the National Olympic Committee of the Republic of Tajikistan were approved.*

*February 13-14*
*US Secretary of State James Baker arrived at Dushanbe on a business trip.*

*February 26*
*Accession of the Republic of Tajikistan into the international organization – Conference on Security and Cooperation in Europe (CSCE).*

*March 2*
*Republic of Tajikistan joins the United Nations Organization.*
*Eight CIS member states were accepted into the membership of the United Nations Organization during the 46th session of the plenary meeting of the UN GA: Azerbaijan, Armenia, Kazakhstan, Kyrgyzstan, Moldova, Tajikistan, Turkmenistan and Uzbekistan.*
*The Minister of Foreign Relations of the Republic of Tajikistan L.Qayumov delivered a speech during acceptance ceremony of the Republic of Tajikistan to UN.*

*March 13*
*Opening ceremony of the Embassy of the People's Republic of China in the Republic of Tajikistan in Dushanbe.*

*March 11*
*The first regular air flight Dushanbe-Tehran was launched.*

*March 16*
*Opening ceremony of the Embassy of the United States of America in the Republic of Tajikistan held in Dushanbe.*

*March 22*
*Opening ceremony of Embassy of the Republic of Turkey in the Republic of Tajikistan took place in Dushanbe.*

*20 июн*
*Дар Душанбе анҷумани навбатии VI Конгресси биржаҳои давлатҳои ИДМ ва Соҳили Балтика барпо гардид.*

*17 июл*
*Бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Р. Набиев Лаҳим Қаюмов Кордори муваққатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ШМА таъйин шуд. Мувофиқи фармони дигари Президент Лаҳим Қаюмов ҳамзамон Намояндаи доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Созмони Милали Муттаҳид таъйин шуд.*

*20 июл*
*Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Р. Набиев фармон «Дар бораи такмил додани сохтори мақомоти идораи алоқаҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро ба имзо расонд. Қарор дода шуд, ки табдили Вазорати робитаҳои берунии Ҷумҳурии Тоҷикистон маъқул дониста шавад. Бинобар ин дар базаи Вазорати робитаҳои берунии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуданд:*
*а) Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;*
*б) Кумитаи давлатии робитаҳои иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон.*

*25 июл -9 август*
*Дар Барселона (Испания) бозиҳои тобистонаи XXV ҷашнии Олимпӣ баргузор шуданд. Дар сафороии ифтитоҳӣ 498 варзишгар аз дастаи муттаҳидаи Иттиҳоди давлатҳои мустақил иштирок кард. Дар маросими мутантани расми огози бозиҳо олимпичиёни дастаи муттаҳидаи ИДМ зери парчами Олимпӣ ва 12 парчами кишварҳои ИДМ қадам заданд.*
*Бори нахуст бо роҳрави варзишгоҳи олимпӣ парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ботантана яке аз пурқувваттарин гурзпартоён, устоди варзиши дараҷаи байналмилалӣ Андрей Абдувалиеви 26-сола бурд.*

*2 август*
*Дар варзишгоҳи Олимпии Барселона парчами давлатӣ барафрошта ва суруди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон садо дод. Гурзпартои душанбегӣ Андрей Абдувалиев гурзро ба масофаи дуртарин ҳавола дода (82,54 метр), сазовори ҷои аввал ва чемпиони Олимпӣ, соҳиби медали тилло гардид.*

*Аввали август*
*Дар Барселона (Испания) Созишнома дар бораи ба Тоҷикистон ҷудо намудани қарз дар ҳаҷми 95 млн. экю (зиёда аз 12 млрд. рубл) имзо гардид. Маблаги мазкур барои харидорӣ намудани маводи хӯрока ва доруворӣ аз кишварҳои Авруло сарогоз аз сентябри соли 1992 пешбинӣ шуда буд.*

*25 август*
*Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Р. Набиев дар бораи кушодани сафоратҳо ва консулгарии генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар кишварҳои хориҷӣ фармон имзо кард. Фармони мазкур кушодашавии сафоратҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар Давлати Исломии Афғонистон, Ҷумҳурии Исломии Эрон, Ҷумҳурии Исломии Покистон, Шоҳигарии Белгия, Подшоҳии Арабистони Саудӣ, Ҷумҳурии Халқии Хитой, Ҷумҳурии Туркия, Штатҳои Муттаҳидаи Америка, Ҷумҳурии Федеративии Олмон ва консулгарии генералии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар Деҳлӣ (Ҳиндустон) пешбинӣ мекунад.*

*27 август*
*Бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Р. Набиев аввалин маротиба дар таърихи Тоҷикистони соҳибистиқолол рутбаи дипломатӣ - Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шуд. Лаҳим Қаюмов сазовори ин рутба гардида, бо ҳамин фармон Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ШМА таъйин шуд.*

*29 август*
*Бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Р. Набиев Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Акбар Мирзоев ба сабаби ба кори дипломатӣ гузаштанаш аз вазифаи ишголкардааш озод карда шуд.*
*Бо фармони дигари Президент А. Мирзоев Кордори муваққатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Федеративии Олмон таъйин гардид.*

*Охири август*
*Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Штатҳои Муттаҳидаи Америка дар бораи аз ҷониби америкоӣ ҷудо намудани қарзи имтиёзнок дар ҳаҷми 10 млн. доллари амрикоӣ ба муддати 30 сол Созишнома имзо карданд.*

*June 16*
*Opening ceremony of Embassy of the Islamic Republic of Pakistan in the Republic of Tajikistan took place in Dushanbe.*

*June*
*Agreement was signed in Dushanbe between the Government of the Republic of Tajikistan and Government of the United States of America on facilitating capital investments.*

*June 20*
*The next VI session of CIS and Baltic countries' Stock Exchange Congress took place in Dushanbe.*

*July 17*
*The President of the Republic of Tajikistan Rahmon Nabiev issued orders on appointment of the followings:*
*- Lakim Qayumov as charge d'affaires of the Republic of Tajikistan in the USA;*
*- Charge d'affaires of the Republic of Tajikistan in USA Lakim Qayumov as resident representative of the Republic of Tajikistan to the United Nations.*

*July 20*
*The President of the Republic of Tajikistan R.Nabiev issued Order «On improving the structures of foreign relations management bodies of the Republic of Tajikistan». It was decided to reorganize the Ministry of Foreign Relations of the Republic of Tajikistan. In this respect, based on reorganized Ministry of Foreign Relations of the Republic of Tajikistan the followings has been formed:*
*a) Ministry of Foreign Affairs of the Republic of Tajikistan;*
*b) State Committee of the Republic of Tajikistan on Foreign Economic Relations.*

*July 25 – August 9*
*Jubilee XXV Summer Olympic Games were held in Barcelona (Spain). 498 sportsmen from CIS united team participated in the opening parade. In a solemn opening ceremony, Olympic contenders of CIS united team passed under Olympic flag and 12 flags of the Commonwealth countries.*
*For the first time, one of the strongest hammer throwers, sports master of international class, 26 years old Andrei Adbuvaliev carried the state flag of the Republic of Tajikistan through the Olympic stadium track.*
*On August 2, state flag was raised and national anthem of the Republic of Tajikistan sounded in Barcelona Olympic stadium. Hammer thrower from Dushanbe Andrei Abdivaliev threw the hammer in the point of 82, 54 meters, took the first place and having received the golden medal became an Olympic champion.*

*Early August*
*Agreement on giving credit to Tajikistan in amount of 95 million ECU (over 12 billion rubles) was signed in Brussels. This sum was designed for purchasing food and medicine from European countries beginning from September 1992.*

*August 25*
*The President of the Republic of Tajikistan Rahmon Nabiev issued decree about opening Embassies and Consulates General of the Republic of Tajikistan abroad. Decree provided for opening the Embassies of the Republic of Tajikistan in the Islamic State of Afghanistan, Islamic Republic of Iran, Islamic Republic of Pakistan, Kingdom of Belgium, Saudi Arabia, People's Republic of China, Republic of Turkey, the United States of America, Federal Republic of Germany and opening Consulate General of the Republic of Tajikistan in Delhi (India).*

*August 27*
*Based on the decree of the President of the Republic of Tajikistan Rahmon Nabiev, for the first time in the history of independent Tajikistan, the diplomatic rank of Ambassador Extraordinary and Plenipotentiary of the Republic of Tajikistan was awarded to Lakim Qayumov.*

*August 29*
*Based on the decree of the President of the Republic of Tajikistan Rahmon Nabiev, country's Prime Minister Akbar Mirzoev was sent to resignation on his own request and in connection with his transition to diplomatic work. Based on President's decree A.Mirzoev was appointed*

*Август*
*Ҳайати Кумитаи Байналмилалии Салиби Сурх бо сарварии Томас Меркелбах дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фаъолият оғоз намуд.*

*5 сентябр*
*Президентҳои Қазоқистон, Қирғизистон, Россия, Ӯзбекистон доир ба воқеаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон изҳорот қабул намуданд.*

*7 сентябр*
*Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Р. Набиев зери таҳдиди яроқбадастони мухолифин дар бораи ба истеъфо рафтанаш ариза имзо намуда, пойтахтро тарк кард.*
*9 сентябр*
*Ҷумҳурии Тоҷикистон нахустин солгарди истиқлолияти давлатиро қайд намуд.*

*9-15 сентябр*
*Дар Тоҷикистон аввалин Форуми умумиҷаҳонии тоҷикони ҷаҳон ва ҳамватанони хориҷӣ барпо гардид. Ба сабаби вазъияти муташанниҷ дар кишвар аз 540 меҳмони даъватшуда ба Душанбе ҳамагӣ 120 кас омад. Пагоҳии 9 сентябр дар майдони Озодӣ муҷассамаи Абдулқосим Фирдавсӣ кушода шуд.*
*Дар барномаи боздид вохӯриҳо дар Хуҷанд, Конибодом, Исфара, Ӯротеппа ва Панҷакент пешбинӣ шуда буданд. Як қисми меҳмонон аз Кофарниҳон, Норак ва Ғозималик дидан намуд.*

*14 сентябр*
*Дар доираи Форуми байналмилалии тоҷикон ва ҳамватанони бурунмарзӣ дар Душанбе Симпозиуми байналмилалӣ дар мавзӯи: «Ҳиссаи халқҳои эронӣ дар рушди тамаддуни умумибашарӣ: таърих ва даврони муосир» баргузор гардид.*

*18-21 сентябр*
*Бо даъвати роҳбарияти Тоҷикистон ва бо супориши шахсии Дабири Кулли СММ Бутрос Ғолӣ Директори Департаменти масъалаҳои сиёсии котиботи СММ Раймонд Соммерейнс аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф овард.*

*27-30 сентябр*
*Ҳайати расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сарварии Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Х. Холиқназаров дар шаҳри Ню-Йорк дар кори иҷлосияи 47-уми Маҷмааи Умумии СММ иштирок намуд.*

*9-10 октябр*
*Иҷрокунанрдаи вазифаи Сарвазири Федератсияи Россия Егор Гайдар ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф овард. Дар натиҷаи гуфтушунидҳо як қатор ҳуҷҷатҳо ба имзо расид. Байни ҳуҷҷатҳои имзошуда Созишнома дар бораи танзими раванди муҳоҷират ва ҳимояи ҳуқуқи муҳоҷирон ҷои махсус дорад.*

*15-17 октябр*
*Бо Қарори ЮНЕСКО ва Девони Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Душанбе Симпозиуми умумиҷаҳонӣ «Шинохти Авесто» баргузор гардид.*

*28 октябр*
*Дар машварати Шӯрои Амнияти СММ вазъияти Тоҷикистон ва нақши СММ дар ҷодаи роҳҳои ҳалли муноқиша мавриди баррасӣ қарор гирифт. Шӯрои Амнияти СММ дар бораи фиристодани рисолати хизмати хайр бо сарварии намояндаи шахсии Дабири Кулли СММ, Директори департаменти масъалаҳои сиёсии котиботи созмони мазкур Раймонд Соммерейнс қарор қабул кард.*

*16 ноябр-2 декабр*
*Дар Қасри Арбоби колхози ба номи С. Урунхоҷаеви ноҳияи Хуҷанд иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати дувоздаҳум баргузор гардид.*

*19 ноябр*
*Дар иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати дувоздаҳум Эмомалӣ Раҳмон Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардид.*

*14-15 декабр*
*Дар Стокголм дар ҷаласаи Шӯрои Иҷлоси амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо дар сатҳи вазирони корҳои хориҷӣ иштирокдорон масъалаи вазъияти Тоҷикистонро баррасӣ карданд. Қарор дар бораи вазъияти Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид. Вазирон роҷеъ ба ҳолати бӯҳрони Ҷумҳурии Тоҷикистон изҳори нигаронии амиқ намуданд. Онҳо, аз ҷумла, аз ҳамаи тарафҳои мухолиф даъват ба амал овparданд, ки муборизаро қатъ намуда, ба мулоқоти саримизӣ оғоз*

*as charge d'affaires of Tajikistan in the Federal Republic of Germany.*

*End of August*
*Republic of Tajikistan and the United States of America signed agreement on allotting prefernetial credit by the US in amount of ten million dollars for the period of thirty years.*

*August*
*Delegation of the International Committee of the Red Cross (ICRC) headed by Thomas Merkelbach started working in the Republic of Tajikistan.*

*September 5*
*Presidents of Kazakhstan, Kyrgyzstan, Russia, Uzbekistan adopted Statement concerning events occurred in the Republic of Tajikistan.*

*September 7*
*Under armed threat of opposition forces, the President of the Republic of Tajikistan Rahmon Nabiev signed resignation and abandoned the capital.*

*September 9*
*Republic of Tajikistan marked its first anniversary of State Independence.*

*September 9-15*
*The first World forum of Tajiks and foreign nationals took place in Tajikistan. Due to unstable situation in the country out of 540 invited guests, only 120 persons arrived at Dushanbe. In the morning September 9, a monument of Abulqosim Firdausi opened in Ozodi square.*
*The travel agenda included meetings in Khujand, Kanibadam, Isfara, Uratube and Panjakent. A part of guests visited Kofarnihan, Norak and Ghozimalik.*

*September 14*
*International symposium dedicated to the "Iranian peoples' contribution in world civilization development: history and modernity" took place within the frames of International forum of Tajiks and foreign nationals in Dushanbe.*

*September 18-21*
*Upon the invitation of Tajikistan leader and on the basis of personal instruction of the UN Secretary General Boutros Ghali, UN secretariat's director of department for political issues Raymond Sommerince visited the Republic of Tajikistan.*

*September 27-30*
*Official delegation of the Republic of Tajikistan headed by the Minister of Foreign Affairs of the Republic of Tajikistan Kh.Kholiqnazarov attended the 47th session of the UN General Assembly in New York.*

*October 9-10*
*The Acting Prime Minister of the Russian Federation Egor Gaydar visited the Republic of Tajikistan. Based on the results of negotiations, a number of documents were signed particularly the most important agreement on regulating the process of resettlement and protection of migrants' rights.*

*October 15-17*
*The world symposium of «Avesto comprehension» took place in Dushanbe upon the decision of UNESCO and the Council Ministers of the Republic of Tajikistan.*

*October 28*
*Situation in Tajikistan and a role that UN could play in regulating conflict were discussed during UN Security Council's consultations. UN Security Council decided to send the mission of good offices to Tajikistan headed by personal representative of UN Secretary General, director of this organization's department for secretariat's political issues Raymond Sommerince.*

*November 16 – December 2*
*The twelfth convocation of XVI session of Supreme Council of the Republic of Tajikistan held in Arbob palace of collective farm named after S.Urunkhojaev located in Khujand.*
*At the 16th session of the Supreme Council on November 19, Emomali Rahmon was elected as the Chairman of Supreme Council of the Republic of Tajikistan.*

*December 14-15*
*In Stockholm, Foreign Ministers Conference on Security and Cooperation in Europe (CSCE) reviewed a situation in Tajikistan. Decision was*

*намоянд, зеро он асоси ягона барои ҳалли сиёсии мушкилот дар Тоҷикистон мебошад.*

*23 декабр*
*Дар ҷаласаи Шӯрои Амнияти СММ Дабири Кулли СММ Бутрос Ғолӣ расман эълон намуд, ки ӯ дар бораи ба Тоҷикистон фиристодани нозирони СММ ба мӯҳлати се моҳ қарор қабул кардааст.*

*1993*

*12 январ*
*Девони Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор қабул кард. Девони Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтори дастгоҳи марказии Вазоратро дар ҳаҷми 75 воҳид тасдиқ намуд. Ба Вазорат се муовини Вазир, аз он ҷумла, як муовини аввал иҷозат дода мешавад.*

*19 январ*
*Намояндаи Доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар СММ Л. Қаюмов Муроҷиатномаи Ҳукумати Тоҷикистонро ба СММ супорид.*
*Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи расонидани кумаки башардӯстона ба Тоҷикистон ба СММ муроҷиат кард. Дар ҳуҷҷат омадааст, ки дар натиҷаи муқовимати мусаллаҳонаи дохилӣ, ки он 10 моҳ идома дошт, зарари расида ба хоҷагии халқи ҷумҳурӣ зиёда аз 200 млрд. рублро ташкил медиҳад. Коҳиши истеҳсоли саноатӣ 23 фоизро ташкил медиҳад. Беш аз 608 ҳазор метри квадратӣ манзили истиқоматӣ валангор шуда, 537 ҳазор одам гуреза шуд.*

*Январ*
*СММ ба давлатҳои ҷаҳон муроҷиат намуд, ки дар хазинаи кумаки Тоҷикистон барои расондани кумаки фаврии башардӯстона 20 млн. доллари амрикоӣ ҷамъ оваранд. Ин маблағҳо барои барқарор намудани хоҷагии халқи харобгардидаи вилояти Хатлон сафарбар карда мешаванд.*

*21 январ*
*Дабири Кулли СММ гурӯҳи на он қадар калони СММ-ро дар ҳайати кормандон оид ба масъалаҳои сиёсӣ, ҳарбӣ ва гуманитарӣ барои назорати вазъияти ҷумҳурӣ ба Тоҷикистон фиристод.*

*22 январ*
*Дар Минск дар ҷаласаи сарони давлатҳои ИДМ вазъияти Тоҷикистонро баррасӣ намуданд ва Изҳорот дар бораи вазъияти ҷамъиятӣ-сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид. Сарони давлатҳо Муроҷиатномаи Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо хоҳиши ворид кардани нерӯҳои муштарки эҷоди сулҳ ба ҷумҳурӣ дастгирӣ намуда, ба ин сабаб Қарор дар бораи чораҳои мӯътадил гардонидани ҳолат дар қисмати сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Афғонистон ва Қарор дар бораи чораҳои иловагии мӯътадил гардонидани вазъият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардиданд.*

*22-26 январ*
*Дар шаҳри Душанбе ҳафтаи Ҳиндустон дар Тоҷикистон барпо гардид.*

*Январ*
*Дар Тоҷикистон Намояндагии Раёсати Комиссари Олии СММ оид ба масъалаҳои гурезаҳо кушода шуд. РКОГ СММ ба ҷилавгирӣ кардан аз муҳоҷирати аҳолӣ ва баргардонидани он ба ҷойҳои зисти доимӣ оғоз намуд. Барномаи фавқулодаи комиссариат масъалаҳои дастрас намудани моводи лозимии аввалиндараҷа аз Покистон ва Туркия ба Тоҷикистон, таъмини аҳолӣ бо моводи сохтмонӣ барои барқарор намудани бунёди манзилро дарбар мегирифт. Комиссариат лоиҳаҳои кӯтоҳмуддати рушди саноати маҳаллиро таҳия намуд.*

*1 феврал*
*Дар Душанбе дар Хонаи дӯстӣ маросими расмии ифтитоҳи Намояндагии доимии СММ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (Дафтари нозирони СММ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон) баргузор шуд. Дар назди ҳозирин Сардори намояндагии доимии СММ дар Тоҷикистон Ливиу Бота суханронӣ намуд.*

*1 феврал*
*Раёсати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карданишахсоне, ки сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ғайриқонунӣ убур намудаанд ва хоҳиши ба Ватан баргаштан доранд, фармон баровард.*

*25-26 феврал*
*Ба Тоҷикистон омадани баталонҳои нерӯҳои ҳомии сулҳ аз кишварҳои ИДМ оғоз гардид.*

*adopted in regard to situation in the Republic of Tajikistan. Ministers expressed deep concern on to crisis in the Republic of Tajikistan. Particularly, they called on all conflicting parties to stop fighting and start constructive dialogue as the only basis for political regulation in Tajikistan.*

*December 23*
*During the meeting of the UN Security Council, UN Secretary General Boutros Ghali officially declared that they adopted decision on sending UN mission of observers to Tajikistan for the term of three months.*

*1993*

*January 12*
*Council of Ministers of the Republic of Tajikistan adopted resolution regarding the Ministry of Foreign Affairs of the Republic of Tajikistan.*
*Council of Ministers of the Republic of Tajikistan approved the structure of Ministry's central administration. Number of staff for the Ministry's central administration was approved in amount of 75 units. Ministry was allowed to have three deputy Ministers, including firts Deputy Minister.*

*January 19*
*Resident Representative of the Republic of Tajikistan to UN L.Qayumov passed appeal of the Republic of Tajikistan to the UN.*
*The Government of the Republic of Tajikistan appealed to the United Nations with request to provide assistance to Tajikistan. At the end of document, it says that because of internal armed conflict that lasted 10 months, a damage exerted upon national economy makes up over 200 billion rubles. Recession of industrial production constitutes 23 percent. More than 608 thousand square meters of dwellings are destroyed, 537 thousand people became refugees.*

*January*
*UN appealed to the international community with the call to collect aid fund to Tajikistan for delivering immediate humanitarian aid of 20 million dollars. This amount of aid shall be extended for the reconstruction of devastated national economy in Khatlon region.*

*January 21*
*UN Secretary General sent a small UN group to Tajikistan composed of employees on political, military and humanitarian issues for observing situation in the country.*

*January 22*
*In the meeting of CIS leaders in Minsk, situation in Tajikistan was discussed and Declaration was adopted in regard to social and political situation in the Republic of Tajikistan. Countries' leaders supported the Appeal of Tajikistan Supreme Council requesting on putting collective peacebuilding forces into operation in the country, owing to which resolution was adopted on measures to stabilize situation in the state border area of the Republic of Tajikistan and Afghanistan and Resolution on additional measures to stabilize situation in the Republic of Tajikistan.*

*January 22-26*
*Indian week in Tajikistan held in Dushanbe.*

*January*
*Representation of the UN High Commissioner for Refugees was opened in Tajikistan. UNHCR started implementing operation to prevent population's migration and return to their home towns. Commissioner's emergency program included delivery of essential goods to Tajikistan from Pakistan and Turkey, providing population with construction material for restoration of housing facilities. Commissioner developed short-term projects aimed at local industry development.*

*February 1*
*Ceremonial opening of the United Nations Organizations' permanent mission in the Republic of Tajikistan (UN mission of observers to Tajikistan) took place in the Friendship House of Dushanbe. Head of UN permanent mission in Tajikistan Liviu Bota addressed the gathering.*

*February 1*
*Supreme Council Presidium of the Republic of Tajikistan issued a decree «On exemption from criminal liability of those persons who crossed state border of the Republic of Tajikistan and expressed wish for return to Homeland»*

*Баталони нахустин иборат аз 500 хизматчии ҳарбии артиши миллии Қиргизистон ба ВМКБ фиристода шуд.*

*Феврал*
*Гурӯҳи корӣ дар ҳайати намояндагони Вазорати корҳои хориҷӣ, Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷамъияти «Пайванд» ва кормандони телевизиони Тоҷикистон дар маҳаллаҳои аҳолинишини шимоли Афғонистон аз бошишгоҳҳои гурезаҳои тоҷик дидан намуд.*

*2 март*
*Раёсати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фармон «Дар бораи кушодашавии сафоратҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Ҷумҳурии Қиргизистон ва Туркманистон» тибқи Баёнияи сарони давлатҳои Осиёи Миёна ва Қазоқистон, ки он аз 4 январи соли 1993 дар шаҳри Тошканд қабул шудааст, имзо намуд. Ба Девони Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон супориш дода шуд, ки сохтор ва штатҳои сафоратхои Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар кишварҳои номбурда муайян сохта, маблағҳои лозимиро барои нигаҳдории онҳо дарёфт намояд.*

*22 март*
*Дар Душанбе маросими ифтитоҳи бинои Сафорати Штатҳои Муттаҳидаи Америка ва дар назди он барафроштани парчами давлатии ШМА баргузор шуд.*

*1-2 апрел*
*Дар Душанбе якумин ҷаласаи кории Шӯрои ҳамоҳангсози Ширкати телерадиоии байнидавлатӣ «Мир» доир гардид.*

*19 апрел*
*Бо қарори Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон Низомнома дар бораи консули фахрӣ (ғайриштатӣ) тасдиқ шуд.*

*22 апрел*
*Раиси амалкунандаи ИАҲА, Вазири корҳои хориҷии Шветсия хонум Маргарет Аф Углас ба Тоҷикистон ташриф овард.*

*26 апрел*
*Мансаби Намояндаи махсуси Дабири Кулли СММ дар Тоҷикистон таъсис дода шуд. Намояндаи махсуси Дабири Кулли СММ дар Тоҷикистон дипломати ироқӣ, Сафир Исмат Қиттонӣ таъйин гардид. Ӯ 16 май ба Тоҷикистон омад.*

*6 май*
*Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон Қарор «Дар бораи тасдиқи Низомнома дар бораи Намояндагии тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа» қабул намуд.*

*25 май*
*Аҳднома дар бораи дӯстӣ, ҳамкорӣ ва ёрии ҳамдигарӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия ба имзо расид.*

*1 июн*
*Аз рӯи маълумоти Вазорати меҳнат ва шуғли аҳолии ҷумҳурӣ то 1 июн 586,7 ҳазор гуреза ба Ватан баргашт.*

*Аввали июн*
*157 мусулмони тоҷикистонӣ дар Иди Қурбон дар Макка зиёрат анҷом дод.*

*10 июн*
*Дар Душанбе маросими ифтитоҳи Сафорати Ҷумҳурии Федеративии Олмон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барпо шуд.*

*25 июн*
*Дар иҷлосияи ҳабдаҳуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати дувоздаҳум Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби бастан, ба тасвиб расондан, иҷро ва бекор кардани аҳдномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул гардид. Дар иҷлосия аҳднома ва созишномаҳои байналмилалие, ки аз номи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 1991-1993 ба имзо расида буданд, ба тасвиб расиданд.*

*Аввали июл*
*Шумораи умумии он гурезаҳои тоҷик, ки то кунун аз Афғонистон баргаштанд, 15 ҳазору 829 нафарро ташкил дод. Аз онҳо тавассути гузаргоҳҳои назоратию тафтишотии «Ишкошим» 6752 нафар, «Панҷи Поён» - 4377 нафар гузашт. Бо хатсайри Хайратон-Тирмиз-Қубодиён - 3070 нафар, бо хатсайри Хайратон-Тирмиз-Шаҳритус - 1630 нафар омад.*

*February 25-26*
*Entrance of peacebuilding forces' battalion from CIS countries to Tajikistan commenced. The first battalion arrived – five hundred military personnel of Kyrgyzstan national army sent to GBAO.*

*February*
*Working group consisting of representatives from the Ministry of Foreign Affairs, State Committee for National Security of the Republic of Tajikistan, "Payvand" society and employees of Tajik television were in Northern provinces of Afghanistan where they visited camps of Tajik refugees.*

*March 2*
*Supreme Council Presidium of the Republic of Tajikistan issued a decree «On opening Embassies of the Republic of Tajikistan in the Republic of Kazakhstan, Republic of Uzbekistan, Republic of Kyrgyzstan and Turkmenistan» in compliance with the Communique of heads of states of Central Asia and Kazakhstan country leaders adopted on January 4, 1993 in Tashkent. Council of Ministers of the Republic of Tajikistan was assigned to determine the structure and staff of Embassies of the Republic of Tajikistan in abovementioned states and procure necessary means for their maintenance.*

*March 22*
*Opening ceremony of the building of United States Embassy and raising the US national flag in front the Embassy.*

*April 1-2*
*The first working meeting of coordination council of "Mir" Intergovernmental Television and Radio Company (ITRC) in Dushanbe.*

*April 19*
*In accordance with the Resolution of the Council of Ministers of the Republic of Tajikistan the Regulations on Honorary Consul of the Republic of Tajikistan was approved.*

*April 22*
*CSCE Chairperson-in-Office, Swedish Minister of Foreign Affairs Ms. Margaret Af Uglass visited Tajikistan.*

*April 26*
*Position of UN Secretary General's Special Envoy to Tajikistan is formed.*
*Iraqi diplomat, Ambassador Ismat Kittani was appointed as UN Secretary General's Special Envoy to Tajikistan. He arrived in Tajikistan on May 16.*

*May 6*
*The Council of Ministers of the Republic of Tajikistan adopted Resolution «On approving Regulations on Trade mission of the Republic of Tajikistan abroad».*
*May 25*
*Agreement about friendship, cooperation and mutual aid between the Republic of Tajikistan and the Russian Federation was signed.*

*June 1*
*According to the Ministry of Labour and Social Protection of Population 1, 586, 7 thousand refugees returned back home until June.*

